Соҷидаи Мирзо

# НАҶВО ДАР ГӮШИ БОД



**Сочидаи Мирзо**

# НАҶВО ДАР ГӮШИ БОД

Хуҷанд
«Хуросон»
2025

ТКБ (ББК) 84 тоҷик 74
М 65

**Соҷидаи Мирзо.**
Наҷво дар гӯши бод. – Хуҷанд: Хуросон, 2025. – 320 саҳ.

Муҳаррир: **Ҳуриннисо Ализода**

Хонандаи азиз, агар тарафдори достонҳое ҳовӣ аз чархишҳои сарнавишт, арзишҳои отифӣ ва ахлоқӣ, печидагиҳои равобити инсонҳо, бо як фарҷоми ҳайратангез ва ғайри қобили пешбинӣ ҳастӣ, пас ин китоб барои туст!

«Наҷво дар гӯши бод» сеюмин романи Соҷидаи Мирзо аст. Қаҳрамонҳои ин достон, бо моҷароҳои гӯшношуниди худ, ба умқи рӯҳи хонанда нуфуз мекунанд, ӯро аз оғоз то ба охир дар ҳаяҷон нигаҳ медоранд ва ҳатто баъди баста шудани сафҳаи ахири китоб низ муддатҳо бо ӯ зиндагӣ мекунанд.

Дар маркази ин достон сарнавишти як духтари ноболиғ қарор дорад, ки хеле зуд ба фурӯмоягии инсонҳои атрофаш рӯ ба рӯ мешавад ва ранҷҳои номуносиб ба синну солашро аз сар мегузаронад. Ин роман низ, монанди достонҳои қаблиии Соҷидаи Мирзо, аз усули «реализми ҷодуӣ» бархурдор аст, ки дар қолиби як рӯҳи саргардон зоҳир мешавад ва асарро ҷаззобу шигифтангез мекунад. «Наҷво дар гӯши бод» хонандаро ба ин илқо мекунад, ки шуҷоъ бошад, дар сахтиҳо аз ҳам напошад, чун ҳеҷ чиз дар ин дунё барои ҳамеша яксон намемонад.

**ISBN 978-99985-30-06-5**

© С. Мирзо, 2025
© Дизайн. ҶДММ «Хуросон», 2025

***«Дар зиндагӣ розҳое вуҷуд доранд, дарднок дилхарош, таҳқиромез, розҳое, ки кароматн инсониро ба хок яксон мекунанд, розҳое, ки наметавон ба касе гуфт, магар бар гӯши бод, то он асрорро ба дуриҳо бубарад ва дар ғорҳои тираву тор гӯр кунад.»***

Як рӯзи тобистон, вақте офтоб хиёбонеро дар ҳошияи шаҳр метафсонд ва бӯйи муми доғ якҷо бо дуди кабобу равғани кӯҳна ҳавои атрофро олуда мекард, таксие аз роҳи аслӣ ба самти рост чархид ва дар канори дӯкони фарсудае бо номи «Шашлики Мамадҷон» мутаваққиф шуд.

Аз он таксӣ зани сиёҳпӯше берун омаду як садсомонаеро аз панҷараи боз ба сандалии пеши ронанда партофт ва бе он ки бақияи пулашро бигирад, пушт ба мошин атрофро варандоз кард.

Пушти сари зан хиёбони қадимии пур аз рахнаву гудол доман афрохта буд ва пешорӯяш як кӯчаи танги дилгиркунанда.

Аз тиккаҳои асфалти он хиёбони қадимӣ мешуд ҳадс зад, ки ҷода замоне ободу мураттаб буд, аммо ҳоло бо алафҳои ҳарзи саркашида аз шикофу таракҳояш ва чолаҳое, ки дар он пойи улоғ ҳам гир мекард, роҳи убури селу санговро мемонд. Аз онҷо ки дуди дӯконҳои худсохти канори ҷода ба либосу палоси фурӯшгоҳҳои атроф менишаст, кулли хиёбон тираву ғамангез ва ҳовии як зиндагии бекайфият менамуд. Раҳгузарҳо ин қитъаи ҷодаро бо суръат давр мезаданд, то дуду тафтро нафас накашанд.

Зан ду қадам пеш гузошту пушти сутуни барқ пинҳон шуд, гӯё намехост касе ӯро бишиносад. Ронанда ҳам каме сабр кард, аммо чун дид мусофир ба думболи бақияи пулаш нест, тирезаро бо аҷала басту аз канори дӯкон ба самти роҳи калон чархид.

Нигоҳи ошуфтаи зани сиёҳпӯш дар ин кӯчаи танг, ки теъдоди манзилҳояшро мешуд бо ангуштони ду даст шумурд, аз хона ба хонае мечархид. Аз намои ин маҳаллаи ғуборолӯд ва бомҳои шиферии моли асри гузашта, вуҷуди ӯро як эҳсоси нохушоянд фаро гирифт, ингор зиндагӣ дар инҷо ба хоби амиқ фурӯ рафта буд. Хонаҳои қадимиро аз якдигар деворҳои гилини шикофҳояшон бо бӯрё ё пораи ҷувол васлашуда ҷудо мекард. Боду борон деворҳоро то ҳадде дар худ фурӯ нишонда буд, ки ҳамсоядории баъзе хонаҳо ба ҳамхонагӣ табдил мешуд. Танҳо чизе, ки ин маконро бо зиндагии мудерн иртибот медод, моҳвораҳои рӯйи бомҳо буд, ки мисли дегҳои холии баъди маърака, бо даҳони боз ба сӯйи осмон зул мезаданд. Зан бо тааҷҷуб ба худ гуфт: «Ҳаргиз гумон намекардам, ки кӯча низ монанди сокинонаш пир шавад».

Нигоҳи зан дар хонаи ҳудудан ҳафт-ҳашт қадам дуртар аз сутуни барқ гир карда буд, аз онҷо гоҳ пасту гоҳ баланд, гиряҳои чандсадоӣ ба гӯш мерасид. Мардҳои ҷомаву тоқипӯш дар нимкатҳои ду самти дарвоза нишаста буданд ва ду ҷавон, ки эҳтимол аз ақрабои хонавода буданд, ё ҳамсояи хайрхоҳ, таъзиягаронро ба дохил раҳбаладӣ мекарданд. Занҳо бо дастмолҳои омодаи ашкрезӣ, даста-даста ба он хона ворид мешуданд ва баробари расидани ҳар гурӯҳи навомада нолаву фиғони фурӯнишаста дубора ба осмон мепечид.

Зани пушти сутуни барқ шоли сиёҳро даври гарданаш печиду домани ғиҷимшудаи болопӯшро бо кафи даст

ҳамвор кард ва тугмаҳояшро аз боло то поён баст. Ӯ то ҳол ҳаргиз либоси мотам напӯшида буд ва намедонист гӯшаҳои рӯсариро пушти гардан бубандад ё рӯйи синаҳояш паҳн кунад.

Ӯ ҷавону қоматбаланд ва хушандом буд, на чоқу на лоғар, аз он хайли занҳое, ки ҳатто агар ҷуволро ҳам ба тан кунанд, зебо ба назар мерасанд.

Чашмони бодомии кашида дошту гунаҳои баланд, лабҳои пурра, бинии зебо ва чонаи нозук, холи сиёҳи бари рухсораш назари бинандаро ба худ мекашид ва ба ӯ ҷаззобияти вежа мебахшид...

Рафтуойи мардумро ба он хона аз пушти ҳамон сутуни барқ назора мекард, вале чеҳрааш осоре аз ғаму андӯҳ надошт.

Ин саҳар, вақте шолу болопӯши сиёҳро аз комоди ҷевони олуда ба «бӯйи пирӣ» берун меовард, гумон намекард, ки бозгашт ба ин кӯчаи танг барояш ин қадар сахт бошад, аммо ҳоло тардид дошт.

Намехост ба танҳоӣ тахти «заррабин»-и нигоҳи мардҳои шиносу ношинос ба он хона ворид шавад, гурӯҳи навбатии занҳои таъзиягарро интизор шуд, то ноаён ба онҳо бипайвандад. Ин дам аз мотамхона ду марди ҷелакпӯш берун омад, онҳо бо гомҳои устувор ба самти тири барқ ҳаракат мекарданд. Шонаҳояшон боз ва пуштҳояшон соф буд, ҷисмашон бар хилофи риши дарози хокистарӣ ҷавону бардам ба назар меомад, дуруст, шабеҳи бозигарони ҷавони театр, ки нақши солмандонро меофаранд. Аз локиҳои даври гарданашон бармеомад, ки ба масҷиди кӯчаи ҳамсоя шитоб доранд. Зан чеҳраи онҳоро дид ва порае аз суҳбаташонро шунид.

– Майитро бояд маътал намекарданд, рӯзи ҷумъаи саид пешнамоз мешуд.

Ин ҳарфҳоро марде мегуфт, ки чашмҳои фурӯрафта ва бинии уқобӣ дошт, ахмкардаву норозӣ ба назар меомад, гӯё қарор буд мурдаи ӯ пешнамоз нашавад. Гоҳ роҳ мерафту гоҳе меистод, ингор ҳарфҳояш барои ибрози норозигӣ кофӣ набуд, ки дастҳояшро башиддат такон медод. Дар тан ҷелаки рах-рахи обшуста дошт ва дар сар арақчине, ки бар асари истифодаи мукаррар аз шакл афтода буд ва мисли чалпак рӯйи сари бемӯяш мехобид. Чеҳрааш ба зан шинос намуд, аммо на исмашро ёд дошт ва на наметавонист ба хотир биоварад, ки ӯро кай ва дар куҷо дидааст.

– Писарашро интизоранд, аз хориҷа меомадаст...

Овози марди дувум ҳам ба гӯши зан ошно садо дод, ӯро ҳам мисле ки дар гузашта борҳо дида буд. Қомати баланд, чеҳраи лоғари офтобхӯрда, бинии гӯштии паҳн ва чашмони беқарор дошт, ба ҳарфи ҳамсуҳбаташ гӯш медод, вале нигоҳаш дар атроф парса мезад. Зан ин ду мардро бо чашмони рез думбол кард, чинҳое дар пешонии ҳамвораш зоҳир шуданд. «Инҳо кӣ буданд?» –пурсид аз худ, агарчи медонист, ки ҳоло ба ин суол посухе надорад. Ҳофизааш дар тӯли солҳо, ҳамон тавр ки як бачаи мактабхон баҳои бадро аз рӯзномааш бо хатпок мезудояд, бисёр чеҳраҳоро амдан аз зеҳнаш пок карда буд.

Бодзанеро аз киф берун оварду дар такяи тири барқ чеҳраи арақолудашро шамол дод. Аз он ду марди роҳгузар фаҳмид, ки аҷалае даркор нест, мурдаро баъди соати чаҳор ба хок мусупоранд, аммо дар ин ҳавои буғранҷ наметавонист дуру дароз давом биёварад.

Офтоб панҷаҳои тафсонашро бераҳмона ба синаи замин фурӯ мекард, донаҳои арақ аз шақиқа ба гардан ва аз байни шонаҳои зан ба камараш сарозер мешуд, нафасаш аз гармо банд меомад. Аз қазо, насиме ҳам намевазид, дарахтони куҳансоли хоколуд дар фарози хонаҳои қадимӣ

сар ба сукут рафта буданд, ё беҳтар аст бигӯям, ҳеҷ нишоне аз зиндагӣ надоштанд. Ҳолаи марг фазои ин хиёбони борику фарсударо, ки борону сел бо ҳафри як ҷӯяи борик онро ба ду қисмат ҷудо карда буд, бо бӯйи нестиву фано, бӯйи гӯристон, пур мекард.

Мардум гурӯҳ-гурӯҳ ба хонаи мотамдор мерафтанд, гӯё метарсиданд танҳо бираванд. Шояд ба ин далел, ки марг ягона фароянди ғайри қобили инкор аст ва ин воқеият дар мурдахона бештар эҳсос мешавад. Аз сарҳои хамидаи мардони солманди рӯйи нимкатҳо ва занҳои сиёҳпӯш, ки бечуръатона ба сӯйи хонаи марҳум гом мебардоштанд, ҳадс задан душвор набуд, ки онҳо ба чӣ меандешанд. Танҳо зани пушти сутуни барқ худро аз ин ҳамгироӣ берун мекашид. Ӯ ду тугмаи аввали болопӯши барои ин ҳавойи гарм носозгорро бо асабоният боз кард ва нафаси амиқ кашид.

Ин дам нигоҳаш ба пиразане афтод, ки дар такяи як духтараки наврас, бо гомҳои кашида, шабеҳи қоиқи коғазӣ дар ҷӯйи камоб, дакка мехӯрду ба сӯйи дарвозаи мурдахона шино мекард. Сару рӯяшро мисли мардҳои бодиянишин бо шоли сиёҳу сафеди шатранҷӣ печида буд, чеҳрааш дида намешуд, аммо ҳайкалаш ба назари зан ошно намуд.

«Хола Қалам бошад?»- ӯ бо диққат ба он ду нафар нигоҳ кард.

«Оре, худаш аст!»

Бедиранг худро ба он ду нафар расонд ва аз бозӯи пиразан гирифту по ба пойи ӯ ба сӯйи мотамхона гом бардошт. Дар он бозӯ танҳо як устухони борик ва пӯсти овезонро ламс карду нигоҳи кӯтоҳе ба пиразан андохт, ба хола Қалам будани ӯ машкук шуд, оё ин ҳамон холае буд, ки ӯ солҳо мешинохт? Пиразан ҳам-хам роҳ мерафт, қадаш аз ончи зан дар ёд дошт, кӯтоҳтар шуда буд, шабеҳи

хонаҳои ҳамин кӯчаи қадимӣ, ки бо гузашти замон ба таҳдоби худ фурӯ нишастаанд. Духтараки наврас бо чашмони сиёҳи бодомшакл, абрӯвони пайваста, гардани баланд, мӯйи хурмоиранги фирфирӣ ва гунаҳои гулобӣ, шабеҳи ғунчаи дар ҳоли шугуфтан буд, латифу махмалин. Чеҳраи шод дошт ва ҷавонтар аз оне буд, ки бар марг биандешад. Аз расидани як такягоҳи беминнат хушҳол шуд ва лабханди ширине заду бозӯи пиразанро раҳо кард. Хола як гоми дигар бардошту дар ҷояш хушк шуд ва бо як ҳаракати пирона шолро аз сураташ поин овард. «Чи қадар пир шудааст!» – Пилкҳои шаффофову пажмурдаи ӯ ба рӯйи чашмонаш хамида, гӯшаҳои абрӯвонашро аз тоқи баланд ба поин мекашид. Байни бинниву даҳон дигар фосилае вуҷуд надошт, чашмонаш аз паси шишаи ғафси айнаки бедаста, ки бо нахе ба пушти сараш баста шуда буд, мисли тухми мурғи рӯйи тоба бузург менамуд.

Дасти духтаракро дар бозӯи чапаш эҳсос накард ва даҳони бедандонаш аз заъфи ҷоғ шабеҳи ҳарфи «О» боз шуд, ӯ мисли кӯдаки навроҳрав такон хӯрду ба чеҳраи зани болобаланд чашм дӯхт. Зан сайъ кард ба хотир биёрад, ки соли аз ин кӯча рафтанаш хола чандсола буд.

«Эҳтимол шаст сол дошт, ҳоло бояд зери ҳаштод бошад, чӣ ҳунарманди худододе буд! Чодару либоси арӯсӣ наққошӣ мекард, ин тангкӯча бо номи ӯ шӯҳрат дошт, ҳатто коргарони дӯконҳои сари ҷода холаро мешинохтанд ва корафтодаҳоро ба сӯйи хонаи ӯ раҳнамоӣ мекарданд.

Бо ифтихор мегуфт: «Ман аз шиками модар бо исми Қалам ва қаламбадаст ба дунё омадам». – Гӯё ин ҳарфҳоро дирӯз мегуфт. Дирӯз??? Аз он «дирӯз» ҳаждаҳ сол гузашт!

– Майҳара? Дуӣ? – Лабони «О» шакли пиразан бидуни тамос бо якдигар ҷунбиданд, забонаш шабеҳи кирми

абрешим коҳилона дар даҳонаш такон хӯрд.

– Бале хола, манам... Майсараам, натарс, мувозибат ҳастам, сареътар қадам бардор, то роҳро банд накунем.

Дурӯғ мегуфт, Майсараеро ҳам намешинохт, фақат мехост бидуни таъхир ба мотамхона ворид шаванд. Пиразан мутеъона сар такон дод, аммо суръати гомҳояш дигар ба худаш бастагӣ надошт ва бо ҳамон қадамҳои кӯдаконаву «шип-шип»-и калӯшҳои андозаи духтараки даҳсола, вачаб ба вачаб пеш рафт. Мардҳои пушти дари мотамхона баробари дидани зани болобаланду хушгил дастҳоро аз зери бағал берун оварда, аз зери абрӯ ба ӯ чашм дӯхтанд. Зан сарашро ба андозаи имкон поин оварду по ба пойи пиразан саранҷом ба ҳавлӣ ворид шуд ва канори паллаҳои айвон, дар баробари мотамдорон қарор гирифт.

Ҷасади марҳум дар васати айвони боз, дар иҳотаи занони сиёҳу сафедпӯш қарор дошт. Ду зани ҷавон ва як духтари наврас бо чашмони варамкарда ва суратҳои пур аз лаккаҳои қирмизӣ, болои сар ва дар ду тарафи майит нишаста, дастмолҳои худро рӯйи ӯ такон медоданду навҳа мекашиданд. Хубиҳояшро месуруданд, дастархони бозашро, меҳрубониҳояшро, дасти савобҷӯяшро. Яке ноларо анҷом медод ва дигаре сари овози ӯро мегирифт ва монанди намозгузорони яҳудӣ ба чапу рост такон мехӯрданд. Инҳо духтарони марҳум буданд, яке чашму абрӯ, дигаре бинӣ ва сеюмӣ шакли сурати ӯро ба ирс бурда буд. Эҳтимол ағлаб ғаш мекарданд, ки бӯйи навшодир дар саросари ҳавлӣ эҳсос мешуд ва парасторе бо хилъати сафед пушти сари онҳо менишаст. Нигоҳе ба занҳои атрофи ҷасад андохт.

Инҷо эҳтимол касе ӯро намешинохт, касе ҳам ба ӯ таваҷҷуҳ намекард. Ҳузури чеҳраҳои ношинос дар мурдахона касеро ба ҳайрат намеорад, аммо ӯ тақрибан ҳамаи

мотамдорони атрофи ҷасадро мешинохт, ҷасадро низ... Холааш буд, хоҳари кӯчаки модараш.

Дилаш ногаҳон беҳузур шуд, бозӯйи пиразанро дар канори зинаҳои айвон раҳо карду худро ақиб кашид.

Ин дам нигоҳи ақрабои марҳум ба хола Қалам афтод ва навҳаву фиғон дубора ба фалак печид.

– Хола биё, ҳамсояи нозанинатро бубин, имрӯз меҳмон аст, мераваду дигар ӯро намебинӣ! – Духтараки навраc ин ҳарфҳоро гуфту фиғон кашид ва худро рӯйи ҷасади модараш афканд. Зан аз ӯ чашм барнамедошт, духтарак зоҳиран ҳабдаҳ-ҳаждаҳсола буд.

«Шояд ҳамон соле ба дунё омад, ки пойи ман аз ин хона канда шуд, аҷаб, намедонистам хола обистан буд…»

Нигоҳҳо ба тарафи пиразани музтару ҳайрон дӯхта шуданд. Хола Қалам мисли тифли аз домони модар бурида, ҳаворо бо дастонаш ламс мекарду такягоҳ меҷӯст. Духтари ношиносе назди зинаҳо такопӯ дошт, кафшҳои меҳмононро аз сари роҳ мебардошт ва барои онҳо дар айвони пурҷамъият ҷой радиф мекард. Ӯ холаро аз зинаҳо боло бурд ва дар паҳлӯи хешони марҳум нишонд. Бастагони марҳум чеҳраи майитро барои ҳар нафари тозаворид боз мекарданд ва яке аз дигаре баландтар фарёд мекашид. Духтари навраси ӯ аввал махмали сабз ва сипас чодари сафедро аз рӯйи модараш ақиб зад, сурати беҷону ношиносе пеши чашми зан ҳувайдо шуд. Аз дидани ин чеҳраи ношинос ларза бар андомаш афтод. Хола Қалам даст ба пешонаи мурда расонд ва ингор санги мазорро зиёрат мекард, ки ангуштонашро бӯсиду ба дида молид. Аз ҳаракати лабони борикаш, ки ба он даҳони бедандон дохилу хориҷ мешуд, пай бурдан мумкин буд, ки ӯ чизе мегуфт, аммо каламоти номафҳумаш дар пасманзари оҳу фиғони духтарони марҳум шунида намешуд.

Фарёди дастаҷамъона, ки дар он баландии садо эҳтимол мизони дардро мушаххас мекард, ҳудудан даҳ дақиқа идома ёфт, бастагони марҳум саранҷом беҳолона сокит шуданд ва ҳамон духтараки канори зинаҳо барояшон об овард, то гулӯҳои хушкро тар кунанд.

– Гиря кунед духтарҳо, нола кунед, зеби мурда гиря асту зеби тӯй рақсу бозӣ, – гуфт пиразане, ки дар канори духтари бузурги марҳум менишаст. Ӯ бо остини кушодаш худро бод медод ва алангуҳои филизиаш ба ҳам бармехӯрду ҷаранг-ҷаранг садо дармеовард.

Зан ӯро шинохт, модаршӯйи холааш буд, ҳамон зани шаттоҳи ҷангара, ки ҳар бор меомаду оташи низоъро дар хонаи писараш бармеафрӯхт ва аз нороҳатии арӯсаш лаззат мебурд. Мехост сунҳораш дар ин дунё набошад, то писараш бо зани хости дили модар издивоҷ кунад.

«Билохира ба орзуяш расид, келин мурду модаршӯ мисли каргас болои сараш нишастааст».

Охирин бор ин занро ҳаждаҳ сол пеш дар ҳамин хона дида буд. Як шавҳари фалаҷи аз худаш чандин сол бузург дошт, ки ҳамон сол аз дунё даргузашт. Модаршӯйи хола аз хушҳолӣ ҳатто либоси мотам ба бар накард, хеле зуд ба чашмони дудиаш сурма зад ва зулфҳои шабеҳи пари зоғашро дар ду бари рӯ парпар кард. Гуноҳаш бар гардани худаш, аммо мегуфтанд, чанд донишҷӯйи иҷоранишин дорад ва «нерӯ»-и онҳоро мисли хуношоми пир мебалъаду рӯз ба рӯз ҷавонтар мешавад... Сурати ҷаззобе дошт.

Аммо ҳоло бо шонаҳои хамзада, пилкҳои овезон ва чеҳраи пур ожанг тавре менамуд, ки ингор замон бо юғу сипор аз сураташ рад шуда буд.

Духтарҳои марҳум дар посух ба ташвиқи пиразан ҳар се беҳолона мӯя кашиданд.

Занҳои таъзиягар дуртар аз ҷасад монанди гунҷишкҳои рӯйи сими барқ боҳам ҷафс менишастанд ва гӯшаи рӯсарии худро рӯйи даҳону димоғ кашида, мудом ба ҷаноза ва навҳагарон нигоҳ мекарданд.

– Биё Қаламнисо, инҷо бишин. – Кампири алангудор, хола Қаламро аз болои сари мурда дуртар нишонд ва бо овози шунаво гуфт:

– Паймонаи умр пур нашавад, инсон бо даҳ сактаи қалб ҳам зинда мемондаст, вой аз келини ман, ки дардаш ба як сол накашид. – Сипас овозашро баландтар кард ва ингор бо ношунавое ҳарф мезада бошад, пурсид:

– Чӣ ҳол дорӣ кампир, шунидам боз сакта кардӣ, хубӣ?

Хола Қалам бо тааҷҷуб ба кампири пурсанда нигоҳ кард, гӯё ӯро бори аввал медид.

– Ҳавосаш парт аст... Куҷо омадӣ охир, бишин дар хонаат, касе аз наомадани ту намеранҷад. – Пиразан бо нороҳатӣ аз хола рӯй гардонд.

– Аз боло гузаред, меҳмон, ҳо дар он гӯша як ҷойи холӣ аст, – духтари хизматгор занро ба сӯйи айвон ташвиқ кард.

– Инҷо ҷойи хубе нест, бо ин омадурафт азият мешавед...

Рост мегуфт, дар ин ҳавлии пур аз ҷамъият, аз ҳар бархӯрди ҷисмонӣ бо занҳои тозаворид, ё меҳмонони дар ҳоли рав, ба пушти арақолӯди ӯ медамид. Қарор буд, танҳо барои чанд дақиқа биёяду рӯйи сарди мурдаро бубинад, қарзи қадимиеро ба ӯ баргардонад, аммо натавонист. Як нерӯйи берун аз ихтиёр ӯро дар ин хона нигоҳ медошт. Ба думболи он духтарак аз зинаҳо баланд шуд, боло рафтан аз паллаҳои ошно барояш осон набуд, ҳар қадам раъшаеро ба думбол дошт.

Сурати марҳум аз ҷойи нишасти ӯ возеҳ дида мешуд.

Ҷасад шабеҳи касе набуд, ки ӯ солҳо мешинохт, гӯё мурдаи як одами ношинос буд. Магар мумкин аст, ки марг сурати инсонро ба ҳадди нашнохтанӣ тағйир бидиҳад? Хола дар ҷавонӣ ҳусне дошт сутуданӣ, чашмони бодомии бузург, бинии нозуки ба ҳама аҷзои сураташ созгор, лабони пурра, пӯсте шабеҳи махмал нарму гулгун, ки нигоҳи марду зан дар кӯчаву бозор дар он сурати зебо гир мекард.

Аммо зани васати айвон бо чашмони фурӯрафта, бинии теғкашида, лабҳои фишурдаи нилӣ ва ранги зарди моил ба хокистар нишоне аз он холаи хушгил надошт. Гӯшаҳои лабонаш ба шакле хам шуда буд, ки ингор аз иттифоқоти ба сараш омада шигифтзада шудааст.

Аз зери докаи даври сару гарданаш туррае аз мӯйҳои печ дар печи хокистарӣ дида мешуд, ки дар он тани берӯҳ ягона узви зинда ба назар меомад. Зан ӯро солҳо надида буд, намедонист, мӯйи хола ранги кофур гирифтааст. Чеҳраи омосидааш ожанг надошт, пӯсти таранги рӯйи дуҳулро мемонд. Ӯ ҳамеша қади мутавассит дошт, аммо ҳоло ба дарозии як одами қоматбаланд ними айвонро пур мекард.

Дар ин сурати ноошно танҳо ҳамон холи бари рухсорашро шинохт, он нуқтаи сиёҳи баробар ба донаи адасро, ки акнун аз фарози гунааш поин афтода буд. Ӯ ин холро дар кӯдакӣ ҳар бор аз сурати хола «меканд»-у ба сурати худ «мечаспонд». Як холи авлодӣ, ки ӯ ҳам дорад ва духтарҳои холааш низ. Бо ин тафовут, ки он хол дар чеҳраи насли ҷадид ҷой иваз кардааст, якеро дар ҷабин сабзидааст ва дигареро дар гӯшаи лаб.

Духтари бузурги хола нусхаи модараш буд, ҳамон чашмони бодомии калон, ҳамон сурати зебо, гӯё ин холаи ҷавон буд, ки дар сари ҷасади худ наҳва мекашид. Ҳудудан 28 сол дошт, аммо ба назар бузургтар менамуд

ва хаставу лакоту бадбахт. Гоҳо танҳо овоз меандохт ва садои аз фарёдҳои бевақфа дурагааш гӯшҳоро озор медод. Хоҳаронаш низ хушгил буданд, аммо хуни онҳо бештар ба ақрабои падарӣ мекашид.

Зан солҳо боз бо ин хонавода робита надошт. Аз се духтари давру бари холаи марҳумаш, ду нафарро медонист. Духтари бузурги хола дар панҷсолагӣ ва духтари дуюмаш замоне ба дунё омад, ки ӯ ҳашт сол дошт. Гаҳвораи ҳардуро ҷунбондааст, аммо агар онҳоро тасодуфан дар хиёбон медид, бо вуҷуди шабоҳатҳои авлодӣ, баъид буд бишиносад. Дар гузори байни понздаҳ ба шонздаҳсолагӣ аз ин хона рафту дигар барнагашт, роҳи ин кӯчаи борикро барои худ батамом хат кашид.

«Эй кош мешуд ҳодисоти нохушояндро аз зеҳн пок кард, мисли дандонҳои дардманд дона-дона кашиду берун андохт... Аммо намешавад, он хотирот маҷмӯъи ҳиссу таассурот ва иртиботи отифӣ бо он рӯйдодҳост, кофист бӯйи шиносе ба машом бирасад, ё ком маззаи ошноеро бичашад... он гаҳ, ҳарончи аз ёд рафта буд, дубора зинда мешавад, мисле ки дирӯз иттифоқ афтодааст...»

Ӯ чашм аз сурати хокистариву дамкардаи ҷасад бардошту ба атроф хира шуд. Хонаи замоне мураттабу ороста, сафову таровати гузаштаро надошт, ҳавзи нимахолӣ «ҷомаи ғук» ба тан карда буд, тахти гулҳои мурда ва лабҳои аз ташнагӣ ҷағидаи замин ҳокӣ аз ин буд, ки сокинони хона муддатҳост бо гулу гиёҳ алоқа надоштанд. Гаҷи девор фурӯ рехта, раддаи хиштҳои қадимиро монанди милки дандонҳои мариз урён мекард. Зоҳиран касе ними деворро ба шеваи ношиёна сафед карда буд, аммо ё ранг тамом шуд ё ҳавсалааш, ки сатили оҳакро бо чутка дар пойи девон андохта, корашро идома надодаст.

Даврони кӯдакии пур аз шодиву сурур ва ҳомили як

ояндаи пурнишоти зан дар ҳамин макон гузашт, инҷо барояш мисли кохи зебо ва ӯ шоҳдухтари афсонавӣ буд, ҳама нозашро мекашиданд ва ҳар хостааш бечунучаро иҷро мешуд, аммо ин афсона як рӯз ба поён расид, ҳамон тавр ки тамоми афсонаҳо аз як ҷое ба поён мерасанд.

Зан дубора ба сурати мурда хира шуд. «Гуфта будам бимирад, мераваму рӯйи тобуташ мерақсам, аммо ҳайҳот, аз қавл то амал фосилаест нопаймуданӣ!»

Духтари хидматгор як даста райҳону ҳулбӯ оварда, давру бари майит паҳн кард.

– Дар ин гармо ҷасад бӯ мегирад, то соати чаҳор як олам вақт аст.

Инро ҳамсояи паҳлӯӣ гуфт, як зани миёнсол, ки биниву даҳонашро бо гӯшаи шоли кабуд пӯшида буд ва каламоташ ба сахтӣ фаҳмида мешуд. Чашмони аҷибе дошт, аз ҳадақа берун, гӯё ҳамин ҳоло аз косаи сар ба берун ҷар мешаванд. Ӯ ашкҳояшро бо гӯшаи шол рӯфт ва бодиққат ба зан нигоҳ кард.

– Бо ин хонавода хешигарӣ доред?

– Не... фақат шинос будем...

Шабоҳати зан бо хонаводаи марҳум возеҳ буд, ҳамсоя инро медид, аммо «ҳмм» гуфту дигар чизе напурсид.

– Худораҳматӣ одами хубе буд, дасти сабук дошт, ду фарзандамро рӯйи дастони ӯ ба дунё овардам. Парвардигор риштаи умри бандаашро бе азият канда кунад, духтур бисёр азоб кашид, дарун-дарун сӯхту сиёҳ шуд. – Ашк аз чашмони баромадаи он зан монанди об аз ҷӯйбори беҳоил сарозер шуд.

Зан ба нишони ҳамдилӣ сар такон дод. Қалбаш аз ин тасвир, ки хола дар оташи саратон сӯхтаву мисли зуғол сиёҳ шудааст, наларзид, танҳо раъшаи сабуке дар баданаш мавҷ зад, шабеҳи ларзиши тани як раҳгузар аз дидани

ҷасади лехшудаи саге дар васати ҷодаи мошингузар.

– Бечора, ҳеч кас надорад барояш гиря кунанд, фақат ҳамин духтарҳо... аз субҳ беист мӯя мекашанд, ҷон дар рамақ надоранд.

Зан кунҷков шуд ва бодиққат ба рӯйи ҳамсуҳбаташ чашм дӯхт. Ҳамсоя аз ин таваҷҷуҳ илҳом гирифт ва ба ҳикояташ идома дод.

– Падару модараш кайҳо аз дунё рафтаанд, як ҳамшираи аз худ бузургтар дошт, солҳо пеш, шояд бист-сӣ сол пеш бачаҳояшро раҳо карду аз пайи мардикорӣ рафт, дигар барнагашт, мурдаву зиндаашро касе намедонад. Мегӯянд, сағира ба ҷое мерасаду сағирапарвар не, духтур фарзанди ҳамун ҳамшираашро бузург кард, ун духтар ба шонздаҳ расиду созаш бо кадом марди зандор ҷӯр шуд ва рӯзе аз хона фирор карду дигар барнагашт, дуруст, мисли модараш…

Зан аз ин ҳикоят башиддат аз ҳам рехт, хашму ғазабаш мисли вулқон ҷӯш зад, абрӯвонаш аз ғазаб сар ба сар омаданд ва параҳои биниаш ларзиданд, лаб зери дандон гузошт то каломи баде аз забонаш берун наояд. Агарчи бо ҳадафи шӯриш ба инҷо омада буд, аммо акнун дарк мекард, ки мурдахона ҷойи исёну эътироз нест. Хушбахтона, ҳамсояи паҳлӯӣ ба азми рафтан аз ҷой бархост ва ӯ низ ба думболаш баланд шуд. Сареъ аз ин хона берун рафт, гӯшаҳои шолро раҳ ба раҳ башиддат аз гардан берун кашид ва болопӯшро бо ғазаб силтав зад, чанд тугма ба гӯшае парт шуд. Аз қаҳр меларзид. Дар такяи девори ҳамсоя дусе нафаси амиқ кашид, то асабонияташ фурӯ нишинад ва акнун мехост ба тарафи ҷодаи мошингард гом бардорад, ки садое ӯро аз роҳаш баргардонд.

– Санам!

Садои харошидаи бештар шабеҳи овози мардона, то

як хонум, исми ӯро фарёд зад. Баргашту духтари бузурги холаро дид, ки бо қадамҳои баланд ба самти ӯ меомад, аммо ба маҳзи наздик шудан суръати ҳаракаташро кам кард ва чанд қадам дуртар истод. Чашмонаш аз тааҷҷуб бузург шуданд, гӯё ин номро тасодуфӣ садо зада буд, гӯё ба Санам будани зане, ки ба думболаш меомад, шубҳа дошт.

– Мутмаин набудам шумо бошед...шокӣ шудам.

Ӯ беҷуръатона пеш омад, дастҳояшро ба шакли салиб боз карду раҳ ба раҳ оғӯш кушод. Бо болопӯши ба маротиб бузургтар аз андозаи танаш, шабеҳи муҷассамаи Исои Масеҳ буд. Ашк дар чашмонаш медурахшид ва абрӯвонаш аз алам гиреҳ мехӯрд. Каме монда буд то даст ба гардани холадухтараш ҳалқа кунад ва ҳой-ҳойи гиряро сар бидиҳад, аммо чашмони сард ва чеҳраи барангехтаи Санамро диду худро ақиб кашид, дастҳои баландшудааш ба оромӣ поин омаданд. Бордор ба назар меомад, ҳатто он болопӯши кушод ҳам наметавонист шиками хамидаашро пинҳон кунад, мисле ки фурсати зоймонаш имрӯз буд ё фардо. Биниву лабҳои варамидааш низ ба ҳамин далолат мекарданд, аммо мисли аксари обистанҳо аз чеҳрааш нур меборид, гӯё аз дарун медурахшид ва нафасаш аз қадамзании тунд, ё шояд аз ҳаяҷон дар гулӯяш мепечид. Санам ба ӯ нигоҳ мекард, вале наметавонист исмашро ба ёд биёварад. «Худоё, ин духтар чӣ ном дошт? Борон буд, Дарё буд? Бо ҳам бозӣ мекардем, синнаш аз ман зиёд фарқ намекард, се ё чаҳор сол... меҳрубону дӯстдоштанӣ буд... Аҷаб, чаро номаш дар хотирам нест? Ба ман монандӣ дорад, пӯсти махмалин, холи муштарак, гардани баланд. Фақат ба далели бордорӣ пуф кардаву ҳайкалаш бешакл шудааст. Мисли бордориҳои модараш…».

Гармои яклаҳзаӣ, ки эҳтимол аз овои хуни ошно, ё та-

раҳҳум бар ин зани бордор маншаъ мегирифт, бо бурузи тасвири холаи обистанаш дар зеҳнаш ба якбор ях баст.

– Ман Найсонам, духтари Моҳистон...

«Оре, исмаш ёдам омад, Найсон!»

Холадухтар покети начандон бузурги давру бараш бо навори часб печидаро аз ҷайби даруни болопӯш берун овард.

– Модарам ин номаро дуру дароз навишт, вақте фаҳмид, ки аз умраш чизе боқӣ намондааст. Барои шумо навишт. Пофишорӣ кард, ки дафтари садсаҳифаӣ биёрам, болотарин дафтар 96 саҳифа дошт, ҳамонро овардам. Он вақт намедонистам чаро рӯйи рақами сад исрор меварзад, дертар фаҳмидам, ӯ нома менавишту хушаш намеомад, коғазро пора мекард, бо хӯрдтарин тиккаҳо, то касе онро хонда натавонад. Ҳафтаҳои ахир кораш ҳамин номанависиву коғазпоракунӣ буд. Модарам бархилофи сойири пизишкон дастхати хеле қашанге дошт... агар ёдатон бошад.

Дандонҳои Санам аз ғазаб ба ҳам бархӯрданд. Тазаккури Найсонро нодида гирифт.

Холадухтар буғзи гулӯяшро бо қурт поён тела дод.

– Ин номаро як ҳафта пеш аз маргаш ба ман супурд. Дастур дод, ки дафтарро дар пакет гузорам ва бо навори часб мустаҳкам бубандам. Як бор бастам, маҷбур кард, ки дубораву себора часб бизанам. Гуфт, ки инро ба шумо бирасонам... Гуфтам:

– Чӣ гуна? Ман ҳатто чеҳраи ӯро ёд надорам, хонаашро намедонам.

Модарам гуфт:

– Нигарон набош, рӯзи дафни ман худаш пайдо мешавад.

Санам моту мабҳут шуд, гунаҳои баландаш аз асабоният ва аз ин гардиши ғайримунтазира ранги қирмиз ги-

рифт. Тааҷҷуб кард. Холаро бори охир ҳаждаҳ сол пеш дида буд, ӯро ҳатто ба рӯъёҳояш роҳ намедод. Гоҳо вақте ба хобаш меомад, аз тарс башиддат баланд мешуд, то давоми он рӯъёро набинад. Хабари марги холаро низ ҳамин субҳ, аз писари аммааш шунид. «Аз куҷо медонист, ки дар ҷанозааш бо пойи худ меоям?»

Шиками бузурги духтари хола шонаҳо ва пушташро ба ақиб мекашид ва ӯ ин бори сангинро гоҳ ба як пой ва гоҳ ба пойи дигар мепартофт. Қатраҳои арақ мисли шабнами саҳаргоҳӣ пушти лабаш медурашид ва аз зери мӯйҳои бӯри рангкардааш ба пешонаи софу зебояш сарозер мешуд. Арақи пешониашро бо пушти даст ва лабонашро бо гӯшаи рӯсарӣ пок кард. Дубора рӯ ба Санам овард.

– Моҳҳои ахир, мо се хоҳару як бародар як тараф будему шумо як тараф. Ҳатто дигар аз писари ба ҷон баробараш намепурсид. Модарам ингор аслан парвои мо надошт, на васияте, на насиҳате... Ба дидори шумо васвосӣ шуда буд, бо ҳамон хаёл мехусбид ва бо умеди дидор чашм боз мекард, аммо ҳамзамон аз шумо метарсид. Росташро бигӯям... мо ҳеҷ нафаҳмидем... чӣ гузашт, ки ин тавр бо модарам душмани қасамхӯрда шудед... Пеши шумо эҳсоси гуноҳ ва забонкӯтаҳӣ мекард, мо инро ба вузӯҳ пай мебурдем...

– Чигуна даргузашт?

– Дар хоб мурд, на касеро бахшиду на аз касе биҳил хост. Мисле, ки дигар чизе барояш муҳим набуд. Ҷисми беҷонашро бомдод пайдо кардем...

Овози духтари хола ларзид ва чашмонаш пур шуданд.

– Таслият мегӯям…

– Худо гузаштаҳои шуморо ҳам биёмурзад... Падару...

Зан ҳарфи ӯро дар забонаш қатъ кард.

– Бояд биравам, кор дорам.

– Номаро намегиред? – Холадухтар бо илтиҷо гардан каҷ кард.

– Дигар чӣ аҳамият дорад? Агар ин нома ҳамон чизе ҳаст, ки ман фикр мекунам, барои навиштану хонданаш хеле дер шуд.

Ашк дар чашмони зебои Найсон ҳалқа мезаду такон мехӯрд, аммо сарозер намешуд, лабҳояш аз алам меларзиданд.

– Модари ман ҳанӯз дафн нашудааст, бихонед номаро, зорӣ мекунам... агар муртакиби гуноҳе буд, ӯро бубахшед, дар ин дунё азият кашид, ҳаддиақал дар гӯр ором бихобад…

– Омӯрзиши гуноҳ кори Парвардигор аст.

– Шумо бубахшед, Худо ҳам мебахшад.

– Хоҳараки ман, бахшиши ман рӯйи адолати Парвардигор таъсир надорад.

Найсон лаби поёни худро газид, мавҷи ноумедӣ ва хашм сураташро убур кард, лаккаҳои қирмизи гунаҳояш амиқтар шуданд, ингор намехост нафрине аз даҳонаш берун биёяд, ки рӯяш ба тарафи хиёбон чархид. Дар ин ҳангом, таксие дар ибтидои тангкӯчаи бунбастии бедаврбаргадон мутаваққиф шуд. Аз он мошин як ҷавони лоғару болобаланд берун омад, зоҳиран гиҷу сардаргум ба назар мерасид ва бори сангини кулбори варзишӣ таодули шонаҳояшро ба ҳам мезад.

Найсон бодиққат ба он мошин чашм дӯхт, ногаҳон чеҳрааш ранг бохт, қоматашро хам карду бо нидои «хонаамон сӯхт, додар!» гаштаву баргашта даст ба зону зад. Номаи дасташ ба канори ҷода парт шуд ва худаш навҳакашон ба сӯйи мусофири таксӣ рафт. Писари мусофири хола, ҳамоне ки ба гуфти он ду марди озими масҷид, мурдаро ба хотири ӯ пешнамоз накарданд, аз марги модар

хабар надошт. Ӯ хоҳарашро бо либоси азодорӣ диду дар миёнаи роҳ хушк шуд. Гардани баланду нозук дошт ва мӯйҳои ба ҳам печида, дуруст, монанди лонае дар фарози навдаи борик. Оҳиставу шокӣ ба самти хоҳараш омад ва дар фосилаи ду қадам аз ӯ ба зону заду монанди намозгузорҳо сар ба замин кӯбид.

Найсон бо овози гирифта фиғон кашид ва дар паҳлӯи додараш рӯйи хок нишаст. Таъзиягарон аз мурдахона ва ҳамсояҳо аз хонаҳояшон ба берун давиданд. Мардум ба фоҷеа ва саргармиҳо вокуниши якранг доранд. Ҳамон тавр ки бо садои нақораи омад-омади домод арӯсро танҳо мегузоранд ва дастаҷамъона ба дидани домод медаванд. Ҳоло низ бо шунидани садои нолаи мардона мурдаро ба ду-се пиразани бепою пар вогузошта, ҳама ба кӯча рехтанд.

Таъзиягарон дигар барои марҳум ашке надоштанд, акнун барои ин ҷавон мегиристанд, ки аз рӯйи пич-пичи ҳамсояҳо як сол боз модарашро надида будаст. Ӯ бо сару рӯйи хоколуд гоҳ ин хоҳарашро бағал мекард, гоҳ хоҳари дигарашро. Ашк аз сурати ғуборолудаш сарозер мешуд ва раҳ ба раҳ ҷӯяҳои ноҳамвор мекашид.

– Чаро нагуфтед модарам мариз аст, дилам барояш танг шуда буд, меомадам, рӯяшро мебӯсидам, бӯяшро бо худ мегирифтам, модари азизам!

Дар атроф касе набуд, ки қалбаш аз нолаҳои дилхароши ин ҷавони мусофир об нашавад. Кӯча аз ҳиқ-ҳиқи гиря лабрез шуд.

Санам ногаҳон эҳсос кард, ки дилаш ба ҳеҷ яки онҳо намесӯзад, ҳатто ба ин ҷавонак, ки то ин лаҳза аз вуҷудаш хабар надошт. Агар ин саҳна рӯйи пардаи синамо иттифоқ меафтод, шояд аз гиря нафасгир мешуд, аммо на барои хола Моҳистон! Ӯ ба ин кӯчаи танг танҳо ба як ҳадаф ома-

да буд – вақте домулло аз ҳозирин бипурсад: «Оё марҳум қарзи нопардохтае дошт?», Санам қадам пеш гузорад ва бигӯяд: «Оре, аз ман қарздор буд».

– «Арзиши он қарз чӣ қадар аст?».

– «Хеле зиёд, баробар ба арзиши зиндагӣ».

– «Оё касе ҳозир аст воми марҳумро ба ин зан бипардозад?».

Нигоҳи ҳозирон эҳтимол ба ин ҷавонаки гарданборик дӯхта мешавад.

Ӯ бо ғурури чӯҷаи уқоб сар меафрозад ва мегӯяд: «Қарзи ӯро дар ин дунё ва дар он дунё ман мепардозам!»

Дандонҳои Санам бо ғазаб аз рӯйи якдигар рад шуданд ва садои озордиҳандае мағзашро парма кард.

Найсону хоҳаронаш дар иҳотаи хешу табор ягона додари худро ба сӯйи ҷасади сарди модар раҳбаладӣ карданд.

Дар он кӯчаи тангу борику ғамангез Санам монду он номаи сарбаста, ки зери кафшҳои тамошобинону таъзиягарон лагадмол шуда буд. Гӯё номанигор сарнавишти ин руқъаро аз пеш медонист, ки бар сари часбҳои бамаротиб пофишорӣ мекард. Санам намехост ин бастаи озордиҳандаро аз замин бардорад, мехост ба роҳаш идома бидиҳад. Ёди хола ҳамеша нерӯи ӯро мебалъид, ӯро сардаргуму гӯшагир мекард ва дарунаш ба як чоҳи тираву тор табдил мешуд. Аммо ҳоло як эҳсоси фаротар аз кунҷковии маъмулӣ ӯро ба ин нома васвосӣ мекард.

Нигоҳе ба тарафи хонаи марҳум андохт, ҷода хилват буд, ба ҳадде, ки агар ду се хонаро дузд мезад ҳам касе огоҳ намешуд. Ҳамсояҳои меҳрубон ҳама ба ҳамдардии писари мусофири хола рафтанд.

Санам покетро бо аҷала аз замин бардошт, шолу бо-

лопӯшро ба тундӣ аз тан берун овард ва асабониву норозӣ аз худ, бо шонаҳои сангин ва гомҳои вазнин ба самти роҳи мошингард рафт.

Агар намерафт, агар бо фарзандони хола ба мотамхона бармегашт медид, ки он ҷавонак паҳлӯи ҷасади модараш дароз кашида буд ва намегузошт ӯро ғуслу ҷаноза кунанд. Чеҳраи сарду сангини модарашро мебӯсиду мебӯйид, сарашро рӯйи шонаҳои шахшудаи ӯ мегузошт, мардумро аз гиря кӯр мекард.

– Бигзоред аз дидори модарам сер шавам, охир ӯро як сол боз надида будам! – Ба ҳарфи касе гӯш намедод, аз бағали мурда канда намешуд. Мӯйсафедҳо ба насиҳаташ омаданд.

– Писарам, бимон биравад, бигзор дар гӯр ором бигирад, ҷойи ӯ дигар байни зиндаҳо нест, рӯҳашро парешон накун. – Ин ҳарфҳоро имоми масҷиди калон мегуфт, ки мардум ба каломаш эҳтиром мегузоштанд. Ҷавон ниҳоят ҷасади модарро раҳо кард ва дар ҳоле, ки ҳиқ-ҳиқи гиря намегузошт нафасаш поён биравад, панҷаҳояшро ба мӯйҳои ҷингилааш фурӯ кард ва рӯ ба осмон оварду монанди гург уллос кашид.

Маросими ҷаноза дар охири кӯчаи бунбастӣ баргузор шуд.

Сипас, якчанд марди ҷавон қолини зебоеро рӯйи мошини боркаш густурда, барои тобут ҷой омода карданд. Тобути Моҳистонро писараш бо панҷ-шаш ҷавони дигар дар рӯйи шонаҳои наҳифашон аз хона берун оварданд. Печҳои зангзадаи мошин бо садои гӯшхарош баста шуд ва ҳамзамон фиғони духтарҳои Моҳистон ба само печид. Мошин аз ин ҷодаи борик ақибнокӣ то хиёбони бузург рафт ва сипас, ба самти чап, ба сӯйи қабристони маҳалла чархид. Мотамдорон аз дур танҳо сари жулидаи писа-

ри Моҳистонро диданд, ки канори тобути модараш қад алам карда буд ва бод мӯйҳои баландашро ба чапу рост парешон мекард. Ҳамсояҳо ва ақрабои хаста аз ин як рӯзи тӯлонии сӯгворӣ ба хонаҳои худ баргаштанд ва ҷамъият сареъ пароканда шуд. Кӯчаи танг монду духтарҳои моту мабҳути Моҳистон, ки аз баргаштан ба он хонаи бемодар метарсиданд, гӯё нофашон то ҳол бо раҳми модар пайванд буд ва акнун бурида шуд.

* * *

Санам дар остонаи даромадгоҳи хонааш аз таксӣ берун омад. Ӯ маъмулан дар оғози хиёбон аз мошин пиёда мешавад ва даҳ дақиқа то хонааш қадам мезанад, вале ҳоло ҳавсалаи пиёдагардӣ надошт, ошуфтаву парешон ба назар меомад. Ду бор аз дами дари вурудӣ пас гашт, бори аввал вақте хост шолу болопӯшро ба зарфи партовгоҳ андозад, бори дувум ба партовгоҳ баргашт, то номаи холаро аз ҷайби болопӯш бардорад. Аз боргунҷи бузурги партовгоҳ бӯйи баде ба атроф паҳн мешуд, лашкари магас бо визвизи дастаҷамъона дар фарози он зарфи бесарпӯш таронаи зиндагии «борифоҳ»-ро месуруд. Санам магасҳоро канор заду даст ба зарфи ахлот фурӯ кард, болопӯшро берун овард, номаро бардошту бо аҷала аз партовгоҳ дур шуд.

Хонаи ӯ дар ошёни дуюми як binoи чаҳорқабатаи қадимӣ қарор дошт, иморате дар маркази шаҳр, бо сақфи баланд ва ду утоқи хушсалиқаву дилнишин. Даромадгоҳи бино мисли хонаҳои замонавӣ чипу калиди электронӣ надошт, ивазаш бо хишти пухта бунёд шуда буд, зимистон ҳавои гарм ва тобистон ҳавои нармро ҳифз мекард. Ҳуҷраи хоб ҷевон дошту ойинаи барқад ва тахти дунафарӣ, дар ниме аз он тахт худаш мехобид, нимаи

дувум то ҳол пушти касеро надида буд...

Ҳуҷраи нишеман рӯ ба тулӯи хуршед ҷойгир буд, фазои рӯшану дилнишин дошт, аммо ҷиҳозашро мешуд бо ангуштони як даст шумурд: ҷевони китоб, як нимкату ду сандалӣ, як мизи ғизохӯрӣ ва як телевизори поядор. Соҳибхона камбуди дурахши зоҳириро бо наққошиҳое аз ҳунармандони беноми роҳравҳои зеризаминӣ ва бо гулдонҳои пур аз рустаниҳо пӯшиш медод. Аммо дар кулл, макони буд амну тамиз ва оромибахш.

Санам калиду покетро рӯйи мизи маҷаллаҳо гузошт, ӯ аҳли маҷаллаву нашрия набуд, онҳоро ҳавасакӣ мехарид, ҳатто варақ ҳам намезад. Рӯйи он миз маҷалоти соли гузашта ва ҳатто ду соли пешро ҳам мешуд пайдо кард. Мизи маҷаллаҳоро дар роҳрав бештар барои худнамоӣ нигаҳ медошт, барои меҳмонҳои кунҷков, ки соле як бор ба табрики зодрӯзаш меоянд. Бархе бисёр фузуланд, мисли муш ба ҳар гӯша сар мезананд, ба ҳама ҷузъиёт таваҷҷуҳ мекунанд ва тасвири соҳибхонаро бар пояи ин мушоҳидаҳо шакл медиҳанд. Бар илова, ин миз ҷойи муносибест барои ҳамеша пайдо кардани калид ва киф.

Санам калиду киф ва покетро рӯйи миз гузошт ва либосҳояшро раҳ ба раҳ берун овард. Мехост сареъ душ бигирад ва аз бӯйи он кӯчаи борик, бӯйи ҷасади шабмонда, бӯйи дуду равғани кӯҳна, аз бӯйи ғализи партовгоҳ, пок шавад.

Обро боз карду сарашро зери ҷараёни нимасард поин андохт.

Бештар аз ҳар вақти дигар зери фаввораи душ истод, аммо фоидае надошт, саҳнаҳои имрӯз, бо ҷасади аз шакл афтодаи хола, мудом пеши назараш меомад ва андешаҳояш шабеҳи рӯдхонаи аз бистар раҳошуда, ба ҳар куҷо сар

мезад. Зиндагии орому осудаи ӯ аз рӯ ба рӯ шудан бо ҳодисаҳои қадимӣ ба тазалзул афтода буд. Бо худ мегуфт:

«Набояд ба он макон мерафтам, рафтанам чӣ суд дошт?»

Рӯ ба панҷара нишаст ва як нах сигори борикро рӯшан кард. Солҳо боз сигор намекашад, аммо як ҷаъбаро барои рӯзҳои тоқатфарсое мисли имрӯз дар шикофи пушти дудкаши гоз нигаҳ медорад. Дуди талх дар комаш маззаи дилбеҳузуркунанда боқӣ гузошт, аммо оташро хомӯш накард, ба ҷисмаш фурсат дод, то ба ин дуди аз ёд рафта одат кунад. Қулоби дуюму сеюмро амиқтар кашид ва саргиҷии сабукеро эҳсос кард.

Панҷараи ошпазхона ба тарафи хиёбони пурҷамъият ва ғурфаҳои ғизофурӯшӣ боз мешуд, барои рафъи андешаҳои нохушоянд ҷое буд диданӣ. Санам берун аз рӯзҳои корӣ ағлаб канори панҷара менишаст, нигоҳаш ба думболи раҳгузарҳо ба чапу рост мечархид, ҷуфтҳои ошиқро то даромадгоҳи боғ мебурд ва донишҷӯёни гуруснаро аз он гӯшаи роҳ то дӯкони «hod-dog» меовард. Чашмонаш аз паси мусофирон ба думболи тролейбуси давраи дақёнус медавид, ки бояд хеле вақт пеш оҳанпора мешуд, аммо одамон ба сурати кӯҳнааш ранг зада, шабеҳи раққосаи солманд ба майдон бароварда буданд. Ин тасовир зиндагии якнавохти ӯро мутанаввеъ мекард, ингор раҳгузарҳо бахше аз рӯзгораш буданд ва зиндагии онҳо аз кулбаи танҳоии ӯ мегузашт...

Сигори дуюмро аз ҷаъба берун овард ва аз миёни дуди ғализ ҳамон пирамарди хиҷолатиро дид, ки ҳар рӯз соатҳо дар як макон, дар такя бар асои дароз сар ба сукут мерафт. Танҳо худаш медонисту Худо, ки ӯ бар чӣ меандешад. Мисли фарде буд, ки ногаҳон масири ҳамешагии зиндагиаш иваз шудааст ва ӯ ба ҷодае ношиносу тарсноке

по гузоштааст.

Ба гадо монанд набуд, вале ба думболи гадоёна ба ин хиёбон меомад. Ба риши баландаш низ гӯё одат накарда буд, ки аглаб даст ба занахдон мезад, гӯё мехост он пашмҳоро барканаду дур андозад, либосаш низ бар танаш бегонагӣ мекард, гӯё як либоси ориятӣ буд...

На шоле бо худ дошт на кашкуле, шояд ба ҳамин хотир дар назари раҳгузарҳо як пирамарди хастаи дар ҳоли сукут менамуд ва онҳо бе он ки тангае барояш хайр кунанд, бепарво аз паҳлӯяш рад мешуданд. Гоҳо ягон раҳгузари боҳуш, ҳамоне, ки метавонист дарди дигаронро аз суратҳояшон бихонад, ба ӯ пул медод. Пирамард хиҷолат мекашид, беҷуръатона даст меёзонду осемасар омин мекард ва нигоҳашро аз раҳгузари савобҷӯ мегурезонд. Таҷрубаи гадойӣ надошт, ингор ғуруру ҳайсияташ ба шуғли ҷадиди ӯ басахтӣ канор меомад. Санам ба пирамард фурсат намедод то даст дароз кунад, сиккаҳояшро ҳамеша ба ҷайби ӯ мерехт, ҳар рӯз вақте ба кор мерафт, барояш обу нону панир мебурд. Онҳо тадриҷан бо ҳам одат карданд, мисли шиносҳои дерин, вале ин ошноӣ ҳеҷ гоҳ аз як саломи сода ва лабханди хиҷолатомези ҳарду фаротар намерафт. Санам ба шунидани достони зиндагии ӯ ҳавасманд буд, аммо кунҷковӣ намекард, мегуфт, ки шояд худаш як рӯз қиссаи зиндагиашро бигӯяд.

Пирамард ҳангоми тулӯъ ва ғуруби офтоб дар хиёбон зоҳир мешуд, на ба ин хотир, ки дар ин соати рӯз мардум ба гадоён тараҳҳуми бештар доштанд, балки ба хотири панаҳ ҷустан аз офтоби сӯзон.

Дар макони сукути пирамард, замоне дарахти бузурги пуршоху барг қад кашида буд, ба ҷода шукӯҳ мебахшид, сояаш раҳгузарҳоро аз партави хуршед наҷот медод, хонаи паррандагони таронасаро буд. Вале рӯзе як тӯда мар-

думи савори мошину булдозер омаданду атрофи дарахтро бо рибони зард масдуд карданд ва баъд садои арраи барқӣ баланд шуд. Дарахти бехабар аз марги зудрас, он рӯз низ мисли рӯзҳои дигар бо ифтихор сар ба осмон баланд карда буд, аммо ногаҳон аз неши арраи барқӣ такон хӯрд ва камараш ба сӯйи хиёбони мошингард хам шуд. Санам аз тарс ҷиғ кашид ва сар аз панҷара берун карду бо садои баланд пурсид:

«Охир чаро???»

Дар он хиёбони пур аз ғурриши арраву мошини заминкан садои Санамро ба ҷуз худаш касе нашунид. Коргарон дарахти зебову зиндаро дар байни як-ду соат аз бех буриданд, дарза бастанду бурданд. Ончи аз дарахт боқӣ монд, як чолаи сиёҳ буду лонаҳои харобшудаи паррандагон, тухмҳои шикаста ва чӯҷаҳои бепарубол. Мурғакони бечора он рӯз то шом девонавор ба чапу рост парвоз мекарданд ва қиғ-қиғ садо мебароварданд... Баъзан рӯйдодҳо дар фосилаи як мижа задан сурат мегиранд ва ақл гоҳо қодир ба дарку пайгирии онҳо нест...

Сигори нокашида дар байни ду ангушти Санам сӯхту ба як лӯлаи нозуку ноҳамвор табдил шуд, дасташро такон надод то он тасвир аз ҳам напошад, дуру дароз ба хокистар нигоҳ кард. Номаи хола Моҳистон аз пеши назараш дур намешуд. Санам ин ҳама сол масири зиндагии худро бо танҳоияш, бо ин хонаи муҷаррадӣ, бо ашёҳои ангуштшумор ва бо қаноатҳояш ҳамоҳанг карда буд ва камтарин такон метавонист ин ҳамоҳангиро баҳам бизанад, мисли такони даст, ки метавонад ҳамин хокистари борику тӯлониро ба хок табдил бидиҳад. Солҳо аз иродаву тавонаш сипаре сохт ва сайъ кард равони шиканандаашро аз афкори махшуш ҳифз кунад, ҳар хотираи марбут ба зиндагии гузаштаро аз зеҳнаш бизудояд.

Ағлаб муваффақ ҳам мешуд, аммо соле як ё ду бор хаёлоти нохушоянд, шабеҳи тӯдаи занбури асал, ки худро дастаҷамъона ба канду мезананд, ба мағзаш фурӯ мерафт ва ӯро озор медод...

Вуҷуди номаи хола дар ин хона оромиши ӯро ба ҳам мезад. Ин тавр набуд, ки ӯ намехост номаро боз кунад, кунҷков буд, аммо метарсид. Хондани ин нома монанди боз кардани сарпӯши як қабри қадимӣ буд, бо ҷасади хоку туроб, ки диданаш ба ҷуз раъша дар бадан, қурт додани буғзи гулӯ ва тарси хафакунанда, эҳсоси дигаре эҷод намекард...

* * *

Фарзандони Моҳистон даври мизи шом сокиту гиҷ менишастанд, канор омадан бо марги модар дар миёни ҷамъият барояшон осонтар буд, ин бори гарон дар танҳоӣ бар шонаҳои онҳо сангинӣ мекард.

Суфраи шом ҷойи холӣ надошт, ҳамсояҳо пушти сари ҳам бо лаъливу табаққҳои пур аз ғизо вориди хона мешуданд, зарфҳоро лаби айвон мегузоштанду билофосила бармегаштанд. Бар пояи русуми ин мавзеъҳо хонаводаи марҳум танҳо пас аз се рӯзи мотамдорӣ, дегу табақро мешӯяд, мол забҳ мекунад ва сипас барои мардум хайрот медиҳад. То он рӯз таъмини ғизои мотамдорон бо ҳамсояҳост.

Якчанд мард дар кати канори ҳавлӣ, рӯйи суфраи пур аз анвои хӯрданӣ хам шуда, ғизоҳоро монанди чашандаҳо аз як сар имтиҳон мекарданд, бо садои баланд гап мезаданд ва гоҳо механдиданд, гӯё на дар мотамсаро, балки дар тӯйхона буданд. Беғамии онҳо Найсонро озор медод, махсусан пуррӯйии ҳамсараш, ки ҳар лаҳза ҷойнаки холиро ба сӯйи айвон баланд мекард ва чой мехост. Ҳамсари

хоҳараш Нахлистон низ сар аз табақ намебардошт, ду нафари дигар мардҳое буданд, ки Санам имрӯз онҳоро дар назди тири барқ дида буд.

Ҳамсари Найсон бори чандум чойникро ба тарафи айвон баланд кард, аммо нигоҳи хашмолуди занашро диду зарфи холиро рӯйи суфра гузошт ва мардҳо пушти ҳам бесадо аз ҳавлӣ берун шуданд.

Аз ҳамсояҳо даври суфраи шом, ҷое ки чанд соат пеш ҷасади Моҳистон мехобид, танҳо хола Қалам менишаст. Ӯ дигар на қалам мезаду на ба касе даркор буд, ҳатто агар ба хона барнамегашт, касе ба думболаш намеомад.

Аз хешу табор, модаршӯи марҳум, ҳамон піразани алангудор худро бархилофи майли наберагонаш маҷбур бар дӯши онҳо бор кард ва гуфт, ки то рӯзи хайрот инҷо мемонад. Наберагонаш ба ӯ рӯйи хуш намедоданд, піразан ҳам инро эҳсос мекард, аммо худро ба нодонӣ мезад. Ӯ дандонҳои маснуъияшро аз косаи оби тоқи пеши панҷара бардошту ба даҳон гузошт ва кунҷковона ба дастархон чашм дӯхт. Фарзандони Моҳистон ба косаи дандони модарбузург хира шуданд ва сипас, худро бо ҳар баҳона аз суфра канор кашиданд. Найсон ба унвони фарзанди бузурги хонадон сари суфра боқӣ монд, то меҳмонҳо норохат нашаванд.

– Қаламнисо, он зани қадбаланди хушрӯ, ки туро имрӯз этак карда овард, кӣ буд? – Дасти модарбузург шабеҳи фирфира рӯйи суфра ҳаракат мекард ва остини гушодаш гоҳ ба табақи шӯрбо мезаду гоҳ ба косаи мост.

Хола Қалам иштиҳо надошт, ӯ мисли бачае, ки садоро думбол мекунад, чашм аз алангуҳои дасти модарбузург намебардошт.

– Кампир, шунидӣ чӣ гуфтам? Он зани зебо кӣ буд?

– Каҳом?

– О, ҳамон зане, ки имрӯз бо ҳам омадед.

– А, ӯ Майҳара буд...

– Майҳара кӣ аст? – Пиразани алангудор асабонӣ шуд.

Найсон ҳарфҳои хола Қаламро, ки ҳеҷ кас ба ҷуз хонаводаи ӯ ва дӯстонаш намефаҳмид, ба модарбузургаш «тарҷума» кард.

– Ҳамсари набераашро мегӯяд, исмаш Майсара аст.

Пиразан аз ин шарҳ бештар гиҷ шуд.

– Набераааш бо зани аз худаш бузург издивоҷ кардаст?

Хола Қалам бо тааҷҷуб гоҳ ба пиразан нигоҳ мекард, гоҳ ба наваи ӯ. Найсон нахост мавзуъ беш аз ин печида шавад.

– Он зан Санам буд.

Пиразани алангудор акнун дошт гӯшти лаҳмро нишон мегирифт, ки бо шунидани исми Санам дасташ дар рӯйи табақ шах шуд, оҳиста ба наваааш нигоҳ кард, ки шояд ҳарфи ӯро иштибоҳ гирифта бошад, аммо нигоҳи маънидори Найсонро диду гӯштро дар гӯшаи табақ гузошт ва дасташро башиддат аз суфра берун кашид.

Найсон ҳарфашро идома надод, пиразан ҳам ниёз ба шарҳу тавзеҳ надошт. Ӯ дандонҳояшро берун оварду дубора ба косаи об андохт ва худро ба гӯшае кашид.

– Чаро шах шудед? Чаро ҳама аз ин Санам метарсед? – Пурсид Найсон ситезаҷӯёна.

Модарбузург гӯш ба карӣ заду сохтакорона хамёза кашид.

Ивазаш хола Қалам ҳушёр шуд. Ингор ӯро бо як сатил оби сард аз хоб бедор карда буданд, ки чашмонаш ба андозаи тавон боз шуданд ва бо ҳамон калимаҳои нимафаҳмо бо тааҷҷуб пурсид:

– Санам омада буд?

Найсон бо ишораи тасдиқ сар такон дод.

– Худаш омад? Ятимаки бечора, дар ҳақаш ҷабр шуда...

– Бале, худаш омад, бо пойи худ, ҳамон тавр ки модарам мегуфт... Номае барояш гузошта буд, аммо нагирифт...

Найсон акнун покети модарашро ба хотир овард.

– Вой Худоҷон, нома аз ёдам рафт!

– Нахлистон!

– Бале.

– Номаи моҳҳо навиштаи модарамро дар васати роҳ парт кардам, Шаҳбозро дидаму нома аз ёдам рафт! Шояд ҳанӯз ҳам онҷост. Ҳамроҳ бо хоҳарат бирав, бо худ чароғ бигир, ҳама гӯшаву канорро бигардеду номаро пайдо кунед. Вой бар ман, ки натавонистам васияти модарамро иҷро кунам...

Даҳони хола Қалам аз ҳайрат бозтар шуд. Лабони нозуки ӯ дар ҳошияҳои даҳони бозаш биҷ-биҷ меҷӯшиданд. Тасвирҳое дар ҳофизаи маҳдудаш зуҳур мекард, аммо дарки маънии онҳо барояш душвор буд.

– Модари Санам қазо кардаст?

– Хола, модари Санам зинда аст, дар Туркия.

Ӯ дубора гиҷ шуд.

– Пас рӯйи айвон ҷасади кӣ буд?

– Модари ман буд...Моҳистон буд.

– Ваҳ, Моҳистон мурд? Вой, вой, Худо ӯро бубахшад, саволу ҷавобашро осон кунад...

Кампири алангудор дар синну сол аз хола Қалам зиёд тафовут надошт, аммо солиму нерӯманд ба назар меомад, ба маҳзи рӯшан шудани хотираи кампир мисли шер ба самти ӯ ғуррид ва суханро дар даҳонаш қатъ кард.

– Ҳарчи буд гузашту рафт, баланд шав, туро то хонаат бубарам, бачаҳоят нигаронат шудаанд.

Хола аз ҷой такон нахӯрд, ӯ акнун сарнахи хотираи

гумшудаашро пайдо карда буд, чашмонаш аз зери шишаи ғафси айнак монанди чашми бум гирду бузург менамуд, ӯ бо ҳамон сабки гуфтори ба худ хос исми Санаму Моҳистон ва як-ду исми дигарро бо иловаи чандин ҳарфи «ҳ» ба забон овард. Сипас мисли гаҳворачунбон ба чапу рост такон хӯрд ва даст ба сӯйи гиребони то гулӯ бастааш бурду «тавба, тавба!» гуфт. Хотираи ногаҳон бозгаштаи хола Қалам кампири алангудорро нигарон кард.

– Баланд шав! – Ӯ мисли паланг худро ба паҳлӯи хола Қалам расонд, ӯро роҳат аз замин баланд кард ва каш-кашон ба сӯйи дарвоза бурд.

Фарзандони ҷавони Моҳистон ба ин саҳна таваҷҷуҳ накарданд, танҳо Найсон кунҷков шуд. Муддатҳо буд аз вуҷуди розе дар хонаводааш пай мебурд. Дар гузашта модараш аз суоли «чаро Санам дигар намеояд?» асабонӣ мешуд, қаҳру ғазабашро бар сари фарзандонаш мерехт. Ба ин далел хотираи холадухтар тадриҷан табдил ба як мавзӯии мамнӯъ шуд ва симояш низ аз ёдҳо рафт. Ӯро имрӯз диду дарҳол нашинохт.

«Дигар шудааст, мисли кӯҳи ғурӯр, бошукӯҳ, ҳавобаланд... Ҳатто ба мо нигоҳ накард. Бегонавор рӯ ба рӯйи ҷасад нишаст. Чеҳраи модарамро диду раге дар сураташ наҷумбид...»

Хоҳарони Найсон бо дасти холӣ баргаштанд.

– Ҳама ҷоро давр задем, аммо чизе пайдо накардем.

Лабханди нарме рӯйи лабони Найсон нишаст

## Паёме аз ҷаҳони мурдагон

Санам номаро рӯзи дигар аз рӯйи миз бардошт, сангин буд, тааҷҷуб кард, ки чаро ин вазн дирӯз эҳсос намешуд. Кушоданаш ҳам кори осон набуд, қабат ба қабат часб

дошт, ингор қарор буд барои наслҳои оянда ҳифз шавад.

Покетро аз чаҳор тараф бо қайчӣ боз кард, аз он якчанд варақ берун омад, бо гӯшаҳои печхӯрда ва дӯхташуда шабеҳи як китобчаи худсохт буд, то як мактуби маъмулӣ.

Ногаҳон аз миёни варақҳо дона-дона аксҳои қадимӣ рӯйи фарш сарозер шуда, ба сони қартаҳои қимор рӯ ба замин хобиданд, ба ҷуз аз як акс, бо тасвири духтараке бо мӯйҳои фирфирӣ, пероҳани парпарӣ ва бо лабханди маъсумона. Аксро аз замин бардошт.

Камнур ва лакадор буд он акс, аммо Санам худашро шинохт, пероҳани обиашро низ, ҳамонеро, ки хола аз як савдогари гаронфурӯш харида буд. Санам он пероҳанро бисёр дӯст дошт, ҳеҷ намехост аз танаш берун биёварад, домани куртаро вақте сар медод, ки хобаш мебурд. Ӯ дар он акси қадимӣ аз хушҳолӣ медурахшид, хушбахтиаш ончунон бузург буд, ки дар чашмони калонаш намегунҷид, даст даври гардани хола ҳалқа карда буд ва бо дандонҳои чун марвориди дарёӣ кӯчаку зебо ба сӯйи дурбин лабханд мезад. Вуҷуди Санам аз изтиробу чиндиш такон хӯрд.

Аз боз кардани покет пушаймон шуд, ин нома бӯйи солҳои олуда ба талхии дуди сигор ва тамъи барги коҷро бо худ овард. Тӯфони тозае аз вуҷудаш бархост.

Башиддат аз ҷой баланд шуду раҳ ба раҳ ба сӯйи ошпазхона чанд нафаси амиқ кашид. Ҷаъбаи доруҳоро аз тоқи ҷевон бардошт ва дар истакон ду маҳлӯлро ба ҳам омехт. Бо вуҷуди асабоният дастонаш намеларзиданд, медонист чигуна худро ором кунад. Мусакинро ба якбор фурӯ бурд. Хона аз бӯйи бемористон ва бӯйи манзили солмандони мариз пур шуд. Бо қотеъият ба сари номаву аксҳо баргашт. Наметавонист аз акси даврони бачагиаш чашм бардорад, аз мӯйҳои фирфириаш, аз лабханди зебояш, аз чеҳраи маъсумаш. Он сол ба ҳашт қадам гузошта буд.

Бе он ки аз он акс чашм бардорад, қайчиро дар мизи паҳлӯӣ пайдо кард ва шабеҳи як ҷарроҳ, ки дугоникҳои сиёмиро аз ҳам ҷудо мекунад, акси худро бо эҳтиёт аз канори хола берун овард. Фақат натавонист ҳалқаи дастони кӯчакашро аз гардани ӯ бардорад ва тани холаро аз тани худ ҷудо кунад...

Саранҷом варақаҳои дуқатшударо боз кард. Дастхат якнавохт ба назар меомад, нависанда гӯё ибтидо номаро бо аъсоби орому бо итминон оғоз карда буд, аммо баъд ба навиштаҳояш шак мекарду ҳамаро хат мезад. Баъзе ҷумлаҳоро ҳанӯз ҳам мешуд хонд, баъзе каламотро худкор башиддат сӯрох карда буд. Ҳар ҷумлаи хатзада бо салом шурӯъ мешуд: Салом Санами азиз! Азизи дилам салом! Ассалому алайкум маҳбуби дили хола!

Аз ин варақҳо садои хола баланд мешуд ва ҳар каломи муҳаббатомези ӯ мӯйро дар тани Санам рост мекард.

Нависанда шояд аз як ҷое дарк кард, ки ин нома танҳо баъди маргаш ба дасти мухотаб мерасад ва ҳама «саломҳо»-ро пушти ҳам хат зада буд. «Магар мурда метавонад ба зиндаҳо салом бифиристад?»

«Санам, азизам, ин нома замоне ба дасти ту мерасад, ки ман дигар дар ин дунё нестам ва рафтаам ба ҳамон табақаи поёнии дӯзах, ки дар охирин дидор бароям аз Худо хоста будӣ. Тасаввур мекунам, ки ҳатто даст задан ба ин нома бароят нафратовар аст, туро дарк мекунам, ҳақ дорӣ. Аммо як бор ҳам, ки шудааст ба хотири ҳамхунӣ, ба хотири заҳматҳои бароят кашидаам, ба хотири ишқу алоқамандиам, ба хотири бедорхобиҳоям, ин номаро то ба охир бихон. Бидон, ки танҳо муқассири бадбахтиҳои ту ман набудам, гуноҳи дигаронро дар дафтари аъмоли ман нанавис, гӯри ҳар кас ҷудост. Гузашта аз ин, ман даҳ баробари заҷрҳои туро кашидам, ҳам заҷрҳои равонӣ ва

ҳам ҷисмонӣ. Агар Худованд маро дар ин дунё ба чунин санҷишҳои тоқатнопазир рӯ ба рӯ кард, вой бар ҳолам, ки дар он дунё бо ман чӣ хоҳад шуд!

Дар ин ҳаждаҳ сол рӯзе набуд, ки ба ту фикр накунам. Ҳама ҷо рӯ ба рӯям будӣ, садоятро аз ҳар гӯшаи хона мешунидам, нафасҳоятро дар баногӯшам эҳсос мекардам, ҳамон тавр ки дар кӯдаки рӯйи шонаам хобат мебурд ва гарданам аз гармии нафасат хис мешуд. Мехостам китоби зиндагиамро варақ бизанам то он хотираҳо маро девона накунанд, вале ҳар сафҳаи ҷадид бо номи ту иртибот мегирифт. Ва ман он рӯзи ваҳшатнокро, ки ҳастиамро ба дирӯзу имрӯз ҷудо кард, гаштаву баргашта зиндагӣ мекардам... Номаро то ба охир бихон, Санам, ман он қадарҳо ки ту фикр мекунӣ, шарур набудам...

Вақте ту ба дунё омадӣ ман ҳамагӣ 25 сол доштам ва ҳамон сол Донишгоҳи пизишкиро хатм мекардам. Роҳ аз деҳа то донишгоҳ дур буд ва ман ҳафт сол зери сақфи волидони ту зистам. Фикри издивоҷ дар гӯшаи хотирам набуд, мехостам илмро пеша кунам, аммо ту ба дунё омадиву ҳама барномаҳоямро баҳам задӣ! Он қадар дӯстат доштам, ки шабона аз бағали модарат берунат меовардам ва бо ту сар ба болин мегузоштам, рӯзҳо мехостам зудтар ба хона баргардам ва туро бағал кунам. Он вақт буд, ки орзуи модар шудан дар вуҷудам ҷӯш зад, хостам ҳарчи зудтар издивоҷ кунам ва арӯсаки шабеҳи туро ба дунё биёрам.

Хушдорҳои зиёд доштам, аз хонаводаҳои хуб, ҷавонҳои хушқиёфа, умедбахш, онҳо то дари хона ба думболам меомаданд, аммо ман бо далелу бедалел ҳамаро рад кардам. Як замон ба худ омадаму дидам, ки дигар касе намондаст, хубҳоро дигарон бурданд...Ҷавони шармгине ба думболам буд, ронандаи автобус, ҳафт сол маро аз ой-

инаи рӯ ба рӯяш тамошо мекард, вале ҳарфе намезад, зиёд хушқиёфа набуд, фақат ҳайкали зебо дошт. Ба ӯ гуфтам: «Агар аз ман хушат меояд, аҷала кун, вагарна аз даст меравам». Намедонам чаро ин корро кардам... Он ҷавон модаре дошт қайсару ҷангҷӯ ва ба интихоби писараш мухолиф, дуои баде карду худро аз тӯю издивоҷ канор кашид. Маъракаро холааш сару сомон дод. Мо ҳамон тобистон издивоҷ кардем ва ба ҳамсоягии шумо, ба манзили дер боз холии модарбузурги худобиомурзам кӯчидем. Ту он замон як сол дошти ва ағлаб бо ман буди, акнун забонат боз мешуд ва ширину дилнишин «чаҳ-чаҳ» мезади, мисли булбул. Мехостам ту ҳарф бизанӣ ва ман гӯш фаро бидиҳам! Вақт мегузашту бордор намешудам, вале нигарон ҳам набудам, чун туро доштам. Ормонҳои модариамро дар ту мешикастам, эҳсосеро, ки ба ту доштам, дар ҳеҷ фарзандам таҷруба накардам. Ту дигар буди... Шояд ҳамин ишқу алоқамандӣ буд, ки саранҷом, баъди чаҳор сол бача ба дунё овардам. Ман ин хушбахтиро аз баракати ту медонистам ва бештар дӯстат доштам. Он қадар ки духтаракам Найсон бо ҳамон холи бари рухсор ва чашмони кашидаи бодомӣ нусхаи ту ба дунё омад».

Санам то инҷо расиду номаро башиддат канор гузошт, хола чанд саҳифаро бо хотираҳои гузаштаи дур ва аксҳои муносиб ба он ёддоштҳо пур карда буд, аммо аз мавзуи аслӣ амдан канор мерафт. Аз рафтори ӯ тааҷҷуб накард, ҳамеша ҳамин тавр буд, аз мушкилот ҳарос дошт, ларзааш мегирифт ва сарашро мисли кабк дар барф фурӯ мекард.

Ӯ номаро бо кароҳат ба сабади коғазҳои ботил андохт. Хона дар назараш танг ва нафас дар синааш ҳабс мешуд. Пероҳани сабукеро аз ҷевон бардошту кафшҳои бепошна пӯшид ва бо аҷала худро аз хона ба хиёбон зад. Ба маҳзи

берун шудан аз иморат нафаси амиқ кашид, аммо гӯё як мушт ғуборро танаффус кард. Шаҳр дар пардаи захими гарду ғубор печида буд ва ҳамон тавр ки шутур дар тӯфони биёбон сӯрохи биниаашро мебандад, дар шаҳр низ ҳеҷ панҷараи боз ба назар намерасид.

Санам аз васати хиёбон ба чапу рост нигоҳ кард, барояш муҳим набуд ба кадом самт биравад. Дар имтидоди хиёбони пурҷамъият ба самти идораи пост чархид, ба думболи онҳое, ки эҳтимол дар ин рӯзи истироҳат роҳии дӯкону салунҳои маркази шаҳр буданд.

Ӯ ошиқи пиёдагардӣ аст, гоҳи авқот соатҳо беҳадаф дар хиёбони марказӣ қадам мезанад, тамошои раҳгузаронро дӯст медорад, афкори онҳоро мехонад, бо худ хаёлпардозӣ мекунад. Ҳоло ҳам дар гулгашти байни хиёбони мошингард парса мезад ва аз шаршараи лӯлаҳои обпош, ки бӯйи ҳавои тозаро ба димоғ мерасонд, ҳаловат мебурд.

Гулгашт ҷойи нишаст надошт, нимкатҳо пур аз ҷавонакҳои наврас буд. Онҳо бо садои дупӯставу гӯшхароши наврасӣ каломи якдигарро мебуриданду бевақфа механдиданд, гӯё ангушти ноайёне шикамашонро ғилғилак мекард.

Ногаҳон лӯлаи об чарх заду ҷараёнро ба тарафи раҳгузарҳо равона кард ва ҷиғҳои ғайриинтизорро ба осмон бардошт. Ҷавонакҳо аз нимкатҳо хез зада, якдигарро ба сӯйи об тела доданд, мӯйҳои тар дар ҷабинҳои пур аз донаҳои наврасӣ мечаспид ва онҳоро ба чӯҷаи дар об афтода монанд мекард. Бузургсолон халтаву кисаҳоро чатр карда, бо ҳақорату асабоният ба ҳар самт пароканда шуданд.

Санам ҳеҷ гоҳ ба иттифоқи ногаҳонӣ вокуниши сареъ надошт, ҳоло ҳам ибтидо гиҷ шуд, аммо вақте шаршараи об сар то пояшро тар кард, бо пероҳани ба танаш часпида, мӯйҳое, ки аз як қатра об низ ба ҳам мепечанд, аз ҳисори

пастаки байни роҳи мошингарду гулгашт чаҳид ва хиёбонро дар қитъаи мамнӯъ убур кард. Чандин мошини кӯчаку бузург ҳамзамон буғ заданд, бархе ба нишони таҳсин аз он ҳайкали зебо, ки пероҳани часпида барҷастагиҳояшро бармало мекард, бархе ҳам чун ҳамеша аҷала доштанд, гӯё ҳамин даҳ сония сарнавишташонро иваз мекард.

Намехост бо ин ҳол дар байни раҳгузарҳо гаштугузор кунад ва дар сандалии рӯ ба рӯйи «Солуни зебоӣ» нишаст. Аз қолии қирмизи рӯйи паллаҳо ва пуфакҳои сақфи девору панҷараҳо мешуд ҳадс зад, ки ороишгоҳ тоза боз шудааст. Панҷараҳои бузург дохили кошонаи ҳуснро чун дар кафи даст намоиш медод, ин макон барои раҳоӣ аз афкори озордиҳанда, тамошогоҳи хубе буд. Занону духтарон ба думболи мӯъҷиза рӯйи сандалиҳои нарм дароз кашида буданд ва машшотаву ороишгарон мисли кимёгарҳо бар мӯю рӯйи онҳо сеҳру ҷоду мекарданд, ба сарҳои каммӯй ҳаҷм медоданд, ба чашмҳои бемижа мижгонҳои шабеҳи боли парвона мекоштанд ва бар абрӯвони бенумӯъ боли парасту мекашиданд. Санам гоҳо ба ороишгоҳи назди хонааш сар мезанад, ба нудрат, агар ба маъракае даъват шавад. Ӯ ошиқи тамошои таҳаввули суратҳост ва ба маҳорати сабкшиносону ороишгарон, ки аз «ҳеҷ чиз» чизе месозанд, таҳсин мекунад. Ҳайф, ки онҳо танҳо як қолаби чеҳраро ёд доранд, муштариҳо бо суратҳои мутафовит ба салун ворид мешаванд, вале аз онҷо шабеҳи ҳам берун меоянд, мисли дугонику сегоникҳои як модар.

Пероҳани Санам дар гармии танаш хушк шуд, вале пояш намекашид ба хона баргардад, номаи хола мисли як афкори ангалӣ дар мағзаш реша медавонд, сабади коғазҳои ботилро ба ёд меоварду дилаш шӯр мезад, табъаш хира мешуд, ингор музоҳиме дар хонааш маскан карда буд ва ҳавои рафтан надошт. Инҷо, дар миёни ҷамъият,

эҳсоси оромиш мекард, хиёбони шулуғ ва тамошои саргармкунандаи раҳгузарҳо ҳушу ёдашро аз нома дур меандохт.

Хиёбони марказӣ ингор бахши як дунёи дигар буд, шику мутафовит аз гӯшаҳои дигари шаҳр, бӯйи оромиш, асолат, бӯйи пул ва қудрат медод. Наворҳои таблиғотии витрини дӯконҳо, бо муаррифии либосҳои «брендӣ», дар тани бенуқсони бонувони зебо харидоронро ба худ ҷазб мекард ва ба хиёбон ҳолу ҳавои муди ҷаҳонӣ мебахшид. Аз дӯконҳои барроқ духтарҳои паричеҳра бо покетҳои коғазии «ширкатҳои номдор» берун меомаданд. Онҳо бо андомҳои зебо, гарданҳои сафеди баланд ва доманҳои кӯтоҳ, танҳо ба ҳамин дӯконҳо ва ба ҳамин қисмате аз шаҳр муносиб буданд. Мардҳои раҳгузар бо дидани ин ҷаззобият нохудогоҳ панҷа бар мӯйҳои худ мезаданд ва шабеҳи хурӯс дар баробари мокиён «пару бол» рост мекарданд. Санам ба худ гуфт: «Ҳамаро пинҳону ошкор аз ин зебоии урён хуш меояд, ҳатто, ҳоо он марди миёнсолро, ки сурати нотарошида дорад ва тамоми мушкилоти зиндагӣ дар чашмони фурӯрафтааш мунъакис шудааст». Духтарҳоро диду суръати қадамҳояшро кунд кард ва бо даҳони нимабоз ба онҳо хира шуд. Шояд ба худ мегуфт: «Агар шаберо дар оғӯши чунин як паризод ба рӯз бирасонам, баъд аз он бимирам ҳам дигар армон надорам».

Санам ба ин андешаҳои хандадори худ лабханд зад, аммо вақте он марди ришнотарошида аз пеши ӯ бетафовут гузашт, лабхандаш ба тамасхур тадбдил шуд. Бо худ гуфт: «Дидӣ Санам, ту ҳатто дигар барои ин амак ҳам шонс надорӣ!»

Ӯ хеле вақт пеш ба ин натиҷа расид, ки дар ин сарзамин синни як зан, монанди теъдоди солҳои умри саг, бо даҳсола ҳисоб мешавад: дар 16-солагӣ пухтаву раси-

да, дар 26-солагӣ пирдухтар, дар 36-солагӣ «хола» ва дар 46-солагӣ пиразан. Ӯ ҳоло ҳам нигоҳҳои чарбу ҳавасбози мардҳоро, ки агар каме бештар хира шаванд, пӯстро тика-тика мекунад, дар худ эҳсос мекард, фақат синни онҳо дигар шудааст, мардҳои чилупанҷ-панҷоҳсолаи гирифтори бӯҳрони миёнсолӣ...

Дари гардони ороишгоҳ бевақфа мечархиду мечархид, яке меомаду дигаре мерафт, шабеҳи лонаи мӯрҳо буд он макон. Зане мехост аз толори кошонаи зебоӣ берун меомад, аммо ногаҳон дар ҳалқаи дари гардон дармонд, се бор чарх зад то роҳи баромадро пайдо кард ва гӯё дар ба думболаш меомад, ки бо ҳарос ба пушт нигоҳ мекард. Ошуфтаву парешон дар нимкати паҳлӯи Санам нишаст, нигоҳаш аз ҳамон салон канда намешуд. Дар тан пероҳани арзон ва барои ин макони шик носозгор дошт ва дар пой кафшҳои лостикии чиноӣ, рӯсариаш ончунон қадимӣ буд, ки эҳтимол солҳо боз тавлид намешуд. Чеҳраи офтобхӯрда, дастҳои пурхарош ва нохунҳои номураттабаш гӯётар аз ҳар забоне касбу кори ӯро муаррифӣ мекарданд. Деҳқонзане буд зебо, бо сурати ҷаззобу андомҳои бо ҳам мутаносиб, бо ҷисме, ки аз он нерӯйи солим нашт мекард ва хуни гарме дар он ҷӯш мезаду ба гунаҳояш ранги қирмиз мебахшид. Ду бор бетобона аз ҷой баланд шуду ба назди панҷара рафт. Ниҳоят аз он дари гардон як духтараки монанди най борику нозукандом берун омад, зан оҳи сабук кашиду ба нимкат баргашт. Духтарак ҳам пероҳани содае ба тан карда буд, бо остини кӯтоҳу яхаи амиқ. Аз он чоки гиребон устухони нозуки пеши бар ва пеши бари тоза дамидааш ба назар мерасид. Зан зоҳиран модари ин духтар буд, нигоҳи чашмони дурушти ӯ, ҳамзамон чанд эҳсос, аз тараҳҳуму ноумедӣ то хашму таассуфро мунъакис мекард.

Ашк дар чашмони духтарак чарх мезад, чонааш аз алам меларзид, чеҳрааш он қадр ғам дошт, ки ингор тамоми бадбахтиҳои дунё ба сараш фурӯ рафта буд.

– Чи қадар мехоҳанд?

Духтарак музтарибона паҳлӯи модар нишаст. Ҳушу ёдаш сари ҷояш набуд, гӯё суолро нашунид. Модар сабрашро аз даст дод.

– Чанд пул мехоҳанд!?

– Ҳаштсад доллар.

– Барои ороишу сару либос?

– Оре.

– Арзон намекунанд?

– Ду ҳазор сомонӣ кам карданд.

– Воҳ, ҳазор доллар буд?

…

– Хеле гарон аст, бояд ягон ҷойи дигар пайдо кунем.

Духтар ахм кард, ду қатра ашки бузург аз чашмони зебояш сарозер шуд. Сурати дилкаш дошту андомҳои нозук, ба зебоии як қатра шабнами саҳаргоҳӣ. Ҳатто гиря ба ӯ мезебид, қиёфаашро ҷаззобтар мекард. Шонздаҳ-ҳабдаҳсола ба назар меомад.

– Ман ин ҷоро мехоҳам».

Зан хашмгин шуд.

– Агар ин ҷоро мехоҳӣ гӯширо бардору ба домод бигӯ биёяду пули ороишатро бидиҳад, дар ҳама ҷо пули либосу ороиши арӯсро домод медиҳад!

– Пул надорад.

Пӯсти сурати зан арғувонитар шуд, лабонаш аз асабоният ларзиданд, гӯё мехост дар ин хиёбон бо тамоми овоз фарёд бизанад.

– Пул надорад??? Пул надорад, чаро издивоҷ мекунад? Ту куҷо шитоб дорӣ? «Нодидаҳо дар армон, дидагиҳо пу-

шаймон!» Дарсатро бихон, диплом бигир... Умре дар пеш дорӣ, шавҳар ҷое намегурезад!

Духтарак аз ҷой бархосту бе он ки ба модараш нигоҳ кунад, ба самти идораи пост қадам бардошт. Орому беҳис роҳ мерафт, аз фарти ноумедӣ, ингор бароящ муҳим набуд ба куҷо меравад.

Зан хиҷолатмандона ба атроф нигоҳ кард, ӯ акнун мутаваҷҷеҳи ҳузури Санам шуд ва бечораҳолона лабханд зад.

– Пир аз мурданаш метарсонаду ҷавон аз рафтанаш... Бо фарзандҳои ин давру замон гап зада намешавад, – гуфту ба думболи духтараш давид.

Он қадар зуд рафт, ки Санам ҳатто фурсат надошт ба нишони ҳамдилӣ бо ӯ лабханд бизанад, ё саре такон бидиҳад. Духтарак қадамҳои модарашро пушти сар эҳсос карду тундтар роҳ рафт. Модар илоҷе надошт, давиду пеши роҳашро гирифт, зуд-зуд чизе ба гуфт, духтар истод, сураташ дида намешуд, аммо ҳайкалаш тавре буд, ки гӯё ба ҳарфҳои модар шак мекард.

Санам ба худ гуфт: «Ҳатман модар қавл дод, ки ҳама дору надорашро мефурӯшад ва пули ороишгоҳро омода мекунад!»

Зани ҷавон ашкҳои духтаракро бо гӯшаи рӯсариаш пок кард, ҳарду то бинои идораи пост расиданд ва аз онҷо ба тарафи рост чархиданд, шонаҳояшон соф ва қадамҳояшон устувор буд, ингор барои сахттарин мушкили зиндагӣ роҳи ҳал пайдо карда буданд.

Санам ногаҳон ба он зан ҳасодат кард, дилаш хост духтаре дошта бошад, шабеҳи ҳамин арӯсаки лоғар ва шаффоф, мисли шабнами саҳаргоҳӣ, бигзор дамдамиҷоз бошад, тиллову танга бихоҳад, қаҳр кунад, ноз кунад, бигзор барои ороиш гаронтарин салунро бихоҳад,

ҳарчи дилаш бихоҳад, аммо мавҷуд бошад...

Ин хоҳиш аз аъмоқи қалбаш бурӯз кард ва мавҷи гармеро дар рагу пайвандҳояш ба ҷӯш овард, вале лаҳзае баъд вуҷудашро эҳсоси ношӣ аз ноумедии амиқ фаро гирифт, башиддат аз ҷой бархост ва мисли он духтараки лоғар ба самте рафт, ки чашмонаш менигаристанд.

Ғуруб хаставу беҳол ба хона баргашт, ингор кӯҳ талқон карда буд, сару танашро шуст, қаҳва омода кард ва рӯ ба панҷараи ошпазхона нишаст. Сараш пур аз афкори нохушояндu масмумкунанда буд, мисли зарфи ахлоти пушти бино, ки магасҳои сабзранги саргин дар он хона мекунанд ва тухм мегузоранд. Аз куҷое фикри Найсон ба сараш омад, ӯ ҳам бахше аз ҳамин афкори нохушоянд буд, бо ҳамон шиками бузург ва болопӯши шабеҳи қабои Исои Масеҳ. «Шояд зоймон карда бошад, охир шикамаш хеле поин омада буд, ҳатман духтараки зебоеро ба дунё овард, бо холи бари рухсор, шабеҳи холи ман». Дасти Санам беихтиёр ба сӯйи шикофи пушти дудкаши гоз дароз шуд...

## Номае андар нома

Найсон дар гузори байни шабу субҳ, вақте шаб акнун дошт ба поён мерасид, вале субҳ шабеҳи арӯси нознозӣ ҳанӯз доманашро боло накарда буд, аз бонги хурӯсҳои бармаҳал бедор шуд. Бедорие буд козиб, себи чашмонаш пушти пардаи бастаи пилкҳо чапу рост парса мезад, вале мағзаш ҳанӯз бо дунёи атроф робита надошт. Танаш аз лобалои хобҳои амиқ коҳилона берун меомад ва раҳ ба раҳ эҳсоси афсурдагиву шикастагӣ мекард.

Ҳуҷра торик буд, нуре ба андозаи як ангушт, аз роғи борики пардаҳои баста нашт мекард, аммо ҳеҷ сарнахе намедод, ки инҷо куҷост ва соат чанд аст. Ҳуҷра бӯйи но-

шинос медод, шабеҳи бӯйи гашнизи хушк ва марҳами зидди дарди мафосил.

Танҳо аз сукути чир-чиракҳо, ки бо шунидани ҳар садои ношинос лаб аз тарона мебанданд, мешуд ҳадс зад, ки инҷо поёни шаб ва омад-омади субҳ аст.

Найсон ба тарафи нур чархид, шиками бузургаш шабеҳи халтаи дӯғ лаппиду ба паҳлӯяш ғелид, бача зарбаи маҳкаме ба масонаи ӯ зад ва дафъатан ҳушёраш кард. Мағзаш ба ҳолати корӣ баргашт ва аввалин чизе ба ёдаш омад ин буд, ки ӯ дигар модар надорад. Пардаи тирае рӯйи қалби Найсон фурӯд омад, чонааш аз алам ларзид, буғзи гулӯяшро бо як оҳи амиқ фурӯ нишонд ва чашмонашро дубора баст.

Бордории ӯ бо нороҳатии ҷисмонӣ ва бедорхобии касалкунандае ҳамроҳ буд. Шаби дароз монанди шери дарёӣ бадани пуф кардаашро басахтӣ аз як тараф ба тарафи дигар мечархонд ва танҳо бо фурӯд омадани шикамаш ба тахти хоб эҳсоси осоиш мекард. Чашмонашро ба умеди як тикка хоб мебаст, вале узвҳояш як-як аз бедории худ дарак медоданд, гурдаҳояш аз фишор, меъдааш аз «воқ-воқ» ва рӯдаҳояш аз лагадҳои бевақфаи тифли батнаш. Дилаш барои хоби роҳат танг шуда буд ва ҳар лаҳзаи хоб барояш неъмати бузург менамуд. Мехост мисли хирс ба лонае биғнавад, то касе натавонад пинакашро вайрон кунад. Найсон ду суқути ҷанинро таҷруба кард ва ин аввалин бордорие буд, ки то моҳи ҳашт расид, аммо чӣ бордорие! Тифли батнаш ором надошт, мудом такон мехӯрд, бисту-чаҳор соат сар то сари шиками ӯро тай мезад, гурдаву рӯдаҳояшро лагадмол мекард, он қадр, ки гумон мекард тамоми узвҳои дохилаш тиккаву пора шудаанд.

Бордорӣ дар назараш ба андозае тӯлонӣ менамуд, ки ӯ гӯё солҳо боз ин бачаро дар шикам дошт.

Аз моҳи аввали ҳомиладорӣ димоғаш бар соири аъзои баданаш ҳоким шуд, аз кӯчактарин бӯй ҳолашро ба ҳам мезад, иштиҳояшро мебаст, фишорашро поин меовард. Ошиқи чизҳое шуд, ки қаблан дӯст намедошт, ба хӯрокҳое тарҷеҳ дод, ки дар гузашта ба онҳо лаб намезад. Аз шавҳараш мутанаффир шуд, аз ӯ бӯйи баде ба димоғаш мерасид, истиғфоровар, шабеҳи бӯйи гови нар дар тавилаи дарбаста. Чашми диданашро надошт, аз хонаи хоб берунаш андохт, ингор ӯро ба зур шӯ доданд ва тоза аз бадбахтиаш огоҳ шуда буд.

Орзу дошт модари по бар лаби гӯрро бо аввалин нава хушҳол кунад, аммо ҳайҳот, орзуяш ҷомаи амал напӯшид. Акнун танҳо як хоҳиш дошт, ҳарчӣ зудтар ин бача ба дунё биёрад ва билохира аз заҷрҳои шабонарӯзӣ раҳо шавад.

Ноумед аз хобу осоиш, чароғи канори тахти хобро барафрӯхт.

Ором-ором чашмонашро боз карду утоқро шинохт, инҷо замоне хонаи хоби модараш буд. Оре, ёдаш омад, дишаб модарбузурги дамдамимиҷоз сад баҳона пеш овард то дар ин утоқ нахобад, зеро инҷо ҷасади келинашро шӯста буданд. Найсон ноилоҷ тахти хобашро ба модарбузург дод. Ҳузури пиразан ӯро нороҳат мекард, вале ба унвони меҳмон эҳтиромашро ба ҷо меовард, агарчӣ ӯро як модарбузурги тақаллубӣ медонист, дӯсташ намедошт, ҳамон тавр, ки модарбузург модари ӯро чашми дидан надошт.

Найсон падарашро ба сахтӣ ёд меовард, ёздаҳсол дошт, ки ӯ аз хона рафту дигар барнагашт. Гоҳо тиккаҳое аз кӯдакии шод мисли аксҳои як филми қадимӣ дар зеҳнаш бурӯз мекард, дар он тасвирҳо падар ӯро соатҳо дар пушташ мегардонд, барояш оҳанг мехонд, ҳамеша як оҳангро такрори ба такрор: «Ай шуълаи ҳазин, ай ишқи

оташин, ай дарди вопасин».

Баъд сигор рӯшан мекард ва гӯё дардҳои вопасинашро бо дудҳои пушти ҳам ба ҳаво сар медод.

Ронандаи комюн буд, дар се-чаҳор моҳ як бор дар хона зоҳир мешуд, вале ҳар зуҳураш бо даъвоҳои мудаввоми пушти дарҳои баста, сурати харошхӯрда, пероҳани дар танаш порашуда ва шишаҳои шикаста, ки Моҳистон пас аз ҳар ҷанҷол аз хонаи хобаш берун меовард, муртабит буд. Дар он даъвоҳо танҳо ҷиғи модараш шунида мешуд, тарафи дигари ҷанҷол аз худ садое дарнамедод, гӯё сазовори ҷазо буд.

Моҳистон ҳамеша аз вобастагии бачаҳо ба падарашон ҷилавгирӣ мекард, аз ин рӯ, вақте ҳамсараш дигар ба хона барнагашт, ҳатто зарур нашумурд далели нопадидшавии ӯро ба фарзандон шарҳ бидиҳад. Найсон боре шунид, ки модараш ба хола Қалам мегуфт: «Хайрият пояш канда шуд, вагарна як рӯз не як рӯз ӯро мекуштам».

Найсон аз ҳамон даъвоҳои пушти дарҳои баста эҳсос мекард, ки дар хонаводаи онҳо ишколе вуҷуд дорад, вале барои дарки ин робитаи масмум хеле ҷавон буд.

Моҳистон фарзандонашро дӯст медошт, аммо ҳеҷ гоҳ бо онҳо муносибати дӯстона барпо накард, ҳамеша байни ӯ ва духтаронаш фосилае вуҷуд дошт. Танҳо писарашро эрка мекард, ҳарфашро дар замин намегузошт. Ӯ барои фарзандонаш маъбуде буд ва рафтору гуфтораш берун аз қазоват.

Найсон нигоҳе ба атроф андохт, ҳуҷра сарду берӯҳу ҳавлнок ба назар меомад, ингор модараш нуру сафои ин маконро бо худ бурда буд.

Ин ҳуҷра моҳҳо боз соҳиб надошт. Моҳистон ба нудрат ба инҷо ворид мешуд. Аз рӯзи ташхиси бемориаш то дами марг ба утоқи шафат кӯчид, ҳуҷрае, ки гоҳу ногоҳ бо

номи Санам ёд мешуд. Мегуфт, ки онҷо эҳсоси оромиш мекунад. Фарзандони Моҳистон аз холадухтари худ чизе намедонистанд, ҳатто ӯро ёд надоштанд, модарашон гоҳо ғайриихтиёр «ин чизро дар хонаи Санам гузор, ё фалон чизро аз хонаи Санам биёр» - мегуфт ва онҳоро гиҷ мекард.

Ҳуҷраи хоби Моҳистон бо тахти сафеди дунафарӣ, ҷевони сафед, пардаву деворҳои оҳарӣ ва қолии қаҳвапанги дастбоф, замоне аз зеботарин гӯшаҳои ин хона буд. Найсон ин ҷоро дӯст медошт, чун бӯйи атри модарашро медод, аммо акнун сардие дошт раъшабарангез ва ҳолае дошт тарснок. Шунида буд, ки вақте рӯҳи инсон ба дунёи дигар меравад, роҳ низ як муддат ба олами мурдагон боз мемонад, бо худ гуфт: «Эҳтимол сардии раъшатовар ба ин утоқ аз дунёи мурдагон мевазад?»

Рӯзи мотам ин ҳуҷра гузаргоҳро мемонд, фарши ғуборолӯд, ҳоло низ ҳовии нақши кафшҳои хуруду бузурги мардонаву занона аст. Он рӯз ҳама думболи чизе мегашт, яке матоъ меҷӯст, дигаре пахтаву кафанворӣ ва тағораву собуни обнарасида. Дастпоча шуданд, гӯё модараш маризи рӯйи бистар набуду ғайриинтизору ногаҳонӣ даргузашт. Дари ҷевонро ҳамон рӯз шикастанд.

Аз он дари шикаста радаи либосҳои мураттаби Моҳистон ба назар мерасид, пероҳану домону ҷакетҳои қиматбаҳо, мутобиқ бо рангу бо фасли сол. Моҳистон зани хушлибос буд, ҳеҷ ҳазинаеро барои либос ва зоҳири худ дареғ намедошт. Колоҳои дохили ин ҷевонро Найсон борҳо дар тани ӯ дида буд, вале ҳоло онҳо низ мутафовит ба назар мерасиданд, шабеҳи колои фурӯшгоҳи дасти ду, рангбохтаву берӯҳ.

Нигоҳи Найсон ба девори муқобил афтоду аз ҷой нимхез шуд, дар он девор тасвири наққошишудаи мода-

раш овезон буд. Найсон дар кӯдакӣ бо чашмони нимапӯш аз ҳар гӯшаи утоқ ба он тасвир хира мешуд ва Моҳистони ҷавону зебо аз ҳар гӯша ба сӯйи ӯ лабханд мезад. Рӯйи он девор аксҳои дигар низ буд, модар бо кӯдаки нахустинаш, бо бачаи дувум, сеюм... Ва билохира бо писари ягонааш, аммо аксе аз падари хонадон вуҷуд надошт, ингор ин ҳама бачаро Моҳистон худаш ба танҳоӣ зоида буд...

Рӯзи мотам хона дар ихтиёри мурдашӯйҳо қарор дошт, шояд онҳо вуҷуди аксро дар макони шустушӯи ҷасад раво надиданд, ки тасвирҳои рӯйи деворро ба гӯшаи утоқ андохтанд Найсон акси модарро рӯйи замин диду ашк аз дидагонаш фаввора зад, паҳлӯи он наққошӣ ба зону афтод, ҳамон тавр, ки субҳи ҷумъа дар бағали ҷасади беҷони Моҳистон ба зону зад ва садояш аз тарс дар гулӯяш дармонд.

Рӯзи мотам аз суоли «марҳум чигуна даргузашт?» фирор мекард. Танҳо мегуфт: «шаб даргузашт». Охир чи гуна ба мардум бигӯяд, ки модараш дар танҳоӣ мурд, касе набуд калимаи шаҳодатро бар забонаш бигзорад, ё қатраи обе ба ҳалқаш бичаконад. Чи тавр мурд? Эҳтимол бо азоб, субҳ вақте ҷасади сарди ӯро дарёфт, рагҳои сару гарданаш ба андозае барҷаставу таранг буданд, ки ингор ҷонаш аз дасти аҷал дар шарёнҳояш паноҳ ҷуста бошад.

Гоҳо фикре дар зеҳни Найсон чарх мезанад, ки ба он утоқи кӯчак нақли макон кардани модар ва мурданаш дар танҳоӣ, ҳама мустақим ё ғаримустақим ба холадухтараш иртибот дошт.

Вақте модар номаи барои Санам навиштаро ба покет мегузошт, Найсон аз ӯ пурсид:

– Холадухтар ин ҳама солҳо куҷо буд? – Моҳистон каме сукут кард, лабханди дардолӯде дар лабонаш зоҳир шуд ва баъд гуфт:

– Бо ман қаҳрӣ буд. Инро бо лаҳне гуфт, ки гӯё чизи хосе нест, танҳо як нози хоҳарзода бо хола.

Аммо Санамеро, ки Найсон дид нишоне аз «ноз» надошт, аз чеҳраи ӯ сардии зимистони қаҳратун нашт мекард, нигоҳаш мисли наштар ба сина мехалид, ба вузуҳ аз хӯрду бузурги хонаводаи холааш мутанаффир буд, махсусан аз мурдаи холааш…

Аз он сурати зебои холадухтар танҳо чашмони калони ӯ дар хотири Найсон монд, чашмоне, ки дар онҳо буғзи азим ба сахтӣ мегунҷид ва хашм монанди деги қатрон меҷӯшид...

Найсон ба худ гуфт:

– Аз сари як инсон чӣ бояд бигзарад, то ба ин андоза аз ҳамхунаш мутанаффир шавад?

Ҳайҳот, соҳиби роз асрорашро бо худ ба гӯр бурд, аз зиндаҳои роздон модарбузург мондааст, ки сар медиҳаду сир не. Ва хола Қалам, ки гоҳ ба худ асту гоҳ бехуд.

Субҳ ором-ором тулӯъ мекард, атроф гургу меш буд ва донаи гандумро мешуд аз ҷав фарқ кард. Найсон мехост дари ҳавлиро бесадо боз кунад, то хуфтагон бедор нашаванд, аммо дарвоза ҷиғи гӯшхарош бароварду башиддат аз пушти ӯ баста шуд. Аз панҷараи кӯчаки хонаи рӯ ба рӯ сулфаи хола Қалам, шар-шари об ва садои ба сатил бархӯрдани косаи оҳанин ба гӯш мерасид. Хола бо сару садо таҳорат мекард, аз миёни сулфаҳои сутдори ӯ овози хоболӯди наваааш шунида мешуд, ки ғур мезаду модарбузургашро раҳнамоӣ мекард, то замин нахӯрад. Ин кулбаи вайронаи мисли катаки мурғро, ки дасти одами миёнқад роҳат ба сақфаш мерасад, писари кенҷаи хола ҳамин сол аз як беваи бесоҳиб харид. Хонаро ба шеваи «исмоилдавон» таъмир кард ва модари музтару фаромӯшхотирашро бо аҷала ба онҷо кӯчонд. Сипас, манзили модарро

ҳамроҳи бародари бузургаш ба ду тақсим карданд ва аз байн девор бардоштанд. Ҳарду бародар ғизои модарро бо навбат таъмин мекарданд, аммо ӯро аз зуқ-зуқи ҳамсарҳояшон дур нигаҳ медоштанд. Хола Қалам як писари дигар ҳам дорад, фарзанди нахустинаш дар кӯчаи ҳамсоя зиндагӣ мекунад, дар фосилаи панҷ дақиқа аз инҷо, аммо ӯ ба нудрат аз модар хабар мегирад. Аз пиразан духтари навраси писари дувумаш муроқибат мекунад, бо дили ноҳоҳам ва бо абрӯвони гиреҳбаста ва дар интизори рӯзе, ки модарбузург ҷон ба ҷонофарин биспарад.

Хола аз Моҳистон дастикам ду даҳсола бузург буд, аммо бо вуҷуди тафовути синнӣ ҳамсояи хубу ҳамдаму ҳамрозаш шуд ва барои фарзандони Моҳистон аз ақвом наздиктар.

Ба маҳзи хомӯш шудани сару садо аз ҳаммоми кӯчак, Найсон ду қадам заду дари хонаи беқуфлу калиди холаро боз кард.

Дуртар аз айвон истод, то хола намози бомдодро бихонад.

Наваи хола Қалам шабеҳи як хобгард бо чашмони боз роҳ мерафт, аммо дар асл хоб буд, ӯ баробари ба айвон по гузоштани модарбузург худро рӯйи тушак андохт ва дигар рагаш наҷунбид.

Хола Қалам на қибларо меёфт на ҷойнамозро.

Муддате даври худ чархид ва сипас айнаки дар гардаш овезонро рӯйи сараш гузошту гӯшаи чодари сефедро даври лабу даҳонаш кашид ва ба самти муқобили қибла ба зону зад.

Тӯлониву бесадо намоз гузошт, аз ларзиши рӯсарии даври лабонаш маълум мешуд, ки намозро равон мехонд ва бехато сар ба саҷда мегузошт. Кулли рӯйдодҳои зиндагиашро фаромӯш карда буд, ба ҷуз се чаҳор ояе, ки ин

ҳама сол рӯзе панҷ бор мехонд ва дар зеҳнаш ҳаккокӣ мекард.

Ниҳоят дар поёни як фотиҳаи тӯлонитар аз чаҳор ракат намози бомдод даст ба рӯ кашид ва гӯшаи чодарро аз даври лабонаш поён овард.

Найсон қадаме пеш гузошту овоз рӯшан кард, то соҳибхона ғофилгир нашавад.

Хола ором ба тарафи садо чархид, айнакашро аз болои сар поин овард ва бо чашмони рез ба сояи Найсон хира шуд. Чанд ҳарфро фурӯ бурду бо ҳамон лаҳни нофаҳмо пурсид:

– Киӣ?? Ку пештар биё!

Найсон пештар омад.

– Санам? Дар ин каллаи саҳар инҷо чӣ кор мекунӣ?

Найсон ба атроф нигоҳ кард, ҳаво рӯшан шуда буд, паррандагон аз лобалои навдаҳои хамидаи ангур ва шохаҳои сар ба поёни гелос чир-чир садо дармедоданд. Замини ҳавелӣ мисли боми мардуми мевапарвар қолине аз меваҳои хушкида густарда буд. Аз хонаи писари бузурги хола ғурриши модагов ва маъоси гӯсолаи кӯчакаш ба гӯш мерасид. Дар ин рӯшноӣ намешуд Найсонро бо Санам иштибоҳ гирифт.

Ӯ аз паллаҳо баланд нашуд ва дар лаби айвони лоӣ амонат нишаст.

– Ин манам, Найсон.

Хола гӯё ӯро намешунид, нигоҳаш аз зери шишаҳои ғафси айнак дар шиками бузурги Найсон гир кард, чонаи зайифаш афтид ва даҳонаш ба шакли ҳарфи «О» боз шуд.

– Вой дареғ... Духтар, ман хоби туро барвақт дида будам, бадбахтӣ мисли соя ба думболат мегашт, билохира ҳамоне шуд, ки ман гуфтам.

Хола ишора кард, ки Найсон наздиктар биёяд ва бо

наҷво гуфт:

– Дигар ба он хона барнагард, вагарна Моҳистон хунашро дар рӯят рӯшан мекунад!

Каломи гиҷкунандаи пиразан ба инҷо расида буд, ки дарвоза боз шуду арӯси ӯ дар як даст нону дар дасти дигар косаи шир ба хона ворид шуд.

Кампир бо ишораи чашму абрӯ ба Найсон фаҳмонд, ки дар ҳузури арӯси ӯ чизе нагӯяд.

– Ҳумайро, Зайнабро бигӯ баланд шавад, дугонааш омадаст, бо ҳам ба мадраса бираванд.

Келин бо садои баланд хандид. Ӯ ҳамсари писари дуюми хола буд, даҳаи чаҳоруми умрашро пушти сар мекард, аммо бо қомати расо, чашмони хумориву абрӯвони баланд, лабҳои ҳамеша моили табассум, бинанда ба ӯ бештар аз сӣ сол намедод. Ҳатто ҳангоми даъво бо ҳамсараш лабханд мезанад ва ҷанҷолро ба шӯхӣ мебурд. Хола Қалам дар гузашта, вақте ҳанӯз хотираву ҳофиза дошт, бо киноя мегуфт:

– Ин духтари деҳотӣ писари шаҳрии маро бо ҳамин айёрӣ зери по кард, ҳоло дигар Ҳумайро «лоло»-ву дигарон «киха» шудаанд!

Арӯси хола дастархонро боз карду дар косаи шири доғ чанд тикка нон андохт ва дар ҳоле, ки ханда намегузошт лабонаш бо ҳам биёянд, гуфт:

– Кампир ҳамаро бо ҳам қатӣ мекунад, Зайнабро мешиносӣ, набераи кампир аз писари бузургаш. Дар Ванҷ зиндагӣ мекунад, модари як хона фарзанд аст, соле як бор ба меҳмонӣ меояд.

– Хола маро ҳам Санам хаёл кард... Гапҳои аҷибу ғариб зад, мегуфт, солҳо пеш вақте Санам дар хонаи мо зиндагӣ мекард, иттифоқи баде барояш афтодаст... Ман дар ин бора чизе намедонам... Модарам намехост мо аз Санам

суол кунем. Шояд шумо бидонед, ин ҳама сол бо мо ҳамсоя будед...

Ҳумайро дар гӯшаи дигари айвон рӯ ба Найсон нишаст, остинҳои барзадаашро поён оварду пероҳанашро аз хасу хошоки оғил пок кард ва бо садое, ки ба ҷуз ҳарду касе намешунид, гуфт:

– Росту дурӯғи он ҳодисаро қазоват намекунам, аммо мегуфтанд, ки ӯ бо як марди зандор робита дошт ва дар шонздаҳсолагӣ аз хонаи шумо фирор кард.

– Кӣ мегуфт?

– Ин ҳарфҳоро аз забони Моҳистон мешунидем, модарбузурги падарият ҳам овоза паҳн мекард.

– Ҳодисаи кадом сол буд?

– Ҳмм, Худо дурӯғгӯ накунад, Санам соле аз хонаи шумо рафт, ки ман Манучеҳрро ба дунё овардам ва модарат дугоникҳояшро. Писари ман қадам ба ҳаждаҳ гузошт, хоҳару додарат ҳам. Солашро худат бишумор. Баъди рафтани Санам, намедонам чаро, аммо Моҳистонро як муддат милисаву прокурор кашокаш кард, ҷойи корашро аз даст дод, аз ин хона ба ҳавлии падариаш нақли макон кард, қариб як сол онҷо буд, баъд бо дугоникҳояш баргашт. Падарат ҳамон сол рафт, ё ҳаминҷо буд, ёдам нест, аз он замон солҳо гузаштанд...

– Он мард кӣ буд? Ҳамоне, ки Санам бо ӯ фирор кард?

– Намедонам, инро модаршӯям медонист, аммо сир бой намедод, солҳои охир вақте ҳофизаашро аз даст дод, як чирту пиртҳое мегуфт, вале мо боварash намекардем.

– Чӣ мегуфт?

– Ёдам нест... аз худаш бипурс, гоҳо ҳофизааш мисли чароғ рӯшан мешавад... Хуб, ман биравам, ба назарам оташи зери ширро хомӯш накарда будам.

Найсон ба хола Қалам чашм дӯхт. Пиразан сар аз

суфра барнамедошт ва нонҳои таритшударо пушти ҳам нохоида фурӯ мебурд. Дар коса микдоре шир монд, ӯ як тикка нонро пора-пора ба коса андохт. Шири сард ба нони хушкида ба мушкил нуфуз мекард. Хола пораеро ба даҳон гузошту дар ин тарафу он тараф тоб дод, аммо натавонист фурӯ бубарад, нонро берун овардпу дар гӯшаи дастрахон гузошт. Найсон ба суфра наздиктар омад, ӯ пораҳои нонро дар шир ғарқ карду бо қошуқ фишор дод, тарит кард ва косаро пеши хола гузошт. Хола ин бор нону ширро беиштиёқ фурӯ бурд, иштиҳояш парида буд. Муддате ба косаи нимахолӣ хира шуд ва баъд нолаи нон дар даҳон, якпаҳлӯ ғелиду дарҳол хобаш бурд. Шабеҳи навзоде, ки пистони модар дар даҳон хобаш мебарад, ҷӯяи шир аз гӯшаи лаби нимабози пиразан сарозер шуд.

Найсон аз манзили хола Қалам парешону норозӣ баргашт, аз худаш асабонӣ буд, ки ба як қазияи қадимӣ ин қадар машкуку кунҷков шудааст, худро сарзаниш кард. «Охир ба ту чӣ? Соҳиби асрор зери сад хирвор хок орамидааст, Санамро ин ҳама сол надида будӣ, сад соли дигар ҳам набинӣ чизе тағйир намекунад!» Ҳавсала надошт аз паллаҳои айвон боло шавад, дар зинаи дуюм нишасту кафшҳояшро берун овард ва пойҳои варамашро дароз кард.

Аз хона садое берун намеомад, бошандагонаш ё хоб буданд, ё худро хоб вонамуд мекарданд. Фарзандони Моҳистон дар як ҳафтаи гузашта аз нолаву шеван, аз омадурафти таъзиягарон, аз суолҳои якрангу посуххои такрорӣ хаста шуданд. Бо ҳамдигар низ зиёд ҳарф намезаданд, агарчи як суол дар зеҳнашон мечархид: акнун чи хоҳад шуд. Найсону Нахлистон диплом доштанду ҷойи кор, аммо сарнавишти дугоникҳо дар байни замину осмон муаллақ буд.

Найсон ба ин мавзӯъ фикр намекард, Моҳистон қабл аз маргаш тамоми дорой ва пасандозҳои накдиашро, бо шумули ин хона ва як опортмони сеҳуҷрагӣ, ба ӯ вогузор кард. Дастуре надод, чун медонист, ки духтари боҳушу қобили эътимод дорад ва аз хоҳару бародараш муроқибат мекунад. Ӯ ҳатто ҳалли кинаи дерина бо холадухтарро бар дӯши Найсон гузошт.

Танзими ояндаи дугоникҳо барои Найсон ба андозаи мушкили холадухтар печида набуд. Ҳар чизе ба Санам марбут мешуд, рози сарбастаро мемонд, ки ин ҳама сол, ба таври мӯъҷизаомез аз ҷое дарз нахӯрда буд. Найсон як-як худиву бегонаҳо, шиносҳои хонаводагиро, хешони Санамро ба ёд овард. Аз ақрабои Санам танҳо писари аммаи ӯ, Диловарро медонист, ҳарду фориғуттаҳсили Донишгоҳи пизишкӣ буданд, ҳатто як замон ба якдигар майл доштанд. Аммо Моҳистон бо шунидани номи Диловар пешонӣ ҷинҷ мекард, аз ӯ хушаш намеомад. Амма Мунис низ робитаи писараш бо духтари Моҳистонро дар ҳамон оғоз қатъ кард ва нагузошт ин майл ба алоқамандӣ табдил шавад. Ҷавонҳо бо ҳам дӯст боқӣ монданд ва ҳоло дар як бемористон кор мекунанд. Гоҳу ногоҳ нигоҳҳои пур аз майли мутақобили онҳо ба ҳам бармехӯрад ва ҳарду аз хоҳиши лаб гузоштан бар лабҳои якдигар саршор мешаванд.

Найсон ба ҳамсараш алоқамандие надошт, издивоҷ бо ин ҷавони «ояндадор» тасмими Моҳистон буд ва Найсон мутеона ба он сар фуруд овард. Ҷавони пулдор аст, аммо ахлоқ надорад, мисли Диловар боҳуш нест. Найсон бо ҳамсараш на дидгоҳи муштарак дошт, на мавзуе барои суҳбат, гуфтугӯи ҳарду бо посухҳои кӯтоҳ маҳдуд мешуд, дилаш ҳеҷ гоҳ барои ҳамсараш гум намезад, ҳатто агар

ӯро як сол набинад. Аз оғоз медонист, ки ин издивоҷ дер давом намеорад, марги модараш ин поёнро наздиктар мекард.

Найсон интизор шуд, то ақрабаки соат рӯйи рақами ҳафт хобид, сипас телефонашро боз карду ба феҳрасти пизишкҳои шабкор назар андохт, Диловар сари кор буд, шумораашро гирифт. Акси марди ҷавон бо лабханди дилнишин рӯйи саҳфаи телефон зоҳир шуд.

– Чӣ шуд, ки дар ин субҳи зуд ёди мо кардӣ? – пурсид ӯ хушҳолона, лекин сонияе баъд садояш лаҳни ҷиддӣ гирифт.

– Ҳолат хуб аст? Ё дардҳо шурӯъ шуданд?

– Салом, хубам, на, дард надорам, то зоймон ҳоло роҳ дароз аст. Мехостам бубинамат... – ӯ ҳатто напурсид «чаро?»

– Чашм, кай ва дар куҷо?

–То як соати дигар мерасам, агар мушкил надорӣ, мехостам дар қаҳвахонаи канори бемористон якдигарро бубинем.

– Бошад, мунтазират мемонам.

Найсон ҳаддиақал се бор либос иваз кард, на ки пеши Диловар аз бадани пуф кардааш хиҷолат мекашид, ин тавр набуд, ӯ фақат либоси барои зани мотамдор муносибро пайдо намекард. Билохира аз ҳеҷ чизе сохт, домони васеи мишкӣ пӯшид ва булӯзи қаҳваӣ ва шоли сабукеро рӯйи сараш андохту аз кӯчаи борик бо қадамҳои сангин то дӯкони «Шашлики Мамадҷон» рафт. Офтоб аз гӯшаи осмон як қад баланд шуда буд ва дуди кабобхонаву гарду чанги ин ҷодаи касифро дар арғунчаки нурҳояш такон медод. Ронандагони таксиҳои интизори муштарӣ аз бекорӣ хамёза мекашиданду «дуд мехӯрданд» ва ҳар аз гоҳе бо нидои «таксии арзон, таксии арзон!» пиёдагардҳоро ба

мошинсаворӣ ташвиқ мекарданд. Найсон даҳону биниашро бо рӯсарӣ пӯшид ва бо ачала ба таксии канори чода нишаст.

* * *

«Сарнавишти инсон мисли қуръакашӣ будааст, ҳеч гоҳ намедонӣ, ки дар он тиккаи сарбаста чӣ навишта шудааст. Шоду бехиёл дар канори азизон умр ба сар мебарӣ ва гумон мекунӣ, ки ҳамеша чунин хоҳад буд, аммо ногаҳон як иттифоқи ғайри қобили тавзеҳ аз нокучо мерасад ва ту худро танҳову бепаноҳ меёби, азизтарин афрод бароят душмани қасамхӯрда ва баръакс, бегонагон дастгиру мададгорат мешаванд. Ҳайф, ки наметавон аз хун даст кашид, вагарна тамоми ин панч литрро бо хуни як саги хиёбонӣ иваз мекардам».

Хеле вақт буд Санам чунин «фалсафаварзӣ» намекард, аммо номаи дар сабад ором хобидаи Моҳистон оромиши ӯро ба ҳам мезад ва пояшро аз имрӯз ба гузашта мекашонд. Метавонист баланд шаваду номаро ба зарфи ошғоли пушти хона биандозад, аммо дасташ пеш намерафт, ҳавои худхӯрӣ дошт, мунтазири лаҳзае буд, то ҳисси кунчковӣ комилан бар ӯ пирӯз шавад ва дубора даст ба он сабад дароз кунад. Ин нома ӯро монанди парвона ба сӯйи нур, ё дурустараш, монанди як муътод ба сӯйи нашъа чазб мекард.

Дар ин чанд рӯз хотироти даврони кӯдакӣ ва навчавониаш шабеҳи мавчҳои як дарёи олуда то ба соҳили ҳофизааш омадурафт мекард ва аз қаъри он дарё чи партовҳое, ки берун намеовард.

Тасвирҳо тавре аз пеши чашмаш мегузаштанд, ки гӯё ҳаводис на солҳо пеш, балки дирӯз иттифоқ афтода буд. Ин рӯзҳо аглаб канори панчара менишаст ва гаштаву бар-

гашта ба сарнавишти худ мурур мекард…

«Аз замоне худро ёд дорам хола Моҳистон як бахши зиндагиям буд, гӯё чашм кушодаму ӯро дидам, ё шояд ӯро пештар медонистам, аз замоне, ки дар батни модарам будам ва холаи донишҷӯ дар хонаи мо ҳавелиро ҷорӯб мезад ва бо садои баланд тарона мехонд. Вагарна чаро як кӯдак бо доштани модари барҳаёт, бояд ин қадр ба хола алоқаманду вобаста шавад!

Маро дар синни дусолагӣ, дуруст, замоне, ки кӯдак акнун сурати худро дар ойина ва чеҳраи волидонашро дар аксҳо ташхис медиҳад, бо як чамадони кӯчак, як шалвори тар ва лабу даҳони пур аз оби димоғ ба хонаи холаи наварӯсам оварданд. Хола Моҳистон он замон 27 сола буд, вале ҳанӯз бача надошт ва аз Худованд як духтари ҷингиламӯй таваллo мекард. Омадани маро ағлаб ашк дар чашм ба ёд меовард, ба шиносу бегона мегуфт ва ҳар бор гиря гулӯгираш мекард. Аз бозгӯии ин қисса нияти баде надошт, шояд мехост хубии худро дар назари мардум барозанда нишон бидиҳад. Вале ин саҳнаро ончунон дар зеҳни кӯчаки ман ҳаккокӣ кард, ки гӯё худам низ шоҳид будам ва ҳар бор аз даврони кӯдакӣ ёд кунам, ҳамон бачаи фискашоли шалвораш тар пеши назарам меомад.

Модарам маро бо ҳамин сару ҳол ба хола Моҳистон ва хоҳари аз ман чаҳор сол бузургтарро ба аммаам супурду ба муҳоҷирати корӣ рафт. Ӯ аз сари нанг, барқасди падарам роҳи Русияро пеш гирифт. Падарам одами хубе буд, аммо иродаи қавӣ надошт, ба гуфти хола Моҳистон, ӯ аз сояи худаш метарсид, чи бирасад ба сафари Русия. Эй кош мерафт, шояд зинда мебуд ва ончи бар сари мо омад, иттифоқ намеафтод.

Падарамро дуруст ёд надорам, ӯро аз аксҳои як албоми фарсудаи хонаводагӣ мешиносам, ҳеҷ аксе дар он

албоми беҷилд обод набуд. Суратҳоро солҳо баъд аз болохонаи пур аз чанги хонаи хола пайдо кардам. Эҳтимол модарам ин албомро ба холаам дод, то мо решаҳои худро фаромӯш накунем, вале хола хотироту решаҳои моро бо кӯҳнаколоҳои дигар ба болохонааш андохт. Дар миёни аксҳо ягон тасвири муштараки волидонамро наёфтам, як ду акси алоҳидаи падарамро дидам. Аз он аксҳо марде бо чашмони ғамгин, гунаҳои фурӯрафта ва шонаҳои хамидаи шабеҳи пиронсолон ба ман нигоҳ мекард. Дар чилсолагӣ мисли шастсолаҳо буд – як инсони қаноатӣ, як коргари заҳматкаши корхонаи фароварди гӯшт, ҳуқуқаш ҳам ба андозаи худаш, назарногир ва нокофӣ... Ситорааш бо модарам дар ҳамин мояҳо мувофиқ наомад. Дар ғиёби модарам ягона хоҳари падарам, амма Мунис аз ӯ муроқибат мекард, оиладор буд, аз он сӯйи шаҳр меомаду барои бародараш ғизо мепӯхт, либосҳояшро мешуст, хонаашро тамиз мекард.

Аз муҳоҷирати модарам ним сол гузашта буд, ки падарам умрашро ба мо доду рафт. Остини либоси кориаш дар чархи гӯшт дармонд ва он дастгоҳи бузург ӯро мисли наҳанг ба комаш фурӯ бурд. Ман он вақт хӯрд будам, ин фоҷеаро солҳо баъд аз амма Мунис шунидам. Ӯ мегуфт: «Бародари бадбахтамро дар сандуқи сарбастае оварданду васати хона гузоштанд, гуфтанд «бозаш накунед», ӯро ношуставу бекафан ба хок супурдем. Янга рӯзи дафни бародарам ҳузур надошт, рӯзи сеюм омад, зоҳиран Русия рафта буд, аммо аз Туркия баргашт, ба назар хуб мерасид, ҷавон шуда буд. Зиёд намонд, пас аз маросими «ҳафт» озими Истамбул шуд, гуфт, ки дар кадом корхонаи дӯзандагӣ кор мекунад ва агар кораш барор бигирад, ҳамонҷо мемонад. Гуфтем: «бачаҳо чӣ мешаванд?» Гуфт, ки: «аз онҳо муроқибат кунед, ҷуброн мекунам». Амма Мунис

ин ҳодисаро буғз дар гулӯ нақл мекард. Барои бародари нокомаш мегирист ва баъд дуру дароз ба як нуқта нигоҳ мекарду сар такон медод, гиребони тавба мегирифт ва мегуфт: «Худованд аз нафрини модар паноҳ бидиҳад, бародарамро дуои модарам гирифт».

Аз модарам низ хотироти зиёд надорам, ӯро соле як бор барои чанд рӯз медидам, дигар ба ӯ меҳр надоштам, дилтангаш ҳам намешудам. Дар ибтидои муҳоҷираташ соле ду бор меомад, баъдҳо ин ду бор ба як бор табдил шуд. Вақте ин мартаба омад, холаам нагузошт биравад, гуфт, мехоҳад маро расман ба фарзандӣ бипазирад ва ризоияти модарамро талаб кард.

Хола Моҳистон мегуфт: «Хаёл кардам қаламу коғазро ба сарам мезанад, аммо ин корро накард, он қадар осон ба ариза имзо гузошт, ки ман шок шудам. Ӯ дар он Истамбул касеро дошт ва он мард барояш волотару болотар аз ҳама буд». Амма Мунис талаби фарзандхонӣ накард, ӯ гуфт: «фарзанди бародарам бе ин коғазбозиҳо низ фарзанди ман аст». Зани дурандеш буд, дилаш ба ҳоли модарам месӯхт.

Ақли мани кӯдак ба дарки ин таҳаввулот намерасид, ёдам ҳаст, ки хола Моҳистон маро бағал мекарду хушҳолона мегуфт: «Акнун расман духтари ман шудӣ!» Ва ман аз он рӯз ба баъд расману ҷисману руҳан духтари холаам шудам. Бароям чизе тағйир накард, аз замоне худро ёд дорам, шабу рӯз танҳо як чеҳраро медидам, чеҳраи холаамро, бо риштаҳои одат ва ишқу вобастагӣ бо ӯ гиреҳ хӯрда будам, агар нӯки гесӯи бофтааш аз кафам мерафт, хобам намебурд.

Хола ҳамеша бо хушдорҳои беҳисобаш меболид, мегуфт аксари ҷавонҳои Донишгоҳи пизишкӣ ошиқи ӯ буданд. Шояд рост мегуфт, охир хеле хушгил буд. Дар авло-

ди модариам ҳамаи занҳо хушгилу ба ҳам монанд буданд, аммо холаам дар хушгилӣ аз ҳама фаротар рафта буд. Чеҳрааш айбе надошт, ҳайкали болобаландаш низ.

Холаи таҳсилкарда ва нозанин, бо даҳҳо хушдору хотирхоҳ аз хонаводаҳои обрӯманд, бо як ронандаи автобус издивоҷ кард, ҳамоне ки тӯли ҳафт соли донишҷӯйӣ ӯро аз ойина тамошо мекард, аммо ҳарфе намезад. Аз худаш се сол ҷавонтар буд, сурати зишт надошт, ӯро ҳатто мешуд хушандом гуфт. Лоғар буд, бинии баланд, гунаҳои устухонӣ, сурати кашида ва қомати аз хола як сару гардан баланд дошт, аммо ранги чашмонаш аҷиб буд, ғайримаъмулӣ ва ба навъе тарснок, беранг мисли дуд, ки дар пасзаминаи абрӯвони пурпушт ва мижгонҳои баланди сиёҳ мисли ду нуқтаи сафед ба назар мерасид. Мӯйи тобдораш то шонаҳояш механиид ва ӯро бештар шабеҳи як бозигари футбол мекард, то ронандаи автобус. Сокиту андешаманд буд, ба нудрат механдид, комилан баръакси хола Моҳистон, ки садои хандааш дар ҳавелии ҳамсояҳо шунида мешуд.

Хола муддатҳо сайъ кард хулқу шахсияти ронандаи автобусро тағйир диҳад, аммо талошҳояш самар надоданд. Саранҷом ӯро ҳамон тавр, ки буд пазируфт: дилгир, сокит, абус.

Алорағми эҳсоси феълиям нисбат ба хола Моҳистон, бояд эътироф кунам, ки дар кӯдакӣ бароям беҳтарин модар буд, мушфиқтар аз ҳар модари дигар. Модари худам ба санади сарпарастӣ имзо гузошт ва бо ин пайванди байни мо баякбор гусаста шуд. Баъд аз имзои он санад якчанд бор дидамаш, бароям ҳадя овард, вале бо ман дигар ҳамчун бо духтари Моҳистон бархӯрд мекард. Шояд дӯстам медошт, албатта дӯст медошт, аммо намехост алоқамандиашро ба намоиш гузорад ва хоҳарашро ноароҳат кунад.

Тавзеҳаш бароям душвор аст, аз ин рӯ ман ҳеҷ гоҳ ӯро барои ба холаву амма раҳо кардани ману хоҳари бузургам маҳкум накардам, ҳатто дар рӯзҳои сахт ва ғамангези зиндагиам. Ҳамеша фикр мекардам, ки шояд барои ин кор далеле дошт, зиндагӣ охир ба ин содагӣ нест, ман инро хеле зуд фаҳмидам.

Хола Моҳистон нахустин бор дар чаҳорсолагии ман бордор шуд. Аз шодӣ дар курта намегунҷид, маро бештар эрка мекард ва мегуфт: «Худованд ин бачаро аз баракати ту ба ман дод, умре мадюни ту хоҳам буд!» Сарамро рӯйи шикамаш мегузошт, то тик-тики қалби хоҳаракамро бишнавам.

Тифли хола авоили моҳи апрел дар авҷи боронҳои баҳорӣ ба дунё омад, ба ӯ Найсон ном доданд. Шабеҳи акси даврони тифлии ман буд. Ман хеле дӯсташ медоштам.

Хола Моҳистон духтарашро дар ҳузури ман зиёд навозиш намекард, то ҳасодат накунам, аммо гоҳо медидам, ки ангӯштҳои пойи кӯчаки ӯро дона-дона мебӯсид ва ба дидаҳояш мемолид. Ҳасудиям мешуд, ба гӯшае мерафтаму ашкҳоямро бо пушти даст мерӯфтам.

Хотираи ман барвақт шакл гирифт, ҳанӯз ҳам метавонам баъзе пораҳои парокандаи даврони кӯдакиамро ба хотир биёварам. Даври дастархон ҳамеша сари зонуи шавҳари хола менишастам, бо ман мисли падар меҳрубон буд, луқмаи аввалро ба даҳони ман мегузошт. Мисли бисёр бачаҳои бепадару модар ва таҳти парастории ақрабо, мудом ниёз ба тавсифу тамҷид доштам. Мехостам хола бо ман ифтихор кунад, маро бештар аз Найсон дӯст дорад. Духтари боҳӯш будам. Дар панҷсолагӣ ҳамаи ҳарфҳоро дуруст талаффуз мекардам, ҷумлаҳои солиму мураккаб месохтам ва аз як то сад мешумурдам.

Дастёри беминнати хола будам, шири бачаашро медодам, пӯшакҳояшро мепӯшондам ва ҳатто хонаро бо ҷорӯб мезадам. Холаи хастаҳол аз бехобии шабона дастонамро мебӯсид ва мегуфт: – «Агар дар умрам як кори дуруст кардам, ҳамин фарзандхонии ту буд».

Найсон зуд бузург шуд, дастикам ба назари ман чунин менамуд, дандонҳояш неш заданд, кам-кам забон ҳам баровард ва акнун бо шеваи паррандаҳо бо худ «ғут-ғут» мекард.

Таваллуди кӯдак хулқу сирати шавҳари холаамро каме дигар кард. Забонаш мисле, ки боз шуда буд, бачаро ба даст мегирифту бо нозуктарин садо ва бо шеваи кӯдакона бо ӯ «леле пепе» мекард. Ба сару рӯяш бӯс мезад, нигоҳаш ба ман меафтиду хиҷолатомез мегуфт: – «Санам, духтари хушгилам, туро бештар аз ин арӯсак дӯст медорам». Маро мебӯсид ва сарамро навозиш мекард, хориамро меовард. Баъд ба хотири дигар кардани рӯҳияи ман мисли асп маҳмез мезад ва мегуфт: – «Кӣ мехоҳад ин аспи тозиро саворӣ кунад?» Ба пушти ӯ меҷаҳидам ва хола кӯдакро ба бағалам мегузошт. Баъд шавҳари хола «хаста» мешуду ба пушт мехобид ва моро рӯйи шикамаш менишонд. Аз ин аспбозӣ хушаш меомад, онро борҳо такрор мекард.

Зиндагӣ идома дошт, модарамро фаромӯш кардам, вақтам бо хола хуш мегузашт, аммо тарви маъмул нохушӣ ногаҳон ва аз нокуҷо омад.

То ҳафсолагиам се моҳи дигар монда буд, хола Моҳистон бароям мактаб интихоб мекарду санад ҷамъ меовард, вале ман ногаҳон мариз шудам. Бемории аҷибе буд, бо кобусҳои нимашабиам иртибот дошт, ҳар бор як хобро медидам, як рӯъёи тарснок ва олуда ба нафасҳои амиқу сӯзонро.

Дар он кобусҳои нимашабӣ касе побарчин ба сари болинам меомад, нафасҳои сангинашро қурт медод, то шунида нашаванд, маро ба паҳлӯ мехобонду дар паҳлӯям дароз мекашид ва зонувонамро бо дастони араққардаву лазиҷ ламс мекард. Ин рӯъё он қадр тӯл мекашид, ки ингор рӯзу шабон дар он кобусҳо зиндагӣ мекардам. Хобам олуда ба дуди сигор буд, он бӯй гӯё аз дари айвон ба дохил меомад ва маро хафа мекард... Хобҳои ман бо ин дуд тавъам буданд.

Ман акнун аз хонаи хобам, аз бистарам метарсидам, эҳсоси дармондагӣ мекардам, бо ҳарос пилк ба ҳам мегузоштам ва ба маҳзи дур шудани дасти хола аз дастам чашмонам худ ба худ боз мешуд, гӯё хобе дар онҳо набуд.

Хола Моҳистон нигаронам шуда буд, маро назди мутахассиси мағзу аъсоб бурд, бароям мусаккину доруйи хобовар гирифт. Аммо он даво ба кобусҳои нимашабӣ таъсиргузор набуд, танҳо маро лакоту пакар мекард, он дасти таболӯд ҳамоно нимашабҳо меомаду зонувонамро ламс мекард.

Ман аз як духтараки шӯхи хушҳол ба як бачаи тарсӯйи гушагир табдил шудам, он қадр ғарқ дар он тарс, ки ҳатто зонувони арӯсакҳоямро мебастам ва онҳоро зери тахти хоб пинҳон мекардам, то он дасти нимашабӣ ба пояшон нарасад. Хавосам парешон буд, зеҳнам рӯз то рӯз кунд мешуд, дигар наметавонистам рақамҳоро то сад бишмарам. Вазн кам кардам. Амма Мунис аз маризиам огоҳ шуду ба диданам омад, аз хола Моҳистон хоҳиш кард, ки маро барои ду се ҳафта ба назди хоҳарбузургам бифиристад.

Хола дарҳол розӣ шуд, метарсид, ки агар иттифоқе рух диҳад, сояаш рӯйи ӯ меафтад, аммо шавҳараш ахм кард, ӯ ба рафтанам розӣ набуд, мегуфт: «кӯдакро кабутари дубома мекунед».

Ду моҳи тобистон дар хонаи амма Мунис ва дар канори хоҳарбузургам Шабнам мисли ду рӯз гузашт. Дар ин ду моҳ на дору хӯрдам, на хоб медидам, вазн гирифтам, гунаҳоям гулобӣ шуданд. Намехостам ба хонаи хола баргардам, он хона бароям бо ҳамон кобусҳои нимашабӣ муртабит буд.

Мутаассифона, аммаи фақирам наметавонист ба болои хоҳарам маро низ саробон шавад, ноилоҷ ба хонаи хола Моҳистон баргаштам.

Шабе аз шабҳо, дақиқан лаҳзае, ки панҷаи таболӯд ронҳои маро ламс мекард, ногаҳон чашмам боз шуд ва нимхобу нимбедор он дастро аз тани худ дур кардам, рӯъё набуд, вуҷуди воқеъӣ дошт ва ман бо тамоми овоз ҷиғ кашидам. Аз байни пилкҳои ашколуд дидам, ки шабаҳе мисли мор аз бистари ман поён хазид ва аз интиҳои болопӯшам берун рафт. Чароғи шаб сояи ваҳшатноки монанди ғулро дар девор кашид ва ман аз тарс ғаш кардам. Вақте чашм кушодам, хола Моҳистон ва шавҳарашро болои сарам дидам, нимабараҳна буданд. Шавҳари холаам дертар кунҷковона аз ман пурсид: «Он шаб батакрор мегуфтӣ касеро дар бистари хобат дидӣ... дуруст фикр кун, шояд боз ҳам кобус буд?» Ман аз ин суолҳо метарсидам, асабӣ мешудам, намехостам касе дар бораи он даст аз ман бипурсад, ба ҷойи посух домани гиряро сар медодам.

Шавҳари хола сарамро навозиш кард ва гуфт: «Натарс, то ман зиндаам, касе ба ту осеб намерасонад».

На он вақт ва на баъдаш аз робитаи мармузи байни хола ва шавҳараш сар дарнаовардам. Шаш сол аз зиндагии муштараки онҳо мегузашт, аммо он қадр аз ҳам дур ва бо ҳам бегона буданд, ки барои ташхиси ин воқеият зарур набуд равоншинос бошӣ. Ҳеҷ гоҳ шоҳиди нозу истиғ-

нои хола ва нозбардориҳои он мард набудам. Як робитаи аҷибу ғариб буд, ингор хола бо ин марди дилгирифт, ки соатҳо дар такяи сутуни айвон сар ба сукут мерафт ва сигор дуд медод, танҳо барои ҳамл издивоҷ карда буд, гӯё байни шавҳараш ва буққаи ҳамсоя, ки аз хона ба хона барои бордор кардани модаговҳо мебурданд, фарқе намедид.

Ӯ баъди Найсон як духтараки дигар зоид ва барои се сол рухсатии ҳомиладорӣ гирифт. Исми бачаашро ёд надорам, вале бо номи Найсон ҳамнавоӣ дошт. Ширину кӯчулу буд ва пӯсташ мисли махмал нарм. Хола бачаҳояшро ноз мекард, садояшро ба тамоми ҳавелӣ сар медоду барояшон лолоӣ мехонд.

Ман аз нозу навозишҳои модари худам хотироте надоштам, ҳамон тавр ки гуфтам, хеле барвақт аз ӯ ҷудо шудам. Солҳо пеш, вақте гоҳу ногоҳ бо ҷомадонҳои пур аз ҳадя аз Туркия бармегашт, аз ӯ мегурехтам, пушти домани хола пинҳон мешудам, эҳсоси бегонагӣ мекардам. Баъдҳо ӯро ба куллӣ аз ёд бурдам.

Модарам пас чанд сол зиндагиашро дар Туркия сомон дод ва хоҳари бузургамро бо худ бурд. Мехост маро низ бо худ бигирад, хола розӣ нашуд, санади фарзандхониро дар даст алвонҷ дод ва бо садое, ки ба гӯши сокинони кӯча мерасид, фарёд зад: «Бираву дигар роҳи ин хонаро фаромӯш кун, вагарна туро шармандаи ҳарду олам мекунам!» Намедонам ӯ чӣ далели шармоваре аз модарам медонист, ки таҳдидҳояш коромад шуд, аз он сол ба баъд дигар модарамро надидам.

Мегӯянд: «каҷ бинишину рост бигӯй» - хола ишқашро байни ману духтаронаш баробар тақсим мекард, ҳатто гоҳо ба ман бештар медод. Бо гузашти солҳо фаромӯш кардам, ки ӯ модари воқеии ман нест. Нозҳоямро меха-

рид, хостаҳоямро бидуни чуну чаро иҷро мекард, бароям дасти каме аз модар надошт.

Дар ҳавои ин хушбахтӣ ба клосси дуюм ва ба синни нӯҳсолагӣ расидам, хату холам, кам-кам мисли ғунчаи садбарг боз мешуд. Оҳиставу ноаён ба он давраи зиндагӣ қадам гузоштам, ки пояи сифатҳои ояндаи як бача гузошта мешавад, фарҳанги рафтор ва аввалин робитаи огоҳонааш бо наздикону ҳамсолон шакл мегирад. Аммо гоҳо як эҳсоси аҷиби ношӣ аз изтироби ношинос ва ғайри қобили тавзеҳ ногаҳон аз ҳеҷкуҷо пайдо мешуд ва вуҷудамро фаро мегирифт. Дар он ҳисси ҳовӣ аз тарсу нороҳатӣ мабное вуҷуд дошт, фақат наметавонистам онро ташхис бидиҳам. Ҳамеша аз сояҳо метарсидам, як далелаш ҳамон кобусҳои нимашабии ду-се соли пеш буд, далели дуюм як ҳисси links мармуз, ки гӯё сояе мудом ба думболам мегашт, садо надошт, вале бӯй дошт, шабеҳи бӯйи сӯзани дарахти коҷ...

Зиёд тӯл накашид, то манбаи он ҳисси ҳовӣ аз тарс билохира ошкор шуд…

Рӯзе аз рӯзҳо ману Найсон дар хона арӯсакбозӣ мекардем. Шавҳари хола аз дур ба мо хира шуда буд, гумонам ҳатто мижа ба ҳам намезад. Ногаҳон омаду чаҳорпоя истод ва моро ба аспсаворӣ даъват кард. Мо хушҳолона ба пушташ паридем. Ӯ аз замони кӯдакиям ҳар гоҳе маро ба пушташ менишонд ва шабеҳи асп гирди хона метохт. Он рӯз низ ба пушташ нишастем, каме лук-лук роҳ рафт ва баъд маҳмез заду моро ба замин афканд. Ману Найсон ҳарду ба замин ғелидему аз ханда нафасгир шудем. Язна ҳам мисли асп дар замин ғел мезаду шиҳа мекашид. Дар авҷи ин бозӣ дасти ӯ ба шармгоҳам расид ва мӯй дар танам рост шуд. Ин як ламси тасодуфӣ набуд, ӯ амдан дасташро ба шармгоҳам дароз кард. Бо ҳарос худро канор кашидам,

ханда аз лабонам нопадид шуд. Дигар ҳеҷ гоҳ ба пушташ нанишастам...

Баъдҳо низ гоҳу ногоҳ «инҷо биё, духтари додош» мегуфту маро бағал мекард, гунаҳоямро мебӯсид, аз он дӯстдориҳо ғашам меомад, худро мисли бачаи хорпушт дарҳам мекашидам. Духтарҳояшро ҳам навозиш мекард, аммо меҳрубониҳояш бо ман фарқ дошт...

Шавҳари холаам моҳҳо бекору хонанишин буд, ба ин далел оташи даъвои байни зану шавҳар ҳамеша аланга мезад. Саранҷом хола бо миёнравии дӯстони бонуфӯзаш барои ӯ дар як ширкати хориҷии боркашӣ кор пайдо кард. Гуфт, ки агар кораш хуб бошад, дар оянда ба хориҷи кишвар интиқол меёбад. Шавҳари хола акнун ҳафтаҳо аз хона дур буд ва ман дар ғиёбаш нафаси озод мекашидам. Гоҳо бехабар бармегашт, ӯро медидаму дилам чун деги дудгирифта сиёҳ мешуд. Дар такяи сутуни айвон зонувони лоғарашро бағал мекарду чашм ба дуриҳо медӯхт ва дуд аз сигори гӯшаи лабаш фаввора мезад. Маро медиду ба сӯям оғӯш мекушод, фурсати бағал карданамро аз даст намедод.

Даврони бачагӣ ва оғози наврасиам таҳти фишор отифӣ мегузашт.

Аз хола канда намешудам, мехостам ҳамеша дар мадди назарам бошад. Шавҳараш фаҳмида буд, ки аз ӯ рамидаам, ба ӯ машкук шудам, сайъ мекард рафтораш мисли гузаштаҳо бошад, худро бепарво вонамуд мекард, аммо нигоҳи он чашмони мисли дуд берангаш чизи дигар мегуфт.

Мехостам аз чашмони сар ба зери ӯ, ки мисли мардҳои муаддаб аз нигоҳ кардан ба чеҳраи зани бегона худдорӣ меварзанд, ба мағоке паноҳ бубарам, аз назарҳо дур ва ноаён, мисли хонаи муш...

Боре хола хост бо дӯстонаш ба осоишгоҳ биравад ва тасмим гирифт ману Найсонро ба шавҳараш вогузор кунад. Чунон доду фарёде бапо кардам, ки садоям ба гӯши ҳамсояҳо расид, домани холаро сар намедодам ва мисли курраи улоғ дар замин ғел мезадам. Хола Моҳистон аз ин рафтори ман тааҷҷуб кард, пурсид, ки чаро намехоҳам бо Найсон дар хона бимонам, посух надодам. Қарор шуд маро ба хонаи амма Мунис бифиристанд.

Баъдҳо, вақте бузург шудам, ағлаб фикр мекардам, ки чӣ тавр дар он синни поён тавонистам нияти шайтонии он мардро дарк кунам. Эҳтимол худованд ҳамроҳ бо ҷисми заъфпазир ҳисси шашумро ба зан ҳадя кардааст, то фарди бадахлоқро бишиносад, сиёҳро аз сафед фарқ кунад.

Бо Зайнаб, наваи хола Қалам дар як синф таҳсил мекардам, ҳар субҳ бо ҳам мадраса мерафтем ва зуҳр якҷо бармегаштем. Аммаи ӯ бо шавҳараш зери сақфи онҳо зиндагӣ мекард. Боре аз ӯ пурсидам:

– Язнаат туро бағал мекунад? – ҳайрон шуд.

– На, ӯ маро дӯст намедорад, ҳамеша сарзаниш мекунад, мисли бародарам, – Сипас пурсид:

– Шавҳари холаат туро бағал мекунад? – гиряам омад, чизе нагуфтам. Баъзе рӯзҳо хола бачаҳояшро назди пизишк мебурд ва ман пеши дӯстам мемондам. Язна боре ба думболам омад, доштем ғизо мехӯрдем, садояшро аз берун шунидаму такон хӯрдам, чумча аз дастам афтид. Хола Қалам рӯйи матоъи алвон нақшунигор мекашида ва гӯё ғарқи халлоқияташ буд, дар ҳоле, ки сар аз кор барнамедошт, ногаҳон бо садои хеле нарм пурсид:

– Язнаат чи марди хубест, аз ту муроқибат мекунад, ту ва холаат хушбахтед, ки ӯро доред, магар не? – Зани боҳушу хирадманд буд хола Қалам, баъд аз ин ҷумлаи

баланд сар бардошт ва ба ман хира шуд. Дигар даст ба ғизо назадам, худро ақиб кашидам ва зонувонамро бағал кардам.

– Агар Моҳистон дар хона набуд, аз мадраса мустақим пеши мо биё, Зайнаб аз риёзиёт ақиб мондааст, ба ӯ кӯмак мекунӣ, бошад?

Солҳои сахте буданд он солҳо, равони ман дар он муҳити «тӯрида», тираву гилолӯд, дар он фазои носолим ва зери нигоҳи ду чашми мисли мағок холӣ, шакл мегирифт. Мардумгурез шудам, ба ҳеҷ касу ҳеҷ чиз эътимод надоштам.

Баданам новобаста аз ҳолати равониям бо суръат рушд мекард, синаҳоям ба андозаи гелос сар кашиданд, вежагиҳои кӯдакӣ дар суратам ба хату холи навҷавонӣ иваз мешуд. Ҳарчи бузургтар мешудам, худро аз ӯ дуртар мекашидам.

Дигар иҷоза намедодам маро бағал кунад, панҷа ба пушту паҳлӯям бизанад.

Боре хола мӯйҳоямро шона заду дуру дароз ба чеҳраам нигоҳ кард ва аз ғояти ваҷд гуфт: «Духтарам чӣ хушгил шудааст, касеро дар ин атроф зеботару мақбултар аз ӯ дидаӣ?». Шавҳараш аз зери абрӯвони пурпушт ба ман чашм дӯхт: «Нав мутаваҷҷеҳ шудӣ? Ман муддатҳост ҳусни духтарамро тамошо мекунам».

Вуҷудам аз каломи ӯ такон хӯрд, чархидам то рӯямро набинад, аммо хаёлам мижаҳои баландаш пуштамро сӯрох карданд.

Хола Моҳистон як пизишки муътод ба кор буд, агар бачаҳояш набуданд, эҳтимол аслан аз бемористон ба хона барнамегашт. Маро ба ҳоли худ гузошта буд, намедонист аз сарам чӣ мегузарад. Зиндагиам ҳавое дошт олуда ба тарсу нобовариву нафрат. Он замон аввалин бор эҳсоси

бекасиву танҳоӣ кардам, ҳеҷ кас дар пуштам набуд, ба ҷуз худам.

Аммо ҳамон тавр ки як оҳӯ бо он ҳама зираку ва ҳавосси зоҳириву ботинӣ аз чанги паланги дар камин ҷони саломат ба дар намебарад, ман низ саранаҷом ба дом афтодам, дар баҳори понздаҳуми умрам, шабе, ки хола дар бемористон навбатдор буд ва шавҳараш бехабар аз сафар баргашт.

Нимаи шаб вақте духтарҳои холаро хоб бурд ва пилкҳои сангини ман низ ба ҳам омаданд, ногаҳон нафаси доғаш бо ҳамон атри бӯйи коҷ ба димоғам зад. Мисли мор бесадо омад. Бо як даст даҳонамро пӯшид ва ангушти ишоратии дасти дигарашро ба лаб бурду садои «шшш» даровард. Чашмонам аз ҳарос бузург шуданд, нафасам ба дарун печид, тамоми нерӯямро ҷамъ овардам ва ханҷол ба синааш задам, ончунон ки нохунҳоям аз пӯсти танаш пур шуданд. Бо бозӯи росташ маро ба тахти хоб пахш кард ва ба болоям хез зад. Аз тарс шах шудам. Ончи баъд иттифоқ афтод дард буду ҳолати нимбехудиву нафастангӣ, мисли як шиканҷаи бепоён. Намедонам чи қадар тӯл кашид то аз болои ман баланд шуд, рафтанашро надидам, нигоҳи чашмони бузургшудаам дар сақфи нимаравшани ҳуҷраи хоб ях баст. Ингор хоб будаму ваҳшат медидам. Ногаҳон бӯйи сигор ба машомам расид, ин ҳамон дуд ва ҳамон бӯйи атри коҷ буд, аз кобусҳои кӯдакиям.

Муддате сархӯрдаву яхзада будам, вақте ба худ омадам, ки сапеда медамид ва паррандаҳо дар берун «чирик-чирик» мекарданд. Лаккаҳои хуни арғувониро дар рӯпуши сафед дидаму ончи шабона аз сарам гузашт, дубора пеши назарам омад, хаёлам осмон ба сарам фурӯ рафт. Поёни шикамам аз дард месӯхт, ингор дастгоҳи ҳаффорӣ аз дарунам рад шуда буд. Мехостам ба тамоми овоз фарёд

бикашам...аз худ ва аз ҳарчи дар ин дунё буд, мутанаффир будам.

Ман он шаб гӯё ба андозаи сад сол пир шудам, бо давр задани чанд марҳилаи зиндагӣ якбора расидам ба фасли пирӣ, шудам як инсони фарсуда ва нодаркор, бе ҳеҷ ангезае барои зиндагӣ. Халои бузургеро дар дарунам эҳсос кардам, мисле ки касе узвҳоямро аз шикамам берун оварда буд ва танам бо ман эҳсоси бегонагӣ мекард. Онҷо буд, ки фаҳмидам, таҷовузи як зан танҳо дарррондани пардаи бакорати ӯ нест, балки даридани бакорати рӯҳи ӯст, лаккадор кардани равони ӯст. Чизе барои ҳамеша дар зеҳнам тағйир кард, дигар он одами қаблӣ набудам, як фарди мутафовит будам, бо рӯҳи ҷариҳадор, осебпазир ва шикананда.

Ҳодисаро ба касе нагуфтам, ба кӣ ҳам мегуфтам? Дигар на модар доштам, на хоҳар, ба ҷуз як аммаи маризу фақир, ки нахостам ӯро ба ғамҳои худ гирифтор кунам. Хола то ин дам ҳама касам буд, аммо як ҳиссе ба ман мегуфт, ки ӯ дигар дар пуштам нест.

Он субҳ хоболӯд аз басти шабона баргашт, ранг дар рӯй надоштам, аммо ба ман нигоҳ накард, ба бачаҳояш низ. «Муроқиби хоҳаронат бош, ман каме бихобам, тамоми шаб ҷарроҳӣ доштам, мижа ба ҳам назадам», гуфт ва ба хонаи хобаш рафт.

Баланд шудаму аз дар берун рафтам, беҳадаф чанде дар он кӯчаи танг парса задам, ниҳоят ҷуръатамро ҷамъ кардаму дари хонаи хола Қаламро кушодам.

Ӯ рӯйи долон нишаста буд, чун ҳамеша болиште рӯйи зону дошт ва дар матоъи қирмиз суварнигорӣ мекард. Аз рӯйи қолаб расм намекашид, тасвирҳоро аз ёд медонист, ҳатто метавонист бо чашми баста наққошӣ кунад. Лабҳояш ва ангуштонаш чун ҳамеша ранголӯд буданд.

Маро диду сар аз кор бардошт, болиштро канор гузошт ва нигарон ба рӯям хира шуд. Зани заранге буд.

Пурсид, ки «чӣ шуд?», посух надодам, гиря гулӯгирам кард, сарамро оҳиста рӯйи зонуяш гузоштам, ашкҳоямро қурт додам ва достони шабро ба ӯ гуфтам. Панҷааш дар лойи гесувони ман ларзид, зани ба ин заковату зиракӣ дастпоча шуда буд, гаштаву баргашта мегуфт: «натарс, ҳама чиз хуб мешавад».

Бо чашмони аз гиря мутаваррим ба хона баргаштам ва беҳолу бемадор ба тахт хазидам. Хола Моҳистон наздикии ғурӯб дари хонаи хобамро бо ғазаб боз кард, маро аз ҷой бардошту силии маҳкаме ба баногӯшам зад.

– Ту ба хола Қалам чӣ гуфтӣ???

Фурсат надод лаб боз кунам, силии дигаре ба суратам зад.

– Агар бори дигар бишнавам, ки моро назди ҳамсояҳо ғайбат мекунӣ, забонатро аз ҳалқумат берун мекашам!

Бо хола қаҳр кардам, васоиламро бардоштаму беиҷоза ба хонаи амма Мунис рафтам. Амма ошуфтагиамро эҳсос кард, аммо чизе напурсид. Ӯ ҳамеша ҳамин тавр буд, ингор аз ҳама нохушиҳо фосила мегирифт. Эй кош мепурсид, ҳодисаро мегуфтам, шояд кумакам мекард. Чизе напурсид, ман низ аз ҳодисаи шаби гузашта лаб во накардам. Аз ӯ адреси модарам ва хоҳарамро пурсидам, дар он шароит онҳо ягона гузинаи ман буданд. Амма Мунис на ба интернет кор дошт, на ба телефони ҳамроҳ, адресу рақами телефони хоҳарамро дар пораи коғазе навишта будаст, ҳарчанд фикр кард, аммо натавонист ҷои он коғазро ба хотир биёрад. Хола Моҳистон пас аз ду ҳафта ба думболам омад, илтиҷо кард, ки ба хона баргардам. Намехостам баргардам, аз холаву хонааш безор будам, аммо нигоҳи илтиҷоомези амма Мунисро дидаму фаҳми-

дам, ки ҷуз баргаштан ба он лонаи шарорат чораи дигаре надорам.

Намедонам, хола Қалам ба Моҳистон чӣ гуфт, аммо вақте аз хонаи амма Мунис берун шудем, маро бағал карду бо оҳанги ранҷиш гуфт: «Чаро ба Қалам гуфтӣ, ки мо туро аглаб танҳо мегузорем, бачаҳоро бар души ту бор кардаем, онҳо хоҳарони ту ҳастанд, ту духтари мани... язнаат туро аз фарзандонаш кам намедонад, дӯстат медорад, аз рафтанат бисёр нороҳат шуд». Фаҳмидам, ки аз таҷовуз хабар надорад.

Агар то он лаҳза умедворие ба пуштибонии хола Моҳистон доштам, аз он лаҳза ҳама барбод рафт, робитаи ману ӯ тағйир ёфт, аз самимияту алоқамандии қаблӣ чизе боқӣ намонд.

Дар он хона дигар ҳеҷ пайванде надоштам, ба ҷуз рози байни ману он фосид, ки аз ёд бурданаш дасти ман набуд. Мутаассифона ин танҳо риштае набуд, ки моро бо ҳам пайваст мекард...

Чаҳор моҳ пас аз таҷовуз, тик-тики набзеро дар зери нофам эҳсос кардам, чизе шабеҳи заминро бо ангушт ҳафр кардан. Гурусна будам, хаёл кардам рӯдаҳоям дар талаби ғизо такон мехӯрданд, ба он ҷумбиш таваҷҷуҳ накардам. Эй кош каме ақл медоштам ва мефаҳмидам ин чӣ аломатест! Вақте фаҳмидам, ки дигар кор аз кор гузашта буд. Бача дар шикамам дил мезад.

Дар сахттарин даврони зиндагиам бо ин бори сангини бадбахтӣ таку танҳо мондам. Мегӯянд, ҳар бунбаст роҳи хуруҷ дорад, аммо ин бунбаст бурунрафт надошт, магар дуд шудану рафтан ба осмон!

Гӯшам ҳамеша ба суҳбатҳои телефонии хола бо бемоҳонаш боз буд, ҳар машваратеро ӯ ба занҳои обистан медод, баръакси он амал мекардам. Соатҳо дар оби гарм ме-

нишастам, бори сангин мебардоштам ва аз шохи дарахт ба замин меҷаҳидам. Ин ҳама талоше буд беҳуда, агар Худо инсонро мӯҷиби бадбахтӣ карда бошад, чорае надорад, магар он шарбати талхро то ба охир бинӯшад!

Азбас қоматам баланд ва шикамам борик буд, бордориам то моҳи панҷ маълум намешуд, вақте дигар пинҳон карданаш имкон надошт, матоеро даври камарам мепечидам, ончунон танг, ки нафасгир мешудам. Корам шуда буд пинҳонкорӣ ва гӯшбақимор будан, аз ин ҳол хаставу безор шудам.

Аз ҳама канораҷӯӣ мекардам, махсусан аз он мутаҷовиз, ки акнун моҳе як бор ба хона бармегашт, аз бордориам хабар надошт, худро ағлаб аз ман дур мегирифт.

Тарсу ваҳшат ёварони хубе набуданд ва маро то рафт гиҷу раҳгумзада мекарданд, бордорӣ ҳам асроре пинҳоншуданӣ набуд. Он ки дар шикамам меҷулид, ба розу асрори ман коре надошт, рӯз то рӯз месабзид ва акнун ӯро мешуд бо даст ламс кард. Намедонистам ин тифл кай, бо чӣ наҳва ва дар куҷо бояд аз шиками ман берун шавад ва баъд бояд бо ӯ чи кор кунам? Дигар чорае ҷуз таслим шудан ба сарнавишт надоштам, коре аз дастам намеомад, гиҷу сардаргум будам, бо худ гуфтам: «ҳар чи бодо бод!»

Хола Моҳистон як ҳафта пеш оғози соли хониш аз бордориам огоҳ шуд, дар моҳи ҳафт... тасодуфан.

...Соли охири таҳсилам буд, бароям либоси мактабӣ харид ва аз ман хост, ки онҳоро ба бар кунам, то ба дурустии андозааш мутмаъин шавад. Майле ба пӯшидани он либосҳо надоштам, медонистам, ки достони мактабу таҳсил барои ман тамом шудааст. Кадом мактаб, вақте зиндагиам дошт табоҳ мешуд! Аммо ӯ исрор кард, ночор ба утоқи хоб рафтам ва матоъро аз даври камарам берун овардам. Хола ногаҳон омад, бидуни ангушт задан ба дар,

ӯ солҳои ахир ба ҳарими хусусии ман эҳтиром мегузошт, аммо он рӯз бар хилофи одат рафтор кард. Бо тани урён сари ҷоям ях задам. Агар бигӯям, ки хола аз дидани шиками дамидаи ман шокӣ шуд, яъне чизе нагуфтам! Ҳеҷ гоҳ ӯро дар чунин ҳолат надида будам. Ранги сураташ мисли гаҷи девор сафед ва чашмонаш ба андозае бузург шуданд, ки хаёлам дар он сурат ба ҷуз ин ду чашм узви дигаре вуҷуд надошт. Бо даҳони боз ангушт ба сӯйи шиками ман баланд кард, дасташ мисли барги бед меларзид.

Ёрои сухан гуфтан надошт, бо садои барои гӯшҳои ман бегона пурсид:

– Чаро?... Кӣ?

Аз тарс худро ақабнокӣ ба гӯшаи девор кашидам. Хола бо чеҳраи аз ваҳшат дарҳамрафта мисли одами маст калавид ва бо қадамҳои ноустувор ба тарафи ман омад.

Муддате гузашт то тавони сухан гуфтан дубора бар ӯ баргашт.

Шоки аввалро пушти сар кард ва тадриҷан ба худ омад. Аз ман чашм намебардошт, гӯё маро бори аввал медид.

Ниҳоят як нафаси амиқ кашид ва бо садое, ки солҳо боз дар гӯшам танин меандохт, пурсид:

- Ту ҷалаби ноболиғ бо кӣ робита доштӣ???

Ҳар калимааш чун теғ бар дилам мехалид.

-Рост мегӯянд, ки аз ҷалаб, ҷалаб мерӯяд, туро модарат зани бероҳа буд!

Либосҳоро бо ғазаб ба васати хона парт кардам ва бо ҳамон шиками дамида мисли муҷассамаи хашму ғазаб рӯ ба рӯяш қад кашидам. Гуфтам:

– Шавҳарат маро таҷовуз кард, дар ҳамин хона, рӯйи ҳамин тахт!

Ибтидо аз эътирофи ман шокӣ шуд, ғайриихтиёр ба

аломати инкор сар такон медод, аммо баъд мисли шер ғуррид.

– Дурӯғ мегӯӣ, падарлаънат! Дар он хонаи танг ҳар ҷо пинҳон мешудам, муштҳояш ба сару танам бармехӯрд. Саранҷом аз зери дасташ фирор кардам ва бо тани урён ба сӯйи баромадгоҳ давидам, бедиранг думболагирам кард.

– Ист, ҷалаби бадзот! – гуфту аз мӯям кашид ва сипас маро аз баландии шаш палла ба замин тела дод. Хаёлам, ки мунфаҷир шудам. Охирин чизе, ки ба ёд дорам, як дарди шадиди тоқатнопазир буд ва гармое, ки аз байни пойҳоям сарозер шуд...

Дар канори паллаҳои айвон аз ҳуш рафтам, вале дар утоқи мисли гӯр тиpаву тор ба ҳуш омадам, партави чароғи берун танҳо як бари девор ва тушакҳои болои ҳам чидаро равшан мекард. Зоҳиран таҳхонаро мемонд, садои убури об аз зери сақф шунида мешуд. Шикамамро ламс кардам, пуч буд. Найчаеро дар он фурӯ карданд, ки аз он қатраҳое ба зарфи канори тахт мечакид, дастам ба қатрачакон васл буд. Агарчи дардеро эҳсос намекардам, аммо гиҷ будам, намедонистам чӣ ба сарам омадаст ва ҳоло дар куҷоям. Ногаҳон чароғи утоқ равшан шуд ва рӯшноӣ мисли теғ ба чашмонам фурӯ рафт, ғайриихтиёр даст ба пешонӣ бурдам.

Духтари ҷавоне дар либоси парастор сареъ пеш давид ва пояи қатрачаконро аз афтидан наҷот дод. Аз ӯ пурсидам:

– Куҷоям? – Сӯзанро аз рагам берун овард ва бо садои нимшунавои шабеҳи наҷво гуфт:

– Дар бемористон, дишаб ҷарроҳӣ шуди, дигар ҳомиладор нести.

Ин ҳамаро ба лаҳне гуфт, ки ингор мехост маро хушҳол кунад.

Аз беруни утоқ садои хола Моҳистон ба гӯшам расид, каломаш қобили фаҳм набуд, бо марде паст-паст суҳбат мекард, ба утоқ ворид нашуд, парасторро аз пушти дар садо кард.

Қадамҳо бо ачала дур шуданд, хомӯшии ин маконро танҳо садои лӯлаҳои зангзадаи зери сақф халалдор мекард, ки мисли пойи шикаста аз чандин ҷой гачкорӣ шуда буд.

Хеле вақт гузашт то дубора садои кафшҳоро шунидам. Парастор бо як мард ва як замбари чаҳорчарха баргашт. Замбарро то сатҳи тахт поин оварду маро бо кӯмаки он мард рӯйи чаҳорчарха хобонд. Сипас, болопӯшро то сарам кашиду суратамро пӯшонд, ҳамон тавр, ки чеҳраи як мурдаро мепӯшонанд. Аз зери он рӯпӯши захим чизеро намедидам ва ҳодисоти атрофро шабеҳи нобиноён бо гӯшҳоям эҳсос мекардам. Ба гумонам аз роҳрави борике мегузаштем, ки фарши ноҳамвор дошт, чархи замбар гоҳ ба девори самти чап бармехӯрд, гоҳ ба рост, нури чароғ гоҳ камранг мешуд ва гоҳо медурахшид ва аз зери он болопӯши захим чашмонамро озор медод. Нафасҳои сангини он мардро мешунидам ва тақ-тақи шитобзадаи пошнаҳои кафши холаро. Парастор садое дарнамедод, он се нафар аслан ҳарф намезаданд, шояд байни ҳам бо имову ишора чизе мегуфтанд, аммо ман намедидам. Ногаҳон замбар аз ҳаракат бозмонд ва даре ғичиррос заду кушода шуд. Мавчи ҳавои тозаро эҳсос кардам.

Сипас, ҷодаи хокиро убур карда дар канори мошини муҳаррикаш рӯшан истоданд. Он мард маро бо эҳтиёт бардошту ба сандалии ақиби мошин хобонд, сарамро рӯйи зонувони парастор гузошт ва болопӯшро аз рӯям дур кард. Хола дар сандалии пеш менишаст, ҳайкалаш аз хашму танаффур ях баста буд. Мошин дар пасманзари

хомӯшии мурдавори ронандаву мусофиронаш бо суръат аз ҷой такон хӯрд. Комилан ба ҳуш омада будам, аммо намедонистам маро куҷо мебаранд ва чаро дуздона рафтор мекунанд. Он се нафар кори худро балад буданд.

Худрав дар торикии шаб ҷодаҳои пур аз шебу фарозро сангпуштвор убур мекард, ба чолаҳои хӯрду бузуг бармехӯрд ва мусофиронро башиддат такон медод. Ронанда роҳро хуб намедонист, парастор ӯро раҳнамоӣ мекард. Ӯ ҳар бор барои раҳнамоӣ ба тарафи ронанда хам мешуду сари маро бо зонуяш ба пеш мекашид ва дардамро афзун мекард. Билохира «расидем» гуфту худро ақиб кашид. Ронанда омодаи ин амр набуд, ки мошин аз фишори тормоз сахт такон хӯрд, хаёл кардам тамоми бахияҳои шиками даридаам аз ҳам пошиданд. Субҳ дошт ковок мешуд, аз панҷара моҳи комилро дидам, ки ҳанӯз дар васати осмон буд ва атрофро мунаввар мекард. Садои чирчиракҳо, аккоси сагҳо ва фарёди хурӯсҳои барвақтӣ аз дур шунида мешуд. Ҳадс задам, ки инҷо ҳошияи шаҳр аст, ё ягон деҳкадаи атроф, чун ҳаддиаксар ним соат роҳ паймудем. Фақат бархилофи рӯстоҳои дигар, ки мардум субҳи зуд ба гову моли худ мерасанд, ё ҳосили боғҳояшонро ба бозор мебаранд, инҷо на садои гов шунида мешуд ва на туқ-туқи чархи ароба.

Ронанда пеш аз дигарон аз мошин берун омад, ӯ зонуяшро дар рикоби мошин гузошту маро оҳиста ба поён кашид, чашмам дар рӯшноии моҳ ба сураташ афтод, ӯро шинохтам... бародаршӯйи хола буд. Зоҳири тарснок дошт, сурати асбмонанд, чашмони фурӯрафта ва бинии уқобӣ, девҳои афсонавиро ба ёд меовард. Хола ӯро дӯст намедошт, мегуфт аз ҳад беш фузул аст, роҳашро ба хона ҳамеша масдуд мекард, аммо ҳоло барои раҳоии ҷони шавҳараш, ё шояд ҳифзи обрӯйи худаш, розӣ буд ҳатто

бо шайтон ҳамдаст шавад. Он девсурат низ ҳодисаро медонист, инро аз нигоҳаш фаҳмидам. Чашмони фурӯрафтаашро аз ман мегурезонд.

Маро мисли як лоша дубора ба чаҳорчарха бор карданд. Ҳоло он дақиқаҳоро ба ёд меораму шигифтзада мешавам, ки чаро бо ҳарчи аз сарам мегузашт, бардавор эътирозе намекардам. Ин ҳол ба доруи беҳушӣ ва карахтӣ рабт надошт, ман тарсида будам, тарс иродаро мешиканад, фардро дар назари худаш бечораву нотавон ҷилва медиҳад, ман инро дар худам таҷруба кардам.

Чаҳорчарха дар назди як дари дутабақаи чӯбӣ мутаваққиф шуд. Табақаҳои дарро як қуфли бузурги анбор ва ду ҳалқаи зангзадаи шабеҳи ҳалқаи бинии гови нар ба ҳам меовард. Ронанда ба манзури «дарро боз кун» ба парастор нигоҳ кард. Духтар дастпоча шуд, ӯ бо аҷала даст ба сӯйи кифу ҷайбҳояш бурд, аммо калидро пайдо накард. Холаамро намедидам, аммо мешунидам, ки чи тавр бар сари парастор ғур мезад. Ронанда зиёд фикр накард, аз мошинаш як лӯлаи борику сифтро берун овард, онро аз даҳони қуфл гузаронд ва ду се-бор «ҳуҳ» гуфту поён кашид, аммо қуфл аз ҷояш такон нахӯрд, ҳалқаҳо низ. Ӯ мисли шӯъбадабоз дубора бағоҷи мошинаро боз кард ва аз онҷо оҳани бузургтареро берун овард, онро бо хашм ба даҳони қуфл ҷо кард ва лаб зери дандон бо шиддат поин кашид. Соиши ду оҳан садои ваҳшатноке даровард, дандонҳоям аз ин садо башиддат бод кашиданд. Қуфли хаста аз муқовимат худро монанди ман ба сарнавишт таслим кард, ҳалқаҳо аз ҳам пошиданд ва дари қадимӣ нолае кашиду боз шуд.

Тамоми ин муддат хола Моҳистон худро аз мо дур мегирифт, аз фарти танаффур ба ман ё шояд мехост бигӯяд, ки «ман ба ин гирудорҳо рабте надорам».

Саранҷом ба он хона ворид шудем, парастор пеш-пе-

ши мо медавид ва мисли соҳибхонае, ки ба хонаи норӯфтааш меҳмони нохонда омадааст, ашёҳоеро аз сари роҳи чаҳорчарха дур меандохт. Ӯ рӯйи чаҳорпояи кӯчак баланд шуду лампаи дар нӯки сими кaҷ овезонро тоб дод, нури хирае долонро нимарӯшан кард. Сипас дари утоқеро кушод, ки чароғаш ба сахтӣ рушноӣ медод ва аз он бӯйи сардиву рутубат меомад. Он мард маро дар як тахти бепояи аз замин як ваҷаб баланд хобонд. Тахт шояд замоне поя ва бистари нарм дошт, аммо ҳоло бо рӯкаши дарида ва бо матраси сахту пуржинҳояш барҷаста, як бистари ноҳамвору озордиҳанда буд. Ба маҳзи сар гузоштан ба болин дарди ҷонкоҳе эҳсос кардам. Аз шиддати дард мӯй дар баданам сих шуд ва дандонҳоям ба ҳам бархӯрданд.

– Духтур, таъсири наркоз гузашт, чӣ кор кунем?

Хола пушт ба ман меистод, аз дирӯз то ҳол ман фақат пушти ӯро медидам, сураташро амдан аз ман пинҳон мекард, мисле ки тоқати диданамро надошт.

Аз кифаш ҷаъбаеро берун оварду ба парастор дод.

– Муроқиб бош, морфин аст... аз меъёр зиёд набардор, боз ӯро накушӣ. Сипас, бе он ки ба ман нигоҳ кунад, аз миёни дандонҳои ба ҳам фишурда бо танаффур гуфт:

– Агар ба ман мебуд, мехостам дар ин дунё набошад!

Парастор гӯё дар бадбахтиҳои ман муқассир буд, ки сарашро гунаҳкорона поин андохт.

Ман аз кӯдакӣ бо хола бузург шудам, ӯро хуб мешинохтам, пайи манофеаш дар миён бошад, сарсахту бераҳм мешуд.

Холаи ман, ҳамхуни ман, модари ман, тавре рафтор мекард, ки гӯё ман як саги велгард будам ва агар тарс аз муҷозот намедошт, шояд чолае меканду маро дар он меандохт!

Парастор гӯшаи болопӯшро бардошт ва ҳарорат-

санҷро аз зери бағалам берун овард.

– Табаш чил аст...

– Доруи даркориро дар ин ҷаъба гузоштам, барои чизҳои беаҳамият бо ман тамос нагир, шумораамро вақте бигир, ки агар натавонӣ мушкилро ба танҳоӣ ҳал кунӣ. Фаҳмидӣ? Дар садояш оҳанги амру фармон, таҳдид ва ҳамзамон тарсу нигаронӣ шунида мешуд. Ман ин оҳангро мешинохтам. Пушт ба ман ҳарф мезад, аммо зоҳири ӯро ба вузуҳ тасаввур мекардам, гӯшаҳои аз хашм ва танаффур баланд шудаи абрӯвонашро, лабҳои фишурда ва чашмонеро, ки аз онҳо ҷариқаҳои нафрат мепарид.

– Бароят мураххасӣ навиштам, дар ҳоли ҳозир барои як ҳафта, идомаашро мебинем... вобаста ба шароит амал мекунем.

Парастор мутеъона сар такон дод, сипас холаро бо он мард то дами дар бадрақа карду ба утоқ баргашт. Ман аз дарду таб меларзидам. Ӯ дар паҳлӯям рӯйи замин чорзону зад ва моеъи шаффоферо ба раги дасти чапам тазриқ кард, хеле ором ба назар мерасид, гӯё пинҳонкориҳои мисли имшаბро борҳо таҷруба кардааст.

Ҳанӯз сӯзан дар рагам буд, ки сӯзиши шикамам коҳиш ёфт, дигар на дарде доштам на ғаму афсурдагие, ингор дар батни модарам будам, пилкҳоям ором-ором ба ҳам омаданд.

Намедонам чи қадар бехуду беёд хобидам, замоне чашм кушодам, ки парастор ҳанӯз хоб буд ва агар домани хилъаташ аз зери кӯрпа наменамуд, гумон мекардам, ки кайҳо баланд шуда ва рахти хобашро мураттаб кардааст. Он қадр наҳифу лоғар буд, ки гумон мекардӣ зери он пату ҷони зиндае вуҷуд надорад.

Наздики зуҳр аз ҷогаҳ берун омад ва ман ӯро дар рӯшноии панҷара дурустар варандоз кардам.

Як духтари қадпастаки лоғарандом буд, на зебо ва на зишт, хеле ҷавон, шояд аз ман ду ё се сол бузургтар. Дастҳое дошт бо ангуштҳои борику устухонӣ, шабеҳи дасти як наврас. Чеҳрааш борик буду гунаҳояш баланд, пешониаш васеъ ва биниву чонаву лабу даҳонаш нафису нозук, ба ҷуз чашмҳои калони хуморӣ, ки ӯро хаставу хоболӯд нишон медод. Хеле кам суҳбат мекард, беҳтар аст бигӯям, аслан ҳарф намезад, ба истисноі пурсишҳои маъмулӣ, ҳангоми санҷидани фишор ё ҳарорати баданам. Намедонам нисбат ба ман чӣ эҳсос дошт, аз чеҳраи беҳисси ӯ ба ҷуз инзиво ва беҳолӣ чизе хонда намешуд.

Сарамро оҳиста ба сӯйи рӯшноии офтоб баргардондам, ки нурҳояш аз панҷараи кӯчаки гардолуд ба ин утоқи сард ворид мешуд. Хона аҷиб ба назар меомад, гӯё онро меъмори навшогирд тарроҳӣ карда буд.

Ҳуҷра бо сақфи пастаки чӯбӣ, фарши гилини ноҳамвор, деворҳои рангпаридаи сард ва бӯйи рутубат, як макони матрукаро мемонд. Пойизи он сол сарду бебориш омада буд, агарчи офтоб медурахшид, аммо дигар гармие надошт. Бод аз кӯҳҳои атроф бӯйи барф меовард, гӯё табиат як фаслро ҳазф карда, билофосила аз тобистон ба зимистон мегузашт.

Ваҳшатноктарин рӯзҳоро дар ин утоқ ҳафтаи аввал сипарӣ кардам. Аз таби баланд месӯхтам, аз дарди ҷонкоҳ ба худ мепечидам ва зери бори як кӯрпаи бузург, ки мисли ҳамин ҳуҷра бӯйи заҳ медод ва пахтааш аз кӯҳнагӣ шабеҳи санг сахт шуда буд, аз сардӣ меларзидам. Парастор ҳар саҳар аз хона берун мешуд ва наздики бегоҳ бармегашт. Дари ҳуҷраро ҳамеша боз мегузошт, дуруст ҳам мекард, ҳавои берун гармтар аз ин утоқ буд.

Таъсири мусаккин дар давоми рӯз коҳиш меёфт ва ман аз дард гӯшаи болопӯшро газ мегирифтам. Ман дар

ин хона танҳо набудам, гоҳо аз дари боз сагеро медидам, пиру хаста, вале бовиқор, гӯиё ӯ молики ин макони матрука буд.

Рӯзи аввал маро аз дур назора кард, рӯзи дуюм наздиктар омад ва бо дилсӯзӣ ба ман хира шуд, хаёлам он шабу рӯз ҳеҷ кас дарди маро ба андозаи ин саг эҳсос намекард.

Сурате дошт пур аз ожангҳои амиқ, чашмони хамида ва гунаҳои рӯйи чонааш овезон. Азбас ношуставу хоколуд буд, ранги пӯсташро намешуд мушаххас кард. Шабеҳи солмандон аз саҳар то бегоҳ ҳавлиро ба думболи масири офтоб давр мезад, ҳар ҷо панҷаи офтоб медурахшид, онҷо дароз мекашид ва сар ба сукут мерафт. Гоҳ дар байни ҳавлӣ мехобид, гоҳ дар долон, ҳамеша ҷоеро интихоб мекард, ки ман дар мадди назараш бошам. Косааш ғизое надошт, аммо фукаш дар осмон буд, мисле ки шаб кабоб хӯрдааст. Гоҳо ба остонаи дар наздик меомад, луоби часпаке аз гӯшаи лабонаш ғоз медоду ба замин мечакид. Бо худ мегуфтам: «шояд гурусна бошад». Пораи нон ё гӯшти овардаи парасторро ба сӯяш ҳаво медодам, аммо аз ҷой такон намехӯрд, аз ғизо рӯй метофт, бо ин чашми сер мегуфтӣ гӯё аз зоти ашрофҳо бошад. Духтараки парасторро мешинохт, аммо аз хушҳолӣ ба сӯяш ҳаллос намезад. Эҳтимол танҳоияшро дӯст медошт, ё шояд пирӣ ӯро бениёз карда буд ва зарурате надошт барои ғизо кафшҳои соҳибашро лес бизанад.

Хонаи сард ба ҷисми маризи ман созгор набуд, саҳаргоҳон ҳавр аз даҳонам берун меомад ва аз ҳар бархӯрд бо болопӯши сангин ба танам раъша медамид. Шошадонам варам мекард, баланд нолиш мекардам то парастор бедор шаваду маро то сатили гӯшаи ҳуҷра бубарад ва баъд мусаккин тазриқ кунад. Мехостам соатҳо беҳушу беёд бихобам.

Хола Моҳистон дигар пайдо нашуд, хайрият, ки наомад, ман қурбонии «чашмони кӯр»-и хола будам, аммо аз ҳайбаташ метарсидам.

Дар тӯли понздаҳ сол барои аввалин бор ёди модар кардам, дар авҷи дарди ҷонкоҳ. «Куҷоӣ, ба додам бирас!» гуфтаму фиғон кашидам ва аз дарду ноумедӣ ба зери болопӯши сангин паноҳ бурдам. Вақте сар берун овардам, сагро дидам, ки ду қадам дуртар аз тахти хобам менишаст, то ҳол ҳаргиз ин гуна ба ман наздик нашуда буд, ман ҳамдардии ӯро эҳсос мекардам.

Ҳар бор ки садои нола ё гиряи маро мешунид, тани пирашро аз офтобрӯя бармедошт ва дар остонаи дар зоҳир мешуд. Сипас, ба шикам мехобиду чонаашро рӯйи дастонаш мегузошт ва абрӯвонаш аз ғусса бо ҳам меомаданд. Инсонияти ин саг маро мутаассир мекард.

Намехоҳам дар назари офаридгор бандаи ношукр ҷилвагар шавам, аммо аз оғоз одами хушшонс набудам, ин аз модари ҳардамхаёлам, ки бачаҳояшро мисли куку дар лонаи дигарон гузошту рафт, он аз падарам, ки муҷассамаи қаноат буду коре барои ризоияти хонадон накард, аз аммаи бебизоатам, ки шиками гуруснаи фарзандони худро басахтӣ сер мекард, аз холаам, ки ҷойи модарам буд, аммо акнун ҳеҷкасам буд...

То ҳол ҳеҷ гоҳ фикр накарда будам, ки шояд бадбахтиҳои хонаводаи мо, ҳамон тавр ки амма Мунис мегуфт, ношӣ аз бархӯрди номуносиби модарам бо модаршӯяш буда бошад. Шояд ин ҳарф дуруст аст, ки мегӯянд: «Фарзандон заҷри иштибоҳи волидайнро мекашанд». Аз рӯйи нақли худиву бегона, модарбузургам дар хонаи мо рӯзгори сагро дошт... Ҳатто зарфи ғизохӯриаш шабеҳи косаи саг буд, косаи оҳании каҷу килеб. Ман он вақт ба дунё наомада будам, достони азоби модарбузургамро баъдҳо

забони аз ину он шунидам. Пиразан аз камар ба поён фалаҷ буд ва модарам чашми диданашро надошт, на барои фалаҷ буданаш, шояд ба ин далел, ки солҳо пеш, дар замони наварӯсияш бо ӯ сахтгирӣ карда будаст ва модарам акнун аз модаршӯяш интиқом меситонд. Ба косаи ӯ ҳамон андоза ғизо меандохт, ки аз гуруснагӣ намирад ва ҳафтае як ё ду бор қазои ҳоҷат кунад. Ҳеҷ гоҳ даст ба бистари ӯ намезад, ба аммаам, ки дар гӯшаи дигари шаҳр зиндагӣ мекард, мегуфт:

«Биё ки бӯю тафи г..и модарат ҳафт иқлимро пур кард.»

Амма Мунис шавҳар дошт ва наметавонист ҳар рӯз ба модараш бирасад, агар ӯ намеомад, модарбузург чанд рӯз дар бистари тару касиф мехобид. Онҳое, ки аз муносибати модарам ба модарбузургам огоҳ буданд, аз сукути падарам тааҷҷуб мекарданд. Падарам аз модарам мерамид.

Аз рӯйи ҳамин нақлҳо, гоҳо зану шавҳар болои кат шом мехӯрданд ва модарбузург аз тирезаи ҳуҷраи кӯчаки мисли лонаи зоғ, ки бо ду се чӯбу тахта ва шифери кӯҳна барояш сохта буданд, чун гадое ба табақи ғизои писару арӯсаш нигоҳ мекард ва оби шӯр аз чашмонаш сарозер мешуд. Хола Қалам солҳо баъд, ҳар бор ҳарфи марги падарам ба миён меомад, мегуфт: «Ин хонаводаро дуои пиразан гирифт. Бечора дар ҳасрати як саломи писараш аз дунё гузашт. Ҳар субҳ гарданашро бо ҳаяҷон аз паси панҷараи кӯчак баланд мекард ва дар орзуе буд, ки писараш пеш аз рафтан ба кор ба ӯ як бор салом бигӯяд, ё барояш лабханд бизанад, аммо ӯ аз тарси ҳамсараш бо суръат аз бағали панҷара рад мешуд».

Модарбузургам бо азоб мурд, як ҳафта дар сакарот буд. Дар он як ҳафта бори аввал ӯро аз он «хонаи зоғ» берун оварданд ва дар меҳмонхонаи ороста ҷой доданд. Ӯ

мурд, аммо падарамро низ ба думболаш бурд... Модарам аз пайи зиндагии худ рафт ва мо ду бача дар ба дар шудем. Як оилаи комил дуд шуду ба ҳаво рафт...

Парастор билохира бухории барқӣ овард ва ҳавои хона нармтар шуд. Ҳамон тавр ки гуфтам, ӯ ҳар саҳар аз хона мерафту қабл аз шом бармегашт, бо худ ғизо меовард, ғизоҳои хушмаззаи мухталиф, шабеҳи ғизоҳое, ки хола Моҳистон ағлаб аз бемористон меовард. Хола мегуфт, занҳо бархе аз хушҳолӣ, бархе аз дардҳои баъди зоймон иштиҳо надоранд ва анвои хӯрокҳои беҳтаринро, ки хешу табор аз саҳар то бегоҳ мисли корвони мӯрҳо ба зоишгоҳ мекашонданд, ба пизишку парастору тамизкорҳо медиҳанд, то аз онҳо беҳтар муроқибат кунанд. Хола Моҳистон ба унвони табиби беҳтарин, ки ҳар зани обистан мехост рӯйи дастони ӯ бача ба дунё биёварад, гулчини хӯрданиҳоро ба хона меовард, бинобар ин, бӯйи рӯғани доғ ба нудрат аз ошхонаи мо берун мешуд. Парастор дар як финҷон ба ман обгӯшти мурғ дод ва боқии ғизо, гӯшту чанд дона манту ва ним коса ошро худаш ба танҳоӣ хӯрд. Ҳайрон будам, ки ин ҳама чигуна дар он шиками борику нонамоёни ӯ ҷой шуд.

Дарди ҷонкоҳи ман пас аз як ҳафта фурӯ нишаст ва ман акнун бо кӯмаки дасту оринҷам аз ҷой баланд мешудам ва мустақилона то сатили қазои ҳоҷат мерафтам. Дигар ба мусакини қавӣ ниёз набуд. Бори аввал ором-ором дар такяи девор аз он ҳуҷра берун шудам.

Хонаи кӯчаку фарсудае будаст, бо айвони начандон бузург, ки рангашро ҳатто намешуд ҳадс зад. Рег аз деворҳои мағорабастааш сарозер мешуд ва корвони мӯрҳо дар он тӯдаҳо равуо мекарданд. Соҳибхона ё фарди шикастанафс буд, ё барои бунёди як манзили мустаҳкам пул надоштаст. Аз зери гаҷи рехта хиште ба назар намерасид,

як хонаи похсадевор буд. Сақфи айвон, бо як болохонаи чӯбӣ, бар дӯши ду сутуни нотарошида қарор дошт, бадани качу пинабастаи сутунҳо ин бори сангинро басахтӣ нигоҳ медошт. Аз паллаҳои дар нӯки мех овезони нардбони болохона мешуд ҳадс зад, ки солҳо боз касе ба он зинаҳо пой нагузоштааст. Дар долон ба ҷуз ҳуҷраи хоби ман ду утоқи бе қуфлу калид ҳам вуҷуд дошт, ҳуҷраҳои пур кӯҳнаколоҳои ҳамсинни ин хонаи фарсуда. Ёди он қуфли бузург афтодам, ки шаби аввал дида будам, ин хона барои дуздидан амволе надошт, ба он қуфлу занҷир чӣ ниёз буд?

Ҳавлии фориғ аз тартибу низом, ки домани боғи бузургаш аз бари як ҳавзи кӯчак то ба калтутҳои канори ҷода мерасид, ба тафреҳгоҳи зоғу заған табдил шуда буд. Долу дарахт ва рустаниҳои ин макон ба таври худгардон зиндагӣ мекарданд, меваҳояшон дар шохаҳо хушк мешуд ва шохаҳояшон аз дарозӣ ба якдигар мепечид. Баландии алафҳои ҳарз то зонуи дарахтон мерасид, аз доси занг-задаи бари девор ва белу каланди сарҳояшон дар хок фурӯрафта, бармеомад, ки солҳост касе ба онҳо даст назадааст.

Бегоҳ борони сел бориду чароғ хомӯш шуд ва ҳуҷраи пур аз рутубатро ба гӯристони сарду ваҳшатнок бадал кард. Парастор рӯйи лаъличае шамъ овард ва дар ҳоле ки он шамъро рӯшан мекард, пушт бар ман ғайриинтизор бо як садои нарму маҳин гуфт:

– Ту наметавонӣ инҷо зиёд бимонӣ, хона шароити хуб надорад...мариз мешавӣ, ба ҷойи беҳтаре ниёз дорӣ.

Дар ин ҳашт рӯз барои аввалин бор чунин ҷумлаи тӯлониро аз забони он духтар шунидам. Ӯ бо он садои нарму маҳин ҳолати фалокатбори маро ба вузуҳ тасвир кард. Акнун мутаваҷҷеҳ шудам, ки ҷое барои рафтан надорам. Хонаи падариамро модарам солҳо пеш фурӯхт, мегӯянд,

ки ӯ бо он пул дар Туркия барои худ опортмон харидаст. Хонаи амма Мунисро дарҳол хат задам, мехостам аз ҳар кӣ маро мешинохт дуртар бошам. «Шояд инҷо бимонам? Ин ҳавлӣ аз чӯби хушк пур аст, агар то баҳор намирам, роҳамро пайдо мекунам». Муколамаи он шаби торро бо парастор мисли имрӯз дар ёд дорам, зеро бароям сарнавиштсоз шуд.

– Апа, шояд ман инҷо бимонам? Росташ...ҷое барои рафтан надорам...

– Ин як хонаи матрука аст, моли падарам буд, баъди маргаш бесоҳиб монд, бародарҳоям машварат карданд ва як сол қабл ин кулбаро ҳамчун мероси хонаводагӣ ба ман бахшиданд. Аз ман коре барнамеояд, инҷо дасти мардона даркор, аммо ку он даст... Ҳафтае як бор меоям ва барои ин саги пир ғизо меорам, рафиқи падарам буд, дилам нашуд аз хона берунаш кунам, ҳамин тавр ӯ ягона маскуни ин манзил боқӣ монд.

Парастори ин ҳама рӯз дар ҳоли сукут мисли булбул ҳарф мезад.

– Агар иҷозат медодед инҷо мемондам, то баҳор...

– Хоҳарҷон, инҷо танҳо чӣ кор мекунӣ? Шаби омаданат эҳтимол мутаваҷҷеҳ нашудӣ, ки дар ин атроф ҳеҷ манзили дигаре нест. Наздиктарин ҳамсоя як километр дуртар зиндагӣ мекунад... Баъдан... намехоҳам бо духтур мушкил пайдо кунам...

Ноумед шудам.

– Он одам наметавонад кӯмак кунад?

– Кадом одам?

– Ҳамоне, ки ин балоро ба сарат овард.

– Намедонед кӣ ин корро бо ман кард?

– Духтур мегуфт бо кадом марди зандор робита доштӣ.

– Нагуфт он марди зандор кӣ буд?

– Ман напурсидам.

– Агар бигӯям, шояд бовар накунед, чун ин достон ба андозае боварнокарданист, ки ақли одами солим тавони қабулашро надорад.

Парастор бо чашмони хумории хоболӯд ба ман хира шуд. Достонро аз аввал то ба охир ба ӯ гуфтам. Барои аввалин бор тамоми саргузаштамро ба як нафар ошкоро ва бидуни пинҳон кардани ҳақоиқ қисса кардам. Намедонам чӣ қадар ҳарф задам, эҳтимол хеле зиёд, зеро вақте охирин ҷумларо мегуфтам, шамъ низ ду се бор лип-лип карду хомӯш шуд. Мо дар он торикӣ танҳо садои нафасҳои якдигарро мешунидем, на ман ва на ӯ ҷуръати шикастани ин сукутро надоштем.

Парастор чанд бор гӯгирд зад, то пилтаи шамъи дигар оташ гирифт ва хона дубора нимарӯшан шуд. Чашмони намкашидаи ӯ дар рӯшноии шамъ баррок ва бузургтар менамуданд.

– Духтур муҳтавои ҷарроҳиро бароят шарҳ надод?

– Ӯ бо ман аслан ҳарф назад.

– Баъди наркоз зуд ба ҳуш омади... Магар садое нашнидӣ?

– Ёд надорам, он лаҳза ҳамаро дар пардаи меғ медидам, гӯшҳоям қуфл зада буданд.

– Ҳмм...Инҷо истоданат амн нест, холаат роҳи ин хонаро медонад.

– Чаро бояд думболагирам кунад? Ӯ аз ман безор аст.

– Ту воқеан намефаҳмӣ? Коре, ки бо ту кард, ғайриқонунӣ буд, ӯ мутахассиси беҳӯшӣ нест, аз салоҳияти худ фаротар рафт... Ноилоҷ буд, наметавонист ба танҳоӣ ҷарроҳӣ кунад, вагарна маро ҳам вориди ин қазия намекард.

Ман он вақт беақл будам, фикр мекардам, ки тамоми

бадбахтиҳоям бо он тифли бегуноҳ сакт шуд ва рӯзе метавонам ин сафҳаи торики зиндагиамро бо ҳамон кобусҳои нимашабӣ ба боди фаромӯшӣ биспарам. Аммо ҳайҳот! Доманаи воқеъии ин фоҷеаро дертар фаҳмидам ва он замон буд, ки фиғонам ба осмон печид.

– Апа, бубахшед, номи шуморо намедонам.

– Садаф ном дорам.

– Ин хона мисле ки солҳо боз беодам будааст, шумо дар куҷо зиндагӣ мекунед?

– Дар шаҳр, дар як хонаи иҷора, узр, наметавонам туро бо худ бубарам, соҳибхона одами бисёр дилтанг аст, иҷозат намедиҳад.

– Ҳадафам ин набуд... Аз он шаб дигар холаро надидед?

– Надидам, фақат телефонӣ суҳбат кардем.

Мехостам бипурсам, ки «пас ин ҳама рӯзҳо аз саҳар то бегоҳ куҷо мерафтӣ?», аммо истиҳола кардам.

Шояд манзурамро пай бурд, ки муддате ба фикр фурӯ рафт, ногаҳон ангушт ба ашки доғи шамъ заду билофосила дасташро ақиб кашид.

– Санамҷон, ҳоли ман аз ту беҳтар нест.

Аз инки исмамро медонист, тааҷҷуб кардам.

– Сарнавишти ман низ аз ҳамон достонҳои боварнокарданӣ аст. Се сол пеш, баъди хатми Коллеҷи тиббӣ маро ба писари як дӯсти бародарам ба занӣ доданд. Хонаводаи пулдор буд, хонаҳои боҳашамат, ҷалолу ҷабаррути беандоза... Аммо писарашон маризии душахсиятӣ дошт, шояд шунида бошӣ, дар зеҳни чунин инсонҳо ду шахси мухталиф зиндагӣ мекунад, гоҳо яке зеҳни соҳибашро ба даст меорад, гоҳе дигарӣ. Бо шахсияти аввали ҳамсарам шаби издивоҷ ошно шудам, як инсони ҳалиму ғамхор буд, маҷнун, меҳрубон... Ошиқаш шудам, метавонистам бо ӯ

тамоми умр зиндагӣ кунам. Шахсияти дуюмаш чаҳор моҳ пас аз издивоҷам рӯ зад. Дар он қолаб ӯ худро як духтари ҷавон мепиндошт, сураташро мисли занҳо оро медод, пероҳани занона ба бар мекард, зару зевар ва кафшҳои пошнадор мепӯшид. Ба касе гардан намедод, мехост бо он ҳол ба кӯча барояд.

Ман аз тарсу ҳайрат ба гӯшае паноҳ мебурдам, рӯзҳо берун намешудам ва бародарамро барои ин издивоҷ нафрин мекардам.

Шахсияти дуюми ҳамсарам маро чашми дидан надошт, ҷойи куштанамро намеёфт, мегуфт: «Ин ҷӯгӣ дар хонаи мо чӣ кор мекунад!?» ва чӯберо мегирифту ба думболам медавид. Гоҳо чунон латту кӯбам мекард, ки аз ҷой басахтӣ баланд мешудам. Рафтори падаршӯ ва модаршӯям тавре буд, ки гӯё ба издивоҷ бо ин мардаки гоҳ ҳушёру гоҳ девона барои ман лутфи бузурге кардаанд.

Зӯри падараш ба он девона немарсид намерасид, танҳо бародари бузургаш, агар дар хона мебуд, ӯро дар таҳхона, пушти дарҳои баста нигоҳ медошт ва мулло меовард то «азоим» аш кунад. Дар чунин рӯзҳо, дари хона баста мешуд, то касе аз маризии писарашон бӯ набарад.

Бо ин ҳол пас як сол бордор шудам, бордориам рӯйи ҳамсарам таъсири хуб гузошт ва шуда буд ҳамон ҷавони ошиқу меҳрубон. Гоҳо даст ба шиками дамидаам мебурдам ва бо худ механдидам, ки ин бача аз кмари он ҷавони меҳрубон бошад, ё аз он духтари девонахӯ.

Хулас, нуҳ моҳу нуҳ рӯз гузашту як тифлаки хушгил ба дунё овардам. Ҳамсарам бачаро диду кач-кач ба ман нигоҳ кард, аз садои кӯдак девона мешуд, фарёд мезад: «Инро ба ҷое бубар, ки аз онҷо овардӣ!»

Қарор шуд ман бо кӯдакам як муддат ба хонаи бародарам баргардам, то ҳамсарам ба бачадориаш канор

биёяд. Ӯ пас аз ду моҳи рафтани ман худкушӣ кард, на барои ман ё кӯдакам, фикр мекунам бо он шахсияти дигар дар ҳоли ҷангу ҷидол буд ва билохира аъсоби яке аз онҳо ба ин задухӯрдҳо тоб наовард.

Хонаводаи ҳамсарам баробари аз пистон ҷудо шудани кӯдак, ӯро бо суду судбозӣ аз ман гирифт. Қозии парванда гуфт, ки ман ба унвони як модари танҳо ва бехонаву беҷойи кор барои бузург кардани кӯдак шароити мусоид надорам, беҳтар аст, агар бача дар хонаводаи падариаш бимонад. Аз рӯйи қарори додгоҳ ҳақ дорам писарамро ҳафтае як бор бубинам, аммо хонаводаи ҳамсари марҳумам дарро ба рӯям боз намекунад. Як моҳ шуд писарамро ба боғчаи бачаҳо доданд, акнун имкон дорам ӯро ҳар рӯз аз пушти панҷара бубинам... Ана ҳамин хел достони талх...

Дигар ба хонаи бародарам барнагаштам, аз ӯ сахт малол шудам. Ба ин ҳавлӣ ҳам наомадам, чун шароити хуб надорад. Дар кӯча мондам. Як дӯсти ҷонӣ дорам, бо номи Муҳаббат, ки худаш ҳам махзани муҳаббат аст, бо ҳам дар Коллеҷи тиббӣ таҳсил мекардем. Ҳодисаро ба ӯ гуфтам, бароям як нишонӣ дод, гуфт, ки фардо ӯро дар ҳамонҷо интизор шавам.

Бо дугонаам дар назди як бинои сетабақаи шабеҳи хобгоҳи донишҷӯён мулоқот кардам. Иморат деворҳои баланд ва дари мустаҳками оҳанӣ дошт, мисли як муассисаи амниятӣ буд. Дӯстам тугмаи сиёҳи бағали деворро пахш кард, аз гӯшаи номаълум садои мардона баланд шуд, мепурсид, кӣ ҳастем ва чӣ мехоҳем. Муҳаббат номи касеро ба забон овард. Садои мардона ба куҷое занг зад ва барои боз кардани дар иҷоза хост. Ман аз чунин чораҳои амниятӣ тааҷҷуб кардам, аммо дӯстам чашмак заду гуфт, ки нигарон набошам.

Зани ҷавоне моро дар остонаи дар пешвоз гирифт, худашро Асал муаррифӣ кард ва бо меҳрубонӣ ва лабханди дилнишин дастамро фишурд. Меҳрубонии ӯ ба мани бадбахти бехонаву дар ва даркӯчамонда оромиш бахшид.

Хонуми меҳрубоне буд, сарнавиштамро бо тааҷҷуб шунид, гуфт, ки то пайдо кардани ҷойи кор ва сарпаноҳ метавонам як муддат инҷо бимонам.

Ду моҳро онҷо гузарондам, то ҷойи кор пайдо кардам ва хонаеро ба иҷора гирифтам.

– Ин достонро ба ин хотир гуфтам, ки агар бихоҳӣ метавонам туро ба Асал муаррифӣ кунам.

– Хола бифаҳад, барои шумо дарди сар дуруст мекунад.

– Муҳим нест, зоишгоҳ нашуд, меравам ба бемористони дигар, ҳоло бояд туро наҷот дод. Чӣ гуфтӣ?

– Ҳарчи шумо бигӯед.

– Пас бихоб, фардо бо Асал тамос мегирам.

Намедонам, афроди бадбахти дигар чунин эҳсосро таҷруба кардаанд ё хайр, аммо ман он замон як мавҷуди беирода ва раҳгумзадае будам, мисли пари қӯ дар масири бод, ҳар куҷо бод маро мебурд, мерафтам. Ё шояд ин ғаризаи зистан буд, ки дастамро сар намедод ва ман дар ҳар нафар халосгарро медидам».

Санам муддати зиёде канори панҷара нишаст ва саҳафоти китоби зиндагиашро варақ зад. Ҳаво рӯ ба торикӣ меовард ва чароғҳои хиёбони марказӣ яке пушти дигаре рӯшан мешуданд. Хаста буд, аммо хобаш намебурд, номаи холаро огоҳона аз сабади варақҳои нозарур берун овард, гӯшаҳои ғиҷимшудаашро ҳамвор кард ва китоберо тасодуфӣ аз ҷевон бардошт. Номи китобро хонду пӯзханд зад. «Номаи зани ношинос»-и Стефан Тсвейг. Ин

китобро як моҳ пеш дар истгоҳи фурӯшгоҳи марказӣ аз як пиразани рӯзномафурӯш дар ивази чиҳил сомонӣ харид. Китоб намехост, танҳо дилаш ба ҳоли пиразан сӯхт, мисли ятимакҳо буд.

Покети холаро васати «Номаи зани ношинос» гузошту чароғро хомӯш кард.

Шаби гарме буд, нафаси гармо гулӯяшро месӯзонд, аммо сармои хонаи Садаф аз он хотироти талх ба вуҷудаш нуфуз мекард ва ба танаш раъша медамонд. Рӯзеро ба ёд овард, ки дар он марҳилаи тӯфонии зиндагӣ ҷалиқаи наҷоташ шуд…

«Он рӯз Садаф субҳи зуд аз хона берун шуд ва қариби шом баргашт, бароям хабари хуш овард:

– Худоро шукр, ҷойи холӣ доранд. Қазияро ба Асал гуфтам... Наметавонистам нагӯям, бояд медонист, эҳтимол чорае бароят биандешад, метавонем фардо саҳар ба роҳ бароем.

Ногаҳ ба ёдам омад, ки либос надорам. Ман аз баландии айвон бо тани урён, бараҳна ба замин афтода будам, ин пероҳани рангбохтаи бумазиро дар бемористон ба танам карданд.

– Айби ман шуд, бояд бароят либос меовардам, бош, то утоқи бағалиро бигардам, шояд чизе пайдо кунам, – ӯ баъди чанде бо худ як боронӣ овард, зоҳиран мардона буд, онҳоро рӯйи замин паҳн карду гарду хокашро бо як порчаи нам рӯфт.

– Аз таксӣ берун омадӣ инро ба ман бидеҳ, ба ягон сабади ахлот меандозам.

Ӯ он шаб хоби ноором дошт, гумонам аз вокуниши хола дар ҳарос буд, субҳи барвақт аз ҷо баланд шуд...

– Садаф, шумо нигарони хола набошед, ӯ аз Худо ме-

хоҳад, ки ман гумугӯр шавам, то касе ради поямро наёбад, бигӯед, ки бе ҳеҷ ҳарфу калом фирор карам.

Садаф сар такон дод, аз ин пешниҳод хушаш омад, чеҳрааш каме кушода шуд ва бо аҷала ба сӯйи роҳи калон рафт, то бароямон мошин пайдо кунад. Ман эҳсоси заъф мекардам, баданам ҳанӯз нерӯе суроғ надошт ва роҳ рафтан бароям сахт буд. Худро ба ҳамон болопӯши мардона печидаму дар такси паҳлӯи Садаф нишастам.

Аз мошин дар назди як бинои қадимӣ пиёда шудем. Ҳамон гунае буд, ки Садаф тасвир мекард: дари мустаҳками бедарз, деворҳои баланд, садои марди ношинос бо пурсишҳои «кӣ ҳастеду чӣ мехоҳед». Садаф гуфт:

– Асалро садо кунед, бемор овардам.

Дари ба он бузургӣ чархҳои кӯчакашро ба самти чап ҳаракат дод ва тадриҷан дар дохили девор нопадид шуд. Рӯ ба рӯям зани ҷавонеро дидам бо чеҳраи боз ва лабханди бо чашмони хоболудаш носозгор. Ҳадс задам, ки Асали таърифӣ ҳамин аст. Садаф борониро бо аҷала аз танам берун овард, Асал қадаме пеш гузошт ва хилъати махмалии шабеҳи либоси зимистонии духтурҳои бемористонро аз тани худ берун оварду рӯйи шонаҳоям андохт.

Дари оҳанин аз девор ба тарафи рост хазид, ба пушт нигоҳ кардам, то Садафро бубинам, ӯ дасташро такон доду бесадо худоҳофизӣ кард, сипас, ҳайкали наҳифаш пушти он дари бузург нопадид шуд. Намехостам аз Садаф ҷудо шавам, дар ин чанд рӯз бо ӯ одат кардам, зани содиқ, наҷиб ва шуҷоъе буд, шуғлу моҳонаашро фидои наҷоти ман кард, ҳамеша барояш дуо мекунам.

Асал як зани сисолаи нозукандому сафедпӯст буд, бо чашмони рӯшани обӣ ва мӯйҳои бӯр, гӯё тору пудашро аз наххҳои шаффоф танида буданд. Риштарагҳои кабуди ҷа-

бину гардан ва зери чашмонаш пӯсти сураташро обиранг нишон медод.

Аз бозӯям гирифту по ба поям қадам гузошт ва маро ба ҳуҷраи барҳавои равшану сафед раҳбаладӣ кард. Аз бӯйи доруву дармон мешуд ҳадс зад, ки онҷо утоқи пизишкӣ аст. Утоқ якчанд дастгоҳ, як дуктури солманд ва як парастор дошт. Парастор ҳамеша моск мепӯшид, аз ӯ чашмони олӯмонанд ва гӯшворҳои бузурги тиллоияш дар ёдам монд, чеҳраашро ёд надорам. Гумонам он моск бештар ба хотири барҷаста кардани чашмҳои зебояш буд. Аммо пизишкро ҳамеша ба ёд меорам, намедонам зинда аст ё на, соле, ки бо ӯ ошно шудам, синнаш марзи ҳафтодро убур мекард. Зани болобаланд буд, бо шонаҳои хамида ва мӯйи решаҳояш хокистарӣ, ки мисли гандуми селзада инҷову онҷо месабзид ва пӯсти сарашро ба вузӯҳ нишон медод. Мансубияти миллиашро ба сахтӣ мешуд ҳадс зад, бо забони тоҷикии омехта, ба русӣ суҳбат мекард. Аз зери айнаки бузург, ки тақрибан ниме аз суратащро мепӯшонд, бо чашмони ба ҳам наздик сар то пойи маро мисли дастгоҳи рентген нусхабардорӣ кард ва бе он ки аз худам чизе бипурсад, рӯ ба Асал овард:

– Чандсола аст?

– Қариб шонздаҳ...

– Худои ман...ин ҳоло бача аст.

– Гуфтӣ гистерэктомия шудаст?

– Бале, ҳудудан даҳ рӯз пеш.

– Хмм...Это точно?

– Садаф медонад чи мегӯяд.

Ман аз ин муколамаи номафҳум сар дар намеовардам ва бо чашмҳои пур аз тарс гоҳ ба яке нигоҳ мекардам, гоҳ ба дигаре.

Духтур ба манзури «нигарон набош» мижа ба ҳам зад

ва гуфт, ки рӯйи нимкат дароз бикашам.

Асал аз ман дур намешуд ва баробари анҷоми муоинаи сонографӣ нигоҳҳоеро бо пизишк радду бадал кард. Ин ду нафар бо ишораи чашм бо ҳам ҳарф мезаданд ва зеҳни якдигарро мехонданд, шояд ба ин далел, ки ҳамкорони дерин буданд ва ҳам бо қазияҳои ҳассос сару кор доштанд.

Пизишк хам шуду гунаамро бо пушти панҷааш навозиш кард:

– Натарс, духтарам, ҳама чиз хуб мешавад, захм дар ҳоли беҳбудӣ аст, бахияҳоро дертар мебардорам.

Сипас рӯ ба парастор овард ва дастур дод, ки як доруйи дигарро ҳам ба қатрачакон илова кунад.

Пас аз ҳуҷраи мисли яхчол сард ва намкашидаи Садаф баданам аз ҳавои гарму нарми утоқи пизишкӣ роҳат мекард, шаб дуруст нахобида будам, саҳар низ пеш аз тулӯи офтоб ба инҷо расидем, ин буд, ки ноаён зери қатрачакон хобам бурд.

## Вақте роз дигар роз нест...

Найсон аз мулоқот бо Диловар наздики зуҳр баргашт, изтироб дошт, вақте аз таксӣ берун меомад як лаҳза гиҷ шуд, ки оё дуруст пиёда шудааст ё хайр. Тунд-тунд нафас мекашид ва лабҳояш аз фарти таби дарунӣ тарак мехӯрд. Ранги сураташ мисли гаҷ сафед шуда буд ва доғҳои бордорӣ дар он ранги сафед мисли тиккаҳои лой ба назар меомад.

Чашмонаш ба андозае боз буданд, ки ингор сафедиаш дошт анбияи сиёҳро фурӯ мебурд.

Ӯ дами дар бо модарбузургаш сар ба сар зад, пиразан азми рафтан дошт ва барои худоҳофизӣ сӯйи набераааш

оғӯш боз кард, аммо Найсон бо кароҳат аз ӯ рӯй баргардонд. Нигоҳи чашмони шигифтзадаи пиразан ба думболи Найсон то васати ҳавелӣ рафт. Ӯ танҳо касе буд, ки мефаҳмид аз сари навааш чӣ мегузарад, аз ин рӯ кисаи сангини анвои ғизои дар чанд рӯз ҷамъ овардаашро аз замин бардошт ва мисли мор бесадо аз дар берун хазид.

Найсон бо ҳамон ҳолати ҳайратовар васати ҳавелӣ мутаваққиф шуд, нигоҳаш беихтиёр рӯйи бому дар ва пардиси хушкидаи канори ҳавз парса мезад. Гӯё ин хонаро бори аввал медид. Хоҳаронаш дарро аз паси модарбузург бастанду аз дур рафтори ғайримаъмулии Найсонро назора мекарданд. Ногоҳ чашми Найсон ба додараш афтод, ки бо як даста албомҳои гардолӯди хонаводагӣ ва мӯйҳои печида ба тори анкабӯт аз болохона поин меомад. Завқу шавқ дар вуҷудаш ба сахтӣ мегунҷид, албомҳоро маҳкам бағал карда буд, то аксҳо аз миёни саҳафоти дарида сарозер нашаванд.

– Найсон, инҳоро аз болохона пайдо кардам... Замини болохона пур аз ин аксҳост, гӯё касе амдан онҳоро дар ҳар гӯша парт кардааст.

Хоҳараш ҳамоно сокит буд. Ҷавонак тааҷҷуб кард, ки чаро кашфиёти ӯ таҳсину офарин барнаангехт.

– Чанд дона аксро дар болохона тамошо кардам, лаҳзаҳои ҷолибе аз зиндагии хонаводаамонро, тасаввур мекунӣ, таърихи хонаводаи мо дар даҳҳо акси нодир! Гарду ғуборашонро пок мекунаму якҷо ба тамошо мепардозем.

Аммо ҳанӯз пой ба паллаи охири нардбон нагзошта буд, ки Найсон бо ҳамон шиками дамида ва ҷуссаи вармосида худро мисли бод ба ӯ расонд, олбумҳоро бо ғазаб аз дасташ берун кашиду ба самти ҳаво дод.

Даҳҳо акс аз миёни саҳафоти даридаи албом берун парид, бахше дар буттаи гулҳои хушкида дармонд ва қисме

рӯйи ҳавзи пур аз лаҷан хобид.

Даҳони ҷавонак аз тааҷҷуб боз шуд, дастони ба пеш ёзидааш дар ҳаво дармонд, ӯ бо ҳайрат ба Найсон нигоҳ мекард ва намедонист, ки чаро мӯҷиби чунин бархӯрд шудаст.

Найсон ба хоҳарони моту мабҳуташ ва сипас ба додараш, ки ҳанӯз пой дар паллаи охири нардбон дошт, зерчашмӣ нигоҳе афканду гуфт:

– Гарду ғубор дарун ба даруни ин тасвирҳо хуфтааст... Баъид медонам, ки чунин касифӣ бо ин содагӣ пок шавад.

Ӯ дар остонаи айвон таваққуф кард ва муддате ба паллаҳои фарсуда хира шуд. Маълум набуд аз он паллаҳо чӣ меҷӯст. Нигоҳаш аз поён ба боло ва аз боло ба поён парса мезад. Монанди бозигари театри якнафара буд, бо сужае, ки муҳтавояшро ба ҷуз худаш касе намедонист. Саранҷом, бо ҳаракоти шабеҳи ҷилваи кунди навори синамоӣ як-як аз шаш зина боло рафт ва дар паллаи охирин манъ шуду назаре ба поён андохт. Баъд, даст рӯйи зону гузошту нафаси дар сина ҳабсшударо ба шиддат берун овард ва дастгири дари утоқи Санамро бо қотеъият ба тарафи худ кашид.

Ба маҳзи боз шудани дар, боди сарди номуносиби гармои тобистон ба рӯяш зад ва ӯро лаҳзае дар остона нигаҳ дошт. Ингор на дари утоқ, балки сарпӯши оромгоҳи Моҳистонро боз карда буд. Найсон ин утоқро ҳеҷ гоҳ дӯст намедошт, мегуфт, ки ҳолаи нохушоянд дорад, мисли хонаи хоби як мурдаи дерина, ки ба эҳтироми рӯҳи ӯ нигоҳаш медоранд, аммо ҳеҷ кас намехоҳад онҷо бихобад. Танҳо Моҳистон ба ин ҳуҷра алоқамандӣ дошт ва нагузошт хона ба макони васоили нодаркор табдил шавад. Ҷевони китоб ва сандуқи молу матои гаронбаҳояшро ба ин хона кӯчонд ва саранҷом худаш низ ба инҷо нақли макон кард. Вақте маризиаш шиддат гирифт, нахост фар-

зандонаш соатҳо сари болини ӯ бемордорӣ кунанд, гӯё ошиқи танҳоияш шуда буд.

Найсон охирин бор, бомдоди ҳафтаи гузашта ҷасади беҷони модарашро дар рӯйи тахти хоби ҳамин утоқ пайдо кард, аммо ҳоло аз остонаи дар ба атроф чашм медӯхту тавре ба назараш менамуд, ки гӯё ин маконро бори аввал медид. Нигоҳаш ҳарисона аз як ашё ба ашёи дигар мелағзид ва пардаро аз рӯйи як тасвири ноошно боз мекард. Рӯйи девори муқобили тахти хоб акси бузурги модараш бо духтараке овезон буд, Найсон ин аксро бори аввал медид. Бо чашмони рез ба он тасвир хира шуд, ба симои даврони кӯдакии ӯ шабоҳат дошт, аммо акси ӯ набуд, на ба хоҳаронаш монандӣ дошт, на ба додараш. Духтарак сар ба синаи Моҳистон гузошта буд ва бо ифтихор лабханд мезад, чашмонаш аз хушбахтӣ медурахшиданд. Он чашмҳо бо Моҳистон бегона набуданд, нусхае буд шабеҳи асл. Найсон дигар шак надошт, рӯ ба рӯйи худ Санамро медид.

Танҳо як акс набуд, утоқ пур аз Санам буд!

Агар ӯ ин тасвирҳоро дирӯз медид, шояд тааҷҷуб мекард, ки ин ҳама ишқу алоқамандӣ ба як духтари «беҷогарди носипос» ва табдили ин утоқ ба як парастишгоҳ чӣ маънӣ дорад? Аммо на имрӯз. Имрӯз Диловар охирин тасвирро дар «ҷӯрчин» гузошт ва чистонеро, ки Найсон солҳо боз ба он посух меҷуст, ҳал кард. Дигар ҷое барои тардид вуҷуд надошт, модараш дар ростои марги ногузир, аз як гузаштаи тарснок ба ин хона ва ин аксҳо паноҳ мебурд, ба думболи таъйид мегашт, то ба худ бигӯяд: «ман чандон одами баде набудам». Ё мехост бигӯяд: «бадиҳоро мешавад бо хубиҳои гузашта ҷуброн кард».

Ончи Найсон дар ин хона медид, мисли муҳри таъйид

буд. Агар то ба ҳол ба як дарсади ҳарфҳои Диловар шубҳа дошт, акнун он дар сади ночиз низ бо дидани ин тасвирҳо ботил шуд.

Рӯйи мизи канори тахти хоб акси дигари Санамро дид, бо либоси мактабӣ ва бо як бағал садбаргҳои сафед. Аз байни лабони нимабоз ҷойи холии дандонҳои шириаш намоён буд, шаш ё ҳафт сол бештар надошт. «Духтарам қадам ба синфи як гузошт, Худоро шукр, ба ин рӯз расидам». Найсон ҳусни хати модарашро шинохт. «Рӯзҳои ахир ҳавсалаи аз ҷой баланд шудан надошт, пас чи замоне тавонист ин ҳамаро ҷамъоварӣ кунад, портрет бисозад ва ноаён ба девор овезад!? Ё ин аксҳо дергоҳ инҷо буданд, фақат ман кӯр будаму онҳоро намедидам?»

Дар девори канори тахти хоб, ҷойи аз ҳама чашмрас тасвирҳое аз даврони зиндагии Санам – аз кӯдакӣ то наврасӣ насб шуда буд. Дақиқан дар нуқтае, ки чашмҳои Моҳистон рӯ ба ҳамон аксҳо бозу баста мешуд. Найсон сайъ кард ба хотир биёрад, ки ҳафтаи гузашта вақте ҷасади сардшудаи модарашро дар ин тахт пайдо кард, чашмони бози ӯ ба куҷо нигоҳ мекарданд? Аммо чизеро натавонист ба ёд биёрад, зеро дастпоча шуда буд, охир он чашмҳо намехостанд баста шаванд.

Аксҳои баргузида ҳокӣ аз як даврони шоду бедағдағаи кӯдакии Санам буд. Дар он тасвирҳо ӯ бо пероҳанҳои зебо, мӯйҳои фирфириву рубонҳои атлас шодии худро рӯ ба дурбин нишон медод, чашмҳояш аз хушҳолӣ барқ мезаданд, ғунчаи лабонаш аз ханда мешукуфт ва даст аз даври гардани хола барнамедошт. Аз ҳар тасвир шуълаи саодати воқеъӣ тулӯъ мекард. Нигоҳи Найсон ором рӯйи аксҳои дигар лағзид, аксҳои ду-се сол баъд... Санам дар он он тасвирҳо низ механдид, мерақсид, сар ба шонаҳои хола мегузошт, аммо дурбинро намешуд гӯл зад... Ҳузне

дар чашмонаш хона карда буд, ки сол ба сол, аз тасвир то ба тасвир ҳамроҳи ӯ бузург мешуд ва оқибат тамоми чашмонашро фаро гирифт. Дар охирин акси даврони наврасиаш он чашмҳо гӯиё дигар моли Санам набуданд.

Найсон аз шиддати ҳаяҷон оби даҳонашро қурт дод ва хам шуду бистари модарашро ламс кард, дохили рӯболиштиро санҷид, дастонашро зери тушак фурӯ кард ва бару баландии тахти хобро ваҷаб ба ваҷаб тай зад. Панҷаҳошро як-як ба рахти кӯрпаҳои канори ҷевон фурӯ кард, аммо ончиро, ки ба думболаш мегашт, намеёфт. Танҳо ҷевони китоб боқӣ монда буд. Монанди касе, ки охирин шонси бурдро имтиҳон мекунад, беҳолу бемадор ба самти ҷевони китобҳо рафт.

Ҷустуҷӯи китобҳои радифи аввал натиҷае надод, Найсон хашмгин шуд ва чанд китоби радифи дувумро ба замин парт кард. Покети сафедро билофосила дид, нома аз миёни саҳафоти китоби ғафси «Хирургия» берун омад. Бо дидани ин нома аз ҳаяҷон дастпоча шуд.

– Найсон?

Садои хоҳараш Борон, ки бо нармтарин оҳанг аз гулӯи ӯ берун меомад, наздик буд Найсонро заҳракаф кунад. Ӯ аз тарс мисли девонаҳо ҷиғ кашиду ба гӯшаи дигари утоқ паноҳ бурд.

– Найсон, ин манам Борон, натарс, фақат хостам бидонам чӣ ҳол дорӣ. Аз ин утоқ сару садоҳое ба гӯш мерасид, ростӣ, каме нигарон шудем, ҳолат хуб аст?

Найсон ҳарфҳои хоҳарашро намешунид, нигоҳи ҳаросонаш аз номаи сарбаста канда намешуд. Борон нигоҳи хоҳарашро думбол карду чашмаш ба покети сафед афтид.

Найсон қадаме ба пеш гузошт, аммо хоҳараш пешдастӣ карду номаро аз байни китоби нимабоз чобукона бардошт ва ақабнокӣ ба тарафи даромадгоҳ рафт.

Дандонҳои Найсон аз ғазаб ба ҳам бархӯрданд.

– Бидеҳ ба ман! – ӯ аз миёни дандонҳои зиреҳбаста мисли бабр ба сӯйи хоҳараш ғуррос зад.

– Нома барои Шаҳбоз аст... Модарам барои писараш нома навиштааст, ҳусни хаташро шинохтам! – Борон инро гуфту номаро зери бағал зад.

– Ба ту чӣ!? Номаро бидеҳ ба ман!

– Нома моли Шаҳбоз аст, ғусса мехӯрд, ки модар барояш паёме нагузошт.

Найсон наздик буд силлие ба сурати хоҳараш бизанад, аммо нафаси амиқ кашид ва хост бо ин духтари саркаш нармтар бархурд кунад.

Борон яке аз дугоникҳои Моҳистон буд, як духтараки ҳушманду бебок, ҳақталаб, ошиқи баҳсу мунозира ва гоҳо он қадр сергап, ки як лаҳза ҳам забон ба даҳон намегирифт. Фаротар аз синну солаш оқилу мантиқӣ буд, донотар аз хоҳарону додараш. Моҳистон маҳмадоноии духтарашро дӯст намедошт ва гоҳи авқот сари қаҳр мегуфт: «Вой аз он рӯз, ки ман бимирам, ту бо ин саркашиҳоят монанди байтали мавсими ҷуфтгирӣ гумон аст ба касе гардан бидиҳӣ!» Моҳистон иғроқ мекард, Борон духтари баде набуд, модарашро дӯст медошт, хоҳарону додарашро низ, танҳо мехост хоставу боварҳояш эҳтирому эътироф шаванд. Ӯ аввалин шикасти худро замоне таҷруба кард, ки модар нагузошт ба думболи шуғли мавриди алоқааш биравад. Он қадр сараш фишор овард, ки чорае надошт, магар дар Донишгоҳи пизишкӣ сабти ном кунад. Чанд рӯз ашк рехт, вале саранҷом ором шуд ва ба думболи таҳсил рафт.

Сиёсати Моҳистон танҳо ба як нафар пахш намешуд - ба Шаҳбоз ҳамзоди Борон, писари ягонааш. Ӯ дар интихоби худ аз мухторияти комил бархӯрдор буд ва Моҳистон ҳар хостаи ӯро бе чуну чаро бароварда месохт. Ӯ

писарашро мисли бут мепарасид, муддатҳо пеш мегуфт: «Писари ман бояд дар хориҷа таҳсил кунад». Ҳамин тавр ҳам шуд, Шаҳбозро барои таҳсил ба Аврупо фиристод.

– Борон, хоҳаракам, номаро ба ман бидеҳ, қавл медиҳам, бознокарда ба Шаҳбоз мерасонам.

Найсон тобиши беэътимодиро дар чашмони хоҳараш диду ба ӯ наздик шуд, ҳалқаи мӯйи марғулаашро аз фарози чашмони обиаш баланд кард ва бо илтиҷои посухи мусбат ба ӯ чашм дӯхт.

Борон саранҷом об шуд, вале дар ҳоле, ки номаро аз зери бағал берун меовард, боз ҳам боҷситонӣ мекард.

– Танҳо бо як шарт, ба Шаҳбоз мегӯям, ки модарам барояш паём гузоштаст.

– Бошад, аммо ҳоло на, бимон ду-се рӯз гузарад, дарду андӯҳаш фурӯкаш кунад, баъд ману ту ин номаро ба césташ месупорем, чӣ гуфтӣ хоҳар?

– Бошад... ҳарчи ту бигӯӣ, – каломи Борон дар гӯши хоҳараш номутмаин садо дод, аммо ҳоло дигар илоҷ надошт.

Ба маҳзи баста шудани дар Найсон оҳи сабук кашид ва ангуштонашро, ки монади шохакҳои ҳаштпо ба покет часпида буд, суст кард. Бо худ гуфт: «гумон аст Борон то бегоҳ хомӯш бимонад». Ба тахти хоб нишасту покетро рӯйи зонувонаш гузошт, тардид дошт, медонист, ки дар ҳаққи додараш ноинсофӣ мешавад, аммо як эҳсосе ба ӯ мегуфт, ки Моҳистон дар ин нома розҳоеро ба писараш гуфтааст, ки ба духтаронаш намегуфт.

Саранҷом васвасаи кунҷковӣ бар Найсон пирӯз шуд ва ӯ мисли фарде, ки зиндагии ҳамсояашро бо хиҷолат аз сӯрохи калид тамошо мекунад, часбро аз даҳони нома бардошт...

# Наҷво дар гӯши бод

«Дар зиндагӣ розҳое вуҷуд доранд дарднок, дилхарош, таҳқиромез, розҳое, ки каромати инсониро ба хок яксон мекунанд, розҳое, ки наметавон ба касе гуфт, магар бар гӯши бод, то он асрорро ба дуриҳо бубарад ва дар ғорҳои амиқ пинҳон кунад. Ман инро дар паноҳгоҳи занон кашф кардам, дар лабони бастаи занҳое, ки ногаҳон ба ҳошияи зиндагӣ афканда шуданд.

Асал маро баъди муоина ба як ҳуҷраи бузургу нимахолӣ раҳбаладӣ кард. Ҳуҷра дар ошёнаи дуюми ҳамин бино ҷойгир буд ва мисли хонаҳои қадимӣ сақфи баланд дошту панҷараҳои бузурги дутабақа.

Ин макон бо анбӯҳе аз брашур ва китобҳои кӯчаки ҷайбӣ, шиорҳои таблиғии рӯйи девор, бо портрети мутафаккирони бароям ношинос, шабеҳи як маҷлисгоҳ буд, то як манзили иқоматӣ.

Қисмати наздик ба дари вурудӣ бо мизи тӯлониву чанд сандалӣ, коғазу худкорҳои рӯйи миз, зоҳиран барои ҷаласаҳо истифода мешуд, агарчи дар тӯли будубошам дар ин макон, ёд надорам касе инҷо ҷаласае баргузор карда бошад. Ҳуҷра бо чаҳор тахти хоб, комодҳои кӯчак ва яхчоли баландиаш каме бештар аз як метр, барои «беморон» тахсис ёфта буд. Дар ин паноҳгоҳ занҳои ниёзмандро «бемор» мегуфтанд. Ҳақ бо онҳо буд, чун бошандагонаш бо чеҳраҳои сиёҳу кабуд аз шаллоқ, бо қалбҳои шикаста, эътимоди аз даст рафта ваояндаи номушаххас, ҳамагӣ бемор буданд... ва замон мебурд, то аз ин маризиҳо шифо ёбанд. Чӣ мегуфтам? Ҳо, ҳуҷраро тасвир мекардам: дар гӯшае ҷевони қадимии холӣ аз либос, як рафаи чӯбӣ бо чанд китоби дастнохӯрда ҷойгир буд ва як телевизори кӯчаки аз барқ ҷудо, ки эҳтимол вазифа дошт ба ин утоқ

зоҳири маскунӣ бидиҳад.

Аз панҷараи нимабози самти хиёбон, буғзании худравҳо, ожири мошини ёрии таъҷилӣ, садои парма шудани замин ва аз баландгӯе оҳанги маҳбуби он шабу рӯз ба гӯш мерасид, хеле наздик, гӯё ин садоҳо дар дохили ҳамин ҳуҷра тавлид мешуданд. Иморат дар маркази шаҳр, дар паҳлӯи боғи сарсабзе ҷойгир буд.

Асал ангушт ба лаб бурд ва маро, ки аз лаҳзаи по бар ин макон гузоштан ҳарфе аз даҳонам берун намеомад, ба хомӯшӣ ташвиқ кард. Ӯ бо ишораи сар тахти канори панҷарааро нишон дод ва пичиррос зад.

– Хеле дард дорад, ҷонаш дар азоб аст.

Азбас дар ин фазои холӣ ҳатто наҷво низ пажвок эҷод мекард, зани рӯйи тахт аз ин ин пич-пичҳо бедор шуд. Асал дастамро бо аҷала ба тарафи худ кашид, гӯё агар монеъи ман намешуд, дафъатан ба самти он зан медавидам. Он зан гӯё сад тон вазн дошт, ки лаб зери дандон танашро оҳиставу бо эҳтиёт аз тахт баланд кард. Худои ман! Дари чеҳраи ӯ як тиккаи обод вуҷуд надошт, ба андозаи як саги хиёбонӣ кутак хӯрда буд. Чашмҳояшро басахтӣ боз кард. Хост лабханд бизанад, аммо захми хушкидаи гӯшаи лабаш монеъ шуд, даҳонашро бо кафи даст пӯшид ва бо ишораи сар ба мо салом дод. Аз он чеҳраи сиёҳу кабуд синашро намешуд ҳадс зад, аммо ҷисмаш ҷавон ба назар меомад. Асал канораш нишасту шонаҳояшро бо эҳтиёт навозиш кард, ӯ барои дар ин ҳуҷра маскун кардани ман аз он зан иҷоза мехост:

– Нигорҷон, бароят ҳамсоя овардам, исмаш Санам аст, духтараки хуб аст, дигар аз танҳоӣ афсурда намешавӣ, чӣ гуфтӣ?

Он зан ба нишони розигӣ сар такон дод ва ҳамзамон кифт дарҳам кашид.

Аммо ба маҳзи аз дар берун шудани Асал бо ҳамон душворӣ, ки аз ҷой баланд шуда буд, рӯ ба девор дароз кашид ва дасти гаҷдорашро рӯйи камараш гузошт. Сайъ кард кӯрпаро бо дасти сиҳаташ боло бикашад, аммо натавонист, танаш ингор ғалбер шуда буд ва бо ҳар ҷумбиш нолаи ҳазин сар медод. Болпӯшро бо эҳтиёт то шонаҳояш бардоштам. Бо садои нимшунаво гуфт:

– Худо ҳифзат кунад духтарҷон.

Ҳушу ёди ман ин дам ба гармоба банд буд, ду ҳафта боз тан ба об назада будам ва дилам аз бӯйи худам беҳузур мешуд. Ҳаммомро Асал ба ман нишон дод, дар охири роҳрав қарор дошт. Духтур гармобаро бароям иҷоза дод, аммо ман ба ҷуз ҳамин либоси олуда ба дору ва доғи хун, бо худ чизе надоштам. Тасмим гирифтам баъди душ либосҳоямро бишуям ва то хушк шудани пероҳанам рӯпӯшро даври танам бипечам. Дар ин андеша будам, ки як зани лоғари қоматбаланд бидуни дар задан ба ҳуҷро ворид шуд. Дар як чорчархаи кӯчак субҳона ва бароям як даста либос оварда буд, шабеҳи либосҳои бемористон обшӯставу камранг, аммо тамиз. Субҳонаи Нигорро аз ароба берун меоварду чашм аз ман барнамедошт, билофосила фикри бад кардам, ки шояд дар мавриди ман чизе шунида бошад. Аз ин эҳтимол, ки пизишк ё парастор асрори маризонро бо кормандони дигар дар миён мегузоранд, норуҳат шудам.

Пешкор як зани миёнсолу кунҷков ба назар мерасид, сурати борик, чашмони фурӯрафта, бинии нӯктез ва қомати монанди санавбар росту баланд дошт. Шабеҳи мардуми навоҳии атрофи пойтахт сарбандаку шоли сафед мепӯшид, домани пероҳани дарозаш қариб ба замин мерасид ва хилъати обии паноҳгоҳ дар танаш мисли рӯпӯши кӯтоҳ зоҳир мешуд.

Масъулияташро анҷом дода буд ва дар ин утоқ дигар коре надошт, аммо матоеро аз ҷайб берун оварду гӯё гарду ғубори рӯйи телевизору ҷевонро мебардошт ва ҳар аз гоҳе дуздида ба ман нигоҳ мекард.

– Духтари шаҳри ё аз ҷое омадаӣ?

Чизе нагуфтам, мисли Нигор рӯ ба девор чархидаму болопӯшро ба сарам кашидам. Ходим бесадо рафт, аммо бегоҳ вақте барои мо шом овард, на ба ман нигоҳ кард ва на ба Нигор, ғизоро бо тарақу туруқ рӯйи миз гузошту хомӯшона аз дар берун рафт.

Либосҳои тозаро бардоштаму дар такяи девор бо қадамҳои шумурда ва пойҳои бемадор ба сӯйи ҳаммом рафтам. Шикамам гӯё холӣ буд ва рӯдае дар он вуҷуд надошт. Ба маҳзи боз шудани дари ҳаммом чашмам ба ойинаи қаднамо афтод, пероҳани касифамро бо аҷала берун овардам. Вой, худамро нашинохтам! Лоғару рангпарида будам, шабеҳи одамони солҳо ранҷур. Шиками ҳамвор ва монанди шир сафеди ман тиравu паҷмурда буд. Аз ноф то зери шикам захме тӯл мекашид, каҷукилеб ва бо бахияҳои ноҳамвор, гӯё хола маро бо табар ҷарроҳӣ карда ва бо дирафш кӯк зада буд. Чи чизе метавонист бадтар аз ин бошад? Худро бо кароҳат аз ойина канор кашидам...

Ҳаммоми паноҳгоҳ дар сардӣ аз хонаи матрукаи Садаф фарқ надошт. Сармо аз деворҳои кошӣ нашт мекард ва қатароти об аз лӯлаву печҳои зангзада бо садои озордиҳанда ба замин мечакид. Чаҳор кобинаи бару дарозиаш каме бештар як метрро деворҳои начандон баланд аз ҳам ҷудо мекард. Занг печҳоро ончунон маҳкам ба лӯлаҳо васл карда буд, ки наздик буд ангуштонамро бишканам. Печи лӯлаи ғурфаи чаҳорумро ба сахтӣ боз кардам, риштаи борики оби ширгарм аз сӯроххои нимабози душ ба сарам

рехт, вале то расидан ба ронҳоям ба қатароти сард табдил шуд. Сару танамро ба навъе шустам ва аз сармо ба зери кӯрпа паноҳ бурдам. Нафаси сардам тадриҷан гарм шуд ва ларзаи баданамро фурӯ нишонд.

Сармои нофорам камтарин мушкили ман буд, маро масъалаи сарпаноҳ нигарон мекард, чун муҳлати буду бошам инҷо аввалу охир дошт, инро возеҳ бароям шарҳ доданд, ҷойро бояд барои ниёзманди баъдӣ холӣ кунам. Пас куҷо биравам? Ягона гузина модарам буд, як гузинаи заифу ғайри мумкин! Ин ҳама сол аз ман суроғе нагирифт, шояд фаромӯш карда бошад, ки духтаре дошт бо номи Санам. Мемонад хонаи Садаф... Ба фарз ҷое пайдо накардам, метавонам ба он хона баргардам, оре, сард асту торик, аммо беҳтар аз оне аст, ки дар хиёбон бимонам. Ҳолам дар ду ҳафта беҳтар мешавад, боғи он хона пур аз ҳезум аст, шамъи бешумор мехарам, як халта орд дошта бошам кофӣ аст, зимистонро онҷо сипарӣ мекунам, бо ҳамон саги пири ашрофнамо, Худо меҳрубон аст, дидӣ ки то гармо сабукие бароям фиристод. Ин фикр рӯҳияамро каме бардошт, ба худ гуфтам: «Худои ман, чи қадр муҳим аст, ки барои берун рафтан аз бунбаст ҳадди ақал як гузинае дошта бошӣ!» Хонаи Садаф аввалину охирин гузинаи ман буд.

Бошандагони ин маконро ҳангоми наҳор дидам, ҳашт нафар буданд, занҳои биступанҷ-сисола, теъдоди аслии онҳо, бо шумули беморҳои гӯшанишине мисли Нигор, эҳтимол ба понздаҳ нафар мерасид. Бо ишораи сар ба ҳам салом додему барои ғизо дар имтидоди пешхон пушти ҳам саф кашидем.

Макони сокиту ғамангезе буд, мисли бемористон, бошандагонаш низ шабеҳи беморони лоилоҷ гирифтору андешаманд буданд, майле ба сӯҳбат надоштанд, бо синии

наҳор бегонавор ба гӯшае менишастанд, нигоҳи чашмони афсурдаашон дар як нуқта гир мекард ва тиккаҳоро ғайриихтиёр мебалъиданд.

Субҳонаву шом дар утоқҳо пешниҳод мешуд, занҳо танҳо барои наҳор ба ошёнаи аввал мерафтанд. Он толори бе ҷиҳозро ба сахтӣ мешуд ошхона унвон кард, тамоми васоилаш ба чанд мизу сандалии пластикӣ ва як пешхони чӯбӣ маҳдуд мешуд, аммо барои занҳои бесарпаноҳ ин ҳам сарзиёдӣ буд. Сарошпаз синиҳои ғизои якрангро бо истакони чойи сиёҳ, як пора нон ва гоҳо пирошкӣ рӯйи пешхон қатор мечид. Ӯ як зани шавҳармурдаи аз дунё норозӣ буд, ханда ба гирду гузори лабонаш намечархид. Бо ҷисми лоғару касалнамо, сурати рангпарида ва гунаҳои устухонӣ ҳама гуна пешдовариро дар мавриди чоқии сарошпазҳо ботил мекард.

Синиҳоро бо сару садо рӯйи ғурфаи ғизо мегузошт, гиреҳи байни абрӯвонаш ҳеҷ гоҳ боз намешуд, гӯё «беморон» ҳаққи ӯро мехӯрданд.

Корашро анҷом медоду ду даст зери бағал ба занҳо зул мезад, мехост ҳарчи зудтар толорро холӣ кунанд, мехост зудтар ҷойи корашро тамиз кунад ва ба хонааш баргардад. Гоҳо ба ӯ ҳасодат мекардам, ба худ мегуфтам: «Ҳатто ҳамин зани густоху бадахлоқ аз тамоми бошандагони ин паноҳгоҳ хушшонстар аст, ки сақфе дорад болои сар ва касе ҳам ӯро шаллоқ намезанад!»

Баъд аз наҳор Асал маро то ҳуҷраам бадрақа кард, ҳанӯз дардманду заиф будам, раҳ ба раҳ гуфт, ки муроқиби Нигор бошам.

– Се рӯз боз об ба даҳон назадаст.

Нигор ҳанӯз ҳам рӯ ба девор мехобид, чанд бор бо баҳонаи дастшӯӣ аз ҷо баланд шудам ва дуздида ба ӯ нигоҳ кардам, хоб набуд, бо чашми солимаш мот ба девор

хира шуда буд. Ба ғизо даст намезад, гоҳо каме об менӯшид. Бо эҳтиёт наздаш рафтам ва дастамро оҳиста рӯйи шонааш гузоштам. Аз ламси ногаҳонӣ такон хӯрд.

– Ин манам апаҷон, наҳор хунӯк мешавад, баланд шавед, як каме ғизо бихӯред.

– Ташаккур духтарҷон, иштиҳо надорам...

– Ман ҳам иштиҳо надорам, аммо маҷбур ду луқма фурӯ бурдам. Баланд шавед, бо шумо ҳам ягон тикка мебардорам.

Бо кӯмаки ман рӯйи тахти хоб нишаст. Мизро ба тарафи ӯ бурдам ва худам рӯйи сандалӣ нишастам.

Нигоҳаш ба самти панҷара чархид, гӯшаи беосеби сураташ бо пӯсти гандумгун, чашми сиёҳи маҳзун, мижаҳои хамида латифу ҷаззоб буд, мисли аксҳои даврони ҷавонии модарам. Шояд сӣ сол дошт.

Як қошуқ биринҷро бо пораи гӯшти чархкарда ба даҳон андохту муддати тӯлонӣ ҷавид, вале ингор сангро фурӯ мебурд, ки аз дард ба худ печид.

– Иштиҳо надорам, – гуфту қошуқро дар гӯшаи коса гузошт.

Нахустин шаби ман дар ҷойи нав бо нолаҳои ҳамхонаам тавъам буд. Нигор ҳамчунон рӯ ба девор мехобид ва бо ҳар ҷунбиш оҳи дарднок сар медод. Бештар тарафи рости танаш дард мекард, шояд вақте кутак мехӯрд, қисмати бедифоъи баданаш осеб дида буд. Аз лобалои нолишҳояш мешунидам, ки мегуфт: «Худоё, ҷонамро бигир». Ин ҷумла ончунон бо дарду андӯҳ аз гулӯяш берун меомад, ки хаёлам ҳатто ба деворҳои захими ин ҳуҷраи бузург нуфуз мекард. Болопӯшро ба сарам кашидам. Барои аввалин бор дарди як шахси дигарро ба вузуҳ дар тани худ эҳсос мекардам, он қадр, ки дилбеҳузурӣ ба ман даст медод ва чашмонам тира мешуд.

Муроқибат аз Нигор зиндагии фалокатбори маро як каме арзишманд кард. Ин шуғл бароям муҳим буд, то битавонам як маҳилаи номафҳуми ҳастиамро пушти сар гузорам. Бо он бозӯи шикаста коре аз дасташ намеомад, ӯро то дастшӯйӣ мебурдам, шалворашро поин меовардам, дасту сураташро мешӯстам.

Гоҳо ба чеҳраи сиёҳу кабуди ӯ хира мешудам ва ба худ мегуфтам, «одам бояд чи ҷурме содир кунад, ки бо чунин бераҳмӣ, мисли як саги хиёбонӣ латту кӯб шавад?» Нигор ҳавсалаи гуфтор надошт, ман ҳам кунҷковӣ намекардам. Худам ба андозаи кофӣ мушкил доштам.

Рӯзи сеюми ҳамсоягиям бо Нигор иштиҳояш каме боз шуд, сураташ кам-кам ранг иваз кард, варами чашмаш ва карахшаи гӯшаи лабаш каме коҳиш ёфт. Чашми бозшуда-аш ҳавзи хунро мемонд. Пурсид:

– Ойина дорӣ? – деворҳоро бо нигоҳ палмосидам. Тоза мутаваҷҷеҳ шудам, ки ин хона ойинае надорад.

Гуфтугӯи ману Нигортанҳо бо ду се калима маҳдуд мешуд, тӯлонитаринаш «раҳмат духтарам» буд. Соатҳо бо ҳасрати ду зиндонӣ аз пушти панҷара ба дунёи берун хира мешудем, ба раҳгузарҳои шитобон, ба ҷуфтҳои рӯйи нимкатҳои бағали боғ, ба ҷавонакҳои шӯх, ки хиёбон аз садои хандаашон лабрез мешуд, ба як дунёи шигарф, дунёи аз мо дур, орӣ аз ғаму андӯҳ...дастнорас. Хиёбони пур аз нишот ба зиндагии накбатбори мо муртабит набуд, мо гӯё филм медидем.

Як рӯз мисли ҳамеша чашм ба сӯйи хиёбон доштем, ки Нигор ногаҳон гуфт:

– Ман ҳам замоне ҷавону зебо будам, зиндагии шоде доштам ...Хаёл мекардам ҳамеша ҳамин тавр мемонад.

– Шумо ҳоло ҳам ҷавону зебоед.

– На, ман дигар он Нигори пешина нестам, гумон

намекунам рӯзе битавонам ба ҳолати қаблӣ баргардам. Мисли устухони дастам, ки мумкин аст рушд кунад, вале барои ҳамеша осебпазир мемонад.

– Дишаб номи Шавкатро дар хоб фарёд мезадед ва ӯро нафрин мекардед.

– Ҳм...

– Чӣ тавр шуд, ки ба инҷо расидед?

– Чӣ бигӯям... тақсири худам буд, вақте як зан силлии аввалро таҳаммул мекунад ва бодалелу бедалал ҳамзистиро бо як ҳаюло идома медиҳад, табдил мешавад ба як зани «шаттахӯр», зарбаи дуюм дар назараш ба андозаи аввалӣ даҳшатнок наменамояд, баъдан одат мекунад ва ҳамаро лаб зери дандон қурт медиҳад...

– Шумо ҳам мисли ман бекас ҳастед?

Нигор пузханд зад ва муддате ба шишаи панҷара хира шуд, гӯё дар он ойина на хиёбони рӯъёҳо, балки тасвири зиндагии худро медид.

– Ман дар як хонаводаи суннатӣ бузург шудам, ягона духтари хонадон будам, бо чаҳор бародар. Падар шоҳи хонадон буд ва модар хизматгори ҳамагон. Тамоми бори рӯзгор, ошпазиву рахтшӯӣ, поккориву дӯзандагӣ ва тарбия панҷ бачаро модарам бар дӯш дошт. Ёд надорам, ки дар тӯли рӯз боре ҳам истироҳат карда бошад, ингор агар ӯ як лаҳза мутаваққиф мешуд, дунё аз гардиш бозмемонд. Ҳамеша машғули коре буд, ҳатто замони бордорӣ вақте шикамаш бузургу овезон мешуд. Рӯзи зоймон паст-паст нолиш мекарду сару тани додарамро мешӯст, барои як ҳафта нон мепӯхт, ғизо омода мекард, рахтҳоро уту мезад, лаб зери дандон то фарорасии дардҳои тоқатфарсо сабр мекард ва баъд як даст зери шикаму дасти дигар дар камар, хам-хам ба сандалии мошини ёрии оҷил мехазид. Ӯ панҷ бачаро бо ҳамин шева ба дунё овард.

Масъулияти падарам бо ноновари̣ маҳдуд мешуд. Кори сангине надошт, як ҳисобдор буд, босалобат ба хона бармегашту рӯйи кӯрпачаи нарм дар такяи болиштҳои пари қӯ мисли шер дароз мекашид ва модарам ба хизмати ӯ камар мебаст. Дар муносибати онҳо бӯйи ишқу алоқамандӣ эҳсос намешуд, ё шояд буду ман намедидам, аммо ба якдигар эҳтиром мегузоштанд, мисли хешони наздик буданд.

Ман хеле зуд издивоҷ кардам, ба гуфти дугонаам Марзия, он қадар зуд, ки муҳри хатми мадраса ҳанӯз дар шаҳодатномаам нахушкида буд.

Ҳаждаҳсола будаму ҳеҷ рӯъёе надоштам! Ҳатто наметавонистам хаёлпардозӣ кунам. Танҳо барномае, ки аз бачагӣ дар зеҳнам ҷой мекарданд, издивоҷ буд. Аз ҳамон даврони кӯдакӣ бо ҳамон сандуқи филизӣ, ки модарам дар он дона-дона бароям ҷиҳези арӯсӣ ҷамъ мекард, ба издивоҷ омода мешудам, гузинаи дигаре надоштам. Модар мегуфт:

«Солҳо хеле зуд мегузаранд, бояд бароят ҷиҳези арӯсӣ таҳия кунем, то мавриди таънаву сарзаниши ақвоми шавҳарат қарор нагирӣ».

Ҳамсари ояндаамро намедонистам, мегуфтанд ятими дари хонаи амак аст, азбас боҳӯшу зирак ва корчаллон буд, хеле зуд соҳиби хонаву дар шуд. Ӯ ҳам маро намешинохт, аксамро диду хушаш омад. Аз ман напурсиданд, ки оё он мардро мехоҳам ё не, ҳамсари оядаамро танҳо пушти чодари арӯсӣ дидам.

Ман заношӯии дигареро ба ҷуз шеваи зиндагии волидонам намедонистам, аз ин рӯ дар ойиладорӣ шудам айни нусхаи модарам ва сарнавишти ӯро нуқта ба нуқта такрор кардам, бо тамоми бори рӯзгор, ошпазиву рахтшӯӣ, поккориву дӯзандагӣ ва худро ба ҳамсар назр кардан. Танҳо

бо як истисно, падари ман ҳарчанд марди навозишкор набуд, аммо ҳаргиз дасти бизан надошт, ҳамсарам асабонӣ ва бераҳм буд, агар аз ҷойи дигаре нороҳат мешуд, қаҳрашро бар сари ман мерехт, баҳонаҷӯйӣ мекард, як лаккаи кӯчак дар кафш ё як чин дар пероҳани утушуда метавонист далели силие маҳкаме дар баногӯшам шавад. Дар шаш соли зиндагии муштарак боре ҳам барои ин кӯтакҳо талаби бахшиш накард, гӯё ин ҳам бахше аз масъулиятҳои ҳамсарии ман буд.

Боре шунидам, ки ба писари амакаш мегуфт:

«Тарбияи арӯси ҷавонатро дуруст ба роҳ бимон, мард бояд аз ҳамон рӯзи аввал сиёсати худро рӯйи зан пиёда кунад, шаллоқ ҳам як бахши тарбия аст, решаи калимаи «зан» аз ҳамон «задан» аст, инро аз ёд набар».

Шояд бипурсӣ, ки чаро бо доштани хонаи падар ва волидони барҳаёт ҷабри ҳамсарро таҳаммул мекардам? Ин ҳам далеле дошт.

Аввалин бор пас аз таваллуди фарзанди нахустинам ба сарам даст боло кард. Он рӯз вақти наҳор ба хона меҳмон овард, аҷала дошт, амр дод, ки зуд дастархон боз кунам. Кӯдаки семоҳаи мо нотоб буд, инҷиқӣ мекард. Як даст дар гаҳвора доштаму дасти дигар дар дегу коса. Бо ин ҳол ғизоро омода кардаму табақро ба ӯ додам, вале чою ширинӣ аз ёдам рафт ва ба назди бача давидам. Пистонам дар даҳони кӯдак буд, ки чой талаб кард, гуфтам:

«Бача мариз аст, илтимос чойро худат омода кун», – аз гарданам гирифту сабук бадошт ва ба сӯйи ошпазхона тела дод. Аз тарсу хашм меларзидам, бо ҳамон ҳол чою ширинӣ ва меваҳоро рӯйи синӣ чидам ва дар мизи канори нишеман гузоштам. Меҳмонҳо аҷала доштанд.

«Чойро як вақти дигар менӯшем» - гуфтанду рафтанд.

Шавҳарам онҳоро то дами дар бурду дари хонаи хобро кушод ва бо чашмони лабрези танаффур ба ман нигоҳ кард. Ҷариқаҳои нигоҳашро ҳаргиз фаромӯш намекунам.

Он рӯз аз кор барвақт баргашт, рост ба хонаи хоб омаду ҳамон тавр, ки говро аз оғил берун мекашанд, аз гесӯвонам гирифту маро аз сари гаҳвора дур андохт, пистон аз даҳони бача канда шуд, кӯдак чиррос зад.

«Чӣ кор мекунӣ, девона шудаӣ?» – гуфтам бо қаҳр.

Дигар намедонам чӣ шуд, ингор ба ғори тирае фурӯ рафтам. Вақте ба ҳуш омадам, ӯро болои сарам дидам, ба рӯям об мепошид, нигарон ба назар мерасид... Сарам чарх мезаду дилам беҳузур мешуд, бо ҳамон ҳол ба бачаам мерасидам. Саҳар худро дар ойина дидаму нашнохтам... суратам сиёҳу кабуд шуда буд. Ӯ бе субҳона ба кор рафт, шояд намехост паёмади мушти оҳанинашро бубинад. Ба маҳзи баста шудани дари вурудӣ чанд либоси бача ва ду се пероҳани худро бардоштам, шоли бузургеро ба сар кардам ва бо таксӣ ба хонаи волидонам рафтам. Падару модар аз дидани сару ҳоли ман шокӣ шуданд, достонро ба онҳо гуфтам. Фурсат доданд, то нафас рост кунам, сипас падарам муҳаррики мошинашро рӯшан кард. Ҳарду гуфтанд:

«Ҷангу ҷанҷоли зану шавҳар намаки зиндагӣ аст, боз оштӣ мешавед ва ин қаҳрҳо аз ёд мераванд...баъдан... бародарат дар садади издивоҷ аст, хуб нест қудоҳо туро дар ин хона бубинанд, баргард духтарам, ҳамааш дуруст мешавад».

Ман он рӯз як воқеияти талхро дарк кардам: дари хонаи падар барои ҳамеша ба рӯям баста шудаст ва ман ба ҷуз таваккал ба худо чорае надорам. Баргаштам ба ҳамон дахмаи заҷру азоб. Ба худ гуфтам: «Наход аз ин бунбаст роҳи бурунрафт вуҷуд надошта бошад?..»

Шавҳарам бегоҳ бо гӯшаи чашм ба сурати вармосидаи ман нигоҳ карду пузханд зад.

«Айби худат, дафъаи дигар чобуктар мешавӣ!»

Барои ман мутаассиф набуд, инсофе дар вуҷуд надошт! Ҳамон шаб, бо ҳамон сару ҳол ва тани дармандам маро таҷовуз кард. Вақте аз болоям баланд мешуд, «боз ноз ҳам мекунӣ!?» – гуфту даст бардошт, то муште ба сарам бизанад, аммо истиҳола кард.

Аз ӯ дигар хушам намеомад, мутанаффир будам, аммо аз тарс вонамуд мекардам, ки аз ламсҳояш лаззат мебарам. Танҳо аз ин хаёл, ки мумкин аст умрам ба ин шева идома пайдо кунад, ба танам ларза медамид.

Ду сол баъд фарзанди дуюмам ба дунё омад, росташ бордории нахоста буд, ҳеҷ намехостам аз ин мард дубора бача ба дунё биёрам. Духтараки зебоеро таваллуд кардам, мисли як фаришта, вақте доя гуфт – «навзод духтар аст», гиряам омад, ба худ гуфтам – «Эй вой, ҳайф ки бача ба дунё наомадӣ духтаракам...».

Бо фарзанди аввалам чиҳил рӯзи баъди зоймонро дар хонаи волидонам сипарӣ кардам, чунин роҳат дар фарзанди дуюм насибам нашуд. Маро даъват накарданд, шояд намехостанд шикоятҳоямро бишнаванд, ё эҳтимол фикр мекарданд, ки ҳатто агар ба нишони дилсӯзӣ ба каломи ман сар такон диҳанд, пуррӯ мешавам, ё шояд маро дигар намехостанд, ба ҳамин содагӣ... Модарам ду-се шаб бо ман монду бо баҳонаи бордории келинаш ба хона баргашт. Эҳсоси танҳоӣ мекардам, пуштибоне надоштам, пуштам холӣ буд...

Бо ин ҳол шаш сол аз зиндагии муштараки ман бо ҳамсарам сипарӣ шуд, то ки як шаб зани ҷавонеро бо худ ба хона овард.

– «Духтари фулон дӯстам аст, марде ӯро фиреб дода-

ву бордор кардааст, волидонаш мехоҳанд мо ӯро дар хонаамон пинҳон кунем то дур аз чашми мардум бачаашро ба дунё биёварад... Як муддат ёру дастёри ту мешавад, чӣ гуфтӣ?»

Тааҷҷуб кардам, на аз зуҳури як духтари бордор дар хонаам, маро оҳанги каломи ҳамсарам шигифтзада кард, дар шаш соли гузашта барои аввалин бор каломаш оҳанги узру хоҳиш дошт. Гуфтам:

– «Мушкиле нест, кори савоб мекунӣ».

Он шаб натавонистам духтарро ба дурустӣ бубинам, маро медиду худро мисли хорпушт дарҳам мекашид. Ӯро субҳ дар партави нурҳои офтоб дидам, тиккаи коғазеро бо маводи мавриди ниёзаш ба ҳамсарам медод, бо ишва суҳбат мекард, зоҳиран бо ҳам хеле наздик буданд.

Бисёр ҷаззоб ба назар меомад, болобаланд, лоғарандом, бо пӯсти чун оҷ сафед. Чашмони дурушти сабз дошт ва мижаҳои баланд. Эҳтимол таъсири ҷодуии мижаҳояшро медонист, ки онҳоро ағлаб мисли арӯсаки фарангӣ ба ҳам мезад. Шикаме надошт, бордориаш маълум намешуд. Ҳаддиаксар ҳабдаҳсола менамуд.

Барои ӯ дар ҳуҷраи паҳлӯии утоқи хобамон ҷой омода кардем, он ҳуҷра тахти якнафарӣ дошт, аммо фардои он шаб ҳамсарам тахти дунафарӣ, қолии зебо ва телевизор харид. Утоқро мисли хонаи арӯси нав зебову пероста кард.

Он духтар аз рӯзи аввал бо ман хайл нагирифт, худро канор мекашид, тақрибан ҳарф намезад, коре ҳам ба кори ман надошт, ағлаб мехобид, танҳо садои ҳамсарам ӯро аз тахти хоб баланд мекард ва ӯ бо ноз сари суфраи шом ҳозир мешуд.

Он рӯзҳо ҳамсарам бо ман фавқулодда меҳрубон буд, қаблан ҳатто дар мавриди харидҳои умда машварат намепурсид, ҳоло ҳатто барои бозории сода ҳам «чӣ бихараму

чӣ биёрам» мекард.

Ман ҳамеша як одами содалавҳу хушбовар будам, ба касеву чизе шак надоштам. Ба худ мегуфтам, чӣ бадӣ дорад, агар ҳамсари ман бо духтари рафиқаш меҳрубон бошад. Аммо зоҳири достони духтари бордор бо асл яксон набуд, то як шаб пардаи асрор бардошта шуд ва ман дарунмояи урёни он робитаро дидам, дурусташ, ҳардуро урён дидам.

Соати сеи шаб аз нолиши аҷибе бедор шудам, садо аз ҳуҷраи меҳмон ба гӯш мерасид. Шавҳарамро дар рахти хоб наёфтам, хаёл кардам бо он духтар иттифоқе афтодаст. Дарро боз кардаму аз ончи дар рӯшноии чароғи шаб медидам, моту мабҳут шудам. Дастам беихтиёр ба сӯйи тугмаи чароғ баланд шуд. Онҳо дар халсаи амиқ ғарқ буданд ва намефаҳмиданд чӣ мегузарад, аммо ман фаҳмидам, ки чигуна ин ду нафар маро табдил ба як улоғи аҳмақ кардаанд. Барои аввалин бор дар умрам аз ғазаб ҷӯш задам, хаёл кардам чашмонам аз ҳадақа берун ва дандонҳоям шабеҳи дандони гург бузургу тез шуданд, ҳарчи зери дастам омад, гулдон, кафш, сандалӣ, ба сари онҳо парт кардам.

Нахуст ҳамсарам ба худ омад, рӯйи духтар хам шуду ӯро аз зарбаҳо наҷот дод, сипас мисли паланг ба сари ман хез зад ва маро бо бераҳматрин шева лагадмол кард. Суратамро бо дастонам пӯшидам, аммо дасти ростам лат хӯрду дигар боло нашуд, ҳамаи зарбаҳо ба сару рӯям рост омад. Танам зери лагадҳояш леҳ мешуд, тиккае дар баданам обод намонд, дигар аз ҷой такон нахӯрдам, дардро ҳам эҳсос накардам. Аз гесӯвонам рӯ-рӯйи замин кашон-кашон ба назди дари вурудӣ овард ва бо як лагади маҳкам ба берун андохт. Калавидаму дар канори ҷӯйи хушкидаи ҷода афтидам. Чанде онҷо хобидам, зеҳнам дар меғ фурӯ

рафта буд, наметавонистам вазъиятро дуруст арзёбӣ кунам. Аз ҷой баланд шудаму қад-қади ҳамон ҷӯйбор ҳаракат кардам, ҷода торик ва хомӯшии шаб ваҳмангез буд. Шаш сол дар ин маҳалла зиндагӣ кардам, аммо касеро намешинохтам, то дарашро бикӯбам ва кӯмак биҳоҳам. Аз сагҳои хиёбонӣ, ки тӯда-тӯда дар ин атроф мегаштанд ва ба раҳгузарҳо дармеафтоданд, метарсидам.

Садои ҷакиши сагҳо то рафт возеҳтар ба гӯш мерасид, бо ҳарос аз сари шиғи паст ба боғчаи пушти панҷарае ҷаҳидам. Он хона се панҷараи бузурги торик дошт ва нардбони дарозу мустаҳкам, ки то бом мерасид. Ба он зина хазидаму якдаста аз паллаҳо боло рафтам, дасти дигарам рост намешуд. Майдони бузургеро дидам, пур аз коҳу дарзаҳои алафи хушк ва хирту пиртҳои дигар. Нахостам рӯйи майдон қадам бизанам ва хонаводаро машкук кунам, ба дарзаи бузурги коҳ такя задаму ва гӯш ба фаросии субҳ додам. Аз дур бонги хурӯсҳои бармаҳал ба гӯш мерасид, аммо атроф тиравy тор ва ҳаво сард буд, худро ба даруни коҳ кашидам. Дардро эҳсос намекардам, эҳтимол мағзам гиҷ шуда буд ва наметавонист воқеъияти ҳодисаи он шабро бипазирад. Чашм ба домани осмон доштам, то фарорасии сапедадамро аз даст надиҳам. Бо чи сахтӣ ва таъхир он субҳ фаро расид, танҳо ман медонаму Худо! Оҳиста аз ҷой бархостам, аммо акнун мутаваҷҷеҳ шудам, ки дар тан ба ҷуз пероҳани дарида ва олуда ба қатраҳои хун либосе надорам. Ба сӯйи ҳамон хирту пирт хазидам, кӯрпаву болишт буд ва як ҷомаи гардолӯди мардона, ҷомаро бардоштаму бесадо аз зинаҳо поён рафтам.

Намедонистам мардуми маҳалла ин қадр зуд аз хоб баланд мешаванд. Аз ҳар тараф садои ғурриши муҳаррики мошин, тақ-тақи чархи ароба ва шип-шипи ҷорӯб ва ба гӯш мерасид. Дар ин роҳи пур аз регҳои теғадор пойи

бараҳна, бо мӯйи перешон ва он ҷомаи хоколӯди мардона дар тан, беҳадаф пеш мерафтам. Агар касе агар маро бо ин ҳол медид, мегуфт, эҳтимол фирории тимористон аст. Хеле роҳ паймудам то аз дур ҷодаи чароғони мошингард намоён шуд. Ногаҳон мошине дар бехи гӯшам буғи ваҳшатнок заду маро аз пой афканд ва башиддат мутаваққиф шуд. Ронанда шояд ба роҳ нигоҳ намекард, ё мутаваҷҷеҳи ман набуд. Ӯ бо аҷала аз мошин берун омаду ба тарафам давид.

«Чаро дар байни ҷода роҳ меравӣ, магар аз ҷонат безор шудаӣ?»

Рӯ ба замин афтода будам, чеҳраам дар зери мӯйҳои печидаам пинҳон буд.

«Бо туам хола, ҳолат хуб аст?» – посух надодам, хам шуду мӯйҳоямро аз суратам дур кард ва дафъатан худро ақиб кашид. Лол шуда буд, хаёл мекард, ки ин захму варамҳо натиҷаи бархӯрд бо мошини ӯст.

Ҳайрон ба ман нигоҳ мекарду аз ҳайрат пилк намезад.

«Фақат нагӯ, ки ин ҳама лаккаҳои қирмизу сиёҳро аз як бархӯрди сода бо мошини ман, ман бардоштӣ!»

Оҳиста сар баланд кардам.

«Нигарон набошед, ин ҷароҳат рабте ба шумо надоранд»

Он мард қоматашро рост карду «Худоро шукр» гуфт ва оҳи сабук кашид. Сипас сари по рӯ ба рӯям нишаст ва бо чашмони рез ба ман хира шуд.

«Кӣ ин корро бо ту кард?

Посух надодам, охир ба як ғарибаи разҳгузар чӣ мегуфтам!?

«Хонаат куҷост? Дар ин субҳи зуд инҷо чӣ кор мекунӣ?»

...

«Хешу таборе, хоҳаре, бародаре дорӣ? Метавонам туро то хонаи бастагонат бирасонам».

«Касеро надорам...»

Аз ҷой бархостаму дасти маъюбам дар бағал, бе он ки ба ӯ нигоҳ кунам роҳамро ба сӯйи ҷодаи мошингард идома додам. Варами дастам аз зери остини ҷомаи захим низ эҳсос мешуд.

Он мард маро ба ҳолам гузошт, эҳтимол хаёл кард девонае беш нестам, мошинро рӯшан карду оҳиста аз паҳлӯям рад шуд.

Дар фосилаи даҳ-понздаҳ метр то ҷодаи калон дубора мошини он мардро дидам, ки аз хиёбони аслӣ ба тарафи ман меомад. Муҳаррикро хомӯш накарда, аз мошин берун омад ва раҳ ба раҳ гуфт:

«Бубин, хоҳарҷон, виҷдонам иҷоза намедиҳад, ки як инсони гирифтори бадбахтиро дар кӯча танҳо бигзорам, ба ман эътимод кун, медонам туро ба куҷо бубарам. Вагарна, дар ин хиёбон Худо медонад чӣ балое ба сарат меояд. Бишин...»

Одами хубе будаст, ба ман об дод, бутриро бо ҳирс холӣ кардам, ҷигарам ингор аз ташнагӣ бирён шуда буд.

Маро ба як сохтмони шабеҳи бемористон бурд, дараш барои корафтодаҳо баста буд, вале одамоне бо либоси пулис ба он бино омадурафт мекарданд. Дар гӯшаи хилвати бино рӯйи нимкате нишастам.

«Инҷо бишин, то дар боз шавад, ман зуд бармегардам». – Хеле интизор шудам, то ӯ баргашту маро бо худ ба дохил бурд.

Зани ҷавоне бо хилъати сафед ва кулоҳи баланд худро пизишки қонунӣ муаррифӣ кард ва маро пушти парда бурду гуфт, ки либосамро дарбиёрам. Намедонистам сару танам чи шаклӣ шуда буд, аммо бозтоби тасвири ваҳшат-

ноки баданамро дар чашмони қаҳваранг ва чеҳраи нозуки пизишк дидам: абрӯвонаш ғайриихтиёр боло рафтанд ва гӯшаи лабаш бо аломати ҳайрати беандоза поин омад.

«Чӣ касе ин корро бо шумо кард?»

«Ҳамсарам...»

«Он марди пушти дар аз бастагони шумост?»

«На, ман ӯро намешиносам, маро аз хиёбон бардошт...»

«Одами боинсоф будаст, дар ин солу замон чунин одамгариро ҳатто дар рӯз бо чароғ намеёбӣ».

Пизишк тамоми лаккаҳои сиёҳу кабуди сурату танамро дона-дона дар як гузориш дарҷ кард, муҳр гузошт ва ронандаро ба дохил хонд.

«Бандгоҳи соидаш беҷо шудааст, ба гаҷ ниёз дорад, бояд ӯро ба дармонгоҳи ёрии оҷил бубаред, ба бемористони Қарияи Боло, ё Шаҳраки тиббӣ».

«Ҷиддӣ мегӯед? Эҳсос намешавад, ки дард дорад».

«Дар ҳоли шок аст, ба ҳамин далел, вагарна бо ин даррафтагии соид аз дард бояд ба сақф мехазид».

«Бошад... Қарияи Боло наздиктар аст».

«Мо чунин зарбу шатмҳои шадидро ба пулис гузориш медиҳем, ходим дар роҳ аст, ҳоло мерасад, бояд бо ин хонум суҳбат кунад.»

Сипас маро ба гӯшае бурду даст рӯйи шонаам гузошт ва гуфт:

«Хуб гӯш кунед чӣ мегӯям, тамоми ҳодисаро бидуни истиҳола ба муфаттиш бигӯед, пофишорӣ кунед, ки аризаро бипазирад ва алайҳи он мард парвандаи ҷиноӣ боз кунад. Бесоҳиб нестед, қонун пушти шумост, бигзор барои ин ҷиноят посух бигӯяд. Агар ҳоло гузашт кунед, оянда аз ин бадтар хоҳад шуд. Раҳме даркор нест, ҳамон тавр, ки ӯ ба шумо раҳм накард».

Ман акнун кам-кам ба худ меомадам, тамоми ҳодисаи шаби гузашта бо суръати фазоянда аз пеши назарам гузашт. Чашми ростам дар пушти пилки варам намоён набуд, бо он чашми нимабоз ба пизишк нигоҳ кардам ва бо буғз дар гулӯ пурсидам.

«Бачаҳоям чӣ мешаванд?»

«Нигарони бачаҳо набошед, касе ҳақ надорад онҳоро аз шумо бигирад. Бачаҳо бо шумо мемонанд, аз рӯйи қонун он мард маҷбур мешавад барои шумо хонаву пул бидиҳад. Фақат...рӯйи парвандаи ҷиноӣ исрор кунед, фаҳмидед?»

Дар миёни ашк ва буғзе, ки дар гулӯям гир карда буд, сарамро бо нишони ризоият такон додам.

Бозпурс як марди миёнсоли гарданкӯтоҳу шикамдор буд, нигоҳе ба ман афганду сарашро поин андохт, гӯё аз кори шармовари як ҳамтояш хиҷолат мекашид. Ӯ мӯйҳои хокистарӣ, абрӯҳои серпашм, чеҳраи паҳну чашмҳои ҳалқамонанд ва ангуштони нозук дошт. Дастҳояш ба ҳайкали сангинаш дар ҳоли таноқуз буд. Чанд вароқи холиро аз пӯшааш бардошту назди ман гузошт, сипас бо овози нарм ва нозуктар аз ангуштонаш гуфт:

«Ҳодисаро аз «А» то «Я» бинавис».

Дасти ростамро дар такияи дасти чап боло бардоштаму қаламро ба даст гирифтам, аммо аз дард ба худ печидам.

«Соиди дасти росташ беҷо шудааст, навишта наметавонад». – Инро пизишк гуфт, ӯ зоҳиран машғули кори худ буд, аммо ҳаракатҳои муфаттишро зери назар дошт.

Бозпурс абрӯ дарҳам кашид ва норозиёна ба тарафи духтур нигоҳ кард.

«Пас чӣ кор кунам, ман ба ҷойи ӯ бинависам?»

Пизишк эътирози бозпурсро нашнида гирифт.

Ва баъд шурӯъ кард ба пурсидан. Ҳодисаро ба ӯ гуфтам, тамоми зиндагиамро, аз издивоҷ то бадбахтии шаби гузаштаро. Бозҷӯ бо хати шабеҳи нақши пойи мӯр чизе менавишт, оҳиста ва нохоста, гӯё кори беҳудаеро анҷом медод. Дар ҳоле, ки сар рӯйи коғаз хам карда буд, бо овози нозуки нимшунаво пурсид:

«Акнун чикор карданӣ ҳастӣ?»

Гуфтам:

«Мехоҳам барои ин кораш дар назди қонун ҷавоб бигӯяд».

Ӯ пузханд зад.

«Хуб, баъдаш чӣ? Ҷое барои рафтан дорӣ?»

Гуфтам:

«Надорам, аммо духтур гуфт, бо ду фарзанд ҳаққи ман ба он хона бештар аз ҳамсарам аст».

Лаби ӯ аз хандаи таънаомез каҷ шуд.

«Ба гапи ҳар бесавод гӯш надеҳ, аввалан, ҷанҷоли хонаводагӣ, ҳатто бо зарбу шатм аз рӯйи қонун ҷурми ҷиддӣ ҳисоб намешавад. Дувум, фарз кардем аризаат сабт шуд ва парванда ба додгоҳ рафт, натоиҷи фавқулоддаеро интизор набош, ҳамсарат бо як ҷаримаи ночиз ҳалос мешавад, баъд ту мемониву погаҳи дари додгоҳҳо, бо таваллое, ки туро дар гӯшае аз хонаи худат маскун кунанд. Медонӣ маскун будан яъне чӣ? Яъне боз ҳамон хона ва ҳамон шавҳар, танҳо бо ин тафовут, ки ту дигар соҳибхона нестӣ, табдил мешавӣ ба як иҷоранишин. Ва онгоҳ ҳар рӯз аз панҷараи ҳуҷраяки мисли катаки мурғ ба зиндагии хушбахтонаи ҳамсарат бо он зани ҷавон нигоҳ мекунӣ ва санги маломат бар сар мезанӣ, ки чаро аз рӯйи ӯ шикоят кардӣ! Аглаб писаратро ба наздаш мефиристӣ, то аз барои нону шакар пул бигирад. Ин камтарин паёмаде буд, ки тасвир кардам...Медонӣ чӣ қадар занҳо баъди маскун

шудан худкушӣ мекунанд? Беҳтар аст ман нагӯям ва ту нашнавӣ...Зиндагӣ ба ин содагӣ нест, қонун ҳам дар тарафи ту нест...ганда ё хуб, занро фақат шавҳар мебардорад... боз худ донӣ».

Нигоҳи чашми солимам ба духтур афтод, ӯ ба нишони инкор сар такон медод. Исрор кардам, ки аризаам сабт шавад. Бозҷӯ бо чашмони пур аз таассуф ба ман хира шуд.

«Духтарам, аризабозӣ намекардӣ беҳтар буд, дидӣ, ки боз бо ҳамсарат оштӣ шудӣ, ин шикоят доим дар робитаи шумо рахна мезанад. Рақами телефонашро ба ман бидеҳ, ӯро даъват мекунам, ҳушдор медиҳам ва туро ба хонаи худат бармегардонам, чӣ гуфтӣ?»

Машваратҳояш аз рӯйи дилсӯзӣ ва эҳтимол аз таҷрибаҳои андӯхтааш буд, инро эҳсос мекардам, аммо инро ҳам медонистам, ки пиёлаи шикастаи зиндагии ман дигар пайванд намешавад.

«Бошад, ҳарчи ту бигӯӣ» – гуфт, саранҷом бозҷӯй ва ба ҷумлаи ахир нуқта гузошт. Ногаҳон мутаваҷҷеҳ шудам, ки тамоми достони зиндагии шашсолаам дар ними як вараќи чопӣ ҷо шудаст.

Бозҷӯ рафт, духтур ҳам ба назар наменамуд, ман инҷо дигар коре надоштам, дарк кардам, ки ба ҷуз бозгашт ба хонаи волидон чораи дигаре надорам. Дарунам аз яъсу ноумедӣ мисли гӯристон торик шуд ва дастам аз дард ба нола даромад.

Ба ёди ронанда афтодам, эҳтимол ӯ нахост вақташро беш аз ин барои ман талаф бидиҳад ва бидуни худоҳофизӣ рафт.

Аз роҳрави тӯлонӣ ба самти дари хуруҷӣ мерафтам, нигоҳи раҳгузарҳо дар сурати ман дармемонд, эҳтимол бо чеҳраи сиёҳу кабуд ва он ҷомаи гардолуди мардона ваҳшатнок ба назар меомадам. Сар ба поин андохтаму қа-

дамҳоямро тундтар кардам.

Ба маҳзи берун шудан аз дар партави хуршед монанди сӯзан ба чашмони варамидаам фурӯ рафт, пеши поямро басахтӣ медидам. Касе аз бозӯям гирифту аз зинаҳо поин овард. Ҳамон ронанда буд, шӯълаи умед дар вуҷуди ноумедам шарора зад. Дар ин бекасӣ ингор наздиктарин касамро дидам.

Маро дар сандалии ақиби мошин нишонд, ҳатто напурсидам, «куҷо меравем?» Намедонам чаро, аммо ба он марди ношинос эътимод кардам. Ибтидо маро ба бемористон бурд, онҷо ба соиди беҷошудаам гаҷ гузоштанд, сипас ба ин марказ омадем, ба як ҷойи ношинос, бо одамҳои ношинос, ҳатто забони ин мардум дар гӯшам ношинос садо медод.

Эҳсос кардам, ки чизе дар зиндагиам ба таври ғайри қобили бозгашт тағйир кард ва дигар ҳеҷ чиз мисли қабл нахоҳад буд. То ҳол хуб ё бад, рӯзгорам риволе дошт: шавҳар, хона, бача... Акнун на шавҳар доштам, на хона ва на бача... Аз якояндаи торику осебпазир ва номушаххас ба ваҳшат афтодам, сели ашки шӯр аз чашмҳои маҷрӯҳам берун таровид ва ба он ҷомаи гардолӯд сарозер шуд.

Туро дертар оварданд, то омаданат ман ду шаб мижа ба ҳам назадам, дарди танам каму беш фурӯкаш мекард, аммо акнун ҷонам месӯхт. Мисле дарахте будам решакан ва бо захмҳои амиқе дар ҷисму рӯҳ, мисли фарде будам аз оламу одам бурида. Соатҳо рӯ ба девор хобидам, карахту афсурда, аз худу зиндагӣ безор, дилам ба ёди фарзадонам реш...

Аз бозҷӯ ҳам дигар хабаре нашуд. Одреси хонаи волидонам ва хонаи худамро дар ариза сабт карда буд, аммо касе ба суроғам наомад. Шавҳарам фикр мекунад ман ба хонаи падару модарам паноҳ бурдам, волидонам фикр

мекунанд... ба назарам онҳо аслан ба ман фикр намекунанд... Ағлаб аз радио мешунидам, ки «фалонӣ аз хона баромаду дигар барнагашт», тааҷҷуб мекардам, ки оё одам метавонад ба ин содагӣ нопадид шавад? Оре, мешудаст, онҳое нопадид мешаванд, ки ҳеҷ кас сидқан ба думболашон намегардад, ингор гум шуданашон ба салоҳи бастагон аст. Гоҳо бо худ мегӯям: «оё дар дунё макone ҳаст, ки гумшудаҳо дар онҷо пинҳон шаванд ва дигар касе ради пояшонро пайдо накунад?»

Имрӯз ба ёди наҷотдиҳандаам афтодам, ба ёди ҳамон ронандаи савобҷӯй. Аз ӯ ба ҷуз костуми кабуд ва гарданбанди қирмиз чизе ба ёдам намондаст, аммо садояш дар гӯшам нишаст. Садояш эътимод илқо мекард…»

Достони Нигор аз ғамноктарин достонҳое буд, ки дар он умри кӯтоҳам шунида будам, ҳатто ғами худро фаромӯш кардам. Нигор барои ман мисли як модар шуда буд, модаре, ки ба ҳимояти духтараш ниёз дошт. Аз ӯ беш аз пеш муроқибат мекардам, ҳамон тавр, ки як духтар аз мордари маризаш муроқибат мекунад. Дигар нагузоштам дар ҳуҷра гурусна бинишинад, ӯро маҷбур бо худ ба ошпазхона мебурдам, мехостам бидонад, ки ӯ танҳо зани озордида нест, дигарон низ чунин санҷишҳоро аз сар мегузаронанд, вале аз ҳам намепошанд, роҳеро барои наҷоти худ пайдо мекунанд. Ман он вақт барои дарки пасту баландиҳои зиндагӣ хеле ҷавон будам, фақат мехостам Нигорро аз ин ғори тираи худхуриву ноумедӣ берун биёрам.

Ӯ ғамҳояшро бо ман во мекард, аммо танҳо як бор пурсид, ки чӣ тавр шуд ба ин ҷо расидам. Зери лаб «ғур-ғур» кардам, аммо чизи қобили фаҳм нагуфтам, ӯ ҳам дигар ба ман кордор нашуд, шояд аз хам-хам роҳ рафтанҳоям пай мебурд, ки захми ман ҳам камтар аз лаккаҳои ҷисми ӯ нест...»

## Рӯ ба рӯ бо марг...

Утоқи рақами шаши бемористони марказӣ бо панҷараҳои рӯ ба боғ, тахту тушакҳои пур аз доғ, фарши тоза рангшуда ва соати беақрабаки рӯйи девор ҳеҷ гоҳ ба ин андоза мавриди кунҷковии кормандону беморон қарор надошт.

Парастору тамизкор ва маризон барои сар задан ба ҳуҷраи воқеъ дар охири роҳрав баҳона меҷустанд, то занеро бубинанд, ки соате пеш раҳгузарҳо аз рӯдхонаи бузург берун оварданд. Танҳо ҳузури бозраси додситонӣ онҳоро аз тамошои ба истилоҳ ин «сирки бепул» мунсариф мекард.

Бозпурси ҷавон рӯйи як дафтари калонҳаҷми шабеҳи «китоби анбор» хам шуда, бо дастхати зебо «протоколи бозпурсӣ» менавишт.

Ӯ як ҷавони ҳудудан бистуҳаштсолаи пашмолӯе буд, абрӯвони ба ҳам пайваста, мижаҳои анбӯҳ ва мӯйи мисли телпак ғафс дошт. Тозадомод ба назар меомад, ҳалқаи наппа-нави издивоҷро мудом дар ангушти дасти росташ мечархонд, гоҳ берун меовард ва дубора ба ҷояш бармегардонд.

Аз зери чашмони шабеҳи чашми гӯсола бузургу меҳрубон ба зани аз он дунё баргашта duздида нигоҳ мекард. Нигоҳаш ба дафтар буду ҳушаш ба ӯ, то мабодо монанди қаҳрамони филмҳои чиноӣ аз ҷой биҷаҳад ва худро аз ошёнаи дуюм парт кунад, ё исткони рӯйи мизро бишиканаду наштар ба рагҳояш бизанад.

Он зан нигоҳи «беҷо» дошт, сафеду ҳаросон, шабеҳи чашми моле, ки қассоб қасди куштанашро дорад. Мисли барги поизӣ меларзид, ё аз сармо, ё аз фишори равонӣ, ё шояд аз андӯҳе, ки нагузоштанд бимирад.

Бозпурс дарро боз карду бо садои баланд фарёд зад:

– Инҷо ягон одами зинда ҳаст? Ин чӣ тарзи бархӯрд бо бемор аст? Зани бечора як соат боз меларзад, на муоинае, на доруе, лоақал либоси тарашро иваз кунед! Ё шумо фақат ба пулдорҳо хизмат мерасонед?

Сиёсати бозпурс тамизкору парасторони фузулу ландаҳурро якбора ҳушёр кард, даводаву паропар оғоз шуд, яке либосҳои он занро иваз кард, дигаре барояш тӯшаки тоза овард ва парастор дастгоҳи қатрачаконро бо доруи нерӯбахш ба раги дасти ӯ пайваст кард.

Аммо хеле тӯл кашид, то пизишки навбатдор хаставу хоболӯд вориди утоқ шуд.

– Бахшиш, имрӯз якшанбе аст, ман танҳо навбатдори ин бахш ҳастам, дастам ба ҳама намерасад.

Зани кӯтоҳқаде буд, бо чеҳраи гирди кӯдакона ва чоҳи нозуке дар занахдон, синнашро намешуд ҳадс зад. Бораҳои хилъати махмалиро, ки монанди домани пероҳани арӯс ба думболаш меомад, бардошту рӯ ба бемор нишаст.

– Аз ҷиҳати физикӣ осеб надидаст, – гуфт ӯ пас аз муоинаи зоҳирӣ, – Инҷо мо фақат метавонем ба ӯ доруи оромибахш тазриқ кунем. Табобат ва аз ин ҳолат берун оварданаш дар салоҳияти мо нест, ба табиби вежа ниёз дорад... ба равонпизишк... Дуктур дар иморати дигар кор мекунад, фардо метавонем даъваташ кунем.

– Ман имшаб инҷо намемонам, маро мураххас кунед! – Зан кӯрпаро дур андохту аз ҷой нимхез шуд.

Дуктур ҳам эҳтимол аз ҳузури ходимони тартибот хушнуд набуд, ки билофосила гуфт:

– Ин тавр бошад забонхат бинависед, яъне бо ихтиёри худ аз бемористон хориҷ мешавед.

Бозрас бо ҳайрат ба ӯ нигоҳ кард.

– Ҷиддӣ мегӯед? Ба ҳамин содагӣ? Агар дубора қасди

худкушӣ кунад, шумо масъулияташро бар дӯш мегиред?

Абрӯвони борики пизишк баҳам омаданд, шояд мехост бигӯяд, ки «ман масъули худкушҳо нестам», аммо лаб зери дандон бурду истиҳола кард.

– Лоақал имшабро дар бемористон бимонед, фардо машварат мекунем, – гуфт ӯ ва бо ҳамон қадамҳои кӯтоҳи муносиб ба пойҳои кӯчакаш аз утоқ берун рафт.

Доруи оромибахш занро каме ба худ овард, чашмонаш софу нарм ва гунаҳояш гулобӣ шуданд.

– Ҳамон истакани обро ба ман медиҳед?

– Чаро не? – гуфт бозпурс, аммо на дар истакони рӯйи комод, балки дар як зарфи пластикӣ, ки парастор дар дохилаш дору оварда буд, барои ӯ об рехт.

Обро баякбор нӯшид.

– Чи ҳол доред? Беҳтар шудед?

– Чӣ бигӯям? Умед доштам имрӯзро ҳаддиақал дар сардхона сипарӣ мекунам, ё беҳтар аз он дар қаъри рӯдхона. Инро бубин, ки ман ҳатто ҳунари мурдан надорам!

– Ношукрӣ накунед, зиндагӣ неъмати Парвардигор аст, куфрони ин неъмат ба ҳеҷ далеле тавҷеҳ намешавад. Зан ба ин ҳарфи шабеҳи насиҳати як рӯҳонӣ пузханд зад.

– Бародар, барои ин суханон як зарра дер шуд…

– Чанд суол доштам, барои протокол, аммо агар эҳсоси заъф доред, метавонам фардо саҳар биёям.

– Имрӯзу фардо фарқе намекунад, вазифаатонро анҷом бидиҳед, мехоҳам зудтар аз ин ҷо мураххас шавам.

Бозпурс дубора рӯйи дафтар хам шуд.

– Чаро иқдом ба худкушӣ кардед? Кӣ шуморо ба ин амал таҳрик дод?

– Ҳеҷ кас... Касе наметавонад як фарди солиму нерӯмандро ба худкушӣ маҷбур кунад, иллат дар худи ман аст. Ман ба мардум иҷоза додам аз садоқатам, аз алоқа-

мандиям, аз неруи ҷисмониям сӯйистифода кунанд. Пеши пояшон хоки замин шудам, як воқеиятро аз ёд бурдам: инсонҳо шуморо ҳамон тавр мебинанд, ки худро ба онҳо муаррифӣ мекунед. Ман дар ҳамсарам маҳлул шудам, шахсиятамро гум кардам ва имрӯз подошамро гирифтам...

Бозпурс аз ин ҳарфҳо иттилоъи барои протокол заруриро пайдо накард ва суоломез абрӯ дарҳам кашид.

– Яъне, ҳамсар шуморо ба худкушӣ водор кард?

– Қиссааш муфассал аст, мумкин аст вақти шумо зоеъ шавад.

– Нигарон набошед, ман вақти кофӣ дорам.

Зан бо тардид ба бозҷӯ нигоҳ кард, баъд он қадр ба сурати ӯ хира шуд, ки ҷавони бечора аз хиҷолат сар ба зер афканд.

– Намедонед чаро ин соат ақрабак надорад?

Бозпурс аз ин суоли берабт тааҷҷуб кард. Ӯ пушт ба соат нишаста буд, чархиду ба девор нигарист.

– Намедонам... ҳатман печаш заиф буд, шояд ақрабакҳо ба дохил афтидаанд...

– Агар соати умри инсон ақрабак намедошт, чӣ мешуд? Эҳтимол мо ҳама аз чунин ҳастии тӯлонӣ безор мешудем... ва худкушӣ бароямон роиҷтарин чораи раҳоӣ аз чунин зиндагӣ мебуд.

Бозпурс «ҳазён»-и занро паёмади фишори равонӣ талаққӣ кард ва ноумед ба шунидани як ҳарфи мантиқӣ дафтару қаламро канор гузошт.

Зан достонашро бидуни муқаддима оғоз кард.

– Ман ҳамсари як муҳоҷири меҳнатӣ будам, ба ибораги дақиқтар, ҳамсари телефониаш, то як завҷаи воқеъӣ. Дар тӯли ду соли издивоҷ ӯро ҳамагӣ ду бор мулоқот кардам: бори аввал шаби никоҳ ва бори дуюм зимистони соли

гузашта, дар моҳи панҷуми бордориам.

Намедонам чаро, аммо аз рӯзи аввали издивоҷ як ҳиссе ба ман мегуфт, ки ин васлат дер давом намеорад. Ҳамон тавр, ки чизҳои маҳбуб ва пурарзиш саранҷом ё мешикананд, ё гум мешаванд.

Падару модари ман як умр муаллим буданд, инсонҳои наҷибу шариф ва накӯкор. Ман ҳам роҳи онҳоро думбол кардам ва пас аз хатми мадраса ба Донишгоҳи омӯзгорӣ санад супурдам. Соли дуюми донишҷӯӣ хоҳари кӯчаки падарам писари як дӯсташро ба ман муаррифӣ кард, аксашро нишон дод, аз ман дида зеботар буд. Чанд моҳ робитаи телефонӣ доштем, ба ҳам вобаставу алоқаманд шудем, меҳрубону боназокат буд, ҳарфи баде аз забонаш берун намеомад. Бо дипломи меъморӣ дар кадом қассобхонаи Русия кор мекард, суҳбатҳои ошиқонаи мо дар пасманзари «маъос»-и гову гӯсола ҷараён мегирифт.

Саранҷом барои ду ҳафта ба ватан баргашт, соли сеюми таҳсилам буд, хонаводаҳо маросими хостгориву фотиҳа ва тӯйро пушти ҳам баргузор карданд. Хонаводаи домод қабл аз тӯй ваъдаи қатъӣ дод, ки ба ҳеҷ ваҷҳ монеъи таҳсили ман намешавад, аммо ҳамсарам розигӣ надод:

«Шайтон барандаи роҳ аст, коре накунӣ, ки шарманда шавам».

Ман он замон ончунон ошиқу шайдо будам, ки тасмими ӯро ишқи беандоза маънидод кардам ва мураххасии таҳсилӣ гирифтам. Орзу доштам, ки маро бо худ ба он кишвари афсонавию ҷаззоб бубарад, ҳатто ба ҳамон қассобхона, то бо ӯ сар ба болин гузорам ва субҳ бо бӯсаҳояш чашм боз кунам, аммо ин рӯъё ҳаргиз амалӣ нашуд. Ивазаш пеш аз сафар ба ман гуфт:

«Ҳурмати модарамро ба ҷо биёр, нагзор аз ту норозӣ

шавад», – гӯё ба хотири модараш бо ман издивоҷ карда буд. Гуфтам: – «Чашм».

Ду ҳафтаи бо шавҳарам будан мисли ду рӯз гузашт, рафту ҳуҷраи биҳиштосои мо холиву сарду бенур шуд, аммо тухмеро дар батнам кишт, ки моро бо ҳам ҷону ҷигар мекард.

Модари ӯ пири барҷомонда набуд, зане буд шастсола, чоқ, чусту чолок, бо қомати кӯтоҳ, сари каммӯй, чашмҳое бо ранги номушаххас, вале аз ҳад беш кунҷков. Пӯсте дошт пур аз рангдонаҳои қирмиз, мисле, ки ҳамин ҳоло аз гармоба берун омада буд, танҳо чинҳои чарбии гардан ва кисаи пуфкардаи зери чашмонаш аз ин сурхӣ эмин мемонд. Чеҳрааш чаҳор фасли сол арақ мекард ва ман бояд мувозиби дастмолҳояш мешудам.

Агар меҳрубон мебуд, шояд қубҳаш низ дар назарам ҳусн менамуд, ба хотири ҳамсарам ҷонамро фидояш мекардам, аммо одами баде буд, мағрур, нописанд, ҳавобаланд, хонаводаи маро ҳақиру бебизоат мешумурд ва аз баландии мақоми як «ашрофзодаи сарватманд» ба ман нигоҳ мекард. Бадгумон буд, ҳар каломи маро ба чолиш мекашид, агар мегуфтам «шир сафед аст», бо чашмони нимапӯш ва бо шубҳа ба ман нигоҳ мекард, ки мабодо дурӯғ бигӯям. Аз ҳамон рӯзҳои аввал аломат дод, ки ман дар ин хона ҷойгоҳе надорам ва писараш танҳо ба хотири хидматгузории модар бо ман издивоҷ кардааст.

Ҳамсарам ду хоҳар дошт, яке парастор буду дигаре корманди ширкати мобилӣ. Бачаҳои панҷ ва шашсола доштанд, дар баробари назофати хона, ошпазӣ ва муроқибат аз модаршӯ, бори нигоҳубини он ду бача низ бар дӯши ман афтод. Беқарор буданд, гоҳ сари девор мепариданд, гоҳ ба ҳавзи пуроб. Модарони онҳо ҳар саҳар ин ду бачаро аз дари вурудӣ ба дохил тела медоданд ва ними

шаб ба думболашон меомаданд, гоҳо аслан намеомаданд. Ибтидо фикр кардам, ки шояд то ба ин хона омадани ман модаршӯям аз набераҳояш муроқибат мекард, аммо ин тавр набудаст. Ин тасмим, ки ман аз хоҳарзодаҳои ҳамсарам муроқибат кунам, қабл аз издивоҷи мо гирифта шуд. Хушдоманам сайру сулукро дӯст медошт, бо ҳамсояҳо гаштак ташкил мекард, хонаи хешу табор мерафт, меҳмон даъват мекард, пухутупаз ва муроқибат аз меҳмонон, аз масъулиятҳои ман буд, ӯ даст ба оби сард намезад.

Ман ҳатто ҳақ надоштам то хонаи волидонам биравам. Ҳар бор мегуфт мегуфт, «аз шавҳарат иҷозат бигир».

Дурӯғ мегуфт, дардаш чизи дигар буд: ман набошам, на ғизо буд, на либоси тоза, на ҳуҷраҳои тамиз ва на он ду бачаи мураттаб. Охири ҳафта аз ошпазхона берун намешудам, модаршӯям бо духтарҳояш рӯйи айвон истироҳат мекард ва пушти сари ҳам ғизо фармоиш медод. Бо духтарҳояш мегуфту механдид, ҳатто ба ёд намеовард, ки ман ҳам модар дорам, моҳҳо боз ӯро надидаам ва дилам барояш гум мезанад. Дар таъоруф ё каломи муҳаббатомез бисёр хасис буданд, дар ивази хидматам ҳаргиз калимаи «ташаккур»-ро нашунидам, гӯё як ҳарфи хуш ба арӯси хонадон эътибори онҳо коста мекард, гӯё каниз оварда буданд, на арӯс. Ман ин ҳамаро танҳо ба хотири ишқи беандоза ба ҳамасарам таҳаммул мекардам.

Вақте хушдоманам хабари бордориамро шунид, ҳаяҷонзада нашуд, зиёд хушаш наомад, нимшӯхиву нимҷиддӣ гуфт:

«Қадимҳо арӯсҳо бо шарму бо ҳаё буданд, солҳо мекашид то бордор шаванд, шиками арӯсҳои ин солу замон аз таги чодар пур аз каллаву поча мешавад!»

Ивазаш, ҳамсарам аз бордориам хушҳол шуд, мо акнун соатҳо бо ҳам суҳбат мекардем, барои бачаамон

исм мечӯстем, барномаи зиндагии ояндаро мекашидем. Вучудам аз хушбахтӣ лабрез мешуд.

Моҳи панчуми бордориам ӯ барои як моҳ ба хона баргашт, он моҳ беҳтарин моҳи зиндагиам буд. Меҳрубонии аз ҳад беши ҳамсарам ба модараш нафорид. Ҳамсарам намегузошт бори сангин бардорам ва мисли қабл соатҳоро дар ошхона сипарӣ кунам. Хоҳарҳояш низ камтар ба хона сар мезаданд ва бачаҳои худро ба кӯдакистон супурданд.

Ӯ рафту ҳама чиз ба ҳолати аввала баргашт. Ҳеч гоҳ аз хонаводааш пеши ҳамсарам шикоят накардам, ҳатто дар моҳи охири бордориам, вақте дасту поям аз корҳои сангин варам мекард.

Волидонам ба диданам омаданд ва аз модаршӯям хостанд, ки маро то таваллуди кӯдак ба хонаамон бифиристад, ӯ розӣ нашуд, гуфт:

«Писарам ичоза намедиҳад».

Модарам барои ман ғам мехӯрд, аммо инро нишон намедод, ҳатман дар хилват гиря мекард, ман ӯро мешиносам.

Аввали баҳор духтаракам ба дунё омад, исмашро гузоштем Баҳор, ширину дӯстрӯй буд ва мисли баҳор сабзу умедбахш. Чойи холии падарашро пур мекард, зиндагиам таровати дигар гирифт. Кори хона ҳам дигар бароям сангинӣ намекард, танҳо аз ин нороҳат будам, ки бачаам соатҳо бо дасту пойи баста дар гаҳвора мехобид. Вақте дасту пояшро боз мекардам, мисли зиндонии аз маҳбас раҳошуда ба озодии худ бовар намекард, баъд ором-ором пойҳои шахшудаашро ба ҳаракат медаровард, хушҳолӣ мешуд, мехост мудом дар бағалам бошад.

Ним сол ба ҳамин минвол гузашт, то ки рӯзе аз хонаи падарам тамос гирифтанд ва гуфтанд, ки модарам сакта кардаст.

Ҳамроҳ бо модаршӯям ба бемористон рафтем, модарам аз сактаи мағзӣ ҷони саломат бадар бурда буд, аммо ба ивази фалаҷ шудани як бари тан ва осеби мағз. Наздик ба як моҳро дар бемористон сипарӣ кард, вале беҳбуд наёфт, табибон низ пешбиниҳои дилгармкунанда надоштанд, ӯро бо ҳамон ҳол аз бемористон мураххас карданд. Ҳама медонистем, ки модарам дер давом намеорад. Хостам ҳаддиақал як ҳафта бо ӯ бошам, аз дидораш сер шавам, аммо хушдоманам чун ҳамеша ҳалли масъларо ба ҳамсарам вогузошт, ҳамсарам ба модараш. Аз ин бозиҳо хаставу асабонӣ шудам, ниҳоят хушдоманам гуфт:

«Хайр, агар хоҳӣ рафтан гир!» Ва бо ин гӯё ба ман иҷозаи рафтан дод.

Як ҳафта бо хоҳаронам ва бародарам болои сари модарам будем, ҳолаш рӯз то рӯз бадтар мешуд, дигар моро намешинохт. Таaҷҷуб кардам, ки дар ин як ҳафта касе ба суроғам наомад, ё ҳаддиақал занг назад. Эҳсоси хубе надоштам, худам ба хона баргаштам, рӯзи якшанбе буд, модаршӯям ва духтаронаш бо ахмҳои гирифта рӯйи айвон менишастанд, саломамро «алейк» нагирифтанд. Ба ҳуҷраи хоб рафтам, то бачаро дар гаҳвора хобонам ва аз паи кори хона шавам, аммо фурсат надоданд, пистон дар даҳони кӯдак доштам, ки ӯ бо духтаронаш ба ҳуҷраи ман ворид шуд ва гуфт, ки ҳамсарам мехоҳад бо ман суҳбат кунад. Модаршӯям баландгӯи телефонашро фаъол кард ва ман ҳаш-ҳаш нафс кашидани ҳамсарамро шунидам ва маъоси говҳоро. Баъди қадре хомӯшӣ бо садои сангин гуфт:

«Гӯш кун, агар ҳарфи хонаводаи ман барои ту арзиш надорад, пас ту ҳам дигар барои ман вуҷуд надорӣ, се талоқат кардам, чаҳор тарафат қибла!»

Сукути маргборе утоқро фаро гирифт. Гиҷ шудам, нафаҳмидам чӣ иттифоқ афтод. Суханони ҳамсарам дар гӯ-

шам шабеҳи пажвоки тундар дар ғори холӣ садо дод. Ба модаршӯям нигоҳ кардам... Ва бозтоби гуфтаҳои ҳамсарамро ба вузуҳ дар чеҳраи ӯ дидам. Бо шукӯҳу ифтихори як фармондеҳи пирӯз бар лашкари рақиб аз канорам рад шуд, чашмони кӯчакаш аз хушҳолӣ медурахшиданд, тамоми вуҷудаш, чеҳраи чоқи равғанӣ, холҳои гӯштии ришдор, синаҳои бузурги то камар овезон ва гардани кӯтоҳи дар шонаҳо фурӯрафтааш, ҳама ба ман шиори ҳамешагии ӯро такрор мекарданд: «шӯхӣ накун ба арбоб, арбоб занад ба ҳар боб».

Ҳисси воқеият билофосила ба ман барнагашт, замон бурд, то фаҳмидам, ки дигар шавҳар надорам, ӯ ба ҳамин роҳатӣ аз баҳри ман гузашт, шудам як беваи сеталоқа, хандахариши хешу бегона! Ногаҳон чизе дар вуҷудам чаппагардон шуд, инро равшан эҳсос кардам, ингор хун дар баданам роҳашро дигар кард ва чапғалат ба майнаи сарам зад. Он замон ҳеҷ чиз ба андозаи марг бароям дилпазир набуд.

Пистонро башиддат аз даҳони кӯдак берун кашидам ва қотеъона аз ҷой бархостам, ҳатто кафшҳоямро напӯшидам, бехуду беёд, бо қадамҳои бузург, дар имтидоди роҳи ноҳамвор ба сӯйи рӯдхонаи Душанбе рафтам. Шохаи сероби дарё аз ҳошияи маҳаллаи мо мегузашт, ба ҳамон самт роҳ пеш гирифтам.

Зеҳнам тамоми робитаашро бо ин дунё қатъ карда буд, ҳатто вуҷуди фарзанди ягонаамро фаромӯш кардам, гӯё аслан бачае надоштам. «Бисмиллоҳи Раҳмону Раҳим» гуфтаму худро ба рӯдхона андохтам... Намедонам чаро «бисмиллоҳ» гуфтам, шояд аз рӯйи одат буд, вагарна магар Худо дарҳояшро ба рӯйи як худкуш боз мекунад!?

Аммо нашуд, мурдан насибам набудаст, Худо гуфт: «ту ғалат кардаӣ, ин манам, ки тасмим мегирам бимирӣ

ё бимонӣ!»

– Кӣ маро ба худкушӣ таҳрик дод? Ҳмм...як ҳисси бисёр қавӣ, як ҳисси то ҳол бароям ношинос - эҳсоси интиқом! Мехостам бимирам ва бо марги худ ҳамсарам, модаршӯям ва хоҳаронашро муҷозот кунам, то умреро бо азоби виҷдон ва тарси ҷазои охират бигзаронанд.

Бозпурс чанде натавонист лаб ба сухан боз кунад, шигифтзада ба назар меомад. Саранҷом қотеъона гуфт:

-Ҳамаи онҳо барои ба марг водор кардани шумо ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Субҳ парванда боз мекунам, фақат як хоҳиш, нашавад, ки мисли ҷабрдидаҳои дигар ба доми ҳамсари собиқ биафтед ва аз қазия даст бикашед».

-Нигарон набошед, зинда монданам аломатест, ки набояд ақибнишинӣ кунам, онҳо бояд аз ҳалоҷии адолат бигзаранд, то дигареро мисли ман хар накунанд».

-Ҷое барои рафтан доред?

-Хонаи падарам... аммо ҳоло намехоҳам онҷо биравам, модарам охирин рӯзҳои умрашро зиндагӣ мекунад, ғами ман падари маризамро низ аз пой меафтонад. Шояд чанд шабро дар толори истгоҳи қатор сипарӣ кунам, онҷо байни мардуми зиёд метавон гум шуд...баъд... баъд, Худо ҳарчи биёрад.

Бозпурс дубора сар ба сукут рафт, бар чизе меандешид, ногаҳон хушҳолона аз ҷой ҷаҳид.

-Як паноҳгоҳро медонам, махсуси занҳои ҷабрдида аст, метавонам шуморо ба онҷо бубарам. Чанд рӯзе онҷо мемонед, ба худ меоед, шояд машварати хубе ҳам бигиред. Раҳбараш як инсони бисёр раҳмдил ва меҳрубон аст, мо гоҳе бо ӯ ҳамкорӣ мекунем.

Дар чеҳраи сангин ва нуфузнопазири зан аломате аз хушҳолӣ ба назар намерасид, ингор барояш аҳамият надошт, ки шабро дар истгоҳи роҳи оҳан сипарӣ мекунад, ё

дар як чолаи пур аз хасу хошок.

– Андозаи кафшатон чанд аст?

– Чаро мепурсед?

– Шуморо аз лаби рӯдхона побараҳна оварданд.

– Кафше даркор нест.

– Бошад, омода шавед, фардо ба думболатон меоям.

Зан чизе нагуфт, ӯ ба девор чархид ва болопӯшро ба сараш кашид.

## «Парии дарёӣ»

«Ману Нигор тадриҷан бо занҳои дигар ошно мешудем, дар долону ошпазхона ба якдигар салом медодем, ҳолпурсӣ мекардем. Дар байни бошандагони ин макон муаллимро ҳам дидам, духтурро ҳам, ҳисобдорро ва ҳатто як ҳунарпешаи театрро. Гӯиё ин занҳоро ба намояндагӣ аз ҳамаи ақшори ҷомеъа кӯтак мезаданд, то тавозун ҳифз шавад.

Як марди равоншинос бо мӯйҳои баланди тиллоӣ, айнакҳои бузург, кафшҳои беҷӯробу шалвори кӯтоҳ, рӯз дар миён, баъд аз наҳор ҳозир мешуд ва бо забони форсии омехта, ба лаҳҷаи инглисӣ ба мо машварати равонӣ медод. Ташвиқ мекард, ки мо аз иттифоқи ба сарамон омада хиҷолат накашем, ғаму нигарониҳоямонро ба якдигар бигӯем, шуҷоъ бошем. Хориҷиҳоро барои мо намуна меовард ва чораи раҳоӣ аз афсурдагиро ба мо нишон медод. Мегуфт: «Ҳар бунбаст роҳи хуруҷ дорад, фақат шаҳомат бояд дошт ва такя бар волидону бастагон кард».

...Одами бемантиқе буд, охир агар хонаи падар гузинаи наҷот мебуд, магар занҳо ба ин макон паноҳ мебурданд? Манзили шавҳар ақрабсарост, ки бояд таҳаммулаш кунӣ ва хонаи падар моли писар! Фарҳанги ҷомеъа рӯйи

ҳамин ду мантиқи бемантиқ бунёд шудааст ва касе намепурсад, ки чаро охир хонаи падар бояд танҳо моли писар бошад? Магар духтар ба дунё омадан ҷурм аст? Равоншиноси хушбин ба мо аз ҳаққу ҳуқуқамон мегуфт, аммо намедонист, ки аз мо то онҳо, фосила мисли аз замин то кайҳон аст!

Рӯзе аз наҳор баргаштему як бемори ҷадидро рӯйи тахти хоб дидем. Зонувонашро мисли нилуфари обӣ ба ду тараф боз карда буд ва аз синаи дамидааш дар як банкаи дулитрӣ шир медушид. Риштаҳои шири беранг аз шикофи пистонаш бесадо ба девори зарф бармехурд ва ба умқи он зарфи бузург сарозер мешуд.

Оҳиста ба ӯ салом додем ва дар катҳои худ нишастем. Сар бардошту моро бо нигоҳи сард варандоз кард ва дубора ба рӯйи синааш хам шуд. Дуздида ба ӯ нигоҳ мекардем, ҳудудан 25 сола буд, бо чеҳраи аз хашм печ хӯрда ва абрӯвони дарҳамкашида. Пӯсти рӯяш дар муқоиса бо синаи сафедаш тираву хокистарӣ менамуд, қафаси синааш аз нафасҳои тунд пасту баланд мешуд, дар чеҳраи сарду сангинаш чизи тарсноке вуҷуд дошт.

Дар ҳоле ки синаи росташро медӯшид, шири синаи чап пероҳани атласи рангҳояш ба ҳам омехтаро хис мекард ва чандиши ӯро меовард. Хашмгину норозӣ ба назар меомад, шабеҳи фарде, ки ба истилоҳ аз хокистар баланд шудааст ва акнун мехоҳад ҳар чизи дар масираш бударо нобуд кунад.

Ин муассиса қонуни нонавиштае дошт, бархоста аз зеҳну мулоҳизоти беморонаш – худдорӣ аз кунҷковиҳои беш аз ҳад ва эҳтиром ба ҳарими хусусии ҳамхонаҳо. Мо ҳам лаб ба сукут бастем, то ҳамсояи ҷадид роҳат бошад.

– Ман дирӯз аз як талоши худкушӣ ҷони саломат ба-

дар бурдам, – гуфт он зан ногаҳон, мо аз ҳайрат ях задем. Нигоҳаш бо мо набуд, гӯё дошт бо худаш ҳарф мезад.

– Мисли девонаи аз занҷир раҳида худро ба рӯдхона андохтам, шиновари̣ балад набудам, ба ҳамин далел сареъ зери об рафтам, ибтидо ҷонам шириниӣ кард, дасту по задаму ду бор рӯйи об баромадам, баъд поям раг кашид ва дигар натавонистам ҳаракат кунам. Акнун дошт нафасам мегирифт, зеҳнам тира мешуд ва об аз ҳар сӯрохи мумкин ба ҷисмам буруз мекард, ки касе аз мӯям кашиду маро аз рӯдхона берун овард. Аз шикофи зеҳни меғолӯд ду-се навраси 15-16 соларо дидам, ки аз сардӣ меларзиданд ва маро рӯ-рӯйи замин мекашонданд, об аз даҳону димоғам сарозер мешуд. Ба худ омадаму фавҷи тамошобинро дидам, онҳо бо чашмони аз ҳайрат бузургшуда маро тамошо мекарданд. Аз лаҳзаи ба об фурӯ рафтану берун шуданам шояд ҳафт, ё ҳаддиаксар даҳ дақиқа гузашта бошад, аммо ин ҳама мардум гӯё пушти он биноҳо интизори худкуше буданд, ки сареъ ба лаби рӯдхона расиданд. Касе ба ёрии таъҷилӣ занг зад, аммо пулис аз амбуланс пештар расид ва маро бо мошин ба бемористон бурданд.

Ӯ як лаҳза сукут кард то синаи дигарашро аз гиребон берун биёрад. Мо аз ин эътироф моту мабҳут шудем ва дар интизори идомаи достони ҳамсояи нав дам ба дарун задем.

Шонаҳояшро ақиб андохту чашмонашро баст, чанд лаҳза дар ҳамон ҳолат сукут кард ва сипас гуфт:

– Ҳамеша фикр мекардам, ки марг барои ман як поёни хеле дур ва бегона аст, аммо иштибоҳ мекардам, дар лаҳазоте марг ягона доруи раҳоӣ аз дард ва талхии бадбахтӣ будаст. Вақте рӯҳ бар тан бори сангин мешавад, мехоҳӣ раҳояш куни...

Зан синаи дуюмашро низ холӣ кард ва ба шири дохи-

ли зарф, ки чарби зард бар рӯяш нишаста буд, дуру дароз чашм дӯхт.

– Ин ризқи духтараки панҷмоҳаи ман аст, як бачаи вобастаи шири модар, бе пистони ман хобаш намебурд, синаамро бо ду даст маҳкам мегирифт, то мабодо канда нашавад. Лабханди ғамолӯде лабонашро аз ҳам ҷудо кард.

Садояш танҳо як лаҳза нарм шуд, сипас ниқоби сангин дубора ба сураташ баргашт, ширро бо аҷала ба зарфи дастшӯӣ сарозер карду обро сар дод ва гӯё аз бори гароне халос шуда бошад, ки оҳи сабук кашид.

Суман ном дошт, мо ӯро байни худ «парии дарёӣ» ном гузоштем. Тадриҷан ба ҳузураш одат мекардем, ба синаҳои аз гиребон берунаш, ба ҷиғҳои нимашабиаш ва ба «рӯзадорӣ»-и бевақфааш. Дар ҳузури ӯ бо ишораи чашм ҳарф мезадем».

* * *

«Аввалин ҳафтаи будубошам дар ин муассиса ба поён расид, ҷисми ҷавонам тадриҷан беҳбуд меёфт ва ин маро ба рӯзе наздик мекард, ки бигӯянд: «узр, мутаассифона, ту дигар наметавонӣ инҷо бимонӣ». Ман ҳатто ин саҳнаро дар зеҳнам тасаввур мекардам: чигуна Асал аз хиҷолат печу тоб мехӯрад, сурху сафед мешавад ва намедонад ин хабарро чигуна ба ман бирасонад, то ғаш накунам. Дубора гир кардам ба суоли «куҷо биравам?»

Садаф ду бор ба диданам омад, намехостам робитаам бо ӯ канда шавад, агар рафтанам аз инҷо ногузир бошад, хонаи Садаф ягона паноҳгоҳам хоҳад буд. Рӯзе пизишк маро ба дафтараш даъват кард, бо пойҳои ларзон ба ҳузураш рафтам. Бахияҳои ҷарроҳиро бардошту гуфт:

– Бишин, ба ту кор дорам, дилам аз сина ба поин лағзид.

Ҳаяҷонзада ба назар меомад, худкорро байни ангуштонаш мечархонд, дугмаашро пахш мекарду тик-тик садо дармедод. Бо чашмони рез ба ман нигоҳ мекард, аммо возеҳ буд, ки маро намебинад, афкораш дар ҷойи дигар буд.

Саранҷом қаламро ба истакони рӯйи миз андохт ва лаб ба гуфтор боз кард:

– Хушҳолам, ки саломатиат сареътар аз интизороти ман барқарор шуд..ҳм... аз натиҷаи ҷарроҳиат чӣ медонӣ?

– Чизе намедонам, беҳуш будам, фақат медонам, ки дар шикамам бачае буд, вақте ба ҳуш омадам, ҷояшро холӣ дидам...

– Ҳммм...намехоҳам ҳошия биравам, ҳама чизро ҳамон тавр ки ҳаст ба ту мегӯям, аммо набояд битарсӣ, ту як духтари ҷасуру солим ҳастӣ, ҳазорҳо нафар бо ин мушкилот зиндагӣ мекунанд ва ҳатто хушбахт мешаванд.

Интизори ин ҳарфҳо набудам, ҳайрону нигарон шудам.

– Мушкили ман чӣ аст?

– Мушкилат духтарам ин аст, ки дар ту ҷарроҳии гистерэктомия анҷом шудааст.

– Гис-терэк-томия?

– Яъне, ҷарроҳ раҳмро аз шикамат берун овардаст...

Мисли як одами ҳарфнафаҳм ба ӯ хира шудам

– Раҳм... ҳамон узвест, ки бача дар он нуҳ моҳу нуҳ рӯз месабзаду зиндагӣ мекунад.

Пизишк гулӯ соф кард.

– Яъне... агар зан бачадон надошта бошад, наметавонад бордор шавад...

Ман он замон гиҷу гӯл будам, аз таъсири таҷовуз, бордории нобаҳангому нохушоянд, аз танҳоиву бекасӣ, аз ҳафт моҳи пур аз фишору тарсу ҳарос... Ин буд, ки ҳар-

фи пизишк дар гӯшам чандон ваҳмнок садо надод. Ба худ гуфтам: «Хайрият нагуфт ҷойро барои «бемор»-и баъдӣ холӣ кунам». Аз куҷо медонистам, ки рӯзе бачаву таваллуд табдил ба бузургтарин укдаи зиндагиам мешаванд ва ҷойи холии раҳм дар шикамам ҳар лаҳза аз худ дарак хоҳад дод. Пизишк сарамро бо тараҳҳум навозиш кард ва сипас бо садои гирифта гуфт:

– Худо кӯмакат кунад, бирав духтарам, ба ҳуҷраат баргард. Ӯ қуттии сигорро бардошту қабл аз ман аз дар хориҷ шуд.

Вақте ба ҳуҷра омадам Нигор суоломез ба ман нигоҳ кард. Муҳтавои ҳарфҳои пизишкро ба ӯ гуфтам, ҳатто фаромӯш кардам, ки ин бечора на аз таҷовузам хабар дошт, на аз бордориам ва на аз ҷарроҳиям. Моту мабҳут ба ман нигоҳ мекард.

– Духтараки бечораи ман, кӣ ин корро бо ту кард?

– Кадомашро? Таҷовузро ё ҷарроҳиро?

Нигор чизе нагуфт, лол шуда буд.

Вақте фишурдаи достонамро, дар асл тамоми зиндагиамро дар се ҷумла ба Нигор гуфтам, ногоҳ дидам, ки ҳамсояи сокити мо дар ҷояш шах шудааст, нигоҳаш дар сурати ман гир карда буд.

Намедонам аз зеҳнаш чӣ мегузашт, аммо бо арзиши ночизе, ки ӯ ба зиндагӣ қоил буд, шояд мегуфт, бо ин вазъ бояд кайҳо гӯратро мекандиву омодаи мурдан мешудӣ!

Баъд аз ин, ӯ ағлаб чашмаш сӯйи ман буд, дуздида нигоҳ намекард, аз зери пешонӣ ба ман хира мешуд, эҳтимол ӯ ахбори бадро ба ин шева ҳазм мекард, аммо Нигор дубора афсурдагӣ гирифт, эй кош аслан ба ӯ чизе намегуфтам! Ба ман нигоҳ мекарду чашмонаш пуроб мешуд, мегуфт:

– Агар боме болои сар медоштам, туро бо худ мебурдам, бо ҳам зиндагии ширине медоштем, бачаҳои маро бо

ҳам бузург мекардем, ту мешудӣ як холаи дӯстдоштанӣ…
Дили ман аз муҳаббат ба ӯ лабрез мешуд».

## Сарвиноз – гуле дар миёни алафҳои ҳарз

«Рӯзҳои умри ман дар ин марказ гӯё бо суръати нур мегузашт, чеҳраҳо иваз мешуданд, қадимиҳо мерафтанду ҷадидҳо меомаданд, ман ҳатто фурсат намекардам онҳоро ба ёд бигирам. Намедонам он занҳо куҷо мерафтанд... шояд ба хонаи ҳамсарони худ, ё хонаи хешу табор, ё мисли Садаф ҷойи кор меёфтанду хона иҷора мекарданд.

Бо Сарвиноз дар оғози ҳафтаи дуюми зиндагиам дар он паноҳгоҳ ошно шудам. Ӯро баъд аз зуҳр ба утоқи мо интиқол доданд. Сураташ харошҳое дошт, аммо чашмонаш шабеҳи чашмони занҳои дигар ғамгину мукаддар набуд, моро ошкоро меомӯхт, хеле ҷавон буд, бо ман ҳамсин менамуд.

Ӯро дар тахти рӯ ба рӯйи Суман ҷой доданд, нишасту муаддабона лабханд зад. Сумани абусу камҳарф лабханди духтаракро бо ахмҳои гирифта истиқбол кард.

Духтарак атрофро меомӯхт, аммо нигоҳаш ағлаб дар мизи наҳори Суман гир мекард.

Ниҳоят сабраш сар омад.

– Апа, инҷо ғизо медиҳанд?

Суман сар бардошту бо тааҷҷуб ба ӯ нигоҳ кард, суолашро дуруст нашнида буд.

– Хеле гуруснаам, чанд рӯз боз об ба даҳон накардам...

Суман мизро ба самти духтарак тела дод.

– Ман ба ин ғизоҳо даст назадам, бихӯр, макаронпалав ҳоло сард нашудааст.

«Бемор»-и ҷадид ду дона қандро ба чой андохту ҳам

зад, пирошкиро ду ҳисса кард, ним барои худ гирифт ва ними дигарро назди Суман гузошт.

– Ман намехӯрам, шир дар синаам гиреҳ задааст, дарди шадид дорам, бояд пистонҳоямро холӣ кунам, дар ғайри ин, синаам зардоб мегирад.

– Бошад! – гуфт ӯ хушҳолона ва ҳар ғизои рӯйи миз будаpo хӯрд, ҳатто ду тикка нонро ҳам. Баъд беҳолона рӯйи тахти хоб дароз кашид ва чашм ба сақф дӯхт, шояд мехост ба ончи аз сараш гузаштааст мурур кунад, аммо ноаён хобаш бурд.

Суман маъмулан коре ба кори касе надошт, аммо он рӯз аз ҷой бархосту ба чеҳраи меҳмони дар ҳоли хоб хира шуд.

– Шабеҳи арӯс аст... абрӯвонашро тоза чидаву шакл додааст, мебинед? Мӯйҳояшро бингаред, ба шеваи арӯсҳо оро додааст, ҳмм... аммо тифлак хеле кӯтак хӯрдааст, ин доғҳоро бубинед, ӯ монанди коршиноси ҷиноӣ бо осори ангуштҳо дар гардан ва сари синаи духтар ишора кард. «Аҷиб аст, инҷо чӣ кор мекунад?

Мо ҳам кунҷков шудем ва сари болини духтарак омадем то аломатҳои зикршудаpo бо чашми худ бубинем.

Меҳмони нав муддати зиёд хобид, шояд то ӯ касе дар як макони ношинос ба ин андоза тӯлонӣ нахобида буд. Вақте барои ғизои шом бедораш кардем, ба манзури «намехӯрам» даст афшонд ва пилкҳояш бо мижаҳои баланди қаҳваранг дубора ба ҳам омаданд.

Ҳабдаҳ соат хобид! Як нафар бояд чанд шабонарӯз бедорхобӣ бикашад, то баъдаш якшабонарӯз сар аз болин барнадорад!? Вақте аз хоб сер шуд, дигарон ҳанӯз дар зери пату ғунуда буданд. Ман хоби сабуке дорам, ҳатто аз нафаси ҳампаҳлӯям бедор мешавам, ҳаракатҳои духтаракро бо гӯшаи чашм таъқиб мекардам. Аз рахти хоб бар-

хосту дастонашро бо ҳаловат каш дод, сипас дастмолро бардошт ва бо қадамҳои сабук аз ҳуҷра берун рафт.

Хеле тӯл кашид, то дастмол рӯйи китф тозаву хушҳол баргашт. Дар набудани ӯ пешхизмат барои ҳар чаҳори мо субҳона овард, духтарак мизи кӯчакро пеш кашид ва ширбиринҷу чойи ширин ва нони гармро бо иштиҳо тановул кард.

Замоне ки ману Нигор пушти суфра нишастем, ӯ субҳонаро тамом кард ва бо ҳамон лабханди муаддабона ба мо чашм дӯхт.

– Чанд рӯз мешавад инҷо монд?

– На зиёд... ҳаддиаксар се ҳафта, – гуфт Нигор.

– Баъдаш чӣ мешавад?

– Баъд, ҳар кас бояд роҳе барои худ пайдо кунад.

– Шумо ҳам ҷое барои рафтан надоред?

– Надорем...инҷо ҳама мушкил доранд...

– Фаҳмо... – дар чеҳраи ӯ аломати нигаронӣ ба назар мерасид.

– Ту инҷо чӣ кор мекунӣ? – пурсид Суман ва аз зери кӯрпа берун омад.

– Ман? Ман ҳам мисли шумо дар кӯча мондам, – ӯ хиҷолатомез лабханд зад.

– Исмат чӣ аст?

– Сарвиноз.

– Чандсолаӣ?

– Ҳафтаи пеш ҳаждаҳсола шудам.

– Ту ҳанӯз бачаӣ!

– Оре, худам низ тааҷҷуб мекунам, намедонам, чаро ин иттифоқ бо ман афтод, – ӯ баланд хандид, аммо ин аз ҳамон хандаҳое буд, ки инсон аз таҷрубаҳои талх ба онҳо паноҳ мебарад.

– Чаҳор рӯз қабл, вақте дар хиёбонҳо аксбардориву

гулгузорӣ мекардам, як одами комилан мутафовит будам, бо рӯъёи як ояндаи шигифтангез...

– Хиҷолат накаш, мо ҳам як достонҳое дорем, шояд аз ту ғамангезтар, – духтаракро ҷасур кард Нигор.

Сарвиноз ниёз ба таҳрик надошт. Ӯ аз рахти хоб баланд шуд, сандалиашро ба васати ҳуҷра кашид, бо он ҷисми лоғаракаш рӯйи сандалӣ чорзону зад ва шабеҳи як достонсарои пуртаҷриба ором ба қиссагӯи оғоз кард.

– Моҷарои ман аз ҳарзаҳои шабеҳи кобус аст, гӯё чанд рӯз дар як филми тарснок зиндагӣ кардам...

...Маро рӯзи душанбе ба шавҳар доданд, дар як рӯзи корӣ, оғози ҳафтаи ҷадид, вақте мардум ба думболи корҳои муҳимтар аз тӯй буданд ва аз нисф зиёди меҳмонҳо даъватро бо баҳонае рад карданд. Хонаводаи пурҷамъяти ман, ки ба қавли маъруф, «оҳ» дар бисот надошт, ин рӯзро танҳо ба хотири тахфифи панҷоҳ дарсадии хадамоти як тарабхонаи арзонак интихоб кард. Намехоҳам ношукр ба назар бирасам, аммо аз оғоз инсони барӯзӣ набудам ва тааҷҷуб мекардам, агар тӯи арӯсиям бо шеваи дигар баргузор мешуд.

Чаҳор бародару се хоҳар дорам, ҳамаи мо аз якдигар бо тафовути як солу ним, ё каме бештар ба дунё омадаем, ман фарзанди панҷуми хонадонам. Модарам, Худо умрашро дароз кунад, дар зоду валади бе барнома назир надошт, ба таври ғаризӣ бордор мешуду бача мезоид, ҳатто парандагони зери сақфи мо бештар аз ӯ ояндабину воқеъгаро буданд, ки ибтидо лона месохтанд, шароит эҷод мекардан ва баъд тухм мегузошанд. Модарам як зани шоду бепарво буд, дар ҳоле, ки падари заҳматкашам дар пеши чашми ӯ гандапир мешуд, дар мӯйи модарам ба нудрат мешуд тори сафед пайдо кард.

Мо ҳама бо маоши ночизи падари гаҷкорам бузург

шудем, ки субҳ бо бастае иборат аз як пора нону чанд дона қанд ва қумқумаи ҳомили чойи доғ аз хона берун мерафт ва шом хаставу лакот бармегашт. Бо гузашти солҳо гунаҳояш бештар дар сураташ фурӯ мерафт ва чашмони ғамгинаш зери абрӯвони хамида нопадид мешуд. Гоҳе моро навозиш мекард, пӯсти дастонаш шабеҳи коғази сунбода шахшӯлу ноҳамвор буд.

Ду бародари бузургам, ки на диплом доштанд ва на ҷойи кор, хеле зуд издивоҷ карданд, бо қарзу фарз, ингор агар бо ин аҷала зан намегирифтанд, олоти таносул аз шалворҳояшон фирор мекард. Ҷавонҳои болобаланди хушқиёфа буданд, аммо нокора. Падарам хост ҳаддиақал гаҷкор шаванд, онҳо напазируфтанд. Дар ду гӯшаи ҳавелии начандон бузурги мо монанди парастуҳо аз лою рег барои худ хона сохтанд ва пушти ҳам фарзанд ба дунё оварданд. Бародаронам аз ман ҳам бетолеътар баромаданд. Бо пули қарз ҳамроҳ бо ҷавонҳои маҳалла ба Русия рафтанд, вале аз байни ин ҳама мардум ҳамин ду бародари ман депорт шуд. Баъди бозгашт ағлаб дар хона мехобиданд ва сериоли туркӣ медиданд, чашму даҳонашон ба маоши падари гаҷкорам буд, ки акнун роҳ мерафту мекалавид.

Волидонамро дӯст медорам, инсонҳои содаву меҳрубонанд, аммо қаноъаташон аз ин зиндагӣ камоли ҳамоқат аст. Як инсон наметавонад ин ҳама муддат дар фақри амиқ ба сар бубарад ва сайъ накунад чизеро тағйир бидиҳад! Хеле барвақт ба худам қавл додам, ки бо ҳар роҳи мавҷуду номавҷуд, бояд аз ин ботлоқ раҳо шавам, таҳсилро идома бидиҳам, такягоҳе бошам барои худам, барои хонаводаам ва ҳаргиз фарзандонамро дар маърази фақру ноумедӣ ва ҷаҳолат қарор надиҳам.

Талабаи пешқадами синф будам, ҳушмандиам ва теъ-

доди китобҳои хондаам аз ҷониби устодон ситоиш мешуд, баъди ҳар «чаҳоряк» бо худ «Раҳматнома» меовардам. Падарам он варақҳои рангаро, ки исми ӯ низ дар онҳо сабт шуда буд, дар чаҳорчӯба мегузошт ва бо ифтихор ба девор меовехт. Аз омӯзгорони мадраса муаллимаи риёзиёт улгӯи ман буд. Бо ман мисли дугона, ё беҳтар аст бигӯям, мисли хоҳари бузург рафтор мекард ва ангеза медод, ки фаротар аз барномаҳои дарсӣ рушд кунам, аз пешрафтҳоям хушҳол мешуд. Хонаводаи маро мешинохт, мегуфт:

– «Ту шабеҳи донаи як гули зебо ҳастӣ, ки тасодуфан дар байни тухмии гашнизу райҳон ба замини камнумӯъе афтодаӣ, ҳаргиз ба сахтиҳо таслим нашав, ёдат бошад, ту гули зебоафтоди ва ҷойгоҳе дорӣ болотар аз гиёҳҳои дигар».

Гоҳо ба назарам мерасид, ки ӯ дар ман рӯъёҳои барбодрафтаи худро медид, бо ҳавас ба ман чашм медӯхт ва мегӯфт: «ҳис мекунам ояндаи шигифтангезе дорӣ, нагзор бо иштибоҳоти ислоҳнопазир хароб шавад».

Муаллима ҳусни ғайримаъмулӣ дошт, гунаҳои баланд, бинии кӯчак, чашмонаш танг ва сурати байзашакли сабзина. Мисли як байтал буд, зебо, бошукӯҳ, барозанда ва бо азулоти варзида. Худаш ҳам намедонист ин вежагиҳо аз куҷо реша гирифтаанд, гоҳо бо шӯхӣ мегӯфт:

«Шояд бозмондаи кадом қабоили муғул ҳастам». Омӯзгорони зандору безан пеши ӯ мисли мум нарм мешуданд ва оби даҳони ҷавонҳои синфи болоӣ барои муаллима мерехт. Намедонам, оё боре издивоҷ карда буд ё не, аммо як писари панҷсола дошт.

Баъзе дарсҳояш баъд аз зуҳр баргузор мешуд, дар чунин рӯзҳо ман аз писари ӯ парасторӣ мекардам, дар иваз бароям ройгон дарси иловагӣ медод, маро ба имтиҳон омода мекард. Ба худ мегуфтам:

«Охир, кӣ бо ҷайби холӣ ба донишгоҳ меравад, ки ман нафари дуюм бошам!?»

Донишгоҳ бароям як орзуи дастнорас буд, тасмим гирифтам, ки ҳаддиақал дар риштаи парастории Коллеҷи тиббӣ сабти ном кунам. Падарам аз ин хабар хушҳол шуд, чашмонаш аз шодӣ барқ заданд, аммо бародари бузургамро ногаҳон ғайраташ ҷӯш зад ва гуфт:

«Духтарро чиву хонданаш чӣ, дар хона бишинад, ба янгаҳо кӯмак кунад!»

Ӯ як моҳ боз аробаеро киро карда буду дар бозор бор мекашонд, ду-се танга ба хона меовард ва бо ин мақоми ҷадид ҳукми худро бар мо раво медонист. Падарам солманд шуда буд, ӯ шабеҳи гурги пир дар баробари хашми гурги ҷавон эҳсоси заъф карду худро ақиб кашид.

Ҳамин тавр, дар интихоби ҳамсари ояндаам низ нақше надоштам. Дер накашид, то маро ба шавҳар доданд. Ҳамаро бародарам ҳаллу фасл кард. Домодро ҳам худаш ёфт, он ҷавон дар ҳамон бозор нонвойӣ дошт, мисли мо бебизоат набуд. Маъюс шудам, хеле гиристам... албатта метавонистам фирор кунам, ҷое бираваму гумугӯр шавам, айби худам шуд, сустӣ кардам...

Рӯзе ду-се зан бехабар дар заданд, маросими фотиҳа пас аз як ҳафта ва ҳафтаи дигар тӯй баргузор шуд. Ба ин тартиб маро дар ивази ду ҳазор доллар, ки ниме харҷи пероҳан ва ниме пули тарабхона буд, ба шавҳар доданд. Падарам дар ҳоле, ки ашк дар чашмонаш ҳалқа мезад, аз хонаводаи домод илтиҷо кард, ки монеъи таҳсили ман нашаванд. Модари домод гуфт:

«Нигарон набошед, ман ҳам ба думболи арӯси таҳсилкарда мегардам».

Домод марде буд муаддаб, хушқиёфа, қавипайкар ва меҳрубон. Дар дасту рӯю гарданаш доғҳое дошт аз

нонпазӣ, аммо он доғҳо ҷаззобияти ӯро кам намекарданд. Оилаи кӯчак дошт, модару як бародари аз худаш хӯрдтар.

Пас аз ақди никоҳ тамоми рӯз дар шаҳр гаштугузор кардему акс бардоштем ва бар пояи муҷассамаҳо гул гузоштем. Дастамро раҳо намекард, чанд бор оҳиста ба гӯшам гуфт, «мехоҳам бо ту танҳо бимонам.» Аз ин суханҳо раъшаи марғубе бар танам мавҷ мезад.

Саранҷом маросими арӯсбинону ширинихӯрӣ ҳам ба анҷом расид ва дар хона ба ҷуз модари домод ва бародари кӯчаки ӯ дигар касе намонд. Онҳо дар гӯшаи дигари ҳавлӣ, дар хонаҳои қадимӣ зиндагӣ мекарданд, мо дар сохтмони ҷадид, бо ошхонаву душу ҳоҷатхонаи замонавӣ ва дуртар аз манзили қадимӣ. Домод маро рӯйи даст ба хонаи хоб бурд ва дар тахти нарму зебо хобонд, дар рӯшноии чароғ либосҳояшро аз тан даровард ва мисли паланг ба рӯйи ман ҷаҳид.

Аз ин нуқта ба баъд рӯйдодҳо он қадр сареъ сурат гирифтанд, ки думбол кардани онҳо бароям сахт буд. Ногаҳон аз ҷой баланд шуду ингор тангааш дар шикофе афтода буд, ки патуро бардошту сару бари рӯпӯши тахтро бо диққат ҷустуҷӯ кард. Сураташ мисли девонаҳо буд, болҳои биниаш аз хашм меларзиданд, мушакҳои рӯяш таранг шуданд, намедонам думболи чӣ мегашт, аммо мутмаинан онро пайдо накард ва силлие маҳкаме ба рӯям заду маро бо лагад аз тахт берун андохт. Рӯпӯши тахти хобро бо асабоният берун овардү бо кароҳат ба тарафи ман парт кард, сипас дар кунҷи тахт нишасту сураташро бо даст пӯшонд ва инони гиряро сар дод.

Агар гӯям, ки шок шудам, яъне чизе нагуфтам.

Ҳанӯз ҳам он шабро ба ёд биёрам, мӯй дар танам сих мешавад.

Хостам оромаш кунам, оҳиста ба сӯяш лағзидам,

аммо ӯ мисли гови девона рамиду чашм ало кард ва бо кароҳат худро канор кашид. Сукути маргбори утоқро садои нафасҳои сангини ӯ мешикаст. Ман аз оташи қаҳру ғазаби он марди паҳлавонҷуссса, ки наздик буд садди вуҷудашро бишканад ва маро ба хокистар табдил диҳад, ба ваҳшат афтодам.

«Бакоратро ба чӣ касе додӣ?» – мисли мор фашшос зад ӯ, ин каламот бо буғз аз лойи дандонҳои ба ҳам фишурдааш берун омад.

«Ба Худо савганд, ба Қуръон савганд, ки то ҳол дасти ҳеҷ марде ба тани ман нарасида буд!»

«Рӯят сиёҳ ҷалаб, ту бо ин ҳол боз Худову Қуръонро шоҳид меорӣ?»

Мехостам даҳон боз кунам ва бигӯям иштибоҳ мекунад, ман гуноҳ надорам, аммо фурсат надод, бо мушти дигараш хун аз димоғам фаввора зад.

«Дар ивази хуни бакорат тамоми хунро аз баданат берун меорам, ту ҳоло намедони бо кӣ сар ба сар шудаӣ!»

Хостам дод бигӯям ва ҳамаро бедор кунам, даҳонамро бо кафаш баст ва маро ба гӯшаи девор пахш кард.

Як сония даст аз даҳонам бардошт, пурсидам:

«Чаро бо ман ин корро мекунӣ? Гуноҳам чист?» – сари по бо рӯ ба рӯям нишаст ва бо чашмони боз ба ман хира шуд.

«Гуноҳатро намедонӣ? Қарор буд дар рӯпуши сафед хуни бакорати ту бирезад, куҷост он хун? Тагат, ки шикоф буд, чаро бо ман издивоҷ кардӣ? Ё фикр кардӣ ман харам ва наметавонам бокираро аз нодухтар ташхис бидиҳам?»

Бо мушти маҳкамаш аз чашмам шарора парид ва дунё дар назарам торик шуд.

«Чашматро набанд, ба ман нигоҳ кун!»

Ба сахтӣ чашм боз кардам, чеҳраи арғувониашро ди-

дам ва мӯйҳои парешонашро ва кафки гӯшаи лабонашро, аз тарс ба девор чафс шудам, бо овози хиррие, ки ҳатто дар гӯши худам бегона садо дод, гуфтам:

«Мехоҳам ба хонаамон баргардам».

«Хаёл кардӣ ба ҳамин роҳатӣ аз ман халос мешавӣ? Агар то ҳол бо лагад аз дар берунат наандохтам ва мардумро ба тамошоят даъват накардам, танҳо ба хотири обрӯйи худам аст. Ҳар тиккае аз бадани ту барои ин фиреб чавоб хоҳад дод, балое ба сарат биёрам, ки ҳар лаҳза орзуи мурдан бикунӣ!»

«Ман бесоҳиб нестам...»

«Соҳибат кӣ аст? Ҳамоне, ки духтариатро гирифт?» – инро гуфту муште ба шонаам зад, аз дард фарёд задам, хаёлам ба замин фурӯ рафтам.

Касе фарёдамро нашунид, дар ин маҳалла ё ҳама хоб буданд ё кар.

Азбас ҳар як эътироз маро дар маърази таҳдиду хатар мегузошт, хомӯш шудам. Сукутамро аломати тасдиқи гуноҳ донист ва маро ба замин хобонду ду даст дар гулӯям гузошт ва бо тамоми нерӯ фишор дод:

«Бигӯ, бо чанд мард ҳамхоба будӣ!?» – ангуштонашро суст мекарду фурсат медод то нафас бигирам ва боз дубора маро хафа мекард. Он қадар гулӯямро фишурд, ки аз ҳуш рафтам. Ба сарам оби сард рехт, тадричан ба ҳуш омадам, аммо намедонистам дар кучоям. Бо лагад маро ба гӯшаи утоқ тела дод.

«Ҳамин чо бихоб, фардо идома медиҳем!»

Ӯ рӯйи тахти бе рӯпӯш дастҳояшро ба ду тараф ёзонду ба шакли салиб дароз кашид. Интизор будам хобаш бубарад, то аз ин утоқ фирор кунам, бар ҳеч чиз чуз ба гурез аз ин макон намеандешидам, ҳатто ба доғи нанге, ки рӯйи хонаводаам мегузоштам. Фаҳмидам, ки агар нагурезам,

ин марди девонахӯ маро зинда раҳо намекунад. Муддате гузашт то нафасҳояш амиқу якнавохт шуданд, оҳиста ба сӯйи дар хазидам, аммо ҳанӯз дастам ба дастгира нараси-да буд, ки мисли гурбаи ваҳшӣ ба сарам париду аз мӯям кашид ва ба ҳамон гӯша тела дод.

«Гуфтам инҷо бишин, фардо идома медиҳем!»

Се шабу се рӯз маро дар он утоқ ҳабс кард, гоҳо хобаш мебурд ва чашмони ман ҳам аз хастагӣ пӯшида мешуд, аммо намегузошт бихобам, бедор мешуду истинтоқро бо бадтарин шева идома медод. Аз қазо касе ба дари хонаи мо ангушт намезад, ингор намехостанд хилвати арӯсу домодро халалдор кунанд. Синии ғизоро пушти дар ме-гузоштанду нопадид мешуданд. Агар аз шиканҷаҳои он шабу рӯзҳо бигӯям, шояд бовар накунед, эҳтимол мегӯед дорам иғроқ мекунам. Худо шоҳид аст ва ин тани пур аз доғи уту ва ҷароҳати анбур.

Бо ин ҳол субҳи сеюм саранҷом касе ангушт ба дар зад ва ман, ки то ин дам даст аз ҷонам шуста будам, бо умед гӯш ба он садо додам. Модаршӯям буд, оҳиста гуфт:

«Арӯс, берун намебароӣ, дӯстони ман ба диданат ома-данд».

Аз ҷой бархосту дарро нимабоз кард, аввал баҳона пеш овард, ки арӯс нохуш аст, вале модараш пофишорӣ кард, ки ман ба назди ҳамкоронаш бароям. Суратамро бо азобе шустам, сару рӯям варам карда буд, ҳар кафи об ҷонамро ба дард меовард, хуни хушкида ба сахтӣ аз ди-моғам берун мешуд.

Худаш бароям пероҳан интихоб кард ва чодари гулдӯ-зии захимро ба сарам андохт, то варами суратам намоён нашаванд. Фикри фирор дар зеҳнам чарх мезад, шояд ин ягона фурсате буд барои раҳоӣ аз ин ҷаҳаннам, вале он лаънатӣ бозӯямро раҳо намекард ва бо садои омирона ба

модараш гуфт:

«Аз ҳамин ҷо ба меҳмонҳо таъзим кунад!»

«Намешавад писарам, айб аст, беҳурматӣ аст, ақаллан ду қадам пештар биёяд».

Модаршӯям зане буд ҳудудан чиҳилупанҷсола, газгӯшту қадбаланд ва меҳрубон, пешонаи боз, гунаҳои баланд чашмони меҳрубон ва чеҳраи тақрибан беожанг дошт дошт, хеле ҷавон ба назар меомад. Дар мактаб аз адабиёт дарс мегуфт ва берун аз мактаб низ бо забони адабӣ суҳбат мекард. Бо накӯҳиш ба писараш чашм дӯхту сар такон дод.

«Раҳо кун бозӯи арӯсро!»

Ман аз зинаҳо поён омадам ва рӯ ба модаршӯ қарор гирифтам. Ӯ гӯшаи чодарро аз суратам бардошту чашмонаш аз ҳайрат бузург шуданд, калавиду як қадам ақиб рафт, ранг дар рӯй надошт. Ин саҳна он қадар сареъ сурат гирифт, ки гумон аст меҳмонҳо мутаваҷҷеҳ шуда бошанд. Оҳиста гуфтам:

«Наҷотам бидиҳед, вагарна маро мекушад», – бо ишораи «фаҳмидам» мижа ба ҳам зад.

Чанде ба тарафи меҳмонҳо таъзим кардам, сипас маро то остонаи дар бурд ва ба писараш гуфт:

«Бо ту кор дорам! Бигзор аввал бо меҳмонҳо худоҳофизӣ кунам!»

Меҳмонҳо хеле зуд рафтанд, шояд соҳибхона аз фарти парешонӣ натавонист аз онҳо дуруст пазирой кунад. Ӯ бидуни дар задан ба хонаи хоби мо ворид шуд, аз хашм меларзид.

«Ин чӣ корест, ки бо духтари мардум кардӣ?»

«Кадом духтар, духтариашро кадом пирхаре гирифтаст, ин як зани шикоф аст!»

Зан пурсишомез ба ман нигоҳ кард.

«Худо шоҳид, қасам ба Қуръони Маҷид холаҷон, ман бегуноҳам, бо ҳеҷ марде робита надоштам, маро ба назди пизишк бубаред, ҳар коре зарур аст анҷом бидиҳед, аммо аз ин бало наҷот бидиҳед ва илло чорае ба ҷуз худкушӣ бароям намемонад!»

– «Либосҳоятро бипӯш», – гуфт ӯ бо меҳрубонӣ ва рӯ ба писараш овард: – «Мошинро рӯшан кун, ту ҳам бо мо меравӣ».

Домод гӯширо бардошту паст-паст бо касе суҳбат кард, садояш дуруст шунида намешуд, аммо бо асабоният даст такон медод.

Ману модараш дар сандалии ақиб ва он ваҳшӣ пушти фармон нишаст.

Девонавор ронандагӣ мекард, роҳи мошинҳои дигарро мебурид, пеш мегузашт, фиғони мошинҳоро баланд мекард, ингор мехост моро ба куштан бидиҳад.

«Оҳиста писар, мо ҳоло аз зиндагӣ умед дорем». Модар даст ба шонаи писараш мегузошт ва ӯро ором мекард.

Дар назди идораи пизишки қонунӣ бародари бузургамро дидаму шарму ҳаё аз сар то ба поям мавҷ зад. Ӯро ҳамон девона даъват карда буд, то расвоии маро бар рухаш бикашад. Бародарам бо чашмони пур аз хашму ғазаб ба ман нигоҳе андохту бе салому алейк пеш гузашт. Ба думболи ӯ вориди утоқи кӯчаке шудем. Зане пушти миз машғули навиштан буд, моро диду аз ҷой бархост, ману модаршӯямро нигаҳ дошту мардҳоро аз утоқ берун кард.

Пизишк зане буд миёнсолу сиёҳчурда, бо чашму даҳон ва бинии бо ҷуссаи ҳаҷимаш мутаносиб. Дар пасманзари он пӯсти тира дандонҳояш мисли шир сафед менамуданд. Ӯ абрӯвони шамшериашро, ки гӯё бо шоблун наққошӣ шуда буд, дарҳам кашид ва зиракона ба ман чашм дӯхт. Мисле ки мехост рост ё дурӯғи иттиҳоми ҳамсарамро ав-

вал аз чеҳраи ман бихонад. Ниҳоят пурсид:

«Исмат чӣ аст?»

«Сарвиноз»

«Гумони ҳамсарат асос дорад?»

«Худо шоҳид, духтур, то ҳол дасти марде ба танам нарасида буд!»

Бо тардид ба ман нигоҳ кард, гӯё мегуфт, ҳоло ҳам шонс дори росташро бигӯйӣ.

«Ман ба худам ва бегуноҳиям итминон дорам, духтур».

«Бошад, шалворатро дарбиёру рӯйи он сандалӣ бихоб ва зонувонатро боз кун».

Дар он се шаби шиканҷа баданам аз лаккаҳои сиёҳу кабуд пур шуда буд. Пизишк доғҳоро диду зери лаб бо забони русӣ ҳақорат кард.

Муоина нохушоянду дарднок буд, аммо тӯл накашид, ҳаддиаксар панҷ дақиқа давом дошт.

«Метавонӣ либосҳоятро бипӯшӣ».

Гиреҳи назаррасе дар миёни абрӯвони рангкардааш мепечид, аз он ҷо ки дандон ба дандон месовид, мушаки ҷоғаш таранг мешуд. Ба ман аҳамият намедод, ба модаршӯям низ. Аз тарс наздик буд ғаш кунам.

Дарро боз карду бо садои баланд шавҳар ва бародарамро ба дохил хонд.

Пушти мизи кориаш нишаст ва мо чаҳор нафар дар интизори натиҷаи муоина дар муқобили ӯ қарор гирифтем. Дарунам мисли дор меларзид, даҳонам аз ҳаяҷон ва ҳаррос хушк шуда буд.

«Кадоме аз шумо домод ҳастед?»

«Ман...» – Домод сарашро бо таассуф поин андохт. Пизишк бо чашмони рез ба ӯ нигоҳ мекард, аммо дам намезад. Сукути маргборе утоқро фаро гирифта буд, ба ҷуз

нафасҳои тунди пизишк садое шунида намешуд.

Ӯ саранҷом «таркид» ва бо хашме, ки наметавонист пинҳон кунад, рӯ ба ҳамсарам овард:

– «Чаро духтари мардумро ба ин ҳол овардӣ?»

Ҳамсарам дастафшон аз ҷой бархост.

«Кадом духтар? Агар духтар мебуд, кори мо ба идораи шумо намекашид!»

Пизишк асабонӣ шуд.

«Бишин!» – гуфт ва мушт ба рӯйи миз зад, истакони пур аз худкор чапа шуду қаламҳо рӯйи замин ғелиданд. Шавҳарам мутеъона ба сандалӣ баргашт. Духтур коғазеро аз чопгари роёна берун овард, муҳр заду имзо гузошт, вале ба касе надод.

«Ин духтар ҳоло ҳам бокира аст писар, агар то ҳол ба он парда нарасидаӣ тақсир дар туст, на дар ӯ».

Ҳамсарам аз қаҳр сурх шуд, абрӯвонаш аз хашм, ё беҳтар аст бигӯям аз шарм ба ҳам омаданд, сарашро то сатҳи зонувонаш поин овард, сипас бошиддат аз ҷой баланд шуду утоқро тарк кард.

Ману хушдоманам ва бародарам низ аз ҷой бархостем.

«Гувоҳии бакоратро намегиред?»

Модарарӯсам коғазро гирифту рӯ ба табиб овард:

«Чанд пул мешавад?»

Пизишк ба манзури «чизе лозим нест» даст афшонд ва рӯ сӯйи панҷара чархонд.

Бародарам эҳтимол дар интизори шунидани хабари бад буд, ё нигарони наҳваи пас додани ду ҳазор доллари нонвой, ки ба маҳзи берун шудан аз сохтмон нафаси сабук кашид ва рӯ ба домод овард:

«Ту ба хонаводаи ман як узрхоҳӣ бидеҳкор ҳастӣ, модарамро мариз кардӣ, камари падарамро шикастӣ, ҳоло баргарду ба зону бизан ва аз ҳама маъзаратхоҳӣ кун!»

Ҳамсарам пузханд зад.

«Хоҳарат моли худат, ман бо ӯ зиндагӣ намекунам, узр ҳам намепурсам, он пулро ҳам ба шумо – авлоди гадоҳо, бахшидам!»

«Ту ғалат мекунӣ, хоҳарамро се шаб истифода кардӣ, акнун бармегардонӣ? Кадом аблаҳ духтареро ба занӣ мегирад, ки се шаб дар бағали як марди дигар хобида буд!?»

Бо тамасхур гуфт:

«Гувоҳиномаро нишон диҳед, кор ҳал аст!»

Бародарам мушти маҳкаме ба сурати домод зад, қатраҳои хун аз димоғи ӯ ба пероҳани сафедаш мечакид. Ду се марди раҳгузар миёндаро шуданд ва онҳоро аз ҳам ҷудо карданд.

Бародарам маро бо худ ба хона набурд, бо ишораи сар мошини домодро нишон дод, яъне: «туро мехоҳанд ё намехоҳанд, бо онҳо бирав!»

Модаршӯям ин саҳнаро диду маро ба сӯйи мошин раҳбаладӣ кард, коғази муоинаи духтурро ба дастам дод ва ба сандалии ақиб нишонд, сипас аз остини писараш кашиду ба пушти фармон овард ва худаш дар сандалии пеш нишаст. Домод дастони хунолудашро бо дастмоли нам пок карду калиди мошинро бо ғазаб тоб дод. Пардаи тирае қалбу рӯҳамро фаро гирифт, эҳтимоли бозгашт ба он лонаи накбату шиканҷа бароям бадтар аз мондан дар хиёбон буд. Мағзам девонавор кор мекард, роҳи наҷот меҷуст. Нигоҳам ба ойинаи ронанда афтод, чашмонашро дидам, ҳамон чашмони оташбори пур аз хашму ғазабро, чашмони хунгирифта ва ташнаи интиқомро. Мӯй дар баданам сих шуд. Ин дам чароғи раҳнамо ранги қирмиз гирифт, ӯ тормузро ба шиддат пахш кард, сарам ба такягоҳи сандалии пеш бархӯрд. Шояд ҳамин зарба маро ба худ овард, ё тарси баргаштан ба он хона, ки ногаҳон дарро боз кар-

даму худро берун андохтам, чанд қадам чорпо рафтам ва баъд бархостаму мисли девонаҳо ба ақиб, муқобили ҳаракати мошинҳо давидам. Мошинҳо буғ мезаданд ва ронандаҳо борони ҳақоратро бар сарам мерехтанд, вале ин дигар бароям аҳамият надошт, муҳим ҷуръату шуҷоати ман буд, ки дошт масири зиндагиамро дигар мекард.

Бо андешаи пайдо кардани як сарпаноҳи муваққатӣ дар хиёбони атрофи сирк беҳадаф қадам мезадам. Бозгашт ба хонаи падар имкон надошт, ман акнун доғи нанги онҳо будам, волидонамро шармандаву мариз кардам, ҳатто агар баргардам, ҳеҷ чизе дигар мисли қабл нахоҳад буд, бародарам бепарда ба ин ишора кард. Ӯ акнун саркардаи хонадон аст, ҳарчи бигӯяд, ҳамон мешавад.

Як-як хешу таборро ба ёд овардам, ба бахти бади ман ҳеҷ кадоме сокини ин шаҳр набуданд. Дӯстони мактабиямро низ хат задам, зуҳури як арӯси серӯза дар ҳар маконе, он ҳам бо русвоии «нодухтарӣ» мардумро шокӣ мекард. Ягона ҷойи муносиб хонаи муаллимаи риёзиёт буд. Шояд ӯ маро дарк кунад, ба худ гуфтам, эй кош дар хона бошад!

Пуле надоштам, ки ба автобус нишинам, аз фурӯшгоҳи Гулистон то бозори Саховат роҳ рафтам. Муаллима дар ошёнаи чаҳоруми як бинои панҷтабақа, дар як опортмони якҳуҷрагӣ зиндагӣ мекард, маро диду даҳонаш аз ҳайрат боз шуд. Аз издивоҷам хабар дошт, худам барояш даъватнома бурдам, аз он ки таҳсилро идома намедиҳам, хеле мутаассиф шуда буд.

«Ту инҷо чӣ кор мекунӣ?» – пурсид ӯ бо таҳайюр.

«Ҳамаро мегӯям, иҷозат медиҳед имшаб пеши шумо бимонам?»

«Албатта, биё дохил!»

Муаллима меҳмон дошт, модари маризашро барои табобат аз деҳа ба шаҳр оварда буд.

То ними шаб дар ошхона нишастем.

Тамоми достонро бо ҳиқ-ҳиқу буғз дар гулӯ ба ӯ таъриф кардам.

Дар ин се рӯз аз тарс ях баста будам, ҳатто як қатра ашк ҳам нарехтам, ҳоло бо меҳрубониҳои муаллима, ки сарамро модарвор навозиш мекард ва ҳарфҳои тасаллибахш мегуфт, аламҳоям мисли хушаяхҳои лаби бом об мешуду чеҳраамро мешӯст. Аз он ҷое, ки танам ҳамаи тавонашро дар муқобили таҳдиду хатар сарф карда буд, беҳол будам, иштиҳо надоштам ва об ба даҳон накардам. Бо ҳамон ҳол мисли саги бесоҳиб дар гӯшаи ошпазхонаи муаллима ҳалқа задам.

Хобам намебурд, модари муаллима бевақфа нолиш мекард, намедонам дардаш чӣ буд, аммо нолаҳои ҷигарсӯз сар медод, гӯё ин хона барои дарди азими ӯ тангӣ мекард. Субҳ вақте аз хоб баланд шудам ба худ гуфтам, инҷо истоданам имкон надорад, беҳтар аст ба деҳа, ба хонаи холаам биравам, зани хубест, мисли модарам меҳрубон. Муаллима нимаи рӯз баргашт, хушҳол буд.

«Бароят як ҷойи хуб пайдо кардам, шояд ду ҳафта онҷо бимонӣ, дар ин ду ҳафта чорае бароят меандешам. Дарҳол аз ҷо баланд шудам.

Таксӣ дар назди ҳамин сохтмони хиштии дуошёна мутаваққиф шуд... Муаллима дар остонаи сохтмон бо ман худоҳофизӣ карду рафт, то ба модари маризаш бирасад. Маро Асал ба утоқи тиббӣ бурд. Гувоҳиномаи бакоратро ба пизишки солманд нишон додам, хандааш омад.

Чеҳраи аҷибе дошт, маълум набуд аз кадом қавму миллат аст. Шояд шумо ҳам инро мушоҳида карда бошед, ингор аз ҳар миллате як сифатро ба худ гирифта буд. Аз ман суол мекард ва сигори хомӯше дар гӯшаи лабаш пасту баланд мешуд. Тамоми баданамро мӯшикофо-

на муоина кард, ба доғҳои сӯхта малҳам молид. Сипас ба забони русӣ ба Асал гуфт:

«Ася, ты заметила наши пациенты все больше и больше молодеют. Черт бы подрал этих мракобесов!»

Саранҷом гуфт, ки ҷароҳатҳои ман сатҳӣ ҳастанд ва ба эҳтимоли зиёд андомҳои дохилиям осеб надиданд. Ӯ ҳатто аз шуҷоат ва аъсоби қавии ман ситоиш кард, ки тавонистам аз он бӯҳрони ваҳшатнок бе осеб раҳо ёбам.

Вақте аз паллаҳо ба сӯйи ҳуҷраи шумо баланд мешудам, ба андозаи дирӯз бадбахт набудам. Аз шаби арӯсӣ дар баданам осори латту кӯб ва пайи лабҳои анбур боқӣ монд, аммо ба худ гуфтам: «Аблаҳ бошам, агар бигзорам ин лаккаҳо зиндагиамро доғдор ва маро укдаӣ кунанд! Агар аз он зиндон ва аз он марди девонахӯ ҷони солим бадар овардам, пас мушкилоти дигар низ қобили ҳал аст!»

Он замон ҳеҷ чиз ба ондозаи пирошкии рӯйи миз ва пиёлаи чойи ширин бароям муҳиму дилписанд набуд».

Сарвиноз баланд хандид, мо ҳам бо ӯ ҳамовоз шудем, ҳатто Суман бо овоз хандид. Аввалин бор хандидем! Ҳолаи дилнишине дошт он духтарак, аз ӯ гармое меомад монанди насими баҳорӣ ва рӯҳи яхкардаи моро об мекард.

## Номаи ифшогари Моҳистон

Мошини омбуланс нимаи рӯз ба тарафи тангкӯчаи канори шаҳр чархид ва чангу хоки замини беобро ба осмон бардошту дар назди хонаи Моҳистон мутаваққиф шуд. Садои ожир мардуми маҳалларо, ки аз гармои шадид ба ҳуҷраҳои салқин паноҳ мебурданд, ба кӯча баровард. Онҳо бо ишораи чашму даст аз якдигар мепурсиданд, ки «боз чӣ иттифоқ афтодааст?»

Аз омбуланс ду зани хилъатпӯш берун омад, яке зоҳиран духтур буд ва дигаре ёвари ӯ. Лаҳзае баъд писари Моҳистон берун давид ва аз ронанда хост, ки дари пуштии мошинро боз кунад. Найсон бо кӯмаки ёвари табиб ва ҳамсараш аз хона берун омад. Лаб зери дандон ва бо зонувони хамида қадам мезад, бо як даст камарашро фишор медод ва бо дасти дигар номаи модарашро. Бо кӯмаки додару хоҳараш рӯйи тахти дохили салон дароз кашид. Духтур гуфт, ки беморро танҳо як нафар ҳамроҳӣ кунад, Найсон гӯшаи пероҳани додарашро кашид ва илтиҷоомез ба ӯ чашм дӯхт. Нахлистон аз ин интихоби ғайримантиқӣ тааҷҷуб кард, аммо китф дарҳам кашиду аз мошин берун рафт. Найсон як одами хурофотӣ буд ва зоймонро як ҳолати байни маргу зиндагӣ медонист. Ҳоло ҳам ба худ мегуфт: «Шаҳбоз бояд бо ман бошад, агар мушкиле пеш омад, нома бояд ба дасти ӯ бирасад».

Омбуланс бо садои баланд, пуштнокӣ ба сӯйи роҳи калон ҳаракат кард. Занҳо бо пич-пич мегуфтанд, ки навзоди ҳаштмоҳа, мумкин аст зинда намонад.

Хоҳарони Найсон бояд бо таксӣ ба думболи омбуланс мерафтанд, аммо Борон «як дақиқа» гуфту бо аҷала ба утоқи Санам ворид шуд. Ба думболи ҳамон номаи сарбаста мегашт, мутмаъин буд, ки маҳз ҳамин нома боиси зоймони бармаҳали хоҳараш шудааст. Покети порашударо дарҳол пайдо кард, аммо аз нома дарак набуд, бо аҷала ҳама ҷоро гашт, зеру рӯйи тахти хобро, рахти кӯрпаҳоро, китобҳоро, аммо чизе пайдо накард. Ноумед нашуд, ба худ гуфт: «Найсон ҳаддиақал панҷ рӯз дар бемористон мемонад, дар ин муддат фурсат хоҳам дошт, то номаро бодиққат ҷустуҷӯ кунам.» Ӯ беш аз ин хоҳарашро мунтазир накард ва аз утоқ берун рафт.

Тифли Найсон ҳангоми ғурӯб рӯйи дасти ҳамкоронаш

ба дунё омад, шабеҳи навзодҳои расида бо садои баланд гиря кард, доя пои бачаро баланд бардошту ҷинсашро ба модар нишон дод.

– Найсон, бубин чӣ духтари хушгил ба дунё овардӣ, мисли моҳ аст! – ӯ тифлро барои аввалин тамоси берун аз раҳм рӯйи синаи модар гузошт, Найсон беҳолона мижа ба ҳам зад, азбас ҳафт соат дард кашида буд, рӯйи тахти зоймон хобаш бурд. Ӯро пас такмили мароҳили зарурии баъди таваллуд аз хоб бедор карданд. Чашм боз карду нигоҳаш ба сақфи сафед бархӯрд, шабеҳи хонаи хоби худаш буд, нороҳат шуд, хаёл кард таваллуди бачаро хоб дидаст. Ором-ором даст ба самти шикамаш дароз кард, дасташ ба кисаи ях бархӯрду хушҳол шуд.

Рӯйдоди соатҳои охир бо суръати барқ аз пеши чашмаш гузашт. Ногаҳон ба ёди номаи модараш афтод, мушташ холӣ буд, мехост бархезаду ҳамаҷоро бигардад, аммо нерӯ надошт. Рӯ ба парастор овард.

– Бо худ номае доштам, намедонӣ куҷост?

– На, надидам, нома дар куҷо буд? Дар ҷайби хилъат?

– Дар кафи дастам буд, онро фишор медодаму дардамро фурӯ мебурдам, баъд намедонам куҷо шуд.

– Шояд дар палата гузоштаӣ?

– Намедонам, фаррошро садо кун.

Парастор сар аз дари ҳуҷраи зоймон бадар карду бо овози баланд «Холаи Ҳанифа!» садо зад. Зане аз гӯшаи дури роҳрав «лаббай!» гуфт.

Назофатчӣ як хонуми синни бознишастагӣ буд, ӯ худро сареъ ба ҳуҷраи зоймон расонд, нигарон ба назар меомад, гумон дошт аз ӯ иштибоҳе сар задааст.

– Хола, ман бо худ коғазе доштам, намедонам дар куҷо афтондам. Шумо чизе надидед? Як коғази ғиҷимшуда буд...

– Не бачам, надидам, – хола оҳиста ба сӯйи дар рафт, аммо раҳ ба раҳ чизе ба хотираш расиду суръати қадамҳояшро бештар кард. Ӯ баъди лаҳзае баргашт, номаи ғичимшуда дар дасташ буд.

– Намедонам, коғази гуфтагиат ҳамин бошад ё не… ман инро аз зери тахти зоймон бардоштам, гумон кардам ғайчӣ аст, ба сатили ахлот андохтам.

– «Ғайчӣ!»... чӣ калимаи муносибе барои ин нома.» – гуфт Найсон бо худ.

Номаро бори аввал имрӯз дар ҳуҷраи Санам хонду зарбаи мабҳуткунандае ба равонаш ворид шуд, ҷонаш аз ҳайрати беандоза ва эҳтимоли як ифшои хатарнок ба ларза омад. Дар ин нома Моҳистон пӯшидатарин рози зиндагиашро ба писараш боз мекард. Найсон дар як дуроҳӣ қарор дошт: номаро бисӯзонаду ҳама чизро ҳамон тавр, ки ҳаст раҳо кунад, ё ҳамаро ба хоҳару додараш бигӯяд ва онҳоро дар маърази зарбаи отифӣ қарор бидиҳад.

Ӯ ҳатто барои як лаҳза аз пайдо шудани нома пушаймон шуд. Бояд Санамро бубинам, дар ниҳояти амр, шахсияти калидии ин достон Санам аст, агар ӯ бихоҳад розро ба ҳама ошкор мекунам, агар не, бигзор ин асрор пӯшида бимонад.

Найсон аз рӯйи одати моҳҳои ахир шикамашро ламс кард, пучу фурӯрафта буд, акнун ба ёди навзод афтоду хиҷолат кашид. Аз зоймонаш ҳашт соат мегузашт, аммо то ҳол духтарашро надида буд. Тоблуи телефони ҳамроҳ сеи шабро нишон медод ва рӯзи наве дошт фаро мерасид. Ором-ором аз ҷой баланд шуду ба сӯйи бахши навзодҳо қадам бардошт. Гиряи ҳамзамони бачаҳоро аз дур шуниду эҳсоси ширине вуҷудашро фаро гирифт. Найсон ин садоҳоро ҳар рӯз мешунид, пасманзари ҳаррӯзаи кораш буд, аммо ҳоло фарқ дошт, дар ин «хори навзодҳо» садое

аз ҳанҷараи нозуки духтари ӯ берун меомад ва қалбашро аз нишот лабрез мекард. Парастори навбатдор бо даҳони боз дар такяи сандалӣ пинак мерафт, сараш гоҳ ба пеш хам мешуд ва гоҳ башиддат ба ақиб мечархид. Найсон нахост пинаки ӯро вайрон кунад, худаш ба ҷустуҷӯи духтараш пардохт. Ҳуҷраи навзодҳо ҷойи холӣ надошт ва катҳои кӯчак аз суратакҳои якранг ва ҷисмҳои печида дар парпечҳои обиву гулобӣ пур буд. Маълумоти марбут ба кӯдаконро мешуд дар дастгири катҳо пайдо кард. Якяк баргаҳои таваллудро аз назар гузаронд то саранҷом дар оғози раддаи сеюм духтараки худро дид. Ӯ дар хоби ноз буд! Гоҳ пилкҳояш меҷунбид, гӯшаи лабонаш поин меомад ва омодаи гиристан мешуд, гоҳе чашмони нимабозашро ба чапу рост мечархонд. Тамоми сахтиҳои даврони бордорӣ, ҳатто дардҳои ваҳшатноки зоймон ба якбор аз ёди Найсон рафт! Намехост аз ин фариштаи кучулӯ чашм бардорад, хам шуду бӯса ба гунаҳояш зад. Аз пӯсти нарми кӯдак бӯйи хуше ба машомаш расид, бӯе, ки ҳаргиз нашамида буд.

Тифлро аз парпеч берун оварду муоина кард, духтур рост мегуфт, духтари ӯ аз навзоди нӯҳмоҳа тафовут надошт, бо вазни се кило ва баландии 47 сантиметр, як бачаи расида ба назар меомад, аз шири хушкидаи гӯшаи лабонаш маълум мешуд, ки макиданро ҳам балад аст.

Субҳи зуд хонаводааш ба дидани Найсон омад, хоҳаронаш, додараш ва ҳамсараш, дақиқан замоне, ки ӯ бачаашро мемаконд. Бо онҳо аз паси панҷара суҳбат кард. Ба унвони пизишки ин зоишгоҳ метавонист наздиконашро ба ҳуҷра даъват кунад, аммо нахост, бештар нигарони Борон буд, ин духтарак дар як фурсати муносиб ҳатман аз нома суол мекард. Хоҳаронаш барои Найсон ғизо ва барои бача либосу пӯшак оварданд. Аз хушҳолӣ ҳарфи як-

дигарро қатъ мекарданду бевақфа ҷоғ мезаданд. Маълум шуд, ки онҳо шаби гузашта то анҷоми зоймони Найсон пушти ҳамин панҷара буданд. Борон аз хоҳараш илтиҷо кард, ки бачаро ба назди панҷара биёрад. Найсон духтарашро бо ифтихор ба хонаводааш намоиш дод. Нидои таҳсин ва «бихураму бимирам» ба осмон печид. Нахлистон бо хушҳолӣ гуфт:

– Шаби дароз барои «нинича» ном ҷустем, билохира пайдо кардем, як исми барозандаи ин фариштаи кучулӯ! – хоҳаронаш чеҳраҳои худро essмармуз карданд то Найсон исми интихобшударо ҳадс бизанад. Духтари Найсон аввалин навдаи сабз дар шаҷараи камнуфуси хонаводаи Моҳистон буд, аз ин рӯ бачаҳояш аз шодӣ бол дармеоварданд. Барои онҳо таваллуди кӯдакро дар фосилаи як ҳафта пас аз марги Моҳистон фоли нек буд ва намоди як ояндаи дурахшон.

Найсон кунҷковона ба хоҳари бузургаш нигоҳ кард.

– Исмашро Моҳистон мегузорем, исми модарамро, бигзор мисли модарам инсони пок, одилу доно ва соҳибэҳтиром шавад!

## Бедории дарднок

«Як субҳи зуд аз садои замазамаи кӯдаке бедор шудам. Хаёл кардам, ки ин садо аз рӯъёҳои ман берун меояд ва чашмонамро дубора бастам, аммо овози кӯдак возеҳтар ба гӯшам расид. Чашм кушодаму шигифтзада шудам. Тасвиреро ба ин ҷозиба дар умрам надида будам. Суман бачаи кӯчакеро дар бағал дошт ва бо забони ӯ ҳарф мезад, нозаш мекард, мебӯйиду мебӯсид, сураташ аз хушбахтӣ медурахшид, шабеҳи Марями муқаддас буд...

– Духтари нози ман, асали ман, модар бароят бими-

рад! – замзама мекард Суман ва кӯдак бо забони мурғакон ба ӯ посух медод.

– Бигу, ҳарф бизан, модаратро сарзаниш кун, ин зани бехирадро, ки чи тавр тавонист туи кучулӯро раҳо кунад? Қурбони ҳарфҳои ширинат, булбули модар, малҳами захмҳои ман!

Духтаракаш мисли арӯсаки фарангӣ чашмони обӣ дошту мӯйҳои ҷингилаи қаҳваӣ ва пӯсти чун шир сафед. Дили кӯчакаш барои модараш танг шуда буд, рӯйи по баланд мешуду лаб ба чонаи модар мезад. Вуҷудамро эҳсоси ширине фаро гирифт. Духтари Суман ба ин макони оҳҳои сард, ки бошандагонаш нолишҳои якдигарро аз пушти девор мешунаванд, гармиву сафо овард. Нигору Сарвиноз ҳам аз хоб бедор шуданд, мо ҳар се шабеҳи мусофирони раҳгумзадаи як дашти пур аз барф, ки ногаҳон аз дур чароғеро дидаанд, ба сӯйи бачаи Суман хазидем. Ӯ арӯсаки кучулӯро бо навбат ба ману Нигору Сарвиноз дод. Кӯдакро мегирифтему аз ӯ дур мешудем, то дар танҳоӣ аз ҳузураш лаззат бубарем. Пӯсти духтари Суман мисли махмал нарм буд, аз он бӯйи шир меомад. Ӯро сахт бағал кардам, ногоҳ ба самти синаам чархид ва даҳон боз карду пистон ҷуст. Такон хӯрдам, ончунон эҳсоси яъсу ноумедӣ вуҷудамро фаро гирифт, ки ингор бачадонамро ҳамин лаҳза аз шикамам берун оварда буданд. Барои аввалин бор ба бачаи худам фикр кардам, ба худ гуфтам: «Агар зода мешуд, шаш моҳ баъд ба синни духтари Суман мерасид». Бо лабханди хиҷолатомез бачаро ба модараш баргардондам. Касе мутаваҷҷеҳи ҳоли ман нашуд, ҳама гирди кӯдак парвона буданд. Танҳо Суман машкук ба ман нигоҳ кард, аммо нигоҳҳоямон ба ҳам бархӯрд ва ӯ босуръат аз ман рӯй гардонд.

Суман иваз шуда буд, ҷаззобу зебо буд, монанди дух-

тарҳои дами бахт. Лабханд мезад ва дандонҳои сафеду солим аз лойи лабҳои ғунчамонадаш медурахшид. Аз тамоми занҳое, ки дар ин макон дидам, Суман зеботару ҷаззобтарин буд, саропо зарқу барқ! Ман ба қудрати ин мавҷуди кӯчак, ки зистану дӯст доштанро дубора ба модараш меомӯхт, тан додам.

Ноаён аз ҳуҷра берун рафтам, муддате таҳти нигоҳҳои бедори нигаҳбон дар атрофи бино парса задам. Бар мавзӯи хосе намеандешидам, фақат эҳсоси яъсу ноумедӣ доштам, эҳтимол ба ин далел, ки бадбахтии як нафар дар канори хушбахтии дигаре бештар ба чашм мехӯрад.

– Санам!

Пизишк маро садо кард, ӯ дар такяи дари бунгоҳи тиббӣ сигор мекашид, намедонам аз кай ба ман хира шуда буд.

– Пеши ман биё.

Оҳиста ба наздаш рафтам.

Шонаҳоямро дар оғӯш гирифт.

– Афсурда ба назар менамоӣ, чӣ шуд?»

– ...

– Ту духтари қавие ҳастӣ, нагзор ин мушкилот монеъи хушбахтиат шавад, хеле ҷавонӣ, бояд дарс бихонӣ, касб биомӯзӣ... баъдан, ба ҷуз раҳм андомҳои дигари таносулат осеб надидаанд, метавони издивоҷ кунӣ ва аз зиндагӣ лаззат бубарӣ... Ман бароят дуо мекунам.

Гуфтам, «оре», аммо buғз гулӯямро фишор дод ва чашмонам пур шуданд.

– Гиря накун, ҳамааш хуб мешавад, ин рӯзҳо ҳам мегузаранд.

Ӯ ҳарф мезаду ман сар такон медодам ва аламамро фурӯ мебурдам. Моро садои таҳдидомези нигаҳбон ба худ овард.

– Шумо кӣ ҳастед? Ба кӣ кор доред?

– Ба Суман кор дорам, ба ҳамсарам.

– Инҷо Сумане вуҷуд надорад, биравед.

– Муфаттиш гуфт, ки ҳамсари ман бо кӯдакам инҷост.

– Муфаттиш ғалат кардааст! Аз инҷо биравед, вагарна маҷбурам аз силоҳ истифода кунам.

Нигаҳбон дар воқеъ дар камарбандаш аслиҳае дошт, аммо намедонам гулӯлаҳояш воқеъӣ буд ё ҷаълӣ.

– Илтимос мекунам, иҷоза бидиҳед ҳамсарамро бубинам...

– То се мешумарам, агар боз ҳам инҷо будед, аз худ бубинед!

Нигаҳбон то се шумурд, аз пушти дар дигар садое шунида нашуд.

Ӯ баргашту бо виқор ба пизишк нигоҳ кард, тамҷиду таҳсин аз ҷониби ин зан барои нигаҳбон авҷи шинохту эътироф буд.

Бо аҷала ба ҳуҷра баргаштам, Баҳор хумори гаҳвора дошт, Суман ӯро рӯйи болишт гузошта буд ва болишро дар рӯйи пояш такон медод. Он се нафар гӯё бори аввал бачаро медиданд, ки яке ангуштони пойҳои кӯчакашро навозиш мекард, дигаре ба ҳалқаҳои мӯйи фирфириаш шона мезад.

– Суман, падари Баҳор пушти дар аст! – Инро гуфтаму нафаси амиқ кашидам, азбас то ошёнаи дуюм бетанаффус боло шудам, нафасам дар гулӯям дармемонд. Эҳсоси хушбахтӣ аз сурати ҳамсояҳоям нопадид шуд. Бо тардид ба ман чашм дӯхтанд.

– Бо нигаҳбон баҳс дошт, садояшро худам шунидам.

Суман лаҳзае сукут кард, сипас кӯдакро рӯйи тахти хоб гузошту қотеъона аз ҷой бархост. Намедонам дар он чанд сонияи ҳатто барои зеҳнҳои боҳуш нокофӣ, ба чӣ қа-

рор расид.

Мо ҳаракатҳои ӯро хомӯшона таъқиб мекардем. Сураташ сангину хокистарӣ ва лабҳояш фишурда шуд, ҳамон шакле, ки ӯро чанд рӯз пеш дида будем. Бо ғазаб аз ҳуҷра берун рафт, мо ҳар се рӯ ба панҷара овардем, ба думболи моҷаро набудем, балки моро «ҷунун»-и Суман нигарон мекард. Ӯ худро сареъ ба дари вурудӣ расонд ва ба нигаҳбон амр кард, ки дарро боз кунад.

Нигаҳбон ба тақлид аз ношунавоҳо хам шуду гӯшашро ба даҳони Суман наздик бурд, essinчи мехост бишнавад шунид ва қоматашро рост карду бе ҳеҷ калом, бо як ҳаракати тунд ба сӯйи ҳуҷраи мо ишора кард. Суман як лаҳза ба нигаҳбон хира шуд... Давомаш мисли филмҳои акшен буд, аз гиребони он мард кашиду ӯро ба гӯшае тела дод, тугмаи дари барқиро пахш кард ва бо сари баланд аз дар берун рафт. Ман аз қотеъият ва шуҷоати лаҷомгусехта ва ҷунуномези ин зан тааҷҷуб мекардам, ба худ мегуфтам, эҳтимол аҷдодони дури ӯ аз ҷангҷӯён буданд, вагарна аз куҷо ин ҳама ҷасорат дар як хонуми хонадор!

Нигаҳбон, ки то ҳол худро дар назари мо сутуни амнияти ин сохтмон нишон медод, пакару пирона калавиду ҳаросон ба панҷараҳо ва ба дари бунгоҳи тиббӣ нигоҳ кард. Мо аз ханда мунфаҷир мешудем, аммо худро ба замин партофтем, то ӯ мутмаъин бошад, ки суқути иқтидорашро касе надидаст.

Суман хеле зуд баргашт, бе ҳеҷ монеъа, аз ҳамон роҳе, ки берун рафта буд. Нигаҳбон дарро боз карду рӯяшро ба тарафи дигар чархонд, гӯё ӯро намедид. Бечора шояд аввалин бор ба чунин бемори балвогар рӯ ба рӯ мешуд.

Суман кӯдаки хобро бағал карду бӯсид, бар хилофи интизороти мо бисёр ором ба назар меомад, табассуми мармузе даври лабонаш мечархид, вуҷудаш ба истилоҳ

лофи сарфарозӣ мезад.

Ману Нигор амдан ба панҷара нигоҳ мекардем, гӯё аз чизе хабар надоштем, аммо Сарвиноз ҳар лаҳза бо ишораи чашму абрӯ аз мо мехост сари суҳбатро боз кунем.

Ниҳоят сабраш сар омаду ҳиллагарона дар паҳлӯи Суман нишаст ва ангушт ба ҳалқаи мӯи Баҳор зад.

– Метарсам бипурсам, ки бо падари Баҳор чӣ кардед, эҳтимол ӯро куштеду дар аввалин сутуни сари роҳ овехтед?

Лабҳоямро фишор додам то хандаи дар шикамам ҷамъшуда берун наояд.

Сарвинозро бештару бештар дӯст доштам, ба назарам офаридгор тору пуди ӯро аз хушбинӣ, самимият, рӯшноӣ ва меҳрубонӣ танида буд. Дар бадтарин ҳолат низ хубиҳоеро кашф мекард, сарсахтиаш дар баробари гардиши сарнавишт сазовори ситоиш буд, ӯ ин тавонро дошт, ки ангезаи зиндагиро дар ноумедтарин қалбҳо бедор кунад.

Суман аввал бо нороҳатӣ абрӯ дарҳам кашид, аммо баъд ба мо нигоҳ карду чини пешонааш ҳамвор шуд, ҳатто лабханд зад. Эҳтимол дарк мекард, ки дар ин марҳилаи зиндагӣ наздиктар аз мо касеро надорад. Мо низ мунтазири ҳамин ишора будем ва дарҳол сандалиҳоро ба пойи тахти хоби ӯ бурдем.

Сарвиноз ба унвони таҳрикдиҳандаи ин гуфтугӯ Суманро ба самти зарурӣ ҳидоят кард.

– Ҳодисаро аз ҷое бигӯед, ки нигаҳбон ба гӯшае парт шуд ва шумо аз дар берун рафтед.

Аммо Суман ҳамоне буд, ки мо мешинохтем - фаротар аз ҳама қолабу раҳнамоӣ. Ӯ пас аз сукути тӯлонӣ достонашро аз ҷумлае оғоз кард, ки эҳтимол он лаҳза дар зеҳнаш мечархид.

– Ман ин мардро бештар аз ҳар касе дар ин дунё дӯст медоштам, ҳатто бештар аз падару модарам. Ӯ ҳама буду набуди ман буд, нафасам буд. Агар рӯзе садояшро намешунидам, дарди хафакон мегирифтам, нафас дар гулӯям банд мемонд, дунё бароям танг мешуд. Дурии ӯро, таҳқиру таънаҳои бастагонашро таҳаммул мекардам, чун ошиқаш будам, аммо ӯ ҳеҷ гоҳ ба ман эътимод накард, аз пайи ҳарфи модару хоҳаронаш рафт... Саранҷом маро телефонӣ талоқ дод, ба ҳамин содагӣ, фақат ба ин хотир, ки чанд рӯзро дар сари болини модари беморам сипарӣ кардам. Тавассути телефон талоқам дод, гуфт: «Агар ҳарфи модари ман барои ту аҳамият надорад, пас ту ҳам дигар барои ман вуҷуд надорӣ» Осмон он лаҳза ба сарам фурӯ рафт... воқеъан фурӯ рафт, ман инро возеҳ эҳсос кардам, поин омаду маро мисли ғӯк леҳ кард. Шабеҳи девонаҳо шудам, ё шояд дар асл девона будам. Бо аҷала аз хона задам берун ва чанд дақиқа баъд дар умқи рӯдхона, ба сурати марг хира мешудам...

...Ним соат пеш ӯро дар хиёбон дидам... Бо камоли таааҷҷуб, эҳсосе ба ҷуз танаффур ва таассуф дар вуҷудам ҳулул накард. Бо аҷала пеш омад, то маро ба оғӯш бигирад, ӯро бо ишораи даст дар нимаи роҳ боздоштам. Маъюс шуд, на ба ин хотир, ки дӯстам медошт ва аз муносибати сарди ман ноумед шуда буд, на, ӯ дарди дигаре дошт. Зиёд ҳошия нарафт, рост ба сари асли матлаб омад:

– «Дирӯз модарамро боздошт карданд, мумкин аст ба муддати панҷ сол зиндонӣ шавад, хоҳаронам низ таҳти бозпурсӣ қарор доранд, маро ҳам, агар худам барнамегаштам ба пайгарди байналмилалӣ месупурданд. Мо ҳама акнун ба раҳмати ту ниёз дорем, илтиҷо мекунам, аризаатро бозпас бигир, нагзор як хонавода бадбахт шавад, илтимос».

Саҳнаи ҷолибе буд, мудом ба ӯ нигоҳ мекардам, ҳарфҳояшро мешунидам, аммо ҳавосам бо ӯ набуд. Фикр мекардам ишқу алоқамандӣ, бо ин ҳама тавсифу ситоишу шеъру достони шоирон моли пурарзише набудаст, як эҳсоси ҷаъливу муваққатӣ, мисли ҳамон пероҳани арӯсӣ, ки аз дӯконе ба иҷора гирифтам, ошиқаш шудам, мехостам моли ман бошад, аммо пероҳанро ба соҳибаш баргардондаму дигар ҳаргиз аз он ёд накардам. Агар эҳсосам ба ҳамсарам воқеъӣ мебуд, бояд бо дидани ӯ аз шодӣ мемурдам, ба пояш меуфтодам ва сар ба фармонаш мефуровардам. Аммо ин тавр набуд.

Ҳар қадр ба ӯ нигоҳ мекардам, монандиҳояш бо модараш бештар кашф мешуд, аз ишқварзиҳое, ки бо ӯ доштам чиндишам меомад, гӯё модаришро бӯсида будам... Ба тахайюли «хориқулъода»-и худам, ки ин мардро дар назарам ҳусни кулл ҷилва медод, хандидам! Пуштнокӣ ба сӯйи бино ҳаракат кардам, ӯ ба самти ман қадам бардошт.

– «Баҳорро бигир, ба хона бармегардем, ман ҳамсари партовӣ надорам, як иштибоҳ кардем... зиндагӣ ҳазор шикасту рехт дорад...қобили бахшиш аст...ба назарам».

– Он лаҳза ба думболи ҳарфи қавӣ ва нишонрасе будам, то аз даҳонам монанди тир берун биҷаҳад, ба қалбаш фурӯ биравад ва ӯ таъми ҳамон талоқи телефониро, ки маро ба садди ҷунун расонда буд, бичашад. Мутаассифона, чизе ба зеҳнам хутур накард, фақат сар такон додам, ба нишони таассуф аз ҳар рӯзи зиндагиам ба сифати ҳамсари ӯ ва ҳам радди пешниҳоди ӯ барои бозгашт ба хона...

Суман бо духтараки кучулӯяш танҳо як шаби дигар бо мо буд, рӯзи баъд бародараш ба суроғаш омад, бозпурс онҳоро бо мошин то хонаашон бурд, ӯ як марди шариф ва содиқ ба касбу кораш будаст, қазияи Суманро то ба охир расонд.

Барои Суман хушҳол будем ҳаддиақал як нафари мо хуштолеъ баромад, аммо ростӣ ҷояш холӣ шуд.

Мо акнун гоҳо сенафарӣ канори панҷара менишастем ва ғарқ дар афкори худ ба хиёбон хира мешудем. Мехостем панҷара ҳамеша боз бошад ва мо худро бахше аз он хиёбони шигифтангез эҳсос кунем, аммо намешуд, ҳаво сард буд, нигаҳбон низ шабеҳи ҷин ногаҳон аз торикӣ зуҳур мекард ва бо ишораи сари качалаш ба мо амр медод, ки аз назди панҷара дур шавем.

Марди аҷибе буд, ӯро ҳам мисли пизишк мешуд ба ҳар қавме нисбат дод. Мо дар мавриди ӯ чизе намедонистем, фақат аз Асал шунида будем, ки як низомии ҳирфаӣ аст ва соле пеш ба далели синни баланд аз артиш истеъфо додааст.

Сарвиноз тақлидгари хубе буд, аз нигаҳбон беҳтарин тасвирро мекашид. Шабеҳи ӯ роҳ мерафт, сипас ногаҳон дар ҷояш шах мешуд, мисли васвосиҳо гӯш ба садоҳои атроф медод ва чашмонашро шабеҳи нурафкани бурҷи зиндон ба чаҳор тараф мечархонд.

– Медонед, ман ба хотири хушҳолии шумо аз ӯ тақлид мекунам, вагарна дилам ба ҳолаш месӯзад.

Қиссаи нигаҳбонро дертар аз пизишк шунидам. Ман дар ин авохир бо ҳар баҳона ба дафтари тиббӣ сар мезадам, шояд ба ин далел, ки ба ҳимояти пизишк ниёз доштам, аз ташвиқҳояш нерӯ мегирифтам ва машваратҳояш маро ба зиндагӣ дилгарм мекард. Гоҳо худаш маро ба наздаш мехонд, махсусан рӯзҳое, ки парастор ба кор намеомад. Бо телефони дохилӣ занг мезаду мегуфт: «Санам шадидан ба кумакат ниёз дорам, пешам меоӣ?» Дурӯғ мегуфт, аз ман коре барнамеомад, танҳо мехост маро аз бадбахтиҳоям дур нигаҳ дорад. Аз дафтари ӯ мисли пари қӯ сабук бармегаштам, мисле ки ӯ ба ҷисми

ман ҷони тоза медамонд.

Боре аз панҷара ба берун нигоҳ мекард, нигаҳбонро дид, ки монанди як низомии подгон қадам мезад. Пизишк бо таассуф сар такон дод.

– Ҳеҷ наметавонад аз одатҳои ҳирфаияш раҳо шавад. Бечора умрашро дар артиш гузаронд, зиндагиаш онҷо риволи мушаххас дошт, аз аскар то афсар ба ӯ итоат мекарданд... Бознишаста шуду ин ҳамаро аз даст дод, худашро ҳам гум кард. Дилам ба ҳолаш месӯзад, боре гуфт: «Духтур, ман тамоми умр либоси низомӣ пӯшидам, бознишаста шудаму фаҳмидам, ки ҳатто як пероҳан надорам!» Артиш маънои зиндагиаш буд, ҳоло дар муҳити мутафовит ба мушкилоти отифӣ рӯ ба рӯ аст, гоҳо бо қадамзаниҳо дар саҳни ҳамин ҳавлӣ хотири худро хуш мекунад, монанди як масхарабози пир, ки ҳар ғурӯб бо ёди саҳна ва рӯзгори гузашта дар чеҳраи ғамгинаш ниқоби хушҳолӣ мекашад.

– Хонавода надорад?

– Чаро, дорад, аммо онҳо бо одатҳои ӯ басахтӣ канор меоянд. Ин мард ба ҷуз забони фармон забони дигареро балад нест ва тааҷҷуб мекунад, ки чаро касе баробари аз дар ворид шуданаш аз ҷой баланд намешаваду «салут» намедиҳад. Чашмонаш аз рӯйи одат субҳи зуд боз мешаванд, аз рӯйи одат дар чанд сония либос мепӯшад, ба берун мешитобад, то бигӯяд «рота становись!», аммо рӯйи ҳавлӣ ба ҷуз як хурӯси бехоб ва як гурбаи бесоҳиб, ки ноаён дар хонаи ӯ маскун шудааст, дигар касеро намебинад. Ҳама дар хобанд, касеро парвои даробарои ӯ нест. Дар он хона ҳарфи ӯ ҳатто ба пайтобаи пояш намегузарад, чи бирасад ба зану бачаҳояш, ки даҳсолаҳо ба зиндагии бидуни ӯ одат карданд. Худо ба ҳолаш раҳм карду ин ҷойи корро ёфт, вагарна аз афсурдагӣ мемурд.

Пизишк ба нудрат дар дохили дафтараш сигор мека-

шид, қиссаи нигаҳбонро гуфту нахеро аз ҷаъбаи сигор берун овард ва хаёлмандона гуфт:

– Инсонҳо маъмулан дардҳояшонро пушти ниқоби шодмонӣ пинҳон мекунанд, то дар назари дигарон бобарору хушшонс ҷилвагар шаванд. Ҳо он аксро мебинӣ? – пизишк тоблӯи рӯйи бинои баландошёнаро нишон дод. Духтари хушандоме бо лабханд ва зоҳири ошиқона телефонҳои ҷадидро таблиғ мекард, – мо намедонем пушти он хандаи ҷаззоб чӣ воқеияте нуҳуфтааст, шояд ин тоблу ягона ҷоест, ки ӯ метавонад хушҳол бошад... Шояд барои ин лабханди дар мазҳари ом чанд рӯз шаллоқ хӯрдааст...

– Асалро мешиносӣ... ҳамин зани монанди найшакар лоғару латифро... Ҳар кас ӯро бубинад, мегӯяд: «чи зани муваффақе!», аммо ҳеҷ кас намедонад, ки панҷ сол пеш чандин моҳро бо дасту по ва бинии шикаста дар бемористон сипарӣ кард. Бачаи шикамашро аз даст дод, ҳама таҳқирҳоеро, ки як зан метавонист дар як издивоҷи номуваффақ таҷруба кунад, аз сар гузаронд... Аммо тавре мебинӣ нашикаст, ин созмонро барои занҳои мисли худаш бунёд кард, ба дари чандин идораи худиву бегона ангушт зад, то садояш шунида шавад…

– Санам, дарди одам мисли дасти шикаста аст ва бори онро ба ҷуз гардани худи одам, касе намебардорад. Ҳаргиз иҷоза надеҳ, ки бадбахтӣ бар ту ҳоким шавад, зиндагӣ ҳадяи шигифтангези Худованд аст, нагзор, ки бо худхурӣ сипарӣ шавад, мефаҳмӣ чӣ мегӯям?»

Гуфтам:

– Оре, мефаҳмам. Аммо он замон ҳиссаи каме аз ҳарфҳои ӯро дарк мекардам, замон бурд то ба фалсафаи пизишки меҳрубон сарфаҳм биравам.

* * *

– Ту духтар бо як реза ҷонат ин ҳама хаёлпардозиро аз куҷо омӯхтаӣ? – Нигор баъди ҳар «нағма»-и Сарвиноз лабонашро найча мекарду механдид, то захмҳояш дубора хуншор нашаванд.

Сарвиноз воқеан саропо истеъдод буд, як рӯъёпардози фавқулодда, қиссагӯйи масҳуркунанда, ганҷе дар вайрона. Мо ду ҳафта бо ҳам зиндагӣ кардем, он ду ҳафта бо ҳолаи дилпазири ӯ мисли ду рӯз гузашт. Дар ҳайрат будем, ки ин духтарак бо он зиндагии фақирона ва волидони миёнҳол, ин ҳунару ҳушмандиро аз кӣ ба мерос бурдааст ва бо он таҷрибаи талхи издивоҷ ин ҳама энержии мусбатро аз куҷо мегирад!

Дар бораи бошандагони марказ достон месохт, ҳатто барои раҳгузарҳои хиёбон, он қадр ҳунармандона, ки мо ингор зиндагии онҳоро дар пардаи синамо медидем.

– Ҳо ун марди гӯшаи боғро мебинед? Зану бача дорад, аммо ӯро ҳавои ишқбозӣ ба сар омадаст, ба зане паёмак мезанад, пушти ҳам, бо асабоният.

– Ту аз куҷо медонӣ? Мумкин бо ҳамсараш суҳбат мекунад?» – эътироз мекард Нигор.

– Бо ҳамсараш? Дар гӯшаи хилвати боғ? Бахшиш, ки инро бар рӯяатон мекашам, аммо шумо аз илми «дедуксия» хабар надоред. Таваҷҷуҳ кунед, барои чаҳорумин бор дар имтидоди ин қитъаи кӯчаки роҳ мераваду бармегардад, пешонаи хисашро бо пушти даст пок мекунад, эҳтимол ёдаш рафтааст, ки дар ҷайби болопӯшаш дастмол дорад, ҳаракатҳояш бехудонаанд, тасаллуте бар рафтори худ надорад. Чӣ замоне инсонҳо назарот бар аъмоли худро аз даст медиҳанд? Оре, замоне, ки манофеъашон зери зарба меояд, – дар ин лаҳза он мард аз ҷайб даст-

молеро берун оварду араќи сару рӯяшро пок кард, мо бо ҳайрат ба якдигар нигоҳ кардем.

Сарвиноз бо ифтихор чона барафрохт.

– Баъид нест, ки бо маъшуқи маҷозиаш дар шабакаи иҷтимоӣ алоқаманд шудааст, аммо якдигарро то ҳол надида буданд. Имрӯз қарори мулоқот дошт, аммо тараф наомад... Шояд пушти роёна марде менишасту ин ӯро масхара мекард. Ё пиразани танҳо, ки бо ишқварзиҳои маҷозӣ ба зиндагии якранги худ нуру сафо мебахшид.

– Фарзияи дигаре нест?

– Чаро, ҳаст, шояд он зан дар асл вуҷуд дорад ва лаҳзае пеш дар ҳамин атроф буд, ин мардро диду шокӣ шуд, охир акси бист сол қабли ӯ бо воқеъияти имрӯзаш мувофиқат намекард. Сараш качал, шикамаш мисли обистани моҳу рӯз овезон, зан дарҳол ӯро ба рӯйхати сиёҳи тарафдоронаш андохт ва худро ноаён гуму гӯр кард.

– Оҳ ту бало! – мегуфт Нигор бо таҳсин ва ӯро сахт бағал мекард. Сарвиноз шабеҳи ситораҳои безор аз бӯсаи ҳаводорони хира, биниашро чинҷ мекард ва сохтакорона «раҳоям кунед!» мегуфт. Мо сарҳои худро ба пату фурӯ мекардему механдидем, то мабодо садоямон ба берун бурӯз кунад ва моро аз паноҳгоҳ берун андозанд.

– Росташро бихоҳед ман достонҳои пулисӣ зиёд хондаам. Хеле вақт телевизор надоштем, ба китобхонаи шаҳр аъзо шудам, ҳаррӯз як китоб мебардоштам, хобам намебурд, достони тӯлониро дар як шаб мехондам. Китобдор аз суръати мутолеаи ман дар шигифт буд, мегуфт чунин хонандаи шавқмандро бори аввал мебинад. Ду сол пеш падарам пинҳон аз бародаронам бароям телефони мобил харид, арзонак буд, аммо интернет дошт. Бародаронам телефонро барои зан музир медонанд, ман маъмулан вақти хоби онҳо ба интернет ворид мешудам ва хабару

қиссаву достонҳои ҷолибро мисли исфанҷ меҷабидам. Хеле кунҷков ҳастам, ба зиндагии одамон, ба рафтори онҳо, ҷолиб аст бидонам, ки одамон ба чӣ меандешанд, чӣ рӯҳияе доранд.

– Ин тавр бошад бигӯ, ҳо байни он зану мард чӣ мегузарад? – Нигор бо ангушт як зани ҷавонро нишон дод. Он зан болопӯши шик пӯшида буд ва бо вуҷуди сармо дар пой кафшҳои пошнабаланди тобистонӣ дошт, хиёбонро бо итоб убур мекард, марде ҳам ба думболаш медавид, хушлибосу болобаланд, дастафшон ба он зан чизе мегуфт, мисле, ки сайъ мекард ӯро аз роҳаш баргардонад.

Сарвиноз сандалиашро ба панҷара наздик бурд, оринҷҳояшро ба пештоқи панҷара такя дод, муштҳояшро зери чонааш гузошт, чашмонашро рез карду бо диққат ба он ду нафар хира шуд. Нигор ба сӯйи ман чашмак зад, мо вонамуд мекардем, ки аз тавоноии Сарвиноз дар хондани зеҳни инсонҳо тасхир шудаем.

– Ҳм... инро худи шумо ҳам метавонед ҳадс бизанед, кори сахте нест.

– Мо куҷову ин ҳунарҳо куҷо, бигӯ азизам, моро мунтазир накун.

– Бошад... Ҳм... Ин ду нафар зану шавҳар ҳастанд, ҳамон тавр ки мебинед дар тан либоси меҳмонӣ доранд, яъне аз тарабхонае дар ин атроф берун омаданд, эҳтимол аз тӯйи арӯсӣ, бо боданӯшиву рақсу бозӣ. Ин мард аз як ҷое ҳушёриро аз даст дод ва як духтари ҷавонро ба рақс даъват кард. Ҳар бор он духтарро ба рақс мекашид ва хашми занашро бармеангехт. Занро на ҳавасбозии ҳамсар, балки синни он духтари ҷавон озурда мекард. Ҳадс мезад, ки ҳамсараш ҳатман ӯро бо ин духтарак муқоиса мекунад ва нуқсҳояшро пеши назар меорад. Ӯ саранҷом сабрашро аз даст дод ва маъракаро тарк кард, аммо пеш рафтан ни-

гоҳе хашмгинонае ба ҳамсараш афканду ӯро билофосила ҳушёр кард. Ва ҳоло он мард монанди қаҳрамони сериоли арзони русӣ, ҳамоне, ки ҳамсараш ӯро дар тахти хоб бо зани дигаре дастгир кардааст, ба думболаш медавад ва мегӯяд: «Ин он чизе набуд, ки ту фикр мекунӣ».

Ману Нигор бо садои баланд хандидем, он қадар баланд, ки нигаҳбон аз ғуфрааш берун омад ва таҳдидомез ба панҷараҳо зул зад, то вайронкори тартибу низомро шиносоӣ кунад. Сареъ ба пойи панҷара хам шудем.

Нахуст Сарвиноз аз замин баланд шуд.

– Чаро механдед? Бовар намекунед? Агар ин нигаҳбони качал намебуд ба думболи он зану шӯ мерафтам ва бароятон «мадрак» меовардам.

Хаёлпардозиҳои Сарвиноз шабеҳи достонҳои воқеъӣ буд, мо бо ҳайрат ба даҳони ӯ нигоҳ мекардем. Нигор мегуфт:

– Сарвиноз, Худо воқеан дӯстат медорад, истеъдодеро ба ту ато кардааст, ки ба дигарон намедиҳад. Муаллимат рост мегӯяд, ту ҳамон гуле ҳастӣ, ки тасодуфан дар байни гашнизу пиёз рӯйидаӣ, бе ҳеҷ шак ин тавонро дорӣ, ки аз ҳар сӯрохе сар баланд кунӣ ва рӯ ба хуршед қад бикашӣ.

Аз Сарвиноз басахтӣ ҷудо шудем, вақте ҳайкали баланду нозуки ӯ пушти дари оҳанин нопадид гардид, халои азиме қалбҳои моро фаро гирифт, ҳама ҷо якбора сокит шуд, гӯё баркро дар ҳуҷраамон хомӯш карданд, ингор, як филми ҳаяҷонангез ногаҳон дар ҷолибтарин нуқтааш қатъ шуд.

Дақиқан даҳ рӯз бо мо зиндагӣ кард. Як субҳ муаллимаш омад ва ӯро бо худ ба куҷое бурд, вақте баргашт, аз шодӣ дар худ намегунҷид, гуфт, ки ӯро пас мусоҳибаи тӯлонӣ ба давраи муқаддамотии омӯзишгоҳи пизишкӣ пазируфтанд ва ба таври истисно барояш дар як ҳуҷраи

чаҳорнафарӣ тахти хоб доданд. Ин ҳамаро муаллимаш бо дахолати вазир ҳал кардааст. Эҳсоси аҷибе доштем, шодии олуда ба таассуф, ба иҷбор лабханд мезадем, аммо бӯйи рӯзҳои касалкунанда ва бесафо ба машомамон мерасид. Сарвинозро то дами дар ҳамроҳӣ накардем, рафтанашро аз паси панҷара дидем, роҳ намерафт, гӯё дошт парвоз мекард, Асалро ба оғӯш кашид, даст ба чаккаи сар бурду ба дарбон «салут» дод, мисли ситораҳои поп ба сӯйи мо чанд бӯсаи ҳавоӣ фиристод ва бо ифтихор аз дар берун рафт.

– Бошад, ки дигар ҳариз дами ин дар зоҳир нашавад, – гуфт Нигор ва мо ҳарду беихтиёр даст ба «омин» бардоштем.

Ҳеҷ чизе ба андозаи дарди муштарак инсонҳоро бо ҳам наздик намекунад. Ман бо ҳамхонаҳоям дар як муддати кӯтоҳ мисли ақвом шудам, мисли модару хоҳар. Сахттарин рӯзам рӯзи рафтани Нигор буд.Ончунон зуд рафт, ки ҳатто натавонистам бо ӯ худоҳофизӣ кунам. Шояд ҳамин беҳтар буд, ман Нигорро мисли модар дӯст доштам ва рафтанаш бароям мисли кандани як тикка аз ҷигарам дарднок мебуд. Ба истиқболи бачаҳояш рафт, ба сӯйи зиндагии ҷадид, барояш хушҳол будам, аммо як ҳиссе ба ман мегуфт, ки ӯро дигар ҳеҷ гоҳ намебинам... Охир кӣ мехоҳад бадтарин саҳифаи зиндагиашро дубора боз кунад!?

Як субҳ аз дастшӯйӣ баргаштаму Нигорро дар ҳуҷра пайдо накардам, тахти хобаш номураттаб буд, болишт ва ними кӯрпааш дар замин мехобид, мисле, ки ногаҳон хоболӯд аз ҷой ҷаҳида аст. Хеле интизор шудам, аммо наомад. Ноилоҷ роҳи бунгоҳи тиббиро пеш гирифтам. Пизишк машғули ҳисобу китоб буд, ӯро аз ин кор хушаш намеомад, мегуфт:

– Даҳ омпул медиҳанду сад варақ ҳисобот талаб ме-

кунанд, – маро диду гӯё чизи муҳимеро ба хотир овард ва «аҳ!» гуфту даст ба пешонӣ зад. Сипас, гарданашро ба нишони узру тараҳҳум каҷ кард ва китф дарҳам кашид. Билофосила фаҳмидам, ки Нигор дигар барнамегардад. Пизишк аз ҷой бархост ва чонаи маро бардошт.

– Ту бояд барои дӯстат хушҳол бошӣ, ҳамон тавр, ки ман фаҳмидам шавҳараш бо миёнҷигии бозраси парванда, дар изои даст кашидани Нигор аз даъво ӯро талоқ дод, хонаро ба номаш навишт ва муваззаф шуд, ки ҳаққи бачаҳояшро моҳона пардохт кунад. Поёни хуше барои як достони ғамангез!

Аз утоқи пизишк бесадо берун омадам, вале баробари берун шудан аз дари бунгоҳ гӯё мурч бӯй карда будам, ки димоғам ба сӯзиш омад, алами танҳоӣ димоғамро сӯзонд. Бо ҳасрат ба панҷараи бози ҳуҷраам нигоҳ кардам, шабеҳи тирезаи қаторе буд, ки мусофиронаш дар истгоҳҳои худ пиёда шудаанд, танҳо ман будам, ки на истгоҳ доштам ва на маълум буд куҷо меравам. Кам-кам ба як сокини қадимии ин марказ табдил мешудам...

## Эронгул

Барои ман ҳамеша як суол матраҳ буд, ки чаро бархе афрод дар зиндагии мо дақиқан замоне зоҳир мешаванд, ки сардаргуму гиҷ ҳастем ва монанди магаси дармонда дар миёни шишаҳои панҷара худро ба чаҳор тараф мезанем, то наҷот пайдо кунем.

Ӯ дар яке аз рӯзҳои ғамангезу бефурӯғи зиндагиам вориди паноҳгоҳ шуд, вақте аз ёронам дигар касе намонда буд ва рӯзу шабам аз танҳоӣ шаби ялдоро мемонд.

Аз рафтани Нигор як моҳ мегузашт, вале дигар касе дар ҳуҷраи ман маскун нашуд. Ҳуҷраи холӣ дар назарам

монанди дарае дар масири бод уллос мекашид. Гоҳо ба ошхона мерафтам, то заҳри танҳоӣ вуҷудамро масмум накунад, аз қадимиҳо касе намонда буд, бемmorони ҷадид бо чеҳраҳои гиҷу чашмони кадир дар ибтидои ҳамон ҷодае буданд, ки ман ду моҳ пеш тай кардам.

Пизишк ҳам аз қазо мутахассисии тӯлонӣ гирифту аз пайи нигоҳубини хоҳари бузургаш рафт. Зимистони сербарфу сард фаро мерасид. Ман аз паси панҷараи баста соатҳо ба пағаҳои беохири барф, ки ингор осмонро бо худ ба пойн меоварданд, хира мешудам.

Бо Асал наздик набудам, агарчи ҳар рӯз ба ҳолпурсиям меомад, шонаҳоямро навозиш мекард, вале ончиро ки метавонистам ба пизишк бигӯям, ба ӯ намегуфтам.

Нигарони сарпаноҳ набудам, то пайдо шудани макони амн метавонам инҷо бимонам. Ман ин шафқатро мадюни пизишк будам, ӯ Асалро мутақоид карда буд, ки то ёфтани сарпаноҳи муносиб маро дар паноҳгоҳ нигаҳ дорад. Ҳайф, ки дигар ӯро надидам.

Дар яке аз ин рӯзҳои танҳоӣ занги дар садо дод ва нигаҳбон пас аз суолу ҷавоби маъмулӣ дарро ба рӯйи як зани болобаланд боз кард. Вақти наҳор буд ва ман доштам ба ҳуҷраи ғизохурӣ мерафтам, меҳмонро дидаму кунҷков шудам, оҳиста қадам бардоштам ва ӯро зерчашмӣ варандоз кардам. Аҷиб ба назар мерасид: дар тан палтои сиёҳ дошт ва дар пой чакмаҳои баланди ҳамранги палто, кулоҳи сиёҳашро то абрӯвонаш поин кашида буд, хӯшае аз гесӯвонаш ними рӯяшро мепӯшонд, гӯиё намехост шиносоӣ шавад, шабеҳи занҳое, буд ки аз пушти шавҳарҳояшон ҷосусӣ мекунанд. Дар миёни он рангҳои тира, танҳо чизе, ки нигоҳро ҷалб мекард як кифи сафарии қирмиз буд, монанди як нуқтаи сурх дар пардаи наққошии ҳунарманди интизоъгаро. Дар ин макон то ҳол ҳеҷ паноҳҷӯйро

бо ҷомадон надида будам, аз ин рӯ, тааҷҷуб кардам. Зан кифашро ба замин гузошту ба сӯйи Асал оғӯш боз кард, онҳо зоҳиран якдигарро мешинохтанд.

Он рӯз дигар ӯро надидам, гумон кардам шояд аслан паноҳҷӯй набуд ва агар ҳам буд, эҳтимол дар кадоме аз ҳуҷраҳо маскун шуд. Вале ҳангоми ғурӯб Асал ангушт ба дар зад ва бо ҳамон садои нозуки ҳамешагиаш пурсид:

– Метавонем ворид шавем?

«Бемор»-и ҷадидро Эронгул муаррифӣ кард, аммо аз одати қаблияш канор рафту аз ман напурсид, ки оё ӯ метавонад дар ҳуҷраи ман маскун шавад? Баръакс, рӯ ба зани сиёҳпӯш оварду гуфт:

– Азизам, аз ин се тахти холӣ яке моли туст, интихоб бо худат.

Бону мутакаббирона ба саросари уток назар афканд, гӯё меҳмонхонаи панҷситорaро интизор буд, ки аз ончи медид хушҳол нашуд. Саранҷом «рӯ ба рӯ беҳ аз паҳлӯ» гуфту тахти Нигорро интихоб кард, нигоҳи кӯтоҳе ба ман афканд, лабханди сохтае рӯйи лабонаш нишаст. Ӯ аз ҳузури як наврас дар ин уток тааҷҷуб накард.

Рӯйи тахт нишасту болопӯшу кулоҳашро бадар овард. Як бари рӯяш аз боло то поин харош дошт, гӯё ӯро рӯйи замин кашиданд ё тарошае аз сураташ убур карда буд. Тараҳҳумро дар нигоҳи ман мушоҳида карду пузханд зад.

– Ваҳшатнок аст?

– Аз ин бадтарашро дида будам.

– Чандсолаӣ?

– Шонздаҳсола мешавам…

– Фаҳмо.

Эронгул дигар ба ман таваҷҷуҳ накард. Аз кифи қирмиз ойинаву шона ва крему атру ороишотро рӯйи мизи канори тахти хоб гузошт. Намехостам мутаваҷҷеҳи ни-

гоҳи кунҷковонаам шавад, аз зери болишт китоберо берун овардам, ки як ҳафта боз наметавонистам аз сарсуханаш фаротар биравам.

– Чӣ мехонӣ? – пурсид ӯ дар ҳоле, ки пушт ба ман пӯшокҳояшро дар чӯби либос меовехт. Ҳайкалаш фавқулодда зебо буд, камари борик дошт ва пойҳои баланду ҳамвор.

– Нагуфти чӣ мехонӣ.

– Китоб…

– Ҳмм... медонам китоб аст, унвони китоб чӣ аст?

Номи китоб ёдам набуд, ба ҷилдаш нигоҳ кардам.

– Анна Каренина.

– Анна Каренина? Интихоби олӣ.

– …

– То ҳол кадом китобҳоро мутолеа кардаӣ?

Албатта, дар доираи барномаи мактабӣ китобҳои бадеӣ хонда будам, аммо дастпоча шудам ва натавонистам якеро ҳам ба ёд биёварам. Эҳсос кард, ки хиҷолат кашидам, сареъ мавзӯъро дигар кард.

– Лозим нест ин китобро ҳоло бихонӣ, каме зуд аст.

Ӯ корашро нотамом гузошт, якчанд китоби дохили комодро сареъ мурур карду якеро рӯйи тахти хобам гузошт.

Рашод Нурӣ Гюнтекин «Чаманоро». Баъдҳо достони ин нависандаи туркро борҳо хондам ва шабоҳатҳое дар сарнавишти он духтараки саргардон ва зиндагии худамро кашф мекардам, аз китобҳои дӯстдоштаам буд.

– Барои сину соли ту ин китоб хуб аст, достоне бо фарҷоми нек.

Китобро бардоштаму ногаҳон бо фузулие, ки ҳаргиз одатам набуд, аз ӯ пурсидам:

– Апа, ба рӯятон чӣ шудааст?

Пушт ба ман карду дубора ба самти ҷевон рафт ва раҳ

ба раҳ гуфт:

– Як хари ҳангӣ ба суратам лагад зад.

Он шаб дигар даҳон боз накард, ҳарду барвақт хобидем, аммо субҳ аз садои гуфтугӯяш бедор шудам, ноогоҳона даври ҳуҷра қадам мезад ва бо касе телефонӣ суҳбат мекард. Баландгӯйи телефонаш рӯшан набуд, аммо садои он сӯйи хат возеҳ шунида мешуд. Эронгул мегуфт:

– Тақсири худам шуд, бояд ӯро пештар аз зиндагиям берун мекардам, ин аст натиҷаи насиҳати модарам.

– Зарбаҳояш маҳкам буд? Дасту поят солим аст?

– Намедонам, мисли як маҷрӯҳи тирхӯрда будам, зарбаро эҳсос мекардам, вале дардро не. Эҳтимол он лаҳза эҳсоси шарм тамоми нуқтаҳои дардро дар баданам масдуд карда буд. Худои ман, дорам девона мешавам!

– Дар қаҳвахона муштарӣ зиёд буд?

– Хеле... вақти субҳона ба сарам тохт, вақте мардум ором ғизо мехӯрданд, муштариҳо кормандони вазорату идораҳои гирду атроф буданд, онҳоро ҳар рӯз мебинам, рафиқ нестем, танҳо як ошноие дар сатҳи сар такон додан. Як-ду нафар баланд шуд, то ӯро аз ман дур кунад, аммо вақте фаҳмиданд, ки ҳамсарам аст, ба ҷойи худ баргаштанд.

– Ҳамкоронат чӣ?

– Се зан будему як ҷавон аз бахши фановариҳои текноложӣ, вақте ба ман ҳамла кард он ҷавонак мехост ӯро ба гӯшае бикашонад ва ором кунад, аммо мушти маҳкаме ба шикамаш зад, бечора калавиду рӯйи мизи муштариҳо афтид. Лаънатӣ ба касе гардан намедод, саҳнаи қаҳвахона барояш кофӣ набуд, ки аз яхаи ман гирифту маро ба васати ҷодаи пиёдагард кашонд. Саранҷом як ҷавони ношинос ба додам расид, намедонам кӣ буд, гиребонамро аз дасташ раҳо кард ва лагаде заду ӯро ба канори ҷода

афканд.

Нагуфтӣ, даъво аз чӣ шурӯъ шуд?

Худат медонӣ, ӯ танҳо як дард дошт, намехост ман кор кунам, рашк мекард, ба либосам, ба ороишотам, ба хандаҳоям, ба дӯстонам ҳамеша ғур мезад, баҳона меҷӯст. Аз рӯзи аввали издивоҷ нимшӯхиву нимҷиддӣ мегуфт кор накун, бача надорем, маоши ман барои мо ду нафар кофӣ аст. Бори аввал шаш моҳ пеш, рӯзи издивоҷи хоҳараш силлие ба баногӯшам зад. Ҳама мерақсид, ман ҳам бо дигарон рақсидам, ногаҳон ишора кард, ки берун бароям. «Мемурдӣ як пероҳани дурусттар бипӯшӣ, чашми ҳама мардҳо дар думбаи ту гир кардааст!» гуфту ба сарам даст бардошт. Тӯйро мондаму ба хона баргаштам, либосҳоямро ҷамъ кардам ва ба хонаи модарам рафтам. Модарам аз ман пуштибонӣ накард, агар тарафамро мегирифт, билофосила аз шавҳарам ҷудо мешудам, аммо ҳазор баҳонаву намуна пеш овард ва маро мутақоид кард, ки ба хонаи ҳамсарам баргардам. Пушаймонам, ки чаро ба ҳарфаш гӯш додам, бояд ҳамон вақт талоқ мегирифтам, хонаеро иҷора мекардам ва рӯзгори бедарди сар пеш мебурдам.

– Чаро ҳамон вақт ин корро накардӣ?

– Намедонам, эҳтимол ба хоҳаронам фикр мекардам, одати мардуми тарафи моро медонӣ, аз хонае, ки духтари талоқшуда дорад, келин намегиранд.

– Нагирифтанд ба ҷаҳаннам! Айб аст, наход як инсони соҳибмаълумоту ҳирфаӣ ба думболи чунин суннатҳои хандаовар биравад!

– Рост мегӯи... воқеан шармовар аст.

– Даъвои ахир бар сари чӣ буд?

– Чизи хосе набуд, шаб аз раҳбарам паёмак гирифтам, ки мегуфт гузориши пардохти вомҳои муштариҳоро то фардо омода кунам, ба ҷойи нуқта дар охири ҷум-

ла шаклаки чатру борон гузошта буд, яъне ҳаво фардо боронӣ аст, чатратро фаромӯш накун. Саҳари зуд аз хона берун шудам, ёдам рафт гӯширо бо худ бигирам. То соати даҳи саҳар кор кардам ва баъд бо ҳамкоронам ба ҳамон қаҳвахона рафтем. Ногаҳон болои сарам зоҳир шуд, ин чӣ аст гуфту ҳақорат кард, як-як паёмакҳои дӯстонамро варақ зад, чизи баде надоштанд, ишораҳои хандадори корӣ. Аз ҷой бархостам, то аз қаҳвахона берун шавам, аммо имкон надод.... баъд худат медонӣ чӣ шуд.

– Росташ ҳеҷ гоҳ аз ӯ хушам намеомад, лоиқи ту набуд.

– Барои ин ҳарфҳо дигар дер шуд... бошад, боз суҳбат мекунем.

– Нагуфти куҷо ҳастӣ, мехоҳӣ пешат биёям?

– На, на, ҷойи буду бошамро касе надонад беҳтар аст, дар ғайри ин, машварату насиҳати ҳамешагӣ шурӯъ мешавад. Бояд худам тасмим бигирам, ки чӣ кор мекунам.

Ӯ муддате пушт бар ман дар васати ҳуҷра истод, он қадр дар афкори худ ғарқ шуда буд, ки аз занги телефонаш «як қад парид».

Ҳамон садои занона аз он сӯйи хати телефон баланд шуд.

– Эронгул, намехостам нороҳатат кунам, аммо беҳтар аст ин хабарро аз ман бишнавӣ.

– Чӣ шудааст?

– Касе саҳнаи зарбу шатмро сабт кардаст ва ҳоло ин навор дар дунёи маҷозӣ мечархад…

– Ҷиддӣ мегӯӣ??

– Оре…

Эронгул якбора сокит шуд, сураташро намедидам, аммо ингор мӯй дар баданаш намеҷумбид.

– Алло?

...

– Алло???

Ногаҳон қоматашро рост карду чонаашро боло бардошт.

– Гуфтӣ навор дар шабакаҳои иҷтимоӣ мечархад? Чӣ беҳтар! Пас пулис бе ман ҳам ба думболаш мешавад. Линки наворро бифирист.

– Набинӣ беҳтар аст, ман натавонистам аз се сония фаротар биравам…

– Бифирист.

– Ҳарчи ту бигӯӣ.

Эронгул садои паёмакро шуниду ба тахти хоб баргашт, нигоҳаш дар монитор гир карда буд.

Аз телефон садои ҷиғи занҳо, овозҳои ба ҳам омехта бо нидои «э бача, чӣ кор мекунӣ» ва як овози мардона, ки бо қабеҳтарин шева Эронгулро ҳақорат мекард, баланд шуд. Бо гӯшаи чашм ба ӯ нигоҳ кардам, наворро аз оғоз то анҷом бо чеҳраи шабеҳи санг сарду беҳис тамошо кард. Аъсоби қавӣ ва иродаи мустаҳакамаш ҳайратангез буд. Саранҷом лабханде заду гуфт:

– Аҷиб аст… дунё ба андозаи сафҳаи телефони ҳамроҳ кӯчак шудааст, дар гузашта намедонистӣ дар хонаи хоҳарат чӣ мегузарад, аммо ҳоло…

Тамоми он рӯз ва рӯзи дигар ҳушу гӯши Эронгул дар телефон буд, шарҳи корбаронро ба саҳнаи латтукӯб мехонд. Ҳузури маро аслан эҳсос намекард, танҳо гоҳе дар миёни суҳбатҳои телефониаш ишора мекард, ки истакони чойро ба ӯ бидиҳам. Ман аз ин нороҳат набудам, ҳамон тавр, ки мегӯянд: «аз оғили холӣ дида, гови шохзан беҳ». Ҳамин кофӣ буд, ки ҷони зиндае дар паҳлӯям ҷумбуҷул мекард. Дар он ду рӯз бархилофи майли худам, он қадр аз зиндагии Эронгул, ҳамсараш, хонаводааш ва дӯстонаш

маълумот гирифтам, ки гӯё китоби зиндагиашро хондам.

Зани таҳсилкардаи боҳуше буд, дипломи Донишгоҳи иқтисодии Маскав ва мадраки бонкдориро донишгоҳи Токиёро дошт, бо чаҳор забон озод ҳарф мезад. Ба унвони мудири сатҳи мутавассити як бонки бузург кор мекард. Дар синни 28 солагӣ вақте ҳамсолонаш дасти кам ду бача ба дунё оварданд, бо як хеши дури модараш издивоҷ кард. Талабгори зиёд надошт, шояд ба ин далел, ки синнаш аз меъёри издивоҷ дар як ҷомеаи суннатӣ фаротар рафта буд, ё шояд ба ин хотир, ки бо ҳушмандӣ, мустақилият ва иззати нафси баландаш хушдорҳоро мегурезонд. Издивоҷ бо хеши модараш ӯро хушбахт накард, эҳтимол он мардро низ.

Рӯзи сеюм соати дувоздаҳ аз хоб баланд шуд, сари ҳол ба назар меомад ва оҳангеро зери лаб замзама мекард, душ гирифт, хароши рӯяшро зери чанд қабат ороиш пинҳон кард, шалвори танг ва блузи сафеди гушод пӯшид. Воқеан зани ҷаззоб буд, гардани баланд, андомҳои ҳамоҳангу мутаъодил, абрӯвони росту чашмони зебое дошт ва чонае, ки бар иродаи мустаҳкамаш таъкид мекард. Шоли нозуки обиро даври гарданаш баст ва ба мучи дастонаш атр пошид, дар ҳоле, ки онҳоро бо ҳам месовид, аз ман пурсид:

– Хуб, чӣ тавр ба назар мерасам?

Забон хоидам, намедонистам чи бигӯям, охир ӯ аз ҳамаи занҳое, ки то ҳол дар ин макон дида будам, фарқ мекард.

– Ээ... ҳм... Хеле зебо...

– Мисле ин ки ба ҳарфи худат мутмаин набудӣ ё мехости чизи дигаре бигӯӣ?

– Фақат мехостам шуморо огоҳ кунам, ки бошандагони инҷо шояд аз одамони гирду атрофи шумо фарқ

кунанд.

Ӯ аз остонаи дар ба самти ман баргашт.

– Бубин духтар, ман ҳам шаллоқ хӯрдам, шояд бадтар аз ин занҳо, дар мазҳари ом, таассуфу бечоранолӣ кори душвор нест, кунҷе менишинам ва зонуи ғам бағал мекунам, баъдаш чӣ? Оне ки маро ба ин ҳол овард, дубора издивоҷ мекунад, шоду хуррам умр ба сар мебарад, ман аз ғаму андӯҳ дер ё зуд сактаи мағзӣ мегирам... Одам бояд девона бошад, ки худро ба ин ҳол гирифтор кунад!

Аз гуфтаам пушаймон шудам. Ҷонаамро боло бардошту бо диққат ба чашмонам нигоҳ кард ва сахтгирона гуфт:

– Ёдат бошад, сарнавишти инсон дар дасти худи инсон аст ва ҳеҷ кас ба ҷуз худи ӯ наметавонад зиндагиашро тағйир бидиҳад. Зиндагӣ гоҳо шигифтии нохушояндро ба ҳамроҳ дорад, аммо нагзор зери бораш леҳ шавӣ. Агар замин хӯрдӣ, баланд шав, гарду чангро аз доманат бияфшон ва бо сари баланд ба роҳат идома бидеҳ, нагзор вуҷудат бо бадбахтӣ одат кунад. Сарнавишт ба андозае, ки мо фикр мекунем номеҳрубон нест, ҳамеша дарichaеро барои хурӯҷ аз нобарориҳо боқӣ мегузорад, бояд ба худ итминон дошта бошӣ то он дарича ба рӯят боз шавад. Файласуфе гуфтааст: «Ҳар ончи моро намекушад, қавитарамон мекунад!»

Пас аз наҳор Эронгул хост дар ҳавои тоза гардиш кунем. То пушти иморат рафтем, нигаҳбон вонамуд мекард, ки моро намебинад. Он маконро бори аввал медидам, як ҳотаи номураттаби пур аз алафҳои ҳарз буд. Баҳорон касе помидор ва қаланфури булғорӣ кишт карда, аммо дигар аз пояш нашудаст. Ҳосилашон дар навдаҳо хушк шуда буд.

Эронгул ногаҳон пурсид:

– Қаҳва менушӣ?

– Дар куҷо?

– Дар қаҳвахонаҳои атроф.

– Дарбон иҷоза намедиҳад…

– Дарбон кӣ ҳаст? Мо инҷо маҳбус нестем!

– Ман либос надорам…

– Рафтем!

Шалвору пероҳани танашро бо як ҷакети гарм ба ман дод, худаш ҳамон либосҳои сиёҳро пӯшид ва кулоҳро то абрӯвонаш фурӯ кард. Асалро дар ҷараён гузошт ва мо бемамониат аз дар берун шудем.

Боварам намеомад, ки баъди ду моҳ аз миёни ин чордевор берун омадам! Ман аз моҳи панҷи ҳомиладорӣ, аз вақте таътили тобистонаи мактаб то ба ҳол кӯчаро надида будам ва акнун поям ба пойи дигарам мепечид, гӯё роҳ рафтанро аз дигар меомӯхтам.

Эронгул як тарабхонаи нимахолиро интихоб кард, қаҳваи хушбӯ дошт, атраш ҳатто дар кӯча ба машом мерасид. Фазои дохилаш низ орому дилнишин буд. Рӯшноии нарми лоҷувардӣ аз фонусҳои чинои ба атроф пахш мешуд ва мусиқии ороми нимашунаво фазои қаҳвахонаро асроромез мекард. Аз мизҳои паст ва сандалиҳои бузург бармеомад, ки мардум инҷо аслан барои суҳбату истироҳат ва шириниву қаҳва меоянд. Қаҳвахона ба ҷуз ману Эронгул боз ду муштарӣ дошт, як зану як марди ҷавон. Он мард бо як даст пушти сандалӣ ва бо дасти дигар ними мизро бағал карда буд ва духтаракро дар гӯшаи девор нигаҳ медошт. Агар ҳир-ҳири хандааш намебуд, гумон мекардам, ки он ҷавон ӯро гаравгон гирифтааст. Пешхидмати лоғарандом фехрасти ғизоҳоро ба мо дод ва акнун аз гӯшаи пешхон бесаброна ба тарафи мо зул мезад.

Эронгул барои ман қаҳва бо шир ва ду тиккаи бузурги кейк супориш дод, барои худаш танҳо қаҳваи сиёҳ. Қаҳва-

ро бо ҷуръаҳои кӯчак нӯшид, фурсат дод то кейкро тамом кунам ва баъд пурсид:

– Исмат чӣ аст?

Дар тӯли се рӯзи ҳамсоягӣ ӯ акнун номамро мепурсид.

– Санам.

– Исми қашанге дорӣ. Росташро бихоҳӣ, тааҷҷуб кардам, ки як духтараки ноболиғ дар чунин макони ғамангез чӣ кор мекунад?

– Нагӯям беҳтар аст, шумо бе ман ҳам дардисарҳое доред...

– Ман ягон мушил надорам, як суйитафоҳуме дар зиндагиам буд, Худоро шукр рафъ шуд. Ҳодисаро бигӯй, ин як кунҷковии сода нест, шояд битавонам кӯмакат кунам.

– Аз куҷо шурӯъ кунам?

– Аз ҳамон оғоз, аз кӯдакиат, аз хонаводаат.

То шом дар он қавхона нишастем. Эронгул достони зиндагии маро дар сукути комил шунид. Ончи ӯро аз дӯстони дигарам мутафовит мекард, хунсардиаш буд, рӯ ба рӯйи ман менишаст ва ором ба чашмонам нигоҳ мекард, мисли ҳамон рӯз, ки навори зарбу шатми худро беизтироб тамошо мекард.

Пушти ҳам он қадар қаҳва нӯшидем, ки рӯйи миз аз финҷони холӣ пур шуд ва қаҳвахона низ дигар ҷойи нишаст надошт.

– Мехоҳӣ бароят кейк бигирам?

Кейк намехостам, аммо мехостам як каме дигар дар он қаҳвахона бимонам, инҷо ба ман эҳсоси баробарӣ бо инсонҳое бедарду бедағдағаро медод.

Он шаб то дергоҳ хобам набурд, шояд қаҳва зиёд нӯшидам ё мурури дубора ба он ҳодисаҳо маро сардаргум мекард. Эронгул ба дидани Асал рафту то ними шаб барнагашт, ӯро субҳ рӯзи дигар дидам, бо мӯйҳои тар аз душ

меомад.

Якҷо субҳона хӯрдем. Аз дирӯз бо ҳам ҳарф назада будем, ӯ ногаҳон гуфт:

– Дардҳо бо гузашти замон музмин мешаванд, ба буданашон одат мекунӣ, гоҳо зуқ-зуқи онҳоро аз нохудогоҳи вуҷудат мешунавӣ, аммо дигар бар равону зиндагиат таъсиргузор нестанд. Мағзи инсон узви бисёр аҷиб аст, худаш роҳи осеброро мебандад то соҳибаш аз ғусса девона нашавад...

Луқмаи даҳонамро фурӯ бурдаму ба ӯ чашм дӯхтам, медонистам Эронгул беҳуда ҳарф намезанад.

– Ту набояд инҷо бимонӣ, фазои инҷо масмумкунанда аст.

– Куҷо биравам? Ман ҷое барои рафтан надорам…

– Азизам, дар ин дунё танҳо марг роҳи ҳал надорад, мушкилоти дигар ҳалшаванда аст.

– Бояд чӣ кор кунам?

– Хомӯш набош, табуро бишикан, муҷримонро ба дасти адолат бисупор, достонатро ба дигарон бигӯ.

– Холаамро!?

– Чаро не? Агар холаат ба ту раҳм накард ва мисли пору ба ҳошияи зиндагӣ партофт, чаро ту бояд ба ӯ тараҳҳум нишон бидиҳӣ??

– Аз куҷо бояд шурӯъ кунам?

– Инаш бо ман, як рафиқ дорам, додараш аз хабарнигорони ифшогар аст. Бо ӯ дар тамос мешавам, фақат ақибнишинӣ накун, то ба охир бирав!

Эронгул барои ман аввалин устоди дарси зинда мондан дар он замони буҳронӣ буд. Ман ҳамагӣ як ҳафта бо ӯ зиндагӣ кардам, аммо ҳамин ҳафт рӯз кофӣ буд то зеҳни ман ба куллӣ тағйир ёбад. Аз ӯ муқовимат бо чолишҳоро омӯхтам, ёд гирифтам, ки чигуна эҳсосамро фурӯ ни-

шонам ва дар мушкилот танҳо ба нерӯйи худ такя кунам. Ҳамон тавр, ки як чинисоз пораҳои шикастаи косаи арзишмандро бо риштаҳои филизӣ ба ҳам васл мекунад, Эронгул боис шуд, то ман шахсиятамро ва иззати нафси аз ҳам пошидаамро пора-пора ҷамъ кунам ва худро аз нав бисозам.

## Бараҳна дар маърази тамошои мардум

Хабарнигор дастгоҳи сабтро рӯшан карду шабеҳи дирижёри ансамбл сар такон дод ва «рафтем» гуфт. Ман ба замонсанҷи дастгоҳи сабт хира шудам, сонияҳо гӯё бо набзи тунди ман дар рақобат буданд ва сареъ табдил ба дақиқа мешуданд. Намедонистам аз куҷо шурӯъ кунам. Хабарнигор бесаброна гулӯ соф мекард, аҷала дошт. Достони ман барои ӯ як қиссаи ҳаяҷонбарангез буд ва эҳтимол теъдоди тарафдоронашро бештар мекард, аммо барои ман бараҳна шудан дар маърази тамошои мардумро мемонд.

Сукутро дар дақиқаи сеюм шикастам ва аввалин ҷумлае, ки ба забонам омад, ин буд:

– Ман озори ҷинсиро дар шашсолагӣ таҷруба кардам…

Ин ҷумла баъдан унвони мақолаи хабарнигор шуд ва метавон гуфт, масири зиндагии маро дигар кард. Хабарнигор пас аз ду рӯз бо як даста рӯзнома баргашт, ончунон ҳаяҷон дошт, ки гӯё ганҷеро дар вайрона пайдо карда буд. Даст ба ҳам совид ва хушҳолона гуфт:

– Ману ту бомбаеро мунфаҷир кардем, ки то ҳол касе ҷуръаташро надошт. Ях аз ҷояш такон хӯрд, аз субҳ ду нафар бо қазияи шабеҳи қиссаи ту бо ман дар тамос шуданд. Ӯ аз рӯзномаҳо якеро ба ман дод ва нусхаҳои дигарро ба

занҳо тақсим кард, дигар касе намонд, ки қиссаи зиндагии маро надонад!

«Беморон» бо чашмҳои пур аз таҳсин ба ман нигоҳ мекарданд. Ҳатто нигаҳбон маро бо хабарнигор дар саҳни ҳавлӣ диду қоматашро рост кард ва ингор женеролро мулоқот мекард, ки бо ифтихор даст ба чакаи сар бурд. Хабарнигор гуфт, ки аз додситонӣ дар тамос шуданд ва аз ӯ суроғаи маро хостанд.

Дар як они воҳид «ситора» шудам. Ҳама мехостанд бо ман мулоқот кунанд, хабарнигорон, фаъолони ҳуқуқ, кормандони телевизион, ҷабрдидаҳо... Мегуфтанд, ман сарпӯшро аз сари нанге бардоштам, ки вуҷудаш возеҳ буд, аммо мардум худро дар баробараш кару кӯр вонамуд мекарданд.

Бозҷӯи додситонӣ ду рӯз пас аз нашри мақола ба диданам омад. Ӯ як марди хушлибосу хушқиёфа, вале каме ҳавобаланд буд. Чаҳор соат суҳбат кардем, як гуфтугӯи иборат аз суолу ҷавоб. Аз посухҳои ман қаноатманд ба назар намерасид, ҳарфҳоямро ба чолиш мекашид, намедонам, шояд шеваи кораш чунин буд. Ба ҳама суолҳояш посух додам, аммо рӯзи дигар ва рӯзҳои дигар низ меомад ва айни ҳамин суолҳоро аз зовияи дигар мепурсид. Чи чеҳраҳое, ки он рӯзҳо надидам! Корам шуда буд бозгӯии ҳодисоти гузашта, он қадр, ки дилам дигар аз ин ҳарфҳо беҳузур мешуд.

Дар ин муддат ман танҳо аз як дидор такон хӯрдам - аз дидор бо хола Моҳистон! Ӯ субҳи рӯзи якшанбе омад, қариб як ҳафта пас аз интишори мусоҳиба, ман ҳанӯз хоб будам. Асал ба думболам омад, ибтидо аз мулоқот даст кашидам, аммо баъд назарам иваз шуд, ҳарфҳое доштам, ки агар намегуфтам, он ҳарфҳо маро аз дарун мехӯрданд.

Асал моро ба дафтараш раҳбаладӣ карду дарро аз

пушт баст. Бегонавор рӯ ба рӯйи ҳам нишастем, хола дастонашро рӯйи миз гузошт. Лоғару рангпарида ба назар меомад, ҳалқаи тираи зери чашмонаш аз шабҳои бехобиаш гувоҳӣ медод. Либосҳои номураттаб дошт, пероҳан ва болопӯше, ки ҳеҷ гоҳ дар тани ӯ надида будам, ингор аз камоди кӯҳнаколо либос бардошта буд.

Лабонаш меларзиданд, дастонаш низ, болҳои нозуки биниаш ба шиддат пасту баланд мешуд, мисли ҳамон рӯз, ки шабеҳи бабр ба ман дарафтод ва маро аз лаби айвон ба поён тела дод. Ба сурати ман хира шуд, аз партгоҳи чашмони дурушташ як эҳсоси бештару қавитар аз нафрат, чизе шабеҳи майли даридан, нобуд кардан ва зинда ба зинда фурӯ бурдан ҷӯш мезаду косаи чашмонашро пур мекард.

Гиреҳи муштҳояш маҳкамтар мешуд. Ӯ дар такяи он муштҳо ба тарафи ман хам шуд ва сандалиро ба думболаш пеш овард. Садои ба ҳам бархӯрдани дандонҳояшро ба вузуҳ шунидам. «Ин буд... сазои туро бузург карданам... баҳои бедорхобиҳоям... туро дар мағзи ҷон парварданам??? Ин буд қадри заҳматҳои ман???»

Буғзи гулӯяшро ба сахтӣ фурӯ дод. Ду қатра ашки бузург аз ҳавзи чашмонаш сарозер шуду ором-ором аз сураташ ба поён лағзид, лаҳзае дар манаҳи ларзонаш такон хӯрду сипас рӯйи варақҳои мизи Асал афтид.

Худои ман! Ӯ барои худаш мегирист, дилаш ба ҳоли худаш месӯхт, ман бо ҳама бадбахтиҳоям дар гӯшаи хотираш набудам! Аз ин густохӣ, аз ин беинсофӣ, аз ин сангдилӣ хунам ба ҷӯш омад, мисли мор ба сӯяш фашшос задам ва бо танаффур аз лойи лабҳои фишурда пурсидам:

– «Ту аз ман чӣ мехоҳӣ??? Магар осеби ҷисму рӯҳи ман барои ҷуброни ғамхорият кофӣ набуд? Чаро омадӣ???»

Такон хӯрд, қоматашро рост ва муштҳояшро соф кард.

– «Бо он хабарнигори лаънатӣ тамос бигир, бигӯ ҳар

ончи гуфтӣ дурӯғ буд, аз фарти беақлӣ гуфтӣ».

Ман пузханд задам.

– «Ёдат ҳаст, ҳамеша мегуфтӣ: «Агар дар умрам як кори оқилона кардам, ин фарзандхонии ту буд…» Эй кош ин корро намекардӣ, эй кош мегузошти бо модарам биравам. Баҳои бедорхобиҳоят, баҳои ғамхориҳоятро аз мағзи ҷонам берун кашидӣ...

Ту маро нобуд кардӣ... имрӯзамро, фардоямро. Бо хабарнигор ҳам дар тамос намешавам, туро то абад нафрин мекунам! Агар дӯзах ҳафт қабат дорад, аз Худо мехоҳам туро ба таҳи ҷаҳаннам бифиристад, ҷое, ки ҳаргиз натавонӣ аз он берун шавӣ!»

Намедонам ӯ аз ман чиро интизор буд, аммо аз ҳарфҳоям такон хӯрд, оҳиста аз ҷой бархосту бо чашмони аз худ бегона ва тарснок ба гарданам хира шуд. Пеш хазид, то бо панҷаҳои мисли чангол шахшудааш гулӯямро хафа кунад, аз тарс худро ақиб кашидаму пуштнокӣ аз утоқ берун рафтам.

Ин охирин мулоқоти ман бо хола Моҳистон буд.

Замоне ӯро дӯст медоштам, ба андозаи як дунё, он қадр, ки ишқаш дар қалби кӯчакам намеғунҷид, ӯ ҳама касам буд, бо номаш қасам мехӯрдам... аммо ӯ он рӯз ба ҷуз талхӣ, дарди амиқ ва танаффур эҳсоси дигареро дар ман эҷод накард.

Аз дафтари Асал бо аҷала берун давидам, вуҷудам аз хашму алам меларзид. Саранҷом дилам беҳузур шуд ва зардоби талхе аз шикамам берун омад. Ба самти ҳотаи бесоҳиби пушти сохтмон давидам ва дар байни ҷӯяҳои яхбастаи занҷабил нишастаму бо садои баланд гиря кардам. Барои сари бесоҳибам, барои модарам, барои падарам, барои хоҳарам, барои тамоми ранҷҳое, ки ноодилона кашидам... барои холае, ки дигар надоштам...

## «Фурсати пардохти товонҳо

Ҳеҷ эҳсосе хуштару ҳаяҷонбарангез дар баробари мураххас шудан аз зоишгоҳ нест, вақте бо парпечи шоҳӣ аз дари бемористон бадар меоӣ ва тӯдаи хешовандон бо гулу гулдаста ва чеҳраҳои шод ба истиқболат мешитобанд. Аммо бозгашти Найсон ба хона навиде аз тафреҳу шодӣ надошт, баръакс, сахттарин даврони зиндагиашро наздиктар мекард. Ӯ рӯзи панҷуми баъди зоймон аз бемористон мураххас шуд. Шавҳараш мехост, ки зану бачаашро ба хонаи худаш бубарад, аммо як нигоҳи Найсон кофӣ буд то рули мошин ба самти хонаи Моҳистон бичархад. Вақте мошини ороёфта бо гулу пуфакҳои ранга ва арӯсаки фарангӣ ба тангкӯчаи ошно ворид шуд, ҳамсояҳо дубора ба берун рехтанд, пеши роҳи Найсон пойандоз андохтанд ва бар сари ӯ тангаву ширинӣ пошиданд, занҳо даф заданду остин такон доданду рақсиданд, то духтари Моҳистон набудани модарашро эҳсос накунад. Эҳтимол муҳаббати ҳамин мардуми содаву вафодор буд, ки Моҳистон ҳаргиз аз ин маҳалла кӯч набаст ва опортмони бузургаш барои ҳамеша холӣ монд. Найсон низ танҳо дар ҳамин хонаи қадимӣ эҳсоси оромиш мекард.

Кӯдак бар хилофи «балвогариҳо»-и бевақфа дар шиками модар як кӯдаки орому хоболӯд баромад, рӯзу шаб ба як шакл мехобид, зонувонашро то шикам боло меовард ва дастонашро рӯйи синааш мегузошт, эҳтимол гумон мекард, ки ҳанӯз ҳам дар шиками танги модараш қарор дорад. Холаҳояш гӯшу биниашро мехориданд, ба рӯяш бӯса мезаданад, то бедор шавад, аммо ҳеҷ чорае корагар набуд, каме лаб инҷ мекарду ба худ мепечид ва дубора ба хоби амиқ мерафт. Танҳо замоне овоз дармедод, ки шикамаш аз гуруснагӣ ба ғур-ғур медаромад. Хола Қалам

солҳо барои бачаҳои Моҳистон як парастори беминнат буд ва муроқибат аз набераи ӯро низ вазифаи худ медонист. Ӯ ҳар субҳ меомаду соатҳо кӯдаки хобро дар бағал такон медод ва бо чашмонаш, ки муддатҳо боз сиёҳро аз сафед фарқ намекарданд, ба бача хира мешуду мегуфт, «Валлоҳ нусхаи Моҳистон аст!»

Рӯзи сеюм писарашро бо худ овард, шавҳари Ҳумайроро, то дар гӯши навзод азон бигӯяд. Писари хола Қалам марди болобаланди ҳудудан панҷоҳсолаи хушандому улфатӣ буд, чашмонаш ҳамеша механдиданд, ҳатто агар лабханд намезад. Базлагӯю ҷӯрабоз буд, танҳо шақиқаҳои хокистарӣ ба зоҳири ӯ ҷиддият мебахшид. Бо фишори модар намоз мегузошт, аммо ағлаб дар қаҳвахонаи сари кӯча бо мардҳои дигар оби ҷав мезад. Ӯ аз рӯйи одати одамони болобаланд, ки ҳатто ҳангоми убури дарҳои барҳаво гардан поин меоранд, хам-хам аз дар ворид шуд. Дар тан ҷомаи обнарасида ва дар сар тоқии чоргул дошт, шику бошукӯҳ ба назар меомад. Ба сӯйи Шаҳбоз чашмак зад, хандае дар вуҷудаш меҷӯшид ва мавҷи шӯхӣ аз лабҳояш сар мезад. Саранҷом бо як тамкини сохтакорона пурсид:

– Навзод куҷост? – кӯдакро ба даст гирифту пич-пич дар гӯши росташ чизе хонд, сипас пурсид:

– «Исмаш маш чӣ аст? – пеш аз он ки хоҳаронаш даҳон боз кунанд ва исми модарро ба забон биёваранд, Найсон гуфт:

– Исми навзод Санам аст!

Писари хола Қалам аз тааҷҷуб абрӯ боло андохт, лабханди бозигӯш аз чеҳрааш ғайб зад, ӯ бо тадид рӯ ба Найсон оварду дубора пурсид:

– Дуруст нашунидам, духтарат чӣ ном дорад?

Найсон медонист чаро ҳамсоя гиҷ шудааст, ҳеҷ чизе дар хонаводаи Моҳистон аз назари хола Қалам ва фарзан-

дони ӯ пӯшида набуд.

– Исмаш Санам аст.

– Ҳмм… Исми қашангест, бигзор барояш хушбахтӣ биёрад, – гуфт писари хола Қалам ва лабонашро ба гӯши кӯдак наздик бурд.

Хоҳаронаш аз Найсон дилхӯр шуданд, аз ӯ фосила гирифтанд, барои як лаҳза меомаданд, ғизо меоварданд, ё мепурсиданд, ки ягон кӯмак мехоҳад ва бо ахмҳои гирифта аз дар берун мешуданд.

Танҳо рафтори додараш дигар нашуд, ӯ соатҳо паҳлӯи хоҳарзодааш менишаст, пӯсти махмалини ӯро бо нӯги ангушт навозиш мекард. Писари меҳрубоне буд, содиқ ба решаҳои хонаводагӣ ва риштаҳои хешутаборӣ, ошиқи достонҳои даврони кӯдакӣ. Найсон додарашро бисёр дӯст медошт, ба хотири содагиҳои кӯдаконааш, барои шахсияти наҷибаш, ки ҳарчанд нозпарварда буд, аммо фурӯтану нармдил боқӣ монд. Найсон тоби озори Шаҳбозро надошт, дилвопас буд, аз танҳо мондан бо ӯ метарсид, то мабодо ҳарфе аз забонаш берун шавад ва додарро машкук кунад.

Ҷавонак бо ишқ ба хоҳарзодааш нигоҳ мекарду ҳар аз гоҳе лабханд мезад.

– Найсон, ҳар қадар ба бача нигоҳ мекунам, аммо наметавонам ташхис бидиҳам, ки ӯ шабеҳи кист.

– Ҳанӯз кӯчак аст... чеҳрааш борҳо тағйир мекунад. Каме шабеҳи ман аст ва каме ҳам шабеҳи падараш.

– Ман ҳам чунин будам, дар оғоз нусхаи модарам, баъд нусхаи падарам, сипас, ин ду нусха бо ҳам омехт ва ман шудам як чизе байни ину он.

– Ту хеле хушқиёфаӣ, хубтару беҳтар аз ҳамаи мо.

– Найсон, моҳҳои ахир ҳолат хуб набуд, вале ивазаш чи мӯъҷизаеро ба дунё овардӣ! Инро бубин! – ӯ ба ан-

гушташ, ки дар миёни панҷаҳои маҳини духтари Найсон дармонда буд, ишора кард.

– Бигӯ, ҳоло чӣ эҳсос дорӣ?

– Эҳсоси осоиш ва хушҳолӣ.

– Фақат ҳамин? Намехоҳӣ аз хушбахтӣ бол дарбиёрӣ?

– Чаро? мехоҳам... аммо хеле хастаам, хоб дорам.

Шаҳбоз шикояти хоҳарбузургро нашнида гирифт.

– Модарам мегуфт ман дар шикамаш ором мехобидам, ҳеҷ гоҳ азияташ накардам. Вақте маро аз зоишгоҳ меовард, хушҳол буд? Падарам чӣ мегуфт?

Аз ҳар суоли ин ҷавон раъша бар андоми Найсон мефтод, гӯё дар бозпурсии додситонӣ қарор дошт ва метарсид ҳарферо ба забон биёрад, ки баъд алайҳи худаш истифода шавад.

– Оре.

– Чӣ оре??

– Ҳама шод буданд.

– Падарам низ шод буд?

– Ёдам нест... аммо фикр мекунам, ҳатман шод буд... бояд шод мебуд.

– Найсон...чаро мо аз падарамон чизе намедонем?

– Намедонам... Шояд вақте аз хона рафт, мо ҳанӯз бача будем.

– Гоҳе аз модарам мепурсидам, мегуфт, ки падарам ба хориҷ рафту онҷо бо зани дигаре издивоҷ кард ва дигар барнагашт. Магар мешавад, ки ин ҳама сол боре аз фарзандонаш суроғ накунад? Ба назарат машкук нест?

– Дунё бисёр бузург аст, мардум гоҳи авқот барои як соат берун мераванд, аммо барои тамоми умр гум мешаванд.

– Ёдат ҳаст, он рӯз албоми аксҳоро ба ҳавзи пур аз лаҷан парт кардӣ?

Шаҳбоз бо диққат ба хоҳарбузургаш чашм дӯхт.

Найсон сохтакорона абрӯ дарҳам кашид ва ба нишони инкор сар такон дод.

– Дар он албом акси падарамро дидам. Ягона акс! Ҳатто Тутанхамун, ки 1300 сол қабл аз милод зиндагӣ мекард, бештар аз падари мо акс дорад!

Найсон кунҷков шуд.

– Аз куҷо медонӣ дар он акс кӣ буд?

– Аз онҷо ки дақиқан шабеҳи ман аст.

Найсон чеҳраи падарашро возеҳ дар хотир надошт, ҳеҷ аксе ҳам аз ӯ дар ин хона боқӣ намонда буд, то чеҳраш дар хотирҳо ҳифз шавад. Аз ӯ чашмони дудӣ, рӯйи кашида ва чоҳи занахдонашро дар ёд дошт, аммо ҳамин кофӣ буд, то тафовути байни сурати падар ва додарашро ташхис бидиҳад. Чеҳраи байзашкали додараш маъсуму зебо буд, биние дошт баланд ва чашмони бодомии ҳамранги сабзаи баҳор, мӯйи пурпечутоб, гардани баланд ва шонаҳои паҳн. Дар гунаи чапаш холе дошт, ки онро намешуд бо холи дигаре иштибоҳ гирифт...

– Бигзор бихобам, додар, хаста шудам.

– Бихоб Найсон, ман мурoқиби бачаат ҳастам.

– На, нигаронаш набош, бирав истироҳат кун.

Найсон бемадор ба девор такя зад. Ӯ дар марҳилаи чолишбарангез қарор дошт, аз эҳтиёт кор мегирифт, намехост оромишу таодулро дар хонавода аз байн бубарад. Ба қавли маъруф, намехост мисли гови нар дар дӯкони чинифурӯш бошад. Медонист, ки агар рози модараш ифшо шавад, монанди инфиҷори норинҷаки пур аз сӯзан ба так-таки аъзои хонавода исобат хоҳад кард.

– Чаро исми модарамро ба духтарат надодӣ? – ниҳоят пурсид Борон, вақте қаҳраш фурӯкаш кард ва омаду дар паҳлӯи хоҳарзодааш дароз кашид.

Найсон рӯзеро ба ёд овард, ки хоҳаронаш бо хушҳолӣ номи навзодро эълон карданд. Ӯ бо худ гуфт: «Чи хуб, ки аз зиндагии печида ба рамзу рози модарам чизе намедонанд. Гоҳи авқот беҳтар аст чизе надонӣ, гоҳи авқот таваҳҳум беҳтарин паноҳгоҳест барои фирор аз воқеиятҳои ваҳшатнок...»

Ӯ рӯ ба Борон овард ва бо садои нарм гуфт:

– Номи шахси мурдаро ба навзод додан дуруст нест, фардо бузург мешавад, эҳтимол бо ҳамсабаққҳояш даъво мекунад ва ба ӯ мегӯянд «лаънатии Моҳистон» ё бадтар аз ин. Ёдат ҳаст, модарам сари қаҳр моро чигуна ҳақорат мекард?

– Найсон, инҳо баҳонае беш нестанд, маро гӯл назан. Ин афсонаро метавонӣ ба Нахлистон бигӯӣ, ё ба Шаҳбоз, онҳо одамони хушбоваранд, ман он қадр боҳуш ҳастам, ки фирефтаи чунин қиссаҳои сохта нашавам. Медонам аз сари ту чӣ мегузарад... ҳатто лаҳзаеро ёд дорам, ки туро табдил ба як одами дигар кард. Чанд соат қабл аз зоймон бехабар аз хона задӣ берун, хоб набудам, рафтанатро аз панҷара дидам. Вақте баргаштӣ дигар он Найсони қаблӣ набудӣ. Рафторат мисли ҷунуниҳо буд. Баъд номаи модарамро аз он хонаи матрука пайдо кардӣ, ҳарчи бо ту кард, ҳамон нома кард, аз фишори равонӣ ҳатто бачаат дигар дар шикамат нагунҷид. Ман он хонаро панҷ рӯз зеру рӯ кардам, аммо чизе наёфтам. Ту бо он нома чӣ кардӣ? Сӯзондӣ? Модарам васияташро барои Шаҳбоз навишта буд... Ҳеҷ медонӣ, ки ин корат ғайриахлоқӣ аст? Гуфтӣ аз нома ба касе нагӯ, гуфтам «чашм», аммо то бегоҳ... Он фурсат кайҳо ба поён расид. Бо Шаҳбоз суҳбат мекунӣ, ё ман ин корро анҷом бидиҳам???

Баҳс бо ин духтари саркаш кори сода набуд, беҳуда ҳарф намезад, аз тарафи муқобил низ далел мехост.

Найсон ногаҳон хост мухтавои номаро ба хоҳараш ошкор кунад ва ӯро ақалан як рӯзи дигар хомӯш нигаҳ дорад.

– Бошад, бишин то бароят бигӯям!

Чашмони Борон аз кунҷковӣ барқ заданд.

Танҳо ҳамин нигоҳ кофӣ буд, то Найсон назарашро иваз кунад. «Чӣ қадар густох аст ин духтар, ӯро бояд аз ин ҳарфҳо дур нигаҳ дошт, даҳонаш хомӯш бошад ҳам, чашмони кунҷковаш қиссаро ба сад забон ҳикоят мекунанд».

Найсон бо гӯшаи чашм ба бачааш нигарист. «Эй кош бедор мешуд, то баҳонае меёфтаму аз ин суҳбати нохушоянд мунсариф мешудам». Борон ҳаракатҳои хоҳарашро бо диққат таъқиб мекард.

– Борон, азизам, хоҳараки оқили ман, ҳарчи ту гуфтӣ дуруст буд, дар бораи рӯзи зоймон, дар мавриди номаи модарам ба Шаҳбоз. Ман он рӯз чизҳое шунидам, ки бовар карданаш номумкин аст, шокӣ шудам...

Найсон сукут кард.

– Хуб?

– Аз он ҷой, ки ин асрор ба Санам марбут мешавад, наметавонам онро ба ту, ё ба дигарон ошкор кунам... Танҳо ба дарку фаҳмиши ту умед мебандам.

– Садоқати ҷолиб... Номаи дигаронро бешармона боз мекуниву мехонӣ дастат намеларзад, аммо барои Санам посдори розу асрор шудаӣ! Дар хонаводаи мо касе дурӯя набуд, ту ин дурӯягӣ аз кӣ омӯхтӣ?

Борон бо ин бебокӣ хоҳари бузургашро ба марзи суқути равонӣ тела медод, сурати Найсон аз хашм дарҳам рафт, ӯ лабханди писхандомез зад.

Хоҳараш бо асабоният аз ҷой баланд шуду ду даст дар миён ҷангҷӯёна гуфт:

– Номаро ба соҳибаш баргардон, агар аз инҷо бе нома

берун шудам, аз чашми худат бин!

Найсон чанд дақиқа ба сурати Борон хира шуд, дандонҳояш аз ғазаб ба ҳам бархӯрданд, сипас қотеъона аз ҷой бархосту аз гесӯвони ӯ кашид ва ба тундӣ аз дар берун андохт.

– Гум шав аз инҷо, духтари бефаросат! Бо як ваҷаб ақл аз ман боҷ местонӣ??? Бирав, ҳар ғалате дилат мехоҳад анҷом бидеҳ, бало ба пасат!»

Муддате тӯл кашид то ларзиши дастонаш рафъ шуд ва нафасаш ба эътидол омад.

Бо худ гуфт: «Ҳалли ин муамморо наметавон беш аз ин ба таъвиқ андохт. Найсон ҳамеша аз тамос бо холадухтар истиҳола мекард, пеши ӯ гуноҳе надошт, аммо метарсид, бе ҳеҷ далел. Ҳоло ҳам шумораи ӯро гирифту бо изтироб ба буққҳои телефон гӯш медод. Ниҳоят Санам гӯширо бардошт.

– Алло?

– Бале

– Санам?

– Бале, Санам ҳастам, шумо?

– Ман Найсонам.

– Гӯш мекунам!

Найсон садои сарду озордиҳандаи холадухтарро нашнида гирифт.

– Бояд якдигарро бубинем.

– Чаро? Магар иттифоқе афтодааст?

– Иттифоқ солҳо пеш афтода буд, вале ҳоло аз ҷое дарз хӯрдааст.

– Аз суҳбатҳои бо рамзу роз хушам намеояд, агар ҳарфе дорӣ ошкоро бигӯ!

– Номаи модарамро хондед?

– Як ду варақашро хондам, ҳарфи тоза надошт.

– Номаро то ба охир бихонед, мутмаинам шигифтзада хоҳед шуд.

– Ҳарфҳои links мармуз мезанӣ.

– Шумораамро ҳифз кунед, ба зудӣ даркор мешавад.

Букҳои кӯтоҳи телефонӣ аз поёни ин муколамаи аҷиб хабар доданд.

Санам бо тааҷҷуб ба гӯшӣ нигоҳ кард, гӯё барои ин суҳбат аз телефон тавзеҳ мехост: «Ин духтар чӣ мегуфт? Номаи модарамро бихон! Чӣ дорад он нома, як мушт чирту пирт!»

Агарчи худро бепарво нишон медод, аммо ин суҳбат дар тӯли рӯз борҳо ба зеҳнаш хутур мекарду тамаркузашро баҳам мезад. Бар хилофи одати ҳамешагӣ аз кор барвақт ба хона баргашт ва бе онки либос иваз кунад, номаро аз байни варақҳои китоб берун овард...

* * *

Чи шаби тӯлоние буд он шаб, шаби ялдои зиндагии Санам, домони субҳ ингор дар ҷое дармонда буд ва хуршед низ дар поинтарин нуқтаи офоқ раҳгум зада, азми боло рафтан надошт. Ҳолати аҷиберо таҷруба мекард, на хоб буд, на бедор, гӯиё бо ҷаҳони берунӣ ва ҳатто бо ҷисми худ иртибот надошт, гӯё худро аз гӯшае тамошо мекард. Ҳеҷ сифате наметавонист ҳолати ӯро ҳамон тавр, ки худаш медиду эҳсос мекард, тасвир кунад. Ба худ мегуфт: «Худоё, зери ин равоқи бесутун чи ҳодисаҳое мегузарад, дирӯз чи мегуфтаму имрӯз чи мешунавам!»

Ҳодисоти дирӯз аз занги ногаҳонии холадухтар то ин лаҳзаро гаштаву баргашта мурур мекард, гоҳо қалбаш аз хушии нашнохтае лабрез мешуд, гоҳо вуҷудаш аз фарти изтироб такон мехӯрд. Паррандае дар соати деворӣ чаҳ-чаҳ заду хабари дур будани бомдодро ба гӯши Санам

расонд.

Ӯ ин соатро дӯст медошт, чун рӯзону шабон хонаашро аз замзамаи мурғон пур мекард, дувоздаҳ парранда бо навбат, сари ҳар соат таронаи худро мехонд. Аммо ҳоло мехост бо кафш ба даҳони булбуле бизанад, ки мегуфт, роҳ то субҳ хеле дур аст. «Се соат баъд занг мезанам, ё барвақт бошад? Барвақт нест, бачаи навзод дорад, ҳатман зуд аз хоб баланд мешавад... Ё соати шаш бо ӯ дар тамос шавам?»

Санам ба бетобиҳои худ пузханд зад: «Зиндагӣ монанди як шуъбадабоз будаст, намедонӣ лаҳзаи баъдӣ аз кулоҳаш чӣ берун меорад.

То дирӯз ҳавсалаи бо Найсон суҳбат кардан надоштам, мисли мор ба ӯ неш мезадам, аз садояш чиндишам меомад, вале ҳоло барои дидор бо ӯ лаҳзашуморӣ мекунам ва омодаам чорнаъл ба истиқболаш бидавам».

Эҳсос мекард, ки ин шаби тӯлонӣ бидуни дуди талхи сигор тӯлонитар хоҳад буд. Пушт ба панҷараи боз сигор рӯшан кард ва бо назари интиқодӣ ба васоили хонааш чашм дӯхт. «Бояд дивану сандалиҳоро иваз мекардам, холадухтар ҳатман мегӯяд: «Киниск будаст, вагарна ин васоил бояд кайҳо моли зуволадон мешуд». Ногаҳон дилаш фишор хӯрд, барои диван мутаассиф шуд, ингор дошт ба рафиқе хиёнат мекард, ки бори тани ӯро солҳо дар ҳама ҳолат, дар ғаму шодӣ, дар дороиву нодорӣ рӯйи шонааш мебардошт. Сигорро хомӯш карду рӯйи диван нишаст ва ҷойи нишасти ҳамешагиашро, ки мисли замини зери новадон фурӯ рафта буд, навозиш кард.

Дивану ду сандалӣ аввалин ҷиҳози гаронбаҳои хонаи Санам буд, ҳадяи Эронгул, ҳамон дӯсти даврони паноҳҷӯияш. Санам дар он марказ чандин ёру дӯст пайдо кард, аммо танҳо Эронгул ба ӯ содиқ монд ва ҳарду бо

ҳам мисли хоҳар шуданд.

Аз он замон солҳо гузашт, аммо гӯё дирӯз буд, ки як мошини борбар дар назди бино истод ва марди ношинос сар аз кобина берун овარду номи Санамро садо зад. Сипас, сарашро ба сӯйи борти мошин чархонд ва гуфт: «Инҳоро апашка фиристод». Санам аз панҷараи табақаи дуюм бо ҳайрат ба нимтахту ду сандалии роҳат нигоҳ мекард, махмали обӣ дар партави офтоби саҳаргоҳӣ медурахшид. Ӯ ҳеҷ гоҳ ҷиҳозеро ба ин зебоӣ надида буд, қалбаш аз фараҳ лабрез шуд, гӯё дунёро барояш дода буданд. «Эронгули ман ҳоло куҷо бошад? Гуфта буд, ки ҷобаҷо шавад, дарҳол тамос мегирад, эҳтимол замон мебарад, то бо кори бонки бузурги ҷаҳонӣ одат кунад. Баъдан, соати мо аз онҳо фарқ дорад, вақте ӯ мехобад ман бедорам, вақте ман мехобам ӯ бедор мешавад. Куҷое бошад, Худованд ҳифзаш кунад, ҳеҷ гоҳ хубиҳои ӯро фаромӯш намекунам!»

## Лаклак

«Эронгул пас аз як ҳафтаи рафтанаш аз паноҳгоҳи занон ба думболам омад, бисёр зебо ва шик буд, монанди як мудел аз маҷаллаи барроқ! Бароям шиму палто ва жемпир овард, бо барчаспҳои ноканда, эҳтимол мустақим аз фурӯшгоҳ меомад. Бо Асал як маросими ғайриинтизори худоҳофизӣ доштам, маро ба оғӯш гирифту гиря кард, мутаассир шудам, фикр намекардам, ки ин қадр ба ман муҳибат дорад, охир ҳеҷ гоҳ эҳсосашро нишон намедод! Муносибати пизишк бо ман дигар буд, алоқамандиву дилсӯзии ӯро возеҳ эҳсос мекардам. Афсӯс, ки то рафтани ман барнагашт, натавонистам ӯро як бори дигар бубинам.

Нигаҳбон дарро барои Эронгул боз кард, аввал дастамро фишурд ва «Худо нигаҳбонат» гуфт, аммо ҳанӯз

пой аз дар берун нагзошта будам, ки номамро садо зад ва ба тарафам оғӯш боз кард. Манаҳаш меларзид ва ашкҳояшро дар чашмони кӯчакаш басахтӣ нигаҳ медошт. Сарамро рӯйи шонааш гузоштаму гиря кардам. Дар ин се моҳ байни ин чаҳордеворӣ борҳо гиря кардам, аммо ҳеҷ сиришке ба талхии ашкҳои рӯйи шонаи нигаҳбон набуд. Шояд дилам барои падарам, ки ҳеҷ хотираву ёдгоре аз ӯ надоштам, танг шуда буд, ё рӯҳам аз бекасӣ монанди гурбаи бесоҳиб чонаашро ба пойи ҳар раҳгузар мемолид ва тараҳҳум меҷӯст. Сарамро дар ҳоле баланд кардам, ки мошин аз берун буғ зад ва нигаҳбон гуфт:

– Бирав духтарам, Худо ҳифзат кунад.

Эронгул пушти фармони як мошини нуқраӣ нишаста буд ва ба манзури «зудтар биҷунб» ба соати дасташ ишора мекард, бо аҷала ба сандалии паҳлӯи ӯ нишастам. Чашмҳои пуроби маро диду абрӯ ба ҳам даркашид, ингор ман бо бечораҳолии худ ба кулли занҳои дунё иҳонат мекардам, ки лабҳояш аз норозигӣ фишурда шуд ва калидро бо ситеза тоб дод. Аз занҳои заиф хушаш намеомад, мехост ҳамҷинсҳояш мисли шерзан далеру шикастнопазир бошанд. Охир магар мешавад?

Мошин бинг-бинг садо баровард, ибтидо ором ва сипас башиддат Эронгул бо гӯшаи чашм ба камарбанди амниятӣ ишора кард ва то расидан ба сохтмоне, ки нардаи баланди филизӣ дошт, дигар ҳарф назад. Аз дари бози нарда бинои дуқабатаеро дидам, бо панҷараҳои бешумор ва обпоше, ки рӯйи чаману ҳавелии сохтмон мечархид ва марди болобаланде бо ҷорӯби баландтар аз қоматаш замини тарро тамиз мекард. Болои дар акси лаклаке овезон буд, ки навзоди парпечро дар минқор дошт ва тасвири як пизишк, ки кӯдакеро муоина мекарду бо ӯ лабханд мезад. Шишаи панҷараҳои бешумори сохтмонро барчасбҳои

ранга, офтобу ситораҳои коғазӣ ва гулҳои сунъӣ зеб медод.

Ман он вақт намедонистам, ки дарҳои зиндагии ҷадид ва як ояндаи шигарф аз ҳамин панҷараҳо ба сӯям боз мешаванд ва гармои воқеъӣ аз он офтобаки коғазӣ ба ҷонам медамад. Ҳамчунин намедонистам, ки сахтарин дардҳои отифӣ ва фишорҳои равониро маҳз пушти ин панҷараҳо имтиҳон мекунам.

Иморат зоҳиран кӯдакистонро ба ёд меовард, аммо баробари боз шудани дари вурудӣ бӯйи бемористон ба димоғам зад, бӯйи спирт ва моводи зидди уфунӣ. Бача, ки будам хола Моҳистон гоҳо маро бо худ ба зоишгоҳ мебурд, ман ин бӯйро онҷо шамида будам.

Роҳрав танҳо ба тарафи чап мечархид, тарафи ростро аз роҳрав девори чӯбии аз замин то сақф ҷудо мекард. Қисмати болои девор шишагӣ ва қисмати поёнӣ аз як дари дутабақа иборат буд. Аз пушти он дар садои гуфтугӯйи як зану як мард ва гиряи кӯдак ба гӯш мерасид, ки гоҳ шиддат мегирифту гоҳ қатъ мешуд. Мо аз канори чаҳор утоқ рад шудему дар муқобили як дари дутабақа истодем. Болои дар исм ва мақоми соҳиби он утоқ насб шуда буд – мудири Парваришгоҳи кӯдакон Исмоилова Моҳбегим Шокаримовна.

Эронгул маро дар сандалии канори дафтари мудир нишонд ва худаш ангушт ба дар зад. Пас аз ним соат сар аз дар берун оварду бо ширингуфторие, ки хоси ӯ набуд, гуфт:

– Биё ҷонам, хиҷолат накаш, – эҳтимол пешопеш ба ҳамсуҳбаташ паём медод, ки бархӯрд бо ман бояд бо ҳамин нармӣ сурат бигирад.

Пушти як мизи сайқалӣ, ки партави офтоб зарроти гарду ғуборро дар фарозаш гардиш медод, як зани миён-

солро дидам, пӯсти сафеди шаффоф дошту чашмони дуранг, яке қаҳваӣ буду дигаре сабз. Чеҳраи бозаш ба мусоҳиб эътимод илқо мекард, зардина ба назар меомад, аммо мӯю абрӯвонашро ба андозаи ғайритабиӣ сиёҳ карда буд. Аз зери чашмони дурангаш duzdида ба ман нигоҳ мекард, дар чеҳрааш ҳайрати олуда бо тараҳҳум мушоҳида мешуд, эҳтимол Эронгул ҳамин ҳоло ба охирин ҷумлаи достони ман нуқта гузошта буд ва мизбон ҳанӯз ҳам таҳти таъсир қарор дошт.

– Бишин духтарҷон, – гуфт ӯ ниҳоят ва сандалии ба худ наздиктарро нишон дод.

Моҳбегим нутқи кӯтоҳе ироа карду бидуни воҳима тавзеҳ дод, ки инҷо парваришгоҳи кӯдакони ятим аст, макони бачаҳои бесоҳиб ва радшуда. Масъулияти бузург кардани онҳоро давлат бар дӯш гирифтааст. Кӯдакон чанд сол инҷо мемонанд, баъзеҳоро хонаводаҳо ба фарзандӣ мехонанд, дигарон ба интернатҳо интиқол меёбанд.

Ӯ муддате сокит шуд ва пайгирона ба ман нигоҳ кард, эҳтимол мехост таъсири каломашро рӯйи ман имтиҳон кунад.

– Медонам, инҷо аз маконҳои дилпазиру шодиовар нест, аммо бо таваҷҷуҳ ба шароити ту беҳтарин гузина аст. Инҷоро хонаи худат бидон ва моро ба унвони хешованд.

Баъд он ду нафар мавзӯи таҳсили маро дар мактаби шабона ва ҳамин тавр омода шуданам ба имтиҳонҳои донишгоҳро матраҳ карданд. Мудир мегуфт, ки дарси мактаби шабонаро бояд бидуни таъхир шурӯъ кунам.

Эронгул қабл аз худоҳофизӣ ҷаъбаеро аз кифаш берун оварду рӯйи миз гузошт.

– Ин телефон моли ту аст Санам, аввалин шумора дар ҳофизааш моли ман. Ҳар вақт дилат танг шуд, шумора-

амро бигир.

Барои як лаҳза дастуроти ӯро фаромӯш кардам, натавонистам шерзан бошам, худро ба оғӯшаш андохтам ва домани гиряро сар додам, на барои телефон, ман аз садоқати як одами бегона ба худ мутаассир будам. Дар он бекасӣ Эронгул ҳама касам шуд, ояндасозам шуд. Ӯ шонаҳоямро навозиш кард, баъд бе он ки ба рӯйи ману Моҳбегим нигоҳ кунад, пушт ба мо дасташро дар ҳаво алвонҷ доду босуръат аз ҳуҷра берун рафт.

## «Зиндагӣ дар канори ранҷҳо»

Моҳбегим маро то охири роҳрави табақаи дувум, то бахши махсуси навзодҳо раҳбаладӣ кард ва дари як утоқи зебову барҳаворо кушод. Утоқ деворҳои сафед, дастшӯиву душ дошт, панҷарааш рӯ ба саҳни ҳавлӣ боз мешуд. Бо таваҷҷуҳ ба ду тахти холӣ ҳула ва хилъатҳои овезон дар сепояи чангагдор, мешуд ҳадс зад, ки ин утоқ ҳуҷраи истироҳати коргарони шабкор аст, аммо гузинае буд фаротар аз интизороти ман.

Қабл аз рӯйдодҳои баъдӣ мехоҳам бигӯям, хуб ё бад, ду соли умрам дар ҳамин утоқ сипарӣ шуд, дар канори тифлакони ятим, ки ҳиқ-ҳиқи нимашабии онҳоро аз паси девор мешунидам ва андӯҳи бузурге вуҷудамро фаро мегирифт.

Инҷо ба сурати умум як муассисаи занона буд, ба ҷуз як пизишк, як корманди фаннӣ, як нигаҳбони аҷибу ғариб, ки ҳамзамон вазифаи боғбонро иҷро мекард ва як духтури бознишаста, ки гоҳо аз дилтангӣ барои муоинаи ройгони кӯдакон меомад, бақия ҳама бонувон буданд. Як пизишк, ҳашт мураббӣ, ду ҳамшираи шафқат ва чаҳор тамизкор. Кулли кормандон аз шаст кӯдаки аз думоҳа то чаҳорсола

муроқибат мекарданд. Ҳуҷраҳои кӯдакони навзод ва то чорсола дар табақаи дуюм ва утоқи кӯдакони бемор дар ошёнаи аввал ҷойгир буд, дар пушти ҳамон девори чӯбӣ.

Намедонам Моҳбегим ҳузури як корманди ноболиғи бесарпаноҳро чигуна ба ҳамкоронаш тавзеҳ дод, вале зоҳиран касе аз истихдоми ман тааҷҷуб накард.

Қарор шуд маро ҳар ҳафта бо як коргар мансуб кунанд, то маълум шавад ба чи шуғле муносиб ҳастам.

Ҳафтаи аввал дастёри як назофатчӣ шудам, як зани синнаш аз ҳафтод ба боло, Фавзия ном дошт, аз тоторҳои Қрим буд. Агарчи дар он сарзамин касеро надошт, аммо Қрим мегуфту чашмонаш пур аз об мешуд, мегуфт: «агар якбор поям ба остонаи он мамлакат бирасад, дигар ҳасрате дар дил нахоҳам дошт».

Зани нуроние буд, сурати гирду чашмони рези асалӣ ва бинии кӯтоҳи гуштӣ дошт. Каме хамида роҳ мерафт ва ин шеваи роҳ рафтан қомати миёнаашро кӯтоҳтар нишон медод. Соле, ки бо ҳам ошно шудем, ман аз ӯ як сару гардан баланд будам.

Занҳо бо шеваҳои мухталиф пир мешаванд, бархе хеле сареъ, ингор дар як шаб, бархи дигар ором, бо ҷавидани боқимондаҳои ҷавонии худ. Фавзия ба лутфи хушзотӣ аз чину оҷанги зиёд эмин монда буд, аммо ҷисми мариз дошт, аз фишори баланди хун ва аз нафастангӣ ранҷ мебурд, ҳаво дар нойи нафаскашиаш бо харош омадурафт мекард, вақте роҳрави холии табақи якумро мешуст, сути нафасҳояш дар табақаи дуюм шунида мешуд. Аз моли дунё як писар дошт, бекору майзада буд, синнаш ба паноҷоҳ мерасид, аммо на хонаводае доштау на хонае. Ҳамсараш муддатҳо пеш аз ӯ талоқ гирифт ва бо ду фарзанд аз кишвар хориҷ шуд. Фавзия бори зиндагии писарашро мекашид, аммо ҳаргиз нашунидам, ки аз ӯ бад бигӯяд, ё аз

сахтии рӯзгор шикоят кунад.

Хеле зуд ба ӯ вобаста шудам, бо ман меҳрубон буд, хумори наваҳои раҳдурашро дар ман мешикаст. Мувозиби саломатиам буд, бароям либос ва ғизои хонагӣ меовард. Паравардгор Фавзияро аз гили шарофату наҷобат ва инсондӯстӣ офарида буд, касеро ба андозаи ӯ шикастанафсу парҳезгор ва мушфиқу меҳрубон ёд надорам. Он қадар аз ман ғамхорӣ мекард, ки хиҷолат мекашидам.

Дар идорае, ки занҳо аксарият бошанд ғайбату шоепардозӣ як амри ногузир мешудаст, инро дар ҳамин парваришгоҳ кашф кардам, «деги ғайбат» вақти наҳор он чунон меҷӯшид, ки занҳо басахтӣ аз давраш баланд мешуданд. Ҳадафи ҳамешагии ғайбати онҳо Моҳбегим буд, аз сабки раҳбарӣ то шеваи либоспӯшиашро масхара мекарданд, яке адои шеърхонии ӯро дармеовард ва банди дили дигарон ба истилоҳ аз ханда канда мешуд. Баъд шурӯъ мекарданд ба бадгӯии пизишку парасторҳо, он қадар ки гоҳо то бистари хоби онҳо ворид мешуданд. Ба вузуҳ, ниме аз иртиботи ҳаррӯзаи занҳои ҳамкорам бо якдигар аз ғайбат шакл мегирифт. Фавзия ҳеҷ гоҳ ба ин ғайбатҳо ҳамроҳ намешуд, ғизояшро мехӯрду бо аҷала аз пайи кораш мерафт, мегуфт: «ғайбатчӣ ва ғайбатшунав дар пешгоҳи Худованд гуноҳи яксон доранд».

Ман аз хӯрдӣ дастёри хола Моҳистон будам ва хеле зуд ба назофати хона ворид шудам, аз ин рӯ кореро, ки Фавзия тамоми рӯз анҷом медод, дар ду се соат поён медодам. Пиразан аз хушҳолӣ тамоми ҳафта аз ман пеши дигарон ситоиш мекард ва дуои нек медод.

Дар нигоҳи аввал ҳама чиз олӣ ба назар мерасид, сақфи болои сар, ғизои ройгон, имкони идомаи таҳсил, бар илова, маоше, ки наметавонистам рӯъёяшро бубинам.

Аммо вой аз фазои касалкунанди ин макон! Як фазои музӣ, дилгир ва ғамангез буд, бадтар аз муҳити паноҳгоҳи занон. Барои он занҳо мутаассиф будам, аммо дардеро, ки дар робита ба ин кӯдакон эҳсос мекардам, бо он таассуф қобили қиёс набуд. Ин дард аз умқи қалбам берун меомад ва то ба дуртарин завоёи рӯҳам нуфуз мекард. Шояд ба ин далел, ки ман ба ин кӯдакҳо аз зовияи сарнавишти худ нигоҳ мекардам.

Дидор бо навзодҳои ятим ғамангезтарин фасли достони зиндагиам буд, бачаҳое буданд бадбахт, афганда дар ҳошияи зиндагӣ, бо чеҳраҳои ғамгин, бо чашмҳои рӯ ба сақф ва ҳиқ-ҳиқи дармонда дар гулӯ... Ман он бадбахтиҳоро ҳамарӯза ламс мекардам, мебӯсидам, дар гӯшашон лолоӣ мехондам ва худам низ ба ботлоқи он бадбахтиҳо балъида мешудам.

Кӯдакони ятимро аз ҳар кунҷу канор ба ин парваришгоҳ меоварданд, аз зоишгоҳ, аз бемористон, аз партовгоҳи ахлот, аз дами дари ҳамин муассиса, ҳатто аз ҳоҷатхона. Бархе ба далели марги нобаҳангоми волидон ногаҳон ятим мешуданд, бархи дигар маҳсули робитаҳои велгардона ва тасодуфии модаронашон буданд, ки бачаҳои худро дар зоишгоҳ раҳо мекарданд ва бо синаҳои пуршир аз дари пуштӣ мегурехтанд.

Ба кӯдакони ятим гоҳо дар таваллудхона ному насаб медоданд, гоҳи авқот Моҳбегим «Бисмиллоҳи Раҳмони Раҳим мегуфт»-у аз феҳрасти исмҳои тоҷикӣ барои онҳо ному насаб интихоб мекард, номҳои зебое буданд, ҳовии хушбахтӣ, шигарфӣ, сарфарозӣ...вале номуносиб ба толеъи вожгуни кӯдакони ятим. Моҳбегим даст ба сӯйи осмон баланд мекард ва аз Худо мехост, ки ятимакҳо инҷо зиёд намонанд ва хонаводаҳои хубе онҳоро фарзанд бихонад. Ӯ зани хирадманд буд, беҳтар аз дигарон медонист,

ки парваришгоҳ наметавонад ҷойгузини хонавода шавад ва мураббӣ ҳам наметавонад модарро иваз кунад. Мегуфт: «Танҳо ниёзи кӯдак шиками серу пӯшаки хушк нест, бача модар мехоҳад, меҳрубонӣ мехоҳад... Як мураббӣ аз бист кӯдак муроқибат мекунад, магар метавонад ҳар яки онҳоро нозу навозиш кунад ва алфоз бар забонашон гузорад?»

Талабгори навзодҳо дар асл зиёд буд, аммо хонаводаҳои ниёзманд кӯдакони солиму зебо мехостанд, мисли харидори бозор, ки ҳар пораи маҳсулотро мӯшикофона меомӯзанд. Бетолеъ кӯдаконе буданд, ки ҷаззобияти камтар доштанд, ё ҷисми заиф, онҳо дар ин «барзах» гир мекарданд ва солҳои умрашон дар роҳи байни парваришгоҳу интернатҳо ҳайф мешуд, ҳамин тавр то расидан ба синни балоғат.

Шунида будам, ки инсонҳо якҷо бо сарнавишти мушаххас ба дунё меоянд, бо хате дар пешонӣ, ки на бознависӣ мешавад ва на пок. Ин гуфта бадеҳиёт будааст. Кӯдакони парваришгоҳ бо бадбахтӣ аз шиками модар берун меомаданд, мисли дугоникҳои сиёмӣ, бо камтарин шонси буридан аз якдигар...

Мураббии басти шабонаи бахши навзодҳо як зани ҷавони беназокат ва ахмрӯ буд, ҳамеша сақиче дар даҳон дошту мисли гӯсфанди сер нушхор мекард, ағлаб каламоти бад аз забонаш берун меомад, сураташро он қадр оро медод, ки ингор на ба ятимхона, балки ба тӯйхона мерафт.

Исмаш Гулсум буд, аммо пошнаҳои шабеҳи суми асп бузург ва аз дампоиҳо беруни ӯ бо гулу гулзор хешигарӣ надошт. Ҳайкали бузург ва кундашаклаш басахтӣ дар хилъати пизишкӣ мегунҷид. Ситораамон аз рӯзи аввал бо ҳам мувофиқ наомад. Ҳафтаи дуюм ба ӯ вогузор шудам.

Соати панҷи субҳ китфамро башиддат такон дод, аз тарс дар бистар шах шудам.

– Духтар, баланд шав, бояд ғизои кӯдакҳоро омода кунем! Бо аҷала ба думболаш рафтам.

Бахши навзодҳо толоре дошт бузург, бо сақфи баланд, бо ошпазхонаву ҳаммому дастшӯйӣ, ҷевону комодҳои кӯчак ва як анборхонаи пур аз пӯшаку сачоқу дастмолҳои нам. Деворҳои ин толор низ пур аз тасвири кӯдакони хушбахту хандонрӯй буд, вале ҳар садо дар ин фазои нимахолӣ, ки ҳолаи сангин дошт, пажвок эҷод мекард. Сокинони кӯчаки ин макон бо чашмони боз дар тахтҳои шабеҳи ташт мехобиданд ва ҳар аз гоҳе паст-паст зуқ-зуқ мекарданд. Дар ин утоқ бист бачаи се -чаҳормоҳаро шумурдам.

Гулсум бе он ки ба ман коре бифармояд, бутриҳоро рӯйи мизи ошпазхона қатор гузошт, ба ҳар бутрӣ ду қошуқ шири хушк ва аз қумқумаи барқии гармиаш чил дараҷа саду панҷоҳ- дусад грам об рехт, бутриҳоро такон дод ва рӯйи чаҳорчарха гузошт. Сипас рӯ ба ман оварду пурсид:

– Фаҳмидӣ?

Гуфтам:

– Бале.

Як-як бачаҳоро ба паҳлӯ хобонд, бутриҳоро ба ҳула такя дод ва пистонакро ба даҳонашон гузошт.

– Аз он тараф шурӯъ кун! – дастур дод ӯ ва сабадеро ба дастам дод. Вақте сабади холиро ба ӯ баргардонидам, нобоварона ба ман зул зад ва рафт, то натиҷаи корамро бисанҷад.

Чизе нагуфт, фақат ин дафъа теъдоди бутриҳоро бештар кард.

Корашро анҷом доду рӯйи сандалии ошпазхона нишаст ва шишаи нимахолии «Кока-кола»- ро аз яхчол берун оварду ба як дам балъид.

Гулсумро то ҳол ду бор дида будам ва ҳамеша фикр

мекардам, ки маро ба ёди касе меандозад. Ҳоло ки рӯ ба рӯям нишаста буд ва андомҳояшро чун дар кафи даст медидам, ногаҳон дарёфтам, ки ӯ бо чеҳраи паҳн, чашмони гирд, пешонии васеъ, лабҳои борик ва бинии кӯзадор бумро ба ёд меовард. Хаста ба назар мерасид, сурма аз лойи пилкҳои пуфкардааш сарозер шуда, сояи зери чашмонашро тиратар нишон медод.

Тахтҳои кӯдаконро дубора давр задам, онҳо ҳарисона ба пистонакҳо часпида буданд ва ширро бетанаффус қурт медоданд, нафасшон дар гулӯ дармемонд, вале бутриҳоро раҳо намекарданд.

Муддате дар сукути ману қарс-қарси сақичи Гулсум ва садои қур-қурти гулӯйи кӯдакон сипарӣ шуд.

Баъд Гулсум ҷаъбаи пӯшакҳоро аз анбор берун оварду ба ман як даста пӯшак ва як баста дастмоли нам дод.

Ёдам меояд, вақте бо хола Моҳистон парпечи бачаҳояшро боз мекардем, онҳо хушҳолона хамёза мекашиданд, дастҳояшонро бо ҳаловат каш медоданд, чашмонашон аз шодӣ барқ мезад. Аммо ин бачаҳо гӯё ламсро эҳсос намекарданд, ҷуссаҳои кӯчакашон мутеъона ба ҳар тараф мечархид, садое ҳам дарнамедоданд. Нигоҳашон аз нигоҳи бачаҳои хона фарқ мекард, чашмонашон намкашидаву ғамгин буд, монанди чашмони солмандон.

Гулсум аҳли навозишу хушгуфторӣ набуд, кӯдаконро тавре парпеч мекард, ки гӯё кисаи шакарро дар анбори фурӯшгоҳ мебаст. Пӯшакҳоро низ бо ҳамон дуруштӣ дармеовард. Мутаваҷҷеҳ шудам, ки бачаҳо ба чашмони ӯ нигоҳ намекарданд.

Ҳар қадр ба ин гирдоб амиқтар фурӯ мерафтам, рафтори навзодҳо ба ҳамон андоза бароям қобили дарк мешуд. Сукути тифли ятим ва нигоҳи дар сақф гир кардаи ӯ ношӣ аз таҷрубаи талхе аст, ки рӯзҳои аввали интиқол ба

парваришгоҳ меандӯзад. Зуд ба ин воқеъият мерасад, ки инҷо касеро парвои нолаҳои ӯ нест, ҳар қадр гиря кунад ҳам, касе ба сари болинаш намеояд, баъд тадриҷан хомӯшу ноумед мешавад ва дар худ фурӯ меравад.

Ман ҳеҷ нигоҳеро ғаменгезтару ноумедтар аз нигоҳи як тифли ятим надидам, чашмҳое бо рангҳои мутафовит, вале бо муҳтавои якранг.

Кори Гулсум соати ҳашти саҳар ба анҷом мерасид ва ӯ ба хонааш мерафт, то меҳрубониҳояшро ба кӯдакони худаш нисор кунад.

Мураббии рӯз бархилофи Гулсум як зани шод ва ширингуфтор маълум мешуд, синнаш марзи панҷоҳро убур мекард, аммо рафтораш шабеҳи духтарҳои ҷавон буд. Сурати гирд дошт, мисли доира, бе хутуте, ки битавонад гуна ва чонаашро барҷаста нишон бидиҳад, абрӯвони баланди рангшуда дошту чашмони хуморӣ ва лабханди бозигӯш, ки лабонашро мисли найча ба ҳам меовард. Маълум буд, ки ҷариқаҳои ишвагарӣ ҳанӯз дар вуҷудаш хомӯш нашудаанд. Ончи синни воқеъияшро нишон медод, лолаҳои овезони гӯшаш буд, ки дар пасманзари сурати гирд мисли гӯшвора ба назар маомад. Шояд ба ин хотир кулоҳи пизишкии аз андозаи сараш бузургтар мепӯшид, то лолаҳои гӯшаш пинҳон бимонанд.

Ӯро қаблан надида будам, тоза аз рухсатӣ бармегашт. Маро дар утоқи навзодон диду сар то поямро бо чашмони пур аз ҷумбу ҷӯш ва кунҷков чен кард.

– Коргари нав худат ҳастӣ? Чӣ ном дорӣ?

Номамро гуфтам.

– Исми зебое доштаӣ, маро Мавҷигул садо кун, аз холаву аммаву апагӯӣ хушам намеояд.

Мавҷигул як зани пурҳарфе будаст, як сония ҳам за-

бон ба даҳон намегирифт, аз фарзандону бастагонаш, ҳатто аз ҳамсояҳояш қиссаҳо мекард, гӯё маро солҳо боз медонист ва гӯё ман низ ҳама хешу табори ӯро мешинохтам. Агар суҳбат намекард, қатъан овоз мехонд, гӯё аз хомӯшӣ метарсид, аммо аз як вежагие бархӯрдор буд, ки ӯро дар назарам фариштаи рӯйи замин мекард. Мавҷигул бо кӯдакон бисёр меҳрубон буд, онҳоро ном ба ном медонист, бо забони ширини кӯдакона бо ҳар яке ҳарф мезад. Навзодҳои кӯчаку заифро бо дасти худ ғизо медод. Шояд ба назарам мерасид, аммо кӯдакон дар ҳузури Мавҷигул каме аз ҳолати хушкзадагӣ берун меомаданд. Як рӯз ба ӯ гуфтам:

– Ҳузури шумо рӯйи кӯдакон таъсири хуб мегузорад, модари хубе ҳастед.

Мисли ҳамеша баланд хандиду гуфт:

– Ман ҳаргиз бача ба дунё наовардаам.

Тааҷҷуб кардам.

– Он рӯз мегуфтед чаҳор бача доред... Ё ман иштибоҳ шунидам?

– Онҳо аз шиками ман набуданд.

– Аз парваришгоҳ гирифтед?

– Духтари зебо, бирав, суфраи наҳорро бичин, то достони зиндагиамро бароят таърif кунам.

Дар утоқи кӯдакон ғизо хӯрдан мамнӯъ буд, Мавҷигул наҳори тӯлонӣ бо кормандонро дӯст намедошт, бинобар ин, мисли Фавзия дар утоқи ман субҳонаву наҳор тановул мекард.

Ӯ замоне лаб ба сухан кушод, ки ман косаҳои холиро аз рӯйи суфра бардоштам ва ҷойро барои ширинӣ холӣ кардам. Эронгул дар як ҷаъбаи бузург ширинӣ оварда буд, ки ба моҳҳо мерасид. Мавҷигул аз чойи доғ ду ҷуръа нӯшид ва ба қиссааш оғоз кард.

– Одамон гоҳо ба далели ҳамоқат, ё аз содалавҳӣ иштибоҳотеро муртакиб мешаванд, ки баъд тамоми умр анҷафаашро мекашанд. Иштибоҳи ман бароям бо қимати гароне тамом шуд. Ман як духтари рустоӣ будам, бо суннату маҳдудиятҳои хоси деҳот. Духтарони рустои мо ба нудрат барои таҳсил ба шаҳр мерафтанд. Падарам, Худо раҳматаш кунад, одами рӯшанфикр буд, мехост духтарҳояш босавод бошанд, пули зиёд надошт, ду гӯсолаашро ба ман доду гуфт: «Инҳоро бузург кун ва пули таҳсилатро дарбиёр». Ду сол заҳмат кашидам то гӯсолаҳо «буқарав» шуданд ва падарам онҳоро фурӯхту пулашро ба ман дод, то харҷи иҷораву таҳсил кунам, аммо ба шаҳр омадаму аз нашъаи саргиҷкунадаи озодӣ раҳгум задам. Ҳамаро аз ёд бурдам, на обрӯйи падар бароям арзиш дошт, на шаъни духтарӣ. Ба ҷавоне ошиқ шудам, як ҷавони бисёр хушқиёфа, духтарони зиёде ба думболаш буданд, соли охири таҳсилро пушти сар мекард. Девонавор ошиқаш шудам, иффату бакорат чи буд, агар ҷонамро мехост барояш қурбон мекардам. Ду моҳро бо ӯ мисли дар хобу хаёл зиндагӣ кардам, вақте «бедор» шудам, на ӯ буду на «ману ӯ». Тӯл накашид, то хабари издивоҷаш ба гӯшам расид. Аз бордориям як моҳ баъд аз рафтанаш огоҳ шудам. Бо худ гуфтам, ба ҳар қимате бошад, ин бачаро ҳамчун ёдгори он ишқи бузург нигаҳ медорам, аммо падарам ба ёдам меомаду қалбам аз ғам тира мешуд. Вақте маро ба донишгоҳ бадрақа мекард, даст сӯйи осмон бародошт ва аз Парвардигор хост, ки маро аз шармандагӣ эмин нигаҳ дорад». Мехостам ҳадди ақал як нафар бигӯяд: «бигзор ин кӯдак ба дунё биёяд», вале ба ҷуз тарсу ҳарос, ки шабу рӯз оҳанги бадбахтиро дар гӯшам замзама мекард, дигар маслиҳатгаре надоштам…

Билохира натавонистам ин мушкилро дар танҳоӣ ҳал

кунам ва ҳодисаро дар моҳи сеюми бордорӣ ба духтари ҳамхонаам гуфтам. Чашмонаш аз тарсу тааҷҷуб аз ҳадақа берун омад. Бо овози ларзон гуфт: «Ҳарчи зудтар аз ин бори нанг халос шав, вагарна на донишгоҳ мемонад, на падару модар ва на обрӯ, ҳамин кӯдак мемонад ва туву дарбадариву хиёбон». Аз ин тасвири тира заҳракаф шудам ва бо ҳамхонаам роҳи ноҳияи дури ӯро пеш гирифтем ва дар як зоишгоҳи ношинос сақти ҷанин кардам...

Агар бигӯям, ки аз онҷо бадбахту норозӣ баргаштам, дурӯғ мебуд, баръакс, эҳсоси сабукӣ кардам, ба худ қавл додам, ки акнун танҳо аз пайи таҳсил мешавам ва ба қавлам амал кардам. Дар соли охири таҳсил бори дигар ошиқ шудам, аммо на ба девонагии панҷ соли пеш. Ҷавони донишманд ва ростқавлу муаддабе буд, донишгоҳи политехникиро хатм мекард, тасодуфан дар сафи муштариёни як қаҳвахона бо ҳам ошно шудем, ибтидо шиноси «саломуалейк» будем, баъд ин ошноӣ кам-кам ба алоқамандӣ табдил шуд... Дере нагузашта ба ман пешниҳоди издивоҷ дод. Бо он ҳоле, ки доштам магар метавонистам ба издивоҷ умед бубандам? Пешниҳодашро рад кардам, нороҳат шуду рафт, қариб як ҳафта ба суроғам наомад. Пас як ҳафта, вақте мо ба шабнишинии ҳатми донишгоҳ омодагӣ мегирифтем, бехабар пайдо шуд, лоғару ғамгин ба назар меомад. Мехост бидонад, ки чаро нахостам бо ӯ издивоҷ кунам. Дурӯғ гуфтан барои ҷавоне бо ин шоистагӣ камоли беинсофӣ мебуд, воқеъиятро гуфтам. Он қадр сарашро поин андохт, ки ингор аз гуноҳони ман эҳсоси шармандагӣ мекард. Сипас сарашро бардошту бо илтиҷо пурсид: «Ҳамсари ман мешавӣ?»

Ҳашт сол бо ҳам зиндагӣ кардем, мутаассифона аз ман фарзанде ба дунё наомад. Мушкилам реша дар ҳамон сақти ҷанин дошт... Ман акнун талофии он иштибоҳро

медодам. Ба эҳтироми он ҳама солҳои хушбахтӣ ва лутфу садоқаташ ба ман, шавҳарамро худам раҳо кардам, то хонаводаи ҷадид ташкил бидиҳад ва ба орзуяш даст ёбад…

Дигар намехостам издивоҷ кунам, кам-кам ба қароре расидам, ки бачаеро аз парваришгоҳ фарзанд бихонам. Моҳбегимро мешинохтам, ҳарду як донишгоҳро хатм кардем, якдигарро гоҳу ногоҳ дар маъракаҳои дӯстони донишгоҳӣ медидем. Он замон ноиби мудир буд ва маро пайваста ба кор ва ҳам ба фарзандхонӣ ташвиқ мекард. Билохира розӣ шудам. Корро дар парваришгоҳ шурӯъ кардам, аммо дар интихоби кӯдак мушкил доштам, дилам ба ҳоли ҳамаи бачаҳои ятим месӯхт, ба худ мегуфтам, эй кош метавонистам ҳамаи онҳоро фарзанд бихонам. Худованд сарнавишти маро бо шеваи дигаре рақам зад.

Мавҷигул ба ман нигоҳ кард, чеҳрааш бо ёди хотироти хуши он солҳо дурахшид.

– Моҳбегимро мешиносӣ ҳо?

– Як ду бор дидамаш, аммо дуруст намешиносам.

– Бисёр як зани оқилу дилсӯз аст, бештар аз ман ба ояндаам меандешид. Рӯзе маро ба дафтари кориаш даъват кард, гуфт, ки кори воҷиб дорад. Рӯ ба рӯяш марде нишаста буд, сархаму лоғару афсурда, шонаҳояш аз фарти буғз меларзиданд. Дар бағал кӯдаки навзод дошт, бача аз дарди шикам печутоб мехӯрд ва мисли моргазидаҳо чиррос мезад. Он мард ҳамсарашро як ҳафта пеш аз даст дода, бо чаҳор фарзанд, се писару ҳамин навзод танҳо монда буд. Бо гирифториҳои гӯру чӯб ва хайру худоии ҳамсараш натавонистааст аз кӯдак дуруст муроқибат кунад, ӯро бо шиками пур аз бод ба парваришгоҳ овард. Намехост духтаракашро ба ятимхона супорад, аммо ноилоҷ буд, ашк аз чашмонаш сарозер мешуд ва дар лойи ришҳои нотарошидааш дармемонд. Дилам ба ҳолаш сӯхт. Моҳбегим

маро ба ӯ муаррифӣ кард ва нигоҳубини бачаи маризи он мардро ба ман супурд. Ишора кард, ки кӯдакро аз дасти ӯ бигирам. Навзодро бо дили хохоҳам рӯйи дастонам гузошт ва бо овози ларзон гуфт: «Бақои умри фарзанди ман аввал дар дасти Худо ва баъд дар дасти шумост, илтиҷо мекунам, нагзоред бимирад».

Аз ин каломи дарднок ҷирагарам ба сӯзиш омад.

Гуфтам: «Ноумед набошед, мо духтурҳои хуб дорем, аз ӯ муроқибат мекунанд, Худо хоҳад хуб мешавад».

«Метавонам аз ӯ ҳар рӯз хабар бигирам?»

Ман ба Моҳбегим нигоҳ кардам.

«Албатта метавонед, аммо пеш аз омадан бо Мавҷигул дар тамос шавед.

«Кӯдак чӣ ном дорад?» – пурсидам аз он мард.

Ӯ музтару ҳайрон ба ману Моҳбегим нигоҳ кард.

«Ном надорад...»

Моҳбегим нахост ӯро беш аз ин нороҳат кунад.

«Фардо вақте барои гирифтани шаҳодатномаи таваллуд меравед, номашро ҳам интихоб кунед».

– «Шумо чӣ пешниҳод мекунед?»

Ман аз ин суол дастпоча шудам.

«Намедонам... Шояд модараш исмеро дар назар дошт?»

«Ҳар номеро шумо интихоб кунед, барои ман қабул аст».

Исми навзодро Ягона гузоштам, чун дар байни чаҳор мард ягона духтар буд. Як моҳ шабу рӯз аз ӯ муроқибат кардам, то ба худ омаду рӯ ба беҳбудӣ овард. Он мард ҳар рӯз меомад, кӯдакро аз паси шишаи бахши муроқибатҳои вежа медид ва бо шак аз ман мепурсид:

«Росташро бигӯед, зинда мемонад?»

Рӯзе, ки кӯдакро ба утоқи навзодҳои солим интиқол

додем, падараш барои тамоми парваришгоҳ зиёфат орост, ширкати сохтмонӣ доштаст, коргар оварду камбудиҳои парваришгоҳро бартараф кард. Аз байн шаш моҳ гузашт, ман он қадр ба будани Ягона одат кардам, ки набуданаш бароям ғайри қобили таҳаммул мешуд. Ӯро аз ёд медонистам, тамоми ҷузъиёти тани кӯчакашро, ҳаракатҳояшро, муҳтавои гиряву хандаҳояшро, хоҳишҳояшро. Аз он метарсидам, ки аз рӯзе падараш биёяду бигӯяд:

«Мамнун барои муроқибат аз фарзанди ман, акнун бояд ба хона баргардад».

Дақиқан ҳамон тавр шуд, ки мегуфтам. Рӯзе омаду маро ба қаҳвахона даъват кард, зиёд ҳошия нарафт, гуфт:

«Ман зиндагии духтарамро мадюни ту ҳастам, мехоҳам бо ту издивоҷ кунам, мехоҳам барои чаҳор бачаам модар шавӣ, ваъдаи кӯҳи тилло намедиҳам, аммо барои хушбахтиат ҳар кори имконпазирро анҷом медиҳам».

Дарҳол ризоият додам, на инки ошиқи он мард будам, ман фақат таҳаммули ҷудоӣ аз Ягонаро надоштам. Ҳамин тавр ба якбор модари чаҳор фарзанд шудам, бачаи аз ҳама бузург даҳсола ва аз ҳама кӯчак шашмоҳа буд. Ягонаам имсол ба бист қадам гузошт, дар тӯли бист соли зиндагӣ бо ин мард ҳаргиз аз ин издивоҷ пушаймон нашудам, хонаводаи аз ин беҳтар, фарзандони аз ин хубтарро наметавонистам орзу кунам. Гоҳо бар инояти Худованд меандешам ва тааҷҷуб мекунам, ки чигуна риштаи сарнавишти инсонҳоро моҳирона метанад, солҳо дар чархаи зиндагӣ мересад ва дар як ҷое ба ҳам пайванд мекунад...

Ба ҳарфи Мавҷигул гӯш медодаму ногаҳон дарк кардам, ки чаро ман инҷо ҳастам! Чи оқилу дурандеш аст Эронгул!

Мавҷигул кунҷков буд, ки чаро мадрасаро канор гузоштаму кори ба ин сахтиро интихоб кардам. Эронгул

мегуфт, ҳар қадр мардум аз зиндагии ту камтар бидонанд, ҳамон қадар барои ту беҳтар аст. Тавсияи ӯро думбол кардам ва ба Мавҷигул низ ҳамон ҳарферо гуфтам, ки ба дигарон мегуфтам:

– Ятими хонаи хола будам, бо ӯ даъвоям шуд ва маро аз хона берун андохт.

Коргарони парваришгоҳ одамони мутанаввеъ буданд, бархе ҳассосу ба кӯдакон дилсӯз, монанди Мавҷигул ва Моҳбегим, бархе мисли Гулсум сарду беҳис. Раҳму шафқатро бештар дар дуктурҳо ва парасторон мушоҳида мекардам, то дар мураббияҳо, аммо ҳеҷ кас ба андозаи Фавзия дилсӯхтаву ҷигаркабоби кӯдакони ятим набуд. Барои поккории фарши утоқи навзодҳо меомаду ду-се соат онҷо гир мекард. Бачаҳоро як-як ба оғӯш мегирифт, бо забони тоторӣ барояшон алла мехонду мисли кӯдак гиря мекард. Дилаш пур аз алам буд. Ба ман мегуфт:

– Бо ятимон меҳрубон бош, Худованд подоши хубиҳоятро даҳчанд бармегардонад. Ин фариштаҳои кӯчак зарбаеро таҷруба карданд, ки бузургсолон тавони таҳаммулашро надоранд, магар осон аст? Нуҳ моҳ бо модар дар як тан будан, бо ӯ нафас кашидан, бо ӯ хушҳол будан, бо ӯ ғамгин шудан... Баъд баякбор аз ӯ буридан. Баъзе мураббияҳо баҳона пеш меоранд, ки ғаризаи кӯдаки навзод бо хӯрдану хобидан маҳдуд аст. Ту ба ин дурӯғҳо бовар накун, умрам дар ин парваришгоҳ гузашт, медонам, ки ҳамаи кӯдакон, ҳатто навзодҳо одами хубро аз бад фарқ мекунанд, мушоҳида кардаӣ, ки навзодҳои ҳамин утоқ дар ҳузури Гулсум садое аз худ дарнамеоранд, вале бо шунидани овози Мавҷигул ба ҷумбиш медароянд, меҳоҳанд бидонанд, ки садои ӯ аз куҷо меояд.

Ҳамсоягӣ бо утоқи навзодҳо имкон медод, ки аглаб ба онҳо сар бизанам. Ҳамеша гӯш ба қимор будам, бо кӯчактарин садо аз хоб баланд мешудам, ҳама катҳоро мегаштам, огӯшам барои кӯдакони бедор боз буд.

Тамоми ин муддат як андешае зеҳнамро банд мекард, ки агар кори ман то ба зоймон мерасид, оё метавонистам кӯдакамро дар зоишгоҳ раҳо кунам ва аз дари пуштӣ бигрезам? Бо ваҳшат эътироф мекардам, ки оре, он вақт метавонистам, баҳона ҳам доштам, мегуфтам бача ҳосили таҷовуз аст, набуданаш беҳтар, аммо... аммо ҳоло... ҳоло фарқ мекард...

Мушкилоти ятимон ҳамроҳ бо синну солашон бузург мешуд, кам-кам дарк мекарданд, ки парваришгоҳ хонаи онҳо нест ва мураббӣ модарашон, как-кам мефаҳмиданд, ки наздиктарин инсонҳо онҳоро дар маърази чолишҳои ҷиддӣ қарор доданд. Бачаҳои қавӣ бо сарнавишти худ зудтар канор меомаданд ва ба шароит созгор мешуданд, аммо бачаҳои заифтар муддатҳо осебпазир боқӣ мемонданд. Чеҳраи онҳо ойинаро мемонд, ки гаму андуҳашонро мунъакис мекард. Дар ин парваришгоҳ онҳо аксарият буданд.

Сабзишу нумӯъи кӯдакони парваришгоҳ аз бачаҳои хона фарқ мекард. Аз он ҷой ки инҷо кӯдакон соатҳо дар тахти хоб беҳаракат галт мезаданд, дар муқоиса бо ҳамсолашон дертар роҳ мерафтанд ва азбас касе махсус бо онҳо ҳарф намезад, гиреҳи забонашон низ дертар боз мешуд. Бачаҳои дусола ба нудрат лабханд мезаданд, чашмонаш ҳамеша хис буд, ба бузургсолон эътимод надоштанд. Инҷо касе бачаҳоро кутак намезад, аммо меҳрубонӣ ҳам намекард, гамхориву меҳрубонӣ вақт мехост, мураббия-

ҳо машғули кор буданд ва барои нозу навозиш вақт надоштанд.

Ҳуҷраи бачаҳои се-чаҳорсола ду баробар бузургтар аз утоқи ширмакҳо буд, як макони замонавӣ, бо ҷевону рафҳои пур аз хирсакҳои махмалин ва арӯсакҳои фарангӣ. Афроди хайрхоҳ аглаб ба парваришгоҳ моводи ғизоӣ ва бозичаву пӯшок меоварданд.

Зоҳиран, ҳама чиз барои бачаҳо фароҳам буд, аммо низоми зиндагӣ дар ин утоқ артишро ба ёд меовард ва кӯдакон сарбозакони кучулӯро, ки зиндагиашон бар асоси речаи аз қабл таъйидшуда ҷараён мегирифт: субҳ бо ҳам баланд мешуданд, якҷо дастшӯйӣ мерафтанд, якҷо ғизо мехӯрданд, якҷо ба сайри боғча мебаромаданд ва дар як фазо мехобиданд.

Мураббии кӯдакони бузургтар як зани ҳудудан шастсолаи қавипайкар буд, бо дасту панҷаи мардона, вале бо садои гирифта, ки гӯё аз як тори савтии шамолзадаи гулӯяш берун меомад. Дар чеҳраи чаҳоркунҷаи ӯ ҳама узвҳо- чашму биниву лабу даҳон, пешонӣ, ҳатто қоби тиллоӣ, ки бо мурури замон хӯрда шуда, решаи дандонашро урён карда буд, бузург ба назар мерасид. Содиқона бигӯям, зани баде набуд, аммо дасташ ба ҳама намерасид, як мураббӣ ва як доя рӯзона аз бист кӯдак муроқибат мекард, хӯрондану пӯшондан, тамиз кардан, хобонидан... Мураббӣ хонаводаи пурҷамъият дошту чандин набераву абера ва сад кулфату дармондагии дигар. Гоҳо гирифтори ҷанҷоли писару арӯсаш мешуд, гоҳо духтараш аз хонаи шавҳар ба хонаи модар «қаҳр» меомад, мудом барои фарзанди муҳоҷираш мегирист, мисли хирси бузургҷусса, ки барои бачаи гумшудааш мушт ба сар мезанад. Ӯ барои ишқу алоқамандӣ ба кӯдакони ятим на фурсат дошт, на нерӯ.

Рӯзҳои сарди зимистон сайри боғчаи парваришгоҳ лағв мешуду ҳавсалаи кӯдакон дар тахтҳои танг сар мерафт. Дастҳояшон мудом тарафи доя ва мураббӣ дароз мешуд, мехостанд касе онҳоро бағал кунад ва ҳадди ақал ба бозигоҳи васати хона бубарад. Соатҳо дар кати хоб меҷулиданд, яке дар такяи тахт рост мешуду нардаро газ мегирифт, дигаре ангушти шасташро мемакид, савумӣ мисли гаҳвораҷумбон ба чапу рост мечархиду бо садои якнавохти «ммммм» барои худ лолоӣ мехонд.

Ман аз канори ҳеҷ тахте бепарво намегузаштам ва ҳеҷ оғӯши бозро ноумед намекардам. Мураббӣ нороҳат мешуд ва мегуфт, ки ман кӯдаконро бадомӯз мекунам, ба худ мегуфтам, бало ба паси ин қоидаҳои нонавиштаи шумо, як лаҳза ҳам бошад ба онҳо умед мебахшам. Аз тамоми саҳнаҳо сарфи ғизои кӯдакони дусола ғамангезтарин буд. Нигоҳи кӯдакон байни косаи хӯрок ва рӯҳияи доя парса мезад, онҳо бо панҷаҳои кӯчак ба қошуқ мечаспиданд то тиккае ба замин нарезаду фарш касиф нашавад ва доя ҷиғ накашад. Наметавонистанд мустақилона ғизо бихӯранд, ними хӯрок ба пешбандҳояшон мерехт. Дояву мураббӣ бо навбат ба бачаҳо ғизо медоданд, он қадр бо аҷала, ки кӯдак ҳанӯз луқмаро фурӯ набурда, тиккаи навбатӣ ба даҳонаш гузошта мешуд.

Барои мураббияву дояҳои серкор ин раванд он қадр ҳамарӯзаву маъмулӣ буд, ки онҳо на чашмони тари кӯдаконро медиданд ва на буғзҳои дар гулӯ дармондаи онҳоро. Дар онҷо мутаваҷҷеҳ шудам, ки агар инсон муддати тӯлонӣ дар канори бадбахтӣ зиндагӣ кунад, кам-кам ба бадбахтӣ одат мекунад ва дигар онро на намебинад ва на эҳсос мекунад...

Дуктури бознишаста маъмулан охири ҳафта барои муоинаи кӯдакон меомад, инсони шарифе буд, фаҳмида,

дилсӯз. Солҳо дар ҳамин парваришгоҳ кор карда буд, баъди марги ҳамсараш танҳоӣ мекашид ва ба таври ройгон ба табибон кӯмак мекард. Ҳеҷ як аз табибон донишу таҷрибаи он пирамардро надошт, ӯ ба тани беҷон ҳам ҷон мебахшид. Гоҳо мегуфт:

– «Дар кӯдакӣ зиндагии хоксоронае доштам, падарам аз чӯб бароям асбоби бозӣ месохт, хуб ё бад, он асбоб моли ман буд, ҷогаҳи хоби худро доштам, аз хоб бо хости худ баланд мешудам ва субҳонаро ҳам модарам зери суфра бароям гарм нигаҳ медошт, дастмоли худро доштам ва сару либоси худамро, ҳама чиз мансуб ба ман буд. Инҷо чизе ба бачаҳо тааллуқ надорад, ҳама чиз умумӣ аст, шалворе, ки дар тани он духтарак мебинӣ, фардо онро кӯдаки дигар мепӯшад ва ин ҳолат фардияти бачаро аз байн мебарад. Агар бо ман мебуд, тамоми ятимхонаҳоро барҳам медодам ва пулашро ба хонаводаҳо тақсим мекардам, то аз кӯдакон муроқибат кунанд».

Аз ӯ мепурсидам:

– «Чи қадар тӯл мекашад то таҷрибаи ятимӣ фаромӯш шавад. Мегуфт:

– «Ин таҷруба ҳаргиз фаромӯш намешавад, шояд бо гузашти замон мисли гузашта тарснок набошад, аммо як осеби мудомулумр мемонад.

Як устод доштем, ёдаш бахайр, ӯро гоҳо дар қаҳвахонаи донишгоҳ медидем, ҳамон тавр ки як шоҳин рӯйи тӯъмааш хам мешавад, ӯ низ сар аз ғизо барнамедошт ва косаашро бо суръат холӣ мекард.

Боре сабабашро шарҳ дод, гуфт, ки дар ятимхона бузург шудааст, онҷо агар ғизоро сареъ намехӯрд, бачаҳои бузургтар косаашро мегирифтанд. Синнаш аз ҳафтод ба боло буд, аммо наметавонист аз он одат раҳо шавад».

## Достони Юсуф

Пас аз чаҳор ҳафта Моҳбегим маро барои кор ба бемористон мунтақил кард. Дармонгоҳ аз як долону чаҳор утоқ иборат буд – утоқи пизишкҳо, утоқи дармон, ҳуҷраи беморон ва бахши муроқибатҳои вежа. Он шабу рӯз бемористон танҳо чаҳор мариз дошт, се кӯдаки сесолаи гирифтори илтиҳоби шуш ва як бачаи чаҳормоҳаи дар ҳоли кома. Дар ин бахш ба парастори бахши шабона кӯмак мекардам. Ӯ духтаре буд нозукандом, бо гардани баланд, чашмони бузурги қаҳваӣ ва садои пасту мулоим. Бо даҳони нимабоз ҳарф мезад, ман гоҳи авқот фақат оғози ҷумлаашро мешунидам, поёнашро танҳо метавонистам ҳадс бизанам. Ӯ баъди издивоҷ билофосила ба кор баргашта буд ва акнун як лаҳза аз домод ҷудоӣ надошт, бо гӯши роҳ мерафту бо гӯши менишаст, пич-пич ҳарф мезаду ҳир-ҳир механдид.

Кори шабона ва рӯзона байни ду мутахассиси атфол мечархид. Дуктури басти рӯз зани чиҳилсолаи нарму хушсимое буд, бо номи Моҳтоб ва худаш ҳам мисли моҳ айбе надошт. Дуктури ҳирфаӣ буд ва бо кӯдакони мариз мисли модар меҳрубон. Аз ҳамон ҳирфаиҳои соҳа, ки ба онҳо мегӯянд: барои пизишк шудан ба дунё омадаанд.

Бо назокат ҳарф мезад ва нозҳои зебои занона дошт. Бӯйи атри гаронбаҳояш роҳравҳоро пур мекард ва хабари омаданашро ба машоми ҳама мерасонд. Ҳамкори Моҳтоб як марди қадпасти шикамдору фориғбол буд. Дар ду бемористон кор мекард ва то расидан ба парваришгоҳ дар танаш нерӯе боқӣ намемонд. Ситора бо ханда мегуфт: «мардак пояшро ба пойи сарватмандон дароз карда, ду зан гирифт, ҳолаш аз ин бадтар!» Ҳанӯз хилъаташро напӯшида бо имову ишора мепурсид, ки вазъ чигуна аст, чун

мефаҳмид беморе ба он чаҳор нафар изофа нашудааст, аз хушҳолӣ даст ба ҳам месовид ва хеле зуд хӯру пуфаш аз рӯйи нимкат баланд мешуд. Аслан ба духтур монандӣ надошт, исмаш ҳам ингор духтурӣ набуд – Ганҷалӣ. Ситора пушти сараш ӯро «Ҷангалӣ» садо мекард. Ӯ бо хилъати сабзранги тугмаҳояш боз бештар шабеҳи муаллими «таълими меҳнат»-и дабиристон буд, то як пизишки ҳирфаӣ. Моҳтоб беҳавсалагии ҳамкорашро медонист ва ба ҳамин далел тамоми доруву дармони беморонро аз қабл таъйин мекард.

Ману Ситора шабҳо дар долон, рӯйи сандалӣ менишастему рӯи миз дар такяи бозуи худ мехобидем. Сукути шабро хирроси шушҳои варам ва сулфаҳои бевақфаи он се кӯдаки бемор мешикаст. Онҳо дар оташи таб месӯхтанд ва ҳаво аз нойи шушҳояшон басахтӣ берун меомад, мо муроқиб будем то нафас дар гулӯяшон дарнамонад. Маризи утоқи муроқибати вежа як кӯдаки ба оксиген муттасил буд.

Моҳтоб ва он пизишки беҳавсала хеле кам ба ӯ сар мезаданд, ду бор дар рӯз ва як бор шабона. Ситора мегуфт:

– «Духтурҳо аз ӯ ноумед шудаанд, мегӯянд, ки наҷот ёфтанӣ нест».

– «Исмаш чӣ аст?»

– «Юсуф, номаш Юсуф аст. То як моҳи пеш падару модар дошт, аз таваллуд то семоҳагӣ дар оғӯши онҳо бузург шуд, садама ҷони ҳардуро дар як сония гирифт, бастагонаш ду хоҳари бузурги ӯро пазируфтанд, аммо ин тифлак бесоҳиб монд. Вақте ӯро инҷо оварданд як бачаи маъмулӣ буд, бо вазни мутаносиб, пӯсти нарму гунаҳои гулобӣ. Як ҳафта дар хумори оғӯши модар беист гиря кард... ҳарчи мехӯрд, берун меовард, саранҷом ба куллӣ аз хӯрдан даст кашид, башиддат вазн кам кард ва шуд ҳа-

моне, ки ҳоло ҳаст, як мушт устухон, ки камтар аз ду кило вазн дорад ва агар таҷзияи тазриқӣ набошад, як соат ҳам зинда намемонад».

– «Ҳузури одамро эҳсос мекунад?»

– «Намедонам, гоҳи авқот ба назарам мерасад, ки худаш аз ин зиндагӣ безор аст. Навзодҳои маззаи оғӯши модарро чашида, инҷо басахтӣ давом меоранд».

Бо ҳамин дигар дар бораи он кӯдак фикр накардам, вале фардои он шаб, вақте сар рӯйи бозӯ ғарқи хоб будам, ногоҳ садое дар гӯшам замзама кард:

– «Юсуфи маро танҳо нагзор» – дафъатан бедор шудам, таваҳҳум доштам, хаёлам зане аз канорам рад шуд, бо пероҳани сафед ва чодари сурх, гӯшаи чодарро ба рӯяш кашида буд ва пуштнокӣ аз ман дур мешуд, роҳ намерафт, мелағзид. Баданам аз тарс ларзид, китфи Ситораро такон додам, «ҳмм» гуфту сар набардошт. Он шаб то субҳ нахобидам.

Шаби баъдӣ ором гузашт, агарчи гарданам аз хоби рӯйи миз шах мешуд, аммо боз ҳам аз бехобиву дарди сар беҳтар буд. Шаби сеюм боз ҳамон садои занона аз рӯъёҳоям баланд шуд, ки мегуфт: – «Юсуфи маро танҳо нагзор.» Аз тарс чашм боз накардам то он занро берун аз рӯъё набинам. Ё ман дучори таваҳҳум будам, ё шояд рӯҳи саргардони модари Юсуф дар атрофи фарзандаш мечархид. Аз ин андеша мӯй дар танам сих шуд.

Субҳгоҳ, вақте Ситора дошт навбатро ба парастори дигар месупурд, аз ӯ пурсидам:

– Мо метавонем ба утоқи муроқибатҳои вежа ворид шавем?

– Чаро не? Онҷо ҳам бахши кори мо аст, фақат бо худ бояд моску дастпӯш дошта бошӣ.

Кори шабона наҳваи зиндагиамро иваз кард, ман

акнун то нисфи рӯз мехобидам, баъд ба думболи корҳои Фавзия мерафтам, кӯмак ба ӯ бахше аз тааҳҳудотам буд, ки худам довталабона бар дӯш гирифта будам. Моҳбегимро аз ин кор хушаш намеомад, хаёл мекард, ки одамҳо аз хубии ман суйистифода мекунанд.

– Духтар, ҳафтаи дигар дарсҳоят шурӯъ мешаванд, нагзор ҳамкорон аз содагии ту истифода кунанд, аз пайи таҳсил шав! – ӯ роҳи мактабро бароям нишон дод ва маро бо раҳбари мадрасаи шабона дар пансиони наврасҳои душвортарбия муаррифӣ кард. Таҳсил то ду рӯзи дигар шурӯъ мешуд.

Шаби дигар вақте дуктур муоинаи беморонро анҷом дод ва садои хуррокашиаш аз утоқи пизишкҳо баланд шуд ва Ситора ҳам рӯйи сандалӣ пинак мерафт, ором-ором ба самти утоқи муроқибатҳои вежа рафтам.

Дар он утоқи бузург Юсуф дар дохили кати шабеҳи ташти ҷомашӯӣ мехобид. Аз покети қатрачакон моъеи зарде ба раги дасти докапечаш сарозер мешуд, аз байни он ҳама лӯлаву зонду моски оксиген суратаки кӯчакашро басахтӣ дидам. Даҳонаш бозу ҷоғаш овезон буд, чӯҷаи аз лона афтидаи гунҷишкро ба хотир меовард.

Сандалиеро аз гӯшаи утоқ бардоштаму дар канори тахти ӯ нишастам. Дастонаш ба далели тазриқи мудавом пур аз лаккаҳои хунгирифта буд, пӯсти тира ва чашмони фурӯрафта дошт, садои нафасҳояш шунида намешуд, танҳо набзи борике рӯйи гарданаш метапид ва аз зинда будани ӯ дарак медод. Он қадар лоғар буд, ки ҷумҷумааш бо устухонҳои аз ҳам ҷудо искилетро ба ёд меовард.

Бо эҳтиёт дасташро ламс кардам, дар ангуштони ӯ гармие эҳсос намешуд, ингор хун ба он қисмати баданаш намечархид, нохунҳои баланду рангпаридааш гуфтаи Ситораро собит мекард – ин кӯдакро кайҳо аз рӯйхати зин-

даҳо хат зада буданд.

Сояи андӯҳи азиме рӯйи синаам фуруд омад, барояш мутаассиф шудам, дилам ба ҳолаш сӯхт, лабонамро ба гӯшаш наздик овардаму начво задам:

– Писари кучулӯ, чашмонатро боз кун, модарат нигаронат шудааст, рӯҳи нооромаш мисли мурғи посӯхта даври ту пар-пар мезанад, мехоҳад ҳамаро аз хоб баланд кунад, то танҳо набошӣ...

Он шаб то субҳ канори тахти ӯ нишастам, ангуштони дасту пойи сардашро дона-дона навозиш кардам. Панҷаи сардаш дар кафи дастам гарм шуд, аммо ягон азулааш такон нахӯрд, ҳамчунон беҳаракат мехобид, гӯё аз олами ҳастӣ кайҳо ҷудо шуда буд.

– Ту инҷо чӣ кор мекунӣ?

Духтури навбатдорро пушти сар дидаму аз ҷой як қад паридам.

– Ҳич...фақат хостам бубинам чӣ ҳол дорад.

– Вақти худро бо ин кӯдак талаф надеҳ, оянда надорад.

– Ганҷалӣ аз самти рост ба кӯдак наздик шуд ва ҷоғи ӯро шабеҳи бозичаи пуржинаш шикаста болову поин кард.

– Мебинӣ, тавоне надорад, ҷоғашро нигаҳ дорад, гӯё ин ҳама доруву дармонро мо ба рӯдхона мерехта бошем. Лекин сахтҷон будаст, бо ин қалби заиф бояд кайҳо мемурд.

Аз ҳарфҳояш хушам наомад, шояд дуктури ҳирфаӣ буд, шояд бемористонҳои дигар ба таҷрибаву малакаи ӯ ниёз доштанд, аммо на парваришгоҳ, инҷо бояд инсонҳои мисли Моҳтоб кор кунанд, ки ятимро аз фарзанди худ кам намедонанд.

Рӯзе ки Моҳбегим маро ба мактаби шабона мебурд, дар роҳ назарамро дар мавриди ҳамкорон пурсид. Ху-

сусияти ҳамаро дона-дона тасвир кардам, лабханд зад: – «Фикр намекардам ин қадар мушоҳидакор бошӣ».

Бе қазовати ман низ аз рафтори кормандонаш бохабар буд, аммо чорае надошт, кори парваришгоҳ мушкил буду маошаш ночиз, ҳеҷ зане намехост бачаҳои худро дар хона раҳо кунад ва барои ду танга басти шаб бикашад.

## Бозгашт ба таҳсил

Бо шурӯъи таҳсили шабона ман акнун дасти кам барои панҷ соат аз парваришгоҳ берун мерафтам, поям аз дар берун мешуду ҳаяҷоне вуҷудамро фаро мегирифт. Аз тамошои шаҳри зебову чароғон, аз мардуми хушлибосу фориғбол, аз нигоҳи харидоронаи ҷавонҳо, ки гунаҳоямро арғувонӣ мекард, ба ваҷд меомадам. Ёдам меомад, ки чи тавр замоне ҳамроҳи Нигор бо ҳасрати ду зиндонӣ аз паси панҷараи паноҳгоҳи занон ба хиёбони марказӣ нигоҳ мекардем ва ба худ мегуфтем: – мешуда бошад рӯзе, ки мо ҳам дар ин кӯчаҳо бепарво қадам бизанем? Куҷо бошад Нигори нозанин? Ҳайф, ки дигар аз ман суроғ накард...

Мактаб дар «Муассисаи бачаҳои душвортарбия» қарор дошт ва ман ҳамсабақи бачаҳои гарданшаху авбошнамо будам. Мураббиашон як марди паҳлавонҷусса, онҳоро мисли буққаҳои саркаш ба синф тела медод ва то анҷоми дарс пушти дар менишаст. Аз сарҳои тарошида, нигоҳҳои зерчашмӣ ва гарданҳои паҳни онҳо ваҳм дар дилам ҷо мешуд. Саводи хондану навиштан надоштанд, аксаран бачаҳои хонаводаҳои нобасомон буданд, бетарбия, берӯ, саркаш... Нигоҳашон ба муаллим нигоҳи гурози хашмгин ба шикорчиро мемонд.

Дар он синф якчанд марди калонсол низ таҳсил мекард, намедонам ангезаи онҳо аз таҳсил чӣ буд, аммо бештар аз ҷавонҳо ба хондану навиштан завқ доштанд. Онҷо аз ҷинси зан ман танҳо набудам, чаҳор навраси лоғарандом бо пойҳои камгӯшти дароз ва гарданҳои мисли лампаи чароғ борику баланд, ҳар шом бо дили нохоҳам, ҳамон тавр ки сагро маҷбур ба шикор мебаранд, вориди синф мешуданд. Мӯйҳои тарошидаашон мисли сабзаи баҳорӣ ҷафсу якнавохт нумӯъ мекард ва чашмони беқарорашон ҳокӣ аз таҷрубаҳои ба синнашон номувофиқ буд.

Аз ин духтарҳо як зани ҷавон ва хеле хушандом муроқибат мекард, чустучолок буд, мисли ғизол медавид ва «чорчашмӣ» аз паси духтарон мепоид, то фирор накунанд. Духтарҳои ноболиғ аксаран ятимони дари хонаи хола ё амак буданд. Хеле барвақт, зери сақфи хешони наздик таҷовуз шуда, чандин сақти ҷанинро аз сар гузаронида буданд...Баъд фирор буду хиёбону танфурӯшӣ. Пулис онҳоро аз кӯчаву бозор, мисли сагҳои дайду боздошт мекард ва ба ин муассиса меовард, то ба роҳи рост ҳидоят шаванд. Аммо ҳеҷ чизе ба андозаи фикри фирор сарҳои тарошидаи онҳоро машғул намекард. Зиндагии хиёбонӣ ин духтаракҳои ноболиғро монанди парвона ба сӯйи шӯъла ҷазб мекард. Талоши мураббиҳо гоҳо самар медод ва бархе ба роҳи дуруст ҳидоят мешуданд, касб меомӯхтанд, оила барпо мекарданд, вале аксаран ҳамчунон моли хиёбон боқӣ мемонданд.

Муаллими мактаби шабона як марди солманди борику қадбаланд буд, шонаҳои хамида, бинии борики сар ба зер, гардани пур аз оҷанг ва ҳулқуми барҷастае дошт, ки ҳатто дар ҳоли сукуташ низ болову поин мешуд. Ҳам аз адабиёт дарс мегуфт, ҳам аз ҷуғрофиё. Асабонӣ ба назар меомад, дандонҳояш ба самти одитарин садо гиз мешуд,

возеҳ буд, ки дар тӯли ин ҳама соли таълиму тадрис шогирдон мағзи ӯро батамом «хӯрда» буданд.

Аз ман дар ҳузури раҳбари пансион имтиҳон гирифт, хушҳол шуд, ба мудир гуфт, ки дар миёни ин ҳама ҷавонҳои густоху ситезаҷӯ, барои аввалин бор як донишҷӯйи умедбахшро мебинад. Бароям китобҳои дарсӣ меовард, ба саҳифаҳои муҳим аломат мегузошт, суолҳои ғофилгирона медод, маро ба имтиҳоноти давлатӣ омода мекард.

Корам дар парваришгоҳ ҳам бештар шуда буд, дастёри ҳама будам, шабҳо дар бемористон, рӯзона бо мураббиҳо. Хеле кам мехобидам.

Бемористон дар асл кори зиёд надошт, ғизо додан ба се кӯдак, иваз кардани пӯшаки онҳо ва кӯмак ба Ситора, дар ҷараёни доруву дармон вақти зиёд талаб намекард. Се уток дар ним соат тамиз мешуд ва баъд шурӯъ мекардам ба назофат дар бахши масъулияти Фавзия. Пиразан он қадар аз ман миннатдор буд, ки ҳар бор аз Худованд бароям баракати дунёро илтиҷо мекард.

Он бачаи дар ҳоли беҳӯшӣ низ ба масъулиятҳоям изофа шуда буд. Шояд дучори таваҳҳум будам, аммо ба назарам касе бесадо қадамҳоямро думбол мекард ва боди сарсарие ба рӯям мезаду раъша бар андомам меафканд. Гумонам рӯҳи саргардони модари он писарак шабу рӯз дар ин атроф парса мезад...

Аввалҳо аз тарси он рӯҳ ба дидани кӯдак мерафтам, баъдҳо сар задан ба он уток одатам шуд. Ман дар он тани нимаҷон мухотабе ёфта будам, ҳарфҳоеро ба ӯ мегуфтам, ки наметавонистам ба дигарон бигӯям. Соатҳо дасти кӯчакашро дар даст мегирифтаму бо ӯ дарди дил мекардам, достони зиндагиамро ба ӯ мегуфтам, сарнавишти падару модарамро, хоҳарамро, холаамро... Девона набудам, медонистам, ки ӯ маро намешунавад, агар ҳам мешунид,

он кӯдак аз ҳарфҳои ман чӣ мефаҳмид!? Ё шояд мухотаби ин қиссаҳо, ки мисли эътирофи як насронӣ дар барорбари кашиш садо медод, худи ман будам? Ман он вақт ҳеҷ намефаҳмидам, ки чаро ба ин бачаи дар ҳоли марг сахт вобаста шудаам. Инро дертар пай бурдам. Ӯ бароям таҷассуми ҳамон кӯдаке буд, ки ҳафт моҳ дар шикамам меҷулид... Дилбастагии ман ба Юсуф мабнӣ бар гуноҳҳое буд, ки дар баробари бачаи худам муртакиб шудам, ӯро моҳҳо дар шикамам леҳ кардам ва билохира ба куштан додам... Майли ман барои суҳбат бо Юсуф бо азоби виҷдонам муртабид буд, ки ором-ором аз вуҷуди худ дарак медод.

Моҳтоб аз равуои ман ба бахши муроқибатҳои вежа истиқбол кард.

– Дунё пур аз мӯъҷиза аст духтарҷон, беморон баъди комаи даҳсола аз ҷой баланд мешаванд, кӣ медонад, дидӣ, ки Худо раҳм мекунад ва Юсуфи мо низ аз он чоҳи торик раҳо меёбад.

– Дишаб вақте канори тахташ менишастам, мутаваҷҷеҳ шудам, ки моски оксиген бештар бухор мекард, ин чӣ маънӣ дорад?

– Ҳм…ҷолиб аст, бояд навори спирометрро бубинам. Тӯли рӯз ҳам ба диданаш биё, албатта агар вақт доштӣ.

Маҳтоброро аз ман хушаш меомад, аз Моҳбегим хоҳиш кард, ки маро барои мудати тӯлонӣ ба бемористон мансуб кунад. Мудир ин пешниҳоди барои ояндаам муфидро пазируфт. Сар аз он рӯз ман корманди доимии бемористон шудам.

Пас аз се ҳафтаи бедорхобӣ ногоҳ ба назарам расид, ки пилки шаффофи чашмони Юсуф такон хӯрд. Бовар накардам, ба худ гуфтам, гумон аст бедор шавад. Соате баъд пилкҳояш дубора ларзиданд, ин бор фиреби назар набуд,

воқеият буд. Дастамро рӯйи синааш гузоштам, зарабонаш нисбат ба дирӯз рӯшантар эҳсос мешуд, аммо тардид доштам ва ин аломатҳоро ба хаёлбофиҳои худам нисбат додам. Дар мавриди мушоҳидаҳоям ба дуктурҳо чизе нагуфтам, ба қавли маъруф, нахостам пеш аз пода чанг андозам, аммо то расидани шаб лаҳзашуморӣ мекардам. Он рӯз якшанбе буд, дарс надоштам, духтурҳо низ ҷой иваз карданд, Моҳтоб бо парасторе бо номи Парвона ба кори шаб гузашт ва Ганҷалӣ бо Ситора ба кори рӯз. Маризони таҳти дармон комилан сиҳат шуданд, дар бемористон ба ҷуз Юсуф дигар маризе набуд. Парвона ҳамсоли Моҳтоб ба назар мерасид, онҳо бо ҳам хеле хуб канор меомаданд, якҷо чой менӯшиданд ва соатҳо рафтори падаршӯйи Парвонаро қазоват мекарданд, ки баъди панҷоҳ соли зиндагӣ ногаҳон ҳамсарашро талоқ доду ба думболи беваи ҳамсоя рафт.

– Духтур, шумо зани оқилу таҷрибадоре ҳастед, бигӯед, охир чаро як пирамард баъди ин ҳама соли шодиву ғамшарикӣ, бо ин ҳама фарзанду набера, ногаҳон ҳамсари пирашро раҳо кунад?

– Аз худаш напурсидед?

– Писари бузургаш ин хабарро шуниду аз Русия омад, башиддат асабонӣ буд, аммо баъди гуфтугӯ бо падараш нарм шуду аз пайи кораш рафт.

– Модаршӯят чанд фарзанд дорад?

– Нуҳ фарзанд, набераҳояш беҳисоб.

– Шояд мӯйсафед хаста шуда буд, ба думболи оромиш мегашт?

– Чӣ хастагӣ? Магар бача мезоид ё бача бузург мекард, ки хаста мешуд! Якумр аз дар берун буд, бечора кампир бори ҳамаро бар дӯш дошт.

– Зани ҳамсоя чандсола аст?

– Синнаш аз панҷоҳ гузаштаст, аммо хуб ба назар меояд, на бача дорад, на набера, шавҳараш калонсол буд, соли гузашта мурд. Хушдоманам гоҳо сари қаҳр мегӯяд: «дасти Марзия сабук аст, иншооллоҳ ин мардакро ҳам ба он дунё мефиристад».

Моҳтоб баланд хандид.

Тамоми ин муддат мунтазир будам, то онҳо зудтар аз суҳбату чойнӯшӣ фориғ шаванд, ҳаяҷон доштам, мехостам Юсуфро бубинам, таҳаввулоти шигифтангезеро интизор доштам. Суҳбати Моҳтобу Парвона тамом намешуд.

– Писарҳо аз чунин падар чӣ панд мегиранд? Ҳатман мегӯянд, агар ӯ тавонист, чаро мо натавонем?

Чун дидам ин суҳбат тамомӣ надорад, оҳиста аз ҷой баланд шудам ва муштоқона ба сари болини Юсуф давидам, ҳеҷ дигаргуние дар ӯ ба назар намерасид. Лабонамро ба гӯшаш наздик овардам ва исмашро садо задам.

Ногаҳон ангушташ дар кафи дастам такон хӯрд, кафамро бо эҳтиёт боз кардам, дасти кӯчакаш дар кафи ман меларзид. Аз ҳаяҷон нохудогоҳ чиғ кашидам...

Моҳтоб Юсуфро дуру дароз муоина кард, аз кори дилаш тасвир гирифт, ба садои шушҳояш гӯш дод, ӯро он қадар ламсу тагу рӯ кард, ки саранҷом шабеҳи гурбаи навзод садо баровард.

Ман аз гӯшае ба ин саҳна нигоҳ мекардам, метарсидам пилк ба ҳам бизанам, то чизе аз назарам наафтад.

Парвона ҳам ҳаяҷонӣ шуда буд:

– Дуктур, ба назарам ранги пӯсташ иваз шудааст, рӯшантар шудаст, ё не?

Моҳтоб ҳарф намезад, намехост осемасар натиҷагирӣ кунад.

Ӯ барои санҷиш моски оксигенро аз сурати кӯдак

бардошт.

– Офарин писари гулам, нафас бикаш!

Ниҳоят лӯлаи тағзияро аз ҳалқи кӯдак берун овард. Барои аввалин бор кӯдакро бе моску лӯлаву сими дастгоҳҳои бақои ҳаёт дидам. Бо он сурати аз лоғари пурчин, гунаҳои фурӯрафта, чашмони дар косахони сар нишаста ва бадани иборат аз пӯсту устухон, шабеҳи пирамарди ҳафтодсола буд.

Моҳтоб аз ошхона барояш шири махсуси кӯдаки якмоҳаро дархост кард ва моеъро бо найча ба даҳони кӯдак чаконд, ғаризаи қурт доданро ёд надошт, шир аз гӯшаҳои лабаш берун омад.

– Ишколе надорад, гурусна монад макиданро ҳам ба ёд меорад.

Моҳтоб корашро тамом карда буд, аммо намехост аз ин мӯъҷиза канда шавад, дасту пойи кӯдакро масҳ мекард ва пушту паҳлӯяшро навозиш.

– Юсуф зиндагиашро мадюни ту аст Санам, ту ӯро аз он дунё баргардондӣ!

– Ин тавр нест духтур, ман дар бедории ӯ нақше надорам, модараш ӯро аз марг наҷот дод.

Ба Моҳтоб аз рӯъёҳоям гуфтам, аз он садо, ки дар гӯшам мегуфт: «Юсуфи маро танҳо нагзор». Ашк дар чашмонаш ҳалқа зад, тӯдаи дар гулӯяш ҷамъшударо ба сахтӣ фурӯ бурд, Юсуфро бағал карду аз ҷой бархост. Дар ҳоле ки буғз гулӯяшро мефишурд, гуфт:

– Муҳаббати модарро бубин, аз он дунё ҳам дар фикри фарзанд аст.

Муддате дар утоқ қадам зад, сипас Юсуфро дубора ба тахти хобаш баргардонд ва чанд қатра ширро ба даҳонаш чаконд. Кӯдак инбор ширро фурӯ бурд!

– Офарин, ана ҳаминхел! Санам, наздиктар биё, ша-

бона худам барояш ғизо медиҳам, масъулияти рӯзҳо бар дӯши туст, инро ба духтур Ганҷалӣ мегӯям, фақат мутаваҷҷеҳ бош, шир дар гулӯяш дарнамонад.

Тамоми шабро дар шодиву ҳаяҷон канори Юсуф гузарондем.

– Метавонам ӯро ба оғӯш бигирам? – пурсидам беҷуръатона аз Моҳтоб.

– Чаро не, ту бештар аз ҳама бар ӯ ҳақ дорӣ! – Моҳтоб шонаҳои маро бағал карду рафт, то хабари аз кома берун шудани Юсуфро ба мақомоти парваришгоҳ гузориш бидиҳад.

Юсуф ором-ором ба худ меомад, садои заифи шабеҳи нолиш аз гулӯяш берун мешуд, нигоҳи чашмонаш дигар бехудона набуд, шароити ҷадидро бо ҳайрат меомӯхт, бо чашмони рез ба ман нигоҳ мекард, ингор маро мешинохт.

Гарданаш ҳанӯз заиф буд, аммо овозамро мешуниду сиёҳии чашмонаш ба тарафи садои ман мечархид. Хилвати ман бо Юсуф зиёд тӯл накашид, аввал Моҳбегим омад, баъд ҳамкорони дигар, ҳама мехостанд ин мӯъҷизаро ба чашми худ бубинанд. Моҳтоб дар ҳузури мудир ва сойири ҳамкорон аз ман ситоиш кард, маро барои парваришгоҳ «ганҷи ноёб» номид ва гуфт, ки заҳматҳоям бояд қадрдонӣ шавад.

– Ин маврид як бори дигар исбот кард, ки ишқ ва муроқибат метавонад кӯдакро аз марг наҷод бидиҳад – Моҳтоб инро гуфту маро ба оғӯш кашид ва модарвор аз ҷабинам бӯсид.

Ӯ барои ман намоди адолат ва устоди дарси шавқату инсондӯстӣ буд. Ман ба андозаи кофӣ баиқбол будам, ки даҳ сол бо Моҳтоб ҳамкорӣ кардам, баъд ӯ барои як моҳ ба назди ягона духтараш ба Русия рафту онҷо мондагор шуд.

Шаби пас аз кома берун шудани Юсуф боз шабаҳи ҳамон зани чодарпӯшро дидам, гӯё хоб медидам аммо ақлу ҳӯшам бедор буд. Ӯ дар пиндорҳои ман ҳамчун модари Юсуф зуҳур мекард, пушти дари ҳуҷраи писараш чамбар зада буд ва бо садое, ки гӯё бо пажвок аз дили кӯҳҳо берун меомад, мегуфт: «Бидон, ки ду дасте дар он дунё ҳамеша бо дуои саломатии ту баланд хоҳад буд».

Ман он қадар ба Юсуф вобаста шудам, ки зиндагиам бе ӯ ғайри қобили тасаввур буд. Саломатиаш тадриҷан рӯ ба беҳбуд меовард, дигар бо найча ғизо намехӯрд, аз заъф арақ мекард, аммо ширро аз пистонак мемакид. Кам-кам вазн гирифт, гунаҳояш гулобӣ шуд, шикофи устухони ҷумҷумааш тадриҷан ба ҳам меомад, нигоҳаш огоҳона буд, ғаризаҳои гумшударо ором-ором ба ёд меовард. Шабе ӯро бағал кардаму даври ҳуҷра қадам мезадам, ногаҳон ба синаам часпид, сарашро бо аҷала ба чапу рост чархонд ва шурӯъ кард ба ҷустуҷӯи пистон. Синаамро бедиранг аз гиребони хилъат берун овардам, пистонро ҳарисона ба даҳон гирифт. Шире дар рагҳои он сина вуҷуд надошт, Юсуф ҳам гурусна набуд, танҳо хумор мешикаст... Аз он рӯз ба баъд ҳар бор, ки ӯро бағал мекардам, пистон мехост. Вақте атроф хилват мешуд, синаамро ба даҳонаш мегузоштам.

Пас аз се моҳ ба утоқи кӯдакони навзод мунтақил шуд, худам барояш тахти хоб омода кардам ва ӯро ба Мавҷигул супурдам. Ҳамеша канораш будам, бо дастони худам ба ӯ ғизо медодам, мешӯстам, мехобондам ва барояш алла мегуфтам. Комҳояш варам карда буданд, дандон мебаровард ва аз дард зуқ-зуқ мекард. Шабҳои навбатдории Мавҷигул Юсуфро ба утоқам мебурдам, то рӯз синаи беширамро мемакиду пистонамро бо комҳои варам гоз мегирифт.

Гулсум на маро хуш дошт ва на алоқамандиам ба он бачаро. Ғур мезад, ки кӯдакро эрка кардаам, ҳеҷ касро ба ҷуз ман қабул надорад. Боре рост ба чашмонам нигоҳ кард ва бо оҳанги ҳушдор гуфт:

– Духтар, ин вобастагиҳо ба ту ва ба он кӯдаки ятим ба ҷуз дард ва ноумедӣ чизи дигаре ба ҳамроҳ надорад, инро аз одаме мешунавӣ, ки ҳодисоти шабеҳи дилбохтанҳои туро понздаҳ сол пушти деворҳои ин идора мушоҳида кардааст.

Он вақт ба суханони ӯ таваҷҷуҳ накардам, гуфтам ҳасуд аст ва аз фарти ҳасодат ҳамаро бо ранги тира мебинад. Аммо Гулсум медонист чӣ мегӯяд...

Юсуф дар ҳаштмоҳагӣ дигар нишоне аз заъфи қалбӣ надошт, кӯдаке буд ширину хушгил, сафедпӯсту сиёҳмӯй, бо чашмони мисли зуғол сиёҳ ва мижаҳои ҷафсу махмалин. Тоби дуриашро надоштам, тамоми рӯз ва гоҳо шаб байни ошёнаи якуму дуюм мерафтаму меомадам. Муҳаббату меҳрубонии беандозаи ман ӯро хушбахт мекард, нигоҳаш босафо буд, шабеҳи кӯдакони хонагӣ ва орӣ аз беҳолию андӯҳи хоси кӯдакони ятим. Маро медиду дастҳои кӯчакашро мисли боли гунҷишк такон медод, мехост ба сӯям парвоз кунад. Гоҳе шабҳо ӯро хумори бағали ман мегирифт, гиря мекард, садои гиряашро аз пушти девор мешунидаму ҳамон лаҳза болои сараш ҳозир мешудам. Гулсум норозиёна сар такон медод, аммо баъдҳо таслим шуд. Суроби маро дар рӯшноии чароғи шаб медиду болопӯшро ба бо қаҳр сар мекашид.

Ӯ дар асл чандон одами баде набуд, ба сари бачаҳо ҷиғ намекашид, дар соати муайян ба онҳо ғизо медод, тозаву тамиз мекард, аммо лутф надошт, ҳатто хушсуханиаш бо кӯдакон дурушту беодобона садо медод. Боре рӯйи тахти хоби Юсуф хам шуда, ӯро ғил-ғилак мекард ва мегуфт:

– Шонс овардӣ бача, ки ин духтари ятим сари роҳат сабз шуд, вагарна то ба ҳол сабзаи гӯрат як ваҷаб рӯйида буд.

Барои ояндаи Юсуф барномаҳое доштам ҳаяҷонангез, бо худ мегуфтам: «Пул дорам, ҷойи кор дорам, чун ба ҳаждаҳ расидам, дарҳол хонаеро иҷора мегирам ва ӯро расман ба фарзандӣ мехонам». Аммо ҳеҷ чиз он тавр нашуд, ки ман мехостам, ҳама чиз ҳамон тавре шуд, ки Гулсум пешгӯйӣ мекард.

Авоили тобистон бо дипломи хатми мадраса ба парваришгоҳ баргаштам ва хостам ин хабари хушро аввал ба Моҳбегим бирасонам. Дар дафтари корияш танҳо набуд, меҳмон дошт, як зани сурхинарӯй, бо шонаҳои паҳну бозувони кулуфт, лабони нозук ва бинии гуштӣ. Дар гӯшаи бинӣ ва рӯйи чонааш холҳое дошт ба андозаи нахуд бузург. Зару зевар зиёд пӯшида буд ва сарватманд ба назар меомад. Марде мухтараме ӯро ҳамроҳӣ мекард, хушқиёфа, хушлибос, монанди мақомдорҳо боэътибор ва бо чеҳрае, ки дар як нигоҳ ҳифз мешуд. Синни ҳар ду шояд марзи чиҳилро убур мекард.

– Ана худаш ҳам омад! – гуфт Моҳбегим бо як шодии сохта. Он ду нафар мисли бачаҳои мадрасаӣ ба таври ҳамзамон аз сандалӣ баланд шуданд. Ангӯштҳои сергӯшти зан аз ҳаяҷон меларзид.

– Достони Юсуфро қисса мекардам, мегуфтам, ишқу меҳрубонӣ инсонро аз он дунё ҳам бармегардонад! – Ҳаяҷони дурӯғини Моҳбегим маро асабонӣ мекард, дар ин ҳафт моҳ бо хулқу хӯяш каму беш ошно шудам, медонистам, чӣ замоне хушҳолиҳои тақаллубиро ба кор мебарад.

Занги якнавохте гӯшамро убур кард, ҳарфҳои Моҳбегимро дигар нашунидам, фақат ҷумбидани лабонашро медидам. Меҳмонҳо бо таҳсин сар такон доданд, чашмо-

нашон лабрези сипосу қадрдонӣ буд. Ногаҳон ба назарам расид, ки муддатҳо пеш ин саҳнаро бо ҳамин ҷуфт тарҷруба карда будам, гӯё идомаашро медонистам: Моҳбегим аз ҷой баланд мешавад, маро бағал мекунад ва мегӯяд: «Бирав духтарам, баъд суҳбат мекунем». Дақиқан ҳамин тавр шуд.

Парешону сардаргум, зери осмони хокистарӣ, ки дар оғози тобистон се рӯз боз замину замонро ғарқи обу селоб карда буд, байни дарахтони хису сар ба зер беҳадаф қадам мезадам.

Он қадар дар он боғ қадам задам, ки як нахи хушк дар танам боқӣ намонд. Саранҷом ба дарахте такя задаму зонуи ғамро бағал кардам.

Ногаҳон овози дурагае ба гӯшам расид, ки мегуфт:

– Нигарон набош, ҳама чиз тағйир мекунад, дунё ҳамеша мечархад, ғам ҷойи шодиро мегирад, ҳеҷ касу ҳеҷ чиз мисли қабл намемонад.

Бо тааҷҷуб рӯ ба садо чархидам.

– Худои ман, ин ҳамон нигаҳбони парваришгоҳ буд, ҳамон марде, ки аз диданаш раъша бар андомам меафтод ва гӯшҳоямро мебастам то садои хирриашро нашнавам!

Чашмони нофизу лабханди мармузе дошт, нигоҳаш ба қадре рахнагар буд, ки ингор роҳат ба зеҳни мардум ворид мешуд ва афкори ононро бемалол мехонд. Ба нудрат пилк мезад, вақте механдид чашмони гирду бузургаш намехандиданд ва ин тасвир дар бинанда як эҳсоси мубҳами ноҳинҷор бармеангехт. Пӯсти сурати офтобхӯрдааш мисли чарми қадимӣ чандир ба назар мерасид, гунаҳои баланди устухонӣ дошт ва бинии шабеҳи бинии худоҳои юнони бостон... Дар он чеҳраи мисли ҳайкал сахту дурушт ягона узви сафеду зебо дандонҳояш буд, вақте лабханд мезад, дурдонаҳое аз байни лабҳои мисли сипурз кабудранги ӯ

медурахшид. Аз он риши кӯтоҳи омехта бо ранги сафед, мешуд ҳадс зад, ки эҳтимол панҷумин даҳаи умрашро ба сар мебарад. Дар парваришгоҳ зиндагӣ мекард, мисли ман, гӯё ҷое барои рафтан надошт. Ҳам фаррош буд, ҳам боғбон ва ҳам нигаҳбон.

Довуд ном дошт, вале касе ба ҷуз Моҳбегим ӯро бо ин ном садо намезад. Худаш низ гӯё бо ин ном бегона шуда буд, ки гоҳи авқот вақте ӯро «Довуд» садо мезаданд, аз ҷой такон намехӯрд. Дар ҳузуру ғиёбаш аз ӯ «акаи нигаҳбон» ном мебурданд.

Гузори замон ингор барояш муҳим набуд, ҳавелиро соатҳо тамиз мекард, бо оромӣ ва бо замзамаи як оҳанги ношинос, ки бо харош аз гулӯяш берун меомад, мисле, ки барояш дард эҷод мекард.

Ғурфаи нигаҳбонии ӯ дар гӯшаи дури боғча қарор дошт ва бо сӯсӯии чароғи шаб кулбаи ҷодугаронро ба ёд меовард.

Аввалин бор ӯро ҳафтаи сеюми корам аз наздик дидам, дар саҳни ҳавелии парваришгоҳ, вақте гурӯҳе аз кӯдакони бузургтарро баъди субҳона ба гардиш мебурдам. Бо ҷорӯби аз қомати болояш баландтар дар васати ҳаёт беҳаракат меистод ва ба кӯдакон, ки даст ба домани якдигар, мисли ҳалқаҳои як занҷир аз бино берун меомаданд, зул мезад. Дар бар абои кӯҳна дошт, бо бораҳои дар камараш фурӯкарда ва даври сараш як матоъи сиёҳ, ки ӯро ба мардҳои шамшерзани қафқозӣ монанд мекард. Дар пой чакмаҳои нимдошти сарбозӣ дошт ва дастҳои харошхӯрдае, ки рагу риштаҳояшро бароҳатӣ мешуд баршумурд.

Ҷорӯбашро раҳо карду алорағми коҳилии маъмулӣ сареъ худро ба назди бачаҳо расонд, лабханди бармуз лабонашро аз ҳам ҷудо кард ва раддаи дандонҳои сафедашро урён. Дастони серрагу пояш дар пушту паҳлӯи ба-

чаҳо парса мезад, онҳоро навозиш мекард, гунаҳояшонро мебӯсид. Бачаҳои дар ҳасрати навозиш низ ба ӯ ҷафс мешуданд ва ба ронҳояш мечаспиданд. Ваҳшати ғайри қобили тавсиф вуҷудамро такон дод, шабеҳи мурғе, ки ҷӯҷаҳояш ба доми шағол афтодаанд, даври кӯдакон парпар мезадам ва онҳоро аз он мард дур мекардам. Он қадр ҷиғ задам, ки бачаҳо гиҷу ҳаросон аз ӯ фосила гирифтанд.

Нигаҳбон қомати хамшудаашро ба оромӣ боло овард ва бо сурате, ки дар он нишоне аз лабханди маъмулӣ намонда буд ва бо чашмони пур аз сарзаниш ба ман нигоҳ карду бесадо дур шуд.

Ҳамон бегоҳ вақте аз долони нимарӯшани ошёнаи дувум ба сӯйи утоқам мерафтам, ногоҳ эҳсос кардам, ки танҳо нестам, башиддат ба ақиб баргаштам, ҳамон мардро дидам, лабханд мезад ва дастҳои серрагупаяшро бо як ғирғирак ва як арӯсаки фарангӣ ба самти ман дароз мекард. «Инҳоро бачаҳо дар боғча ҷо гузоштанд». Бо ҳарос худро ақиб кашидам.

Асбоби бозиро дар тоқи панҷара гузошт ва пушт ба ман ба сӯйи паллаҳо қадам бардошт. Сипас чархиду бо ҳамон овози хиррӣ, ки дар долони холӣ баланду тарснок садо медод, гуфт: «Чашмони мо гоҳо дурӯғ мегӯянд, ҳама чиз он тавре нест, ки мо мебинем».

Ҳар гоҳ ӯро медидам, дамдамае вуҷудамро фаро мегирифт, муштҳоям аз талхии кинаи дерина ва интиқоми настонда гиреҳ мезад ва дандонҳоям аз ғазаб ба ҳам бармехӯрд, агарчи эътироф намекардам, аммо дар симои ӯ шавҳари холаамро медидам...

Аз ин нороҳат будам, ки ҳеҷ кас намехоҳад ба моҳияти ин марди машкук бипардозад. Саранҷом бо ин шакку тардид Фавзияро ранҷондам, гӯё ба авлоду аҷдодаш иҳонат карда будам, ки бо қаҳр гуфт: «Ҳақ надорӣ ба ин мард

туҳмат бизанӣ, агар дар дунё ду инсони беозору наҷиб бошад, якеаш ҳамин нигаҳбон аст».

Агарчи имонам ба Фавзия бе қайду шарт буд, аммо замонати ӯ маро қонеъ накард, баръакс, бештар эҳтиёткор шудам. Шабҳо аз тарс дари утоқамро мебастам, рӯзона вақте бачаҳоро берун мебурдам, ки ӯ дар саҳни ҳавелӣ набошад. Зоҳиран, бадбинии маро эҳсос карда буд, худро ақиб мекашид ва мекушид дигар сари роҳам пайдо нашавад.

Инак, он мард дар ин ҳавои боронӣ, ки саг аз хонааш берун намеомад, рӯ ба рӯям сари зону нишаста буд. Об аз сару рӯяш сарозер мешуд ва пӯсти гарданаш аз раъшаи қатароти сарди борон тани мурғи паркандаро ба хотир меовард. Ӯ бо ҳамон чашмони нофиз ҳар порчаи сура-тамро меомӯхт, саранҷом нигоҳаш дар чашмонам қарор гирифт.

– Бачаро ба ту намедиҳанд... аз ӯ дил бикан, азияташ накун, хонаводаи меҳрубоне ба суроғаш омадаст, бо ишқ бузургаш мекунанд, бароящ хушҳол бош.

Инро гуфту ба сӯям даст дароз кард, мутеъона дасташро гирифтам ва ба думболаш рафтам.

Эҳтимол он лаҳза аз ҳад беш муҳтоҷи муҳибат будам, вагарна бо бадгумонии беандоза, ки ба ин мард доштам, бояд чорнаъл аз ӯ фирор мекардам.

Хонааш на қуфл дошт на калид, кофӣ буд дастгирро ба сӯйи худ бикашӣ. Ба маҳзи боз шудани дар бухори ғализ ва гармии олуда бо бӯйи чарбии гӯсфанд ба суратам зад.

Дохили ғуфра гармои олӯда ба намӣ дошт, пораҳои гӯшт ва думбаи гӯсфанд дар як дег рӯйи печи барқӣ меҷӯшиду ҳавои дохилро хис мекард. Он рӯз хайрхоҳе ду-се гӯсфандро ба парваришгоҳ хайр карда буд ва нигаҳбон

порае аз ҳамон гӯштро мепӯхт. Ӯ дегро аз рӯйи печ бардошту рӯйи як чаҳорпояи худсохт гузошт, ки эҳтимол ҳам суфраи ғизохӯриаш буду ҳам ошпазӣ, рӯйи миз як пиёзи пӯстканда ва як помидори нопӯхта низ дида мешуд, онҳоро эҳтимол аз гулхонаи парваришгоҳ бардошта буд.

Ғуфра бо арзу тӯли ҳудудан се метр тозаву мураттаб ба назар мерасид, васоиле дошт ба ҳисоб ва муносиб ба андозааш: як панҷараи кӯчак, як тахти тошав, як гилеми қадимӣ, як косаву як қошуқ, як чойник ва як сандалии пояҳояш кӯтоҳ.

Ӯ ҳар порчаи ин фазои тангро ҳушмандона ба кор мебурд: тахтаҳоеро мисли паллаи нардбон ба девор зада, барои либосҳояш «ҷевон» сохта буд ва аз чӯбу лӯлаҳои филизӣ барои кафшҳояш «комод».

Аз тамоми ин ҷиҳоз танҳо як куту шалвори дохили ҷилди шаффоф ба тасвири ин «қаландари ҷандапӯш» созгор набуд. Сайъ кардам ӯро бо ин либоси замонавӣ тасаввур кунам, аммо нашуд, ӯ дар зеҳни ман бо ҳамон сарбандаки қафқозӣ ва абои нимдошт нақш баста буд. Дар девори ғуфра ба ҷуз танҳо як акси қадимӣ вуҷуд дошт, акси марди ҷавону хушқиёфа бо ду писараки панҷ-шашсола, акси нафари чаҳорумро зоҳиран бо қайчӣ бурида буданд, аммо дасташ бо ҳалқаи издивоҷ рӯйи шонаи мард мехобид.

Дар лиҳофи чун барф сафеди тахти тошав як радиои кӯчак ва як китоби ғафси нимабоз дида мешуд.

Алорағми хусумат ва беэътимодии қаблиам ба нигаҳбон, он рӯз бо ӯ эҳсоси ҳамрӯҳӣ ва ҳамнавоӣ кардам. Ҳатто дилам ба ҳолаш сӯхт.

Ҳарду ба қатраҳои бузурги борон, ки аз панҷараи боз ба рӯйи печи доғ меафтид ва «ҷаз-ҷаз» садо дармедод, хира шудем.

Ногаҳон ӯ лаб ба сухан боз кард.

– Гоҳи авқот барои суқути зиндагӣ танҳо як сония кофӣ аст, мисли шишаи панҷара, ки дар фосилаи як нафас аз санги тасодуфии бачае аз хиёбон тикка-тикка мешавад. Вақте чизеро дорӣ хаёл мекунӣ ҳамеша ҳамин тавр мемонад, вақте аз даст рафт, он вақт аст, ки бароят сад баробар арзишманд мешавад. Ман дар чиҳилумин баҳори зиндагиам, дар як рӯзи боронӣ, ки аз рӯзҳои дигари он фасли пур аз рутубат тавофут надошт, аз хона берун омадам. Чатрамро боз кардам, аммо дилам намехост дур шавам. Зери борон, дар мобайни кӯча, ба манзилам хира шудам. Аз дохил хандаи бачаҳоям ба гӯш мерасид, он садо хушбахтӣ илқо мекард, ҳамсарам аз паси панҷара ба сӯям як бӯсаи ҳавоӣ фиристод ва рафт то пероҳани шабро, ки ҳамранги чашмони обиаш буд ва ба таври шигифтангез ба ӯ мезебид, аз тан берун биёварад.

Ногаҳон андӯҳи бузург, ба бузургии санги осиё рӯйи қалбам нишаст ва маззаи ношинос ба талхии ширинкоҳ, кому забонамро бурма кард. Як ҳиссе ба ман гуфт: «Ин хонаву хонаводаро барои охирин бор мебинӣ».

Як соат баъд вақте дар такяи нардаи оҳанӣ ба маҳалли сохтусоз боло мешудам, ногаҳон раъду барқ ба ман исобат кард. Дар он як лаҳза тамоми зиндагӣ аз пеши чашмам гузашт... Сипас, бӯйи пашм ва пӯсти сӯхта ба димоғам расид, вуҷудам оташ гирифт, хаёл кардам дорам дар тоба бирён мешавам. Ин танҳо чизе буд, ки аз он рӯз дар ёдам монд. Барои як сол ба кома рафтам, ҳастиям дошт ба самти нестӣ мерафт. Гоҳе садоҳоро мешунидам, вале ағлаб беҳӯшу беёд будам. Боре шунидам, ки духтур ба ҳамсарам мегуфт: «азияташ накунед, ин одам дигар мисли як сабзавот аст, иҷоза бидиҳед дастгоҳи бақои ҳастиро хомӯш кунем». Ҳамсарам шакку тардид дошт.

Вақте аз он беҳушии тӯлонӣ берун омадам, дигар на зан доштаму на фарзанд ва на хонаву ҷой. Ҳамсарам билохира дархости дуктурҳоро қонеъ кард, баъд хонаро фурӯхт ва бо писаронам ба хориҷ рафт. Ҳатто фикр накард, ки агар ҳам мурда бошам, кӣ бояд маро ба хок бисупорад. Ман ятими парваришгоҳ будам ва ба ҷуз ҳамсару бачаҳоям касеро надоштам.

Духтурҳо маро барои ним соли дигар дар он дастгоҳ нигаҳ доштанд, далелашро намедонам, ин ҳам аз ҳамон мӯъҷизаҳои ғайри қобили тавзеҳ аст. Ним сол баъд, дуруст як рӯз қабл аз хомӯш шудани дастгоҳи бақои зиндагӣ худ ба худ, аз кома берун омадам. Аввалин тасвире, ки дар зеҳнам бурӯз кард, ҳамсарам буд, ӯро дар як кишвари хориҷӣ дидам, либосаш хориҷӣ буд, забонаш низ... танҳо набуд, мардеро ба ҳамроҳ дошт ва даври он мард мисли парвона бол мезад. Ҳама чиз баякбор дар назарам рӯшан шуд, мисли дурахши нур, гӯё он лӯлаи радду барқ, ки зиндагиамро ба нестӣ бурд, дубора аз паҳлӯям убур кард...

Соиқа ҳама дороиҳои арзишмандамро аз ман рабуд, аммо дар иваз як ҳисси шигарфе ба ман дод, гоҳе ҷизҳоеро мебинам, ки намехоҳам бубинам...

Аз он ҷо ки суратам тираву номаҳамвор шуд, ошноҳо маро намешинохтанд, вақте ба дафтари ширкати сохтмонӣ рафтам то васоиламро бардорам, нигаҳбон аз ҳайрат шах шуд. Гоҳе аз чашмони мардум мехонам, ки мегӯянд: «Магар мешавад бо чунин мавҷудияти риққатбор ба домани зиндагӣ чанг зад?» Худам низ ҳайронам... Мурдан тарснок нест, ман маргро таҷруба кардам, шояд аз рӯйи кунҷковӣ зиндагӣ мекунам то бубинам баъдаш чӣ мешавад... гумон намекунам Худованд маро танҳо ба хотири ин ҳастии беарзиш ва беҳадаф аз он дунё баргардонд.

Нигаҳбон дар ин нуқтаи достонаш сукут кард ва чанд

сония ба сурати ман хира шуд.

– Одамҳо тасодуфан даргири моҷароҳо намешаванд, ҳарчи мо мекашем, реша дар сарнавишт дорад. Омадани ту ҳам ба ин ғамхона беҳикмат нест, аммо аз ҳамаи мардум бо як меъёр андоза нагир, одамҳо мутафовитанд. Ҳеҷ кас бачаҳои ятимро беҳтар аз ман дарк намекунад, ман роҳеро пўйидам, дарднок, бераҳм, хордор ва медонам аз сари ятим чӣ мегузарад... Бо диданашон қалбам ба дард меояд, бўйи кўдакии риқатбор дубора ба машомам мерасад ва тамъи ятимӣ комамро талх мекунад... Мехоҳам ҳар якеро ба оғўш бигирам, навозиш кунам, меҳрубонӣ беҳтарин доруест барои рўҳи захмии як ятим, доруе, ки мутаассифона дар давохонаи парваришгоҳҳо ёфт намешавад.

Ногаҳон ҳолате ба ман даст дод, ки ҳаргиз таҷруба накарда будам, чизе дар вуҷудам бо суръати нур буруз кард, гўё ҷодў шудам, наметавонистам аз нигаҳбон чашм бардорам. Он чеҳраи то дирўз бароям зишт ва машкук пеши чашмам бо беҳтарин қашангӣ тағйири андом мекард.

Як майли девонавор, як эҳсоси бароям бегона, як раъшаи ҳаҷонбарангез мисли вулқон аз аъмоқи вуҷудам сар кашид ва мавҷи оташинаш рўҳу ҷонамро фаро гирифт. Мехостам нигаҳбонро бибўсам...дастонамро бар гарданаш ҳалқа кунам ва сар ба шонаҳои матинаш бигузорам. Васвасае буд қавитар аз хираду ҳайсияту ҳаё, як эҳсоси хуморолуди байни рўъё ва бедорӣ. Он қадр ба ў хира шудам, ки аввал нигоҳи пурсишомезе ба ман афканд ва баъд бо хиҷолат чашмонашро поин андохт.

Ёдам нест чигуна аз ҷоям баланд шудам ва чигуна ўро аз ҷояш баланд кардам, танҳо лаҳзаеро ёд дорам, ки лабонам ба лабҳои сарду фишрудаи ў часпид, ҳамон тавр ки забон дар сармо ба лўлаи яхзада мечаспад. Намедонам чӣ қадр дар ин ҳолат истодам, ингор як қарни тамом гузашт,

то лабонаш оҳиста аз ҳам ҷудо шуд. Ларзиши баданашро эҳсос кардам ва нафасҳои ноҳамворашро, чанде гиҷу сардаргум истод ва сипас маро танг дар оғӯш гирифту боло бардошт, гӯё ҷонам аз баданам раҳо шуд ва рафтам пайи як парвози озод. Дар ӯ ҳулул шудам.

Дар авҷи ин парвоз ногаҳон чашмонамон ба рӯйи ҳам боз шуд, пилкҳоямон аз ҳайрат ях баст, чеҳрааш аз тарс дарҳам рафт, мардумаки чашмонаш гушод шуданд, дар холе, ки бехудона сар такон медод, худро аз ман канор кашид.

Аз ғуфраи нигаҳбон шабеҳи майзадаи шаб дар бағали хуми шароб хуфта берун шудам, пой бар поям мепечиду сарам мечархид. Бо ҳарос ба атроф нигоҳ кардам, аммо на аз тарсе, ки мабодо касе аз ғуфра берун шуданамро дида бошад. Ин нигаронӣ дар муқоиса бо он эҳсоси марғуб, ки вуҷудамро раҳо намекард, ҷузъиёте буд бетаъсир. Ман танҳо аз майле метарсидам, ки поямро дубора ба сӯйи ғуфра мекашонд.

Борон ҳамоно меборид, баландии об то соқи по мерасид ва замини пур аз ҳубоб деги дар ҳоли ҷӯшро мемонд. Чунин тобистони борониро касе ёд надошт. Кори мурабиҳои басти рӯз ба поён расида буд, аммо борон имкон намедод онҳо ба хонаҳояшон баргарданд. Онҳо ҳар лаҳза сар аз панҷара берун меоварданд, то шиддати боронро имтиҳон кунанд. Ман бо давр задани сутуни барқ, ки симҳои фарсудааш аз тамос бо якдигар шарора пахш мекард, то соябони даромадгоҳ расидам.

Ба маҳзи ворид шудан ба утоқ худро ба тахти хоб андохтаму болопӯшро ба сар кашидам. Мехостам ҳар сонияи он лаҳзаи марғубро дубора зиндагӣ кунам.

Намедонам, он васваса, ки мисли раъду барқ ногаҳон ба ман исобат кард, чӣ ном дошт, аз куҷо расид ва мабнӣ

бар чӣ эҳсосе буд?

Шояд ҳақ бар Эронгул буд, ки мегуфт: «Ин ишқ нест азизам, вобастагиест ношӣ аз осебҳои замони кӯдакиат, аз ҳасратҳои бепадарӣ, азбас пуштат холӣ аст, ағлаб ба думболи такягоҳ мегардӣ».

Ҳоло ин ҳарфро қабул дорам, аммо он замон аслан мантиқӣ набудам. Чӣ рӯъёҳое намедидам! Дар он рӯъёҳо бо нигаҳбон издивоҷ мекардам, Юсуфро фарзанд мехондам, нигаҳбон барои мо хонае месохт мисли як қасри афсонавӣ ва ман ҳар субҳ бо пероҳани ҳарири обӣ аз панҷараи он хона ба сӯйи ӯ бӯсаи ҳавоӣ мефиристам...

Аз ин ҳолати ҷадид он қадар сархуш будам, ки мехостам ҳама ҷо аз хушбахтиям ҷор бизанам! Вуҷудам барои он эҳсоси ширин тангӣ мекард, мехостам бо ҳама дарди дил кунам, мехостам ҳама аз ӯ бигӯянду ман бишнавам, аммо аз он ҷо ки ин алоқамандӣ бо ҳинҷорҳои муҳити зиндагиам носозгор буд ва чизе ба ҷуз маҳкумияту тамасхурро ба думбол надошт, сайъ мекардам сархушиям аз чашми дигарон пинҳон бимонад.

Аз он ҳодиса як ҳафта сипарӣ шуд, нигаҳбонро дигар надидам, ё аз ғуфрааш берун намеомад ё замоне берун меомад, ки ман дар атроф набудам, мисле, ки худро аз ман канор мекашид. Корам шуда буд давидан ба пойи панҷара ва сарак кашидан ба ҳар гӯшаи боғ. Саранҷом бо ҳам рӯ ба рӯ шудем, тасодуфан, дар роҳрави торики ошёнаи аввал, дар ҳавзаи кори Фавзия. Маро диду дар ҷояш ях кард, чашмонаш аз тааҷҷуб бузург шуданд, изтиробаш ба вузӯҳ эҳсос мешуд, ба ҳадде, ки дасташ меларзид ва бастаи калид дар кафаш садо дармедод. Ба ӯ наздик шудам, ончунон ки нафасҳоямон ба ҳам печид, намедонам он ҳама ҷасорат ва густохиро аз куҷо гирифтам! Хостам гунаашро навозиш кунам, дастамро аз ҳаво бардошт ва бо ҷиддияти

том гуфт:

– Дигар ин корро такрор накун...

Он қадр зуд аз канорам рад шуд, ки фурсат надоштам лаб боз кунам.

Ингор бо путк ба сарам кӯбиданд, аз хиҷолату ноумедӣ ва аз сукути хаёлпардозиҳоям гиҷ шудам, аз фарти сархӯрдагӣ роҳраву паллаҳоро чаҳор бор шустам, то Фавзия омаду васоилашро аз дастам гирифт. Кунҷкоб шуд, то бидонад аз сари ман чӣ мегузарад, ба ӯ чизе нагуфтам, баъид медонистам маро дарк кунад. Охир кадом ақли солим ишқи як наврас ба марди се баробар бузургтар аз ӯро мепазирад?

Аммо ҳамон тавр ки мегӯянд: «Ҳарки товус хоҳад ҷаври Ҳиндустон бикашад»

Шабе аз шабҳо, вақте Ганҷалӣ хобиду Ситора дар сандалии долон пинак мерафт, бемористон ҳам маризи бадҳол надошт, оҳиста роҳи ғуфраи нигаҳбонро пеш гирифтам, то пушти дар қотеъона рафтам, вале ногаҳон ба рафтори худам машкук шудаму таваққуф кардам. Намехоҳам гуноҳи густохиамро бар души Эронгул гузорам, аммо ӯ буд, ки ҳамеша мегуфт, нолаи даҳонатро соҳиб бош, то онро зоғ набардорад.

Хоби нигаҳбон мисли хоби заргӯш будаст, ҳанӯз даст ба дастгир дароз нокарда будам, ки бо тани нимаурён дар рӯ ба рӯям зоҳир шуд, моту мабҳут ба ман нигоҳ мекард, вале бе он ки чизе бигӯяд, дарро башиддат ба рӯям баст. Ҳайрону шарманда будам ва аз омаданам садҳо бор пушаймон. Бо сари хамида азми бозгашт кардам, аммо дари ғуфра дубора боз шуд, нигаҳбон дугмаҳои пероҳанашро мебаст ва ҳамзамон ҳаросон ба атроф нигоҳ мекард, бечора нигарони ҳарфи мардум буд.

Ниҳоят рӯ ба ман оварду норозиёна пурсид:

– Духтар, ту дар ин нимаи шаб ба думболи чӣ мегардӣ?

– Намедонам, хостам шуморо бубинам.

– Иттифоқе афтодааст?

Барояш варақ-варақ ҳарфи омода доштам, аммо ҳама баякбор аз зеҳнам парид, садоям аз шиддати риққат ва ноумедӣ меларзид.

– Маро поям ба инҷо кашонд...

– Пас, ин пойҳоят ҳастанд, ки ба ҷойи ту тасмим мегиранд?

– ...Фақат мехостам бо шумо суҳбат кунам.

– Бигӯ мешунавам.

– Ҳис мекунам, ки худро аз ман канор мекашед... магар кори баде кардаам?

– Чаро ман бояд ин корро кунам?

– Намедонам...шояд ба ин делел, ки маро бӯсидед... Ва ман ба шумо алоқаманд шудам.

– Бубин духтар, ту он тирагии лаҳзаинаи зеҳни маро бо ҳисси дигаре иштибоҳ нагир, як васвасаи берун аз ихтиёр буд. Баъдан, ту барои ин ҳарфҳо хеле ҷавон ҳастӣ... Нигаҳбон сукут варзид ва ба самти боғи нимарӯшан нигоҳ кард.

– Ҳо, он нахлро мебинӣ? – Ӯ бо ангушт ба сӯйи дарахти навбару рӯ ба нумӯъ ишора кард, ки дар партави моҳи комил мисли арӯс пероста ба назар мерасид.

– Шаҳомату сарафрозиашро мебинӣ? Саршор аз зиндагӣ аст, лабрези зебоӣ, умри тӯлонӣ ва пурборе дар пеш дорад, инро медонад ва дар баробари дарахтҳои пиру фартут фахрфурӯшӣ мекунад.

Нигаҳбон муддате бо ҳавас ба нахли ҷавон хира шуд, баъд ангушт ба тарафи муқобил баланд кард:

– Акнун ба он дарахт нигоҳ кун. – Ангушти ӯ ба сӯ як дарахти пир баланд шуд, ки тани захим дошту камари

кақ ва шохаҳои хушкида, баргҳояшро мешуд ба вузуҳ шумурд.

– Се бор аз нахлҳои ҷавон соқа буридам ва ба тани ин дарахти пир пайванд задам, аммо насабзид... чун замонаш гузаштааст.

Ӯ бодиққат ба ман нигоҳ кард, мехост бидонад, ки оё паёмашро гирифтам ё хайр

– Ман метавонам як дӯсти вафодор бошам, фидокор ва ҳамеша омодаи кӯмаку пуштибонӣ... аммо барои нақшҳои дигар номзади муносиб нестам, чун замони ман гузаштааст...

Бо нигаҳбон қаҳрӣ шудам, ӯро медидаму абрӯвонам ба ҳам меомад, чашмонам аз ғазаб рез мешуд ва бо асабоният аз ӯ рӯ метофтам. Аммо марҳилаи қаҳру эътирози ман тӯл накашид, ҳодисоти муҳиме пушти ҳам иттифоқ афтод ва он ишқи ноком худ ба худ ба ҳошияи хотиротам парт шуд.

Шабе як хоби аҷиб дидам, хоби ҳовӣ аз ҳаёҳӯй, мисли саргардонии тӯйхонаҳо, пур аз шитобу изтироб, суфраҳои бози лабрез аз ғизо. Ҳамон зани чодарпӯшро дидам, модари Юсуфро, билохира гӯшаи чодарро аз сураташ канор зада буд, сурате дошт зебо, бо пӯсти мармарин, чашмони бузурги мисли зуғол сиёҳ, шабеҳи чашмони Юсуф... вале лабони мисли сипурз кабуд ва ҷӯяи хун, ки байни шақиқа ба гунааш хушкида буд. Ҳама ба тамошояш баромаданд, васати парваришгоҳ чарх мезаду зану мардро ба рақс мекашид, дар тан пероҳане дошт аз махмали сафед, бо лаккаҳои хун, мисли садбарги сурх дар барфи нуқраӣ.

Баъд он рӯъё шабеҳи каломи як маризи гирифтори тафаккури номунсаҷим ба саҳнаи дигар печид, худамро дар синни тифлӣ дидам ва нигаҳбонро, ки қиёфаи писа-

ри бузурги хола Қаламро ба худ гирифта буд ва маро дар бағал такон медоду дар гӯшам лолоӣ мехонд, нигоҳи пур аз ишқу алоқамандиаш маро ба хоб мутамоил мекард, ба таври тасвирнопазир хушбахт будам.

Чашмонамро ба рӯшноии бомдод боз кардам, ҳисси ваҷдомези он рӯъёи тӯлонӣ, ҳанӯз реша дар вуҷудам дошт. Аз panҷара ба берун нигаристам, борони шаби гузашта мутаваққиф шуда буд, вале қатароти об аз баландии боми филизӣ мелағзиду бо садо ба замин меафтид ва тавре менамуд, ки ҳаво ҳанӯз ҳам меборад.

Ронандаи Моҳбегимро дидам ва парастори бемористонро, ки бо қабзаи гул ва ҷаъбаҳои шириниву торт аз даромадгоҳ ворид мешуданд. Ба худ гуфтам, шояд касе аз кормандон зодрӯз дорад. Ҳамкорони басти шаб ҳанӯз дар сохтмон равуо доштанд, пас ҷаласае дар роҳ буд. Моҳбегими хоксор ҷаласаву суханронӣ ва панду андарзгӯиро дӯст медошт, ин ягона фурсате буд, ки ӯ бартарии худро бар зердастонаш таъкид ва эҳтироми худро воҷиб мекард. Бечора намедонист, ки ҳар як иҷрои ӯ баъдҳо мавзӯи хандаву тамасхури зердастонаш мешавад.

Дар ҳамин фикрҳо будам, ки дари утоқам ба шиддат боз шуд ва бод варақҳои дарсамро аз рӯйи миз ба самти панҷара парт кард. Пушт ба дар меистодам, ҳадсе даркор набуд, танҳо Гулсум метавонист ҳар дареро мисли дари хонаи худ бидуни риояи одоб боз кунад. Аз дами дар бо таассуф ба ман чашм дӯхт, мисли зоғ дар нулаш «хабар»-е оварда буд, хеле сукут кард, эҳтимол изтироб дошт, ё шояд мехост рӯйи ман таъсири бештаре бигзорад. Ниҳоят гуфт: «Юсуфро мебаранд», табли шодӣ намезад, фақат омада буд бигӯяд: «туро огоҳ карда будам!»

Эй кош инро мегуфт, аммо ҳарфи дигаре гуфт:

– Ғам нахӯр духтар, фардо худат даҳто бача мезойӣ!

Ғофилгир шудам, агарчи он зани чоқ ва он марди муҳтарамро медидам, ки рӯз дар миён пӯшае дар бағал ба дафтари Моҳбегим равуо мекунанд, вале ҳанӯз мӯъҷизаеро интизор будам. Қалбам гӯё аз сина ба партгоҳе ҷар шуд ва ман садои ба замин бархӯрданашро бо гӯши худ шунидам.

Юсуфро Гулсум ба утоқам овард, ӯро рӯйи тахтам гузошту бесадо аз дар берун рафт. Писаракамро бо ашк «шустушӯ» додам, ҳар тиккае аз баданшро бӯсидам, либосҳои қашангро, ки волидони ҷадид ҳамроҳ бо лагану карсонҳои пур аз ҳадяву ғизо ба парваришгоҳ оварда буданд, ба танаш кардам, ба сару рӯяш атру крем молидам, мӯйҳояшро шона задам, то нагӯянд модархондаш аз бача хуб муроқибат намекард... Нигоҳи чашмони бузург ва шабеҳи зуғол сиёҳи ӯ ҳаракати дастонамро думбол мекард, аммо гарангу малул менамуд, мисле ки чизеро ҳис мекард. Синаамро берун овардам ва ӯро бағал кардам, хостам барои охирин бор пистонамро ба даҳон бигирад, рӯяшро ба тарафи дигар чархонд…

Ҳама барои бадрақаи Юсуф дар толори парваришгоҳ ҷамъ шудем, ашкҳои олуда ба шодиву ғам дар чашмҳо ҳалқа мезад ва гунаҳои бача аз ранги лабҳои занон сурх мешуд. Моҳбегим ба ин муносибат либоси расмӣ ба бар карда буд, чашмонаш ҳавзи пуробро мемонд, вале лабонаш аз хушҳолӣ ба ҳам намеомад. Ӯ фарзандхониро бахши муқаддаси кораш медонист... бо ҳаяҷон ва буғз дар гулӯ нутқи оташине ироа кард, сипас бо ишораи чашму абрӯ ба ман гуфт, ки Юсуфро ба модараш бисупорам. Аз ҷой такон нахӯрдам, мисли бачае, ки бозичаи мавриди алоқаашро ба зӯрӣ аз дасташ мегиранд, кӯдакро маҳкам ба синаам пахш кардам, буғз роҳи нафасамро гирифт, дар ман хоҳише бурӯз мекард, ки мисли саги сӯзанхӯрда улос

бикашам. Чашмҳо ба сӯйи ман дӯхта шуданд, нигоҳам ҳамаро аз як сар чарх зад ва дар чеҳраи беҳаракати нигаҳбон нишаст. Ӯ бо аломати «бачаро бидеҳ» пилк ба ҳам зад... Ногаҳон ҳозирон ҳама дар назарам ноҳозир шуданд, танҳо он зани чодарпӯшро дидам, ки сафи коргаронро рахна мекарду ба сӯйи ман меомад, пойҳояш аз замин канда буданд, гӯё парвоз мекард. Лабонаш баста буд, аммо садояшро мешунидам, мегуфт «азизам, азизам», ҳамон каломеро, ки ман ҳар шаб дар гӯши Юсуф мехондам.

Бо ризоият лабханд мезад, аз чашмони мисли зуғол сиёҳаш оромишу нишот нашт мекард. Ногаҳон сарам сангин шуд ва хобам омад, мисле, ки солҳо нахобида будам...

Бомдоди фардо аз хоб бедор шудам, Фавзия болои сарам нишаста буд, зери лаб дуо мехонду рӯйи ман «куф» мекард. Гуфтам:

– Чӣ шудаст?»

Гуфт:

– Ҳеҷ, дирӯз кӯдакро роҳат ба модараш додиву бо сари баланд аз маърака дур шудӣ, ба думболат рафтам, чашмонат баста буд, аммо роҳро бехато пайдо кардӣ, билофосила хобат бурд. Акнун ту ба ман бигӯ чӣ шудааст?

Нахостам қиссаи модари Юсуфро ба Фавзия бигӯям то Худое нохоста маро девона напиндорад.

Гуфтам:

– Ёдам меояд, ки бачаро ба модараш додам ва рафтам то ғаму афсурдагиамро бар хоб биспарам.

Модари ҷадидаш Юсуфро рӯзи баъд ба парваришгоҳ овард, тамоми шаб мижа ба ҳам нагузошта ва бевақфа гиря кардаст. Бачаро ба ман дод, то хумораш бишканад, Юсуф ин бор ҳам гирякунон рафт. Он зани чоқ модари хубе будаст, мошини шик дошт, тӯли як ҳафта бачаро ҳар рӯз меовард, то ором-ором аз ман дил биканад. Ҳамин

тавр ҳам шуд, бори охир вақте он зан ба сӯйи Юсуф даст дароз кард, ӯ бо хушҳолӣ ба сӯйи ӯ болу пар кушод, ҳамон тавр ки мисли гунҷишк ба сӯйи ман бол мекушод.

Юсуф аз ман рафт, аммо он зани шолпӯш дар рӯъёҳоям боқӣ монд. Ҳоло низ гоҳи авқот ба сурогам меояд, агар таҳаввулоте дар роҳ бошад, маро маро аз пеш огоҳ мекунад… Меояду мисли лулии ҷавоҳирфурӯш дар остонаи дар чамбар мезанад, бо ҳамон пероҳани махмали сафеди рангин аз хуни сурх ва бо чашмони мисли зуғол сиёҳ, ки аз онҳо оромишу нишот нашт мекунад ва ҳамеша мегӯяд: «Ду дасте дар он дунё ҳамеша аз Худованд барои ту лутфу иноят илтиҷо мекунад».

Маънии он хобҳоро аз нигаҳбон мепурсидам, охир ӯ ҳам аз он дунё баргашта буд, илми ғайбро каму беш медонист, мегуфт:

– «Модари Юсуф худро мадюни ту медонад, паём медиҳад, ки ҳавосаш бо ту ҳаст». Шояд ӯ рост мегуфт, ё шояд намехост ин рӯъёҳо маро ба марзи ҷунун бикашанд.

Рӯзҳо мегузаштанд ва ман тадриҷан ба ҷудоӣ аз Юсуф одат мекардам, тахти хоби ӯ хеле вақт холӣ буд, баъд як навзоди мариз ба бемористон интиқол ёфт. Се моҳ дошт, исҳолу қай карданҳои тӯлонӣ оби баданашро батамом ҷабида буд, набзаш басахтӣ эҳсос мешуд. Модари ин тифл аз хиёнати ҳамсар заҷр мекашид, билохира рӯзе ақлашро бохту худро ба дор кашид ва бачааш дар миёнаи аъроф монд. Модарбузурги падарӣ бо баҳонаи синни баланди худ кӯдакро ба хонаводаи духтар супурд, онҳо бо узри бебизоатӣ ӯро ба парваришгоҳ оварданд.

Дилам ба ҳоли он тифл месӯхт, аммо намехостам дубора рӯйи молае по гузорам, бо Юсуф таҷруба кардам.

Гузашта аз ин, бояд ба имтиҳоноти донишгоҳ омода мешудам.

Бо кӯмаки Эронгул санадҳоямро ба Донишгоҳи омӯзгорӣ супурдам ва маро барои як моҳу даҳ рӯз аз кор озод карданд. Шомгоҳ фаршҳои Фавзияро мешӯстам ва соатҳоро дар утоқи навзодҳо бо Мавҷигул сипарӣ мекардам. Зани хубе буд, бо худ ба утоқи ятимон нишоту оромиш меовард.

Таҳсил дар донишгоҳ осон набуд, барномаи як сола бояд дар ду давраи чиҳилрӯза хатм мешуд, аз ин рӯ, тадрис аз саҳар то шом ҷараён мегирифт, мавзӯҳо ва устодон пушти сари ҳам иваз мешуданд, як фан ҳазм нашуда, дигарӣ фаро мерасид. Ҳамсабақҳоям марду занҳои бузургсол буданд, аз тамоми навоҳии кишвар, инсонҳои бисёр содаву меҳрубон, хушахлоқ ва дӯстдоштанӣ, аксаран мақому мансабдор.

Ғизои хуб, сарпаноҳи роҳат, меҳрубонии мардуми давру пешам ва оромиши хотир таъсири мусбате рӯйи ман мегузошт, мисли гули баҳорӣ мешукуфтаму нумӯъ мекардам. Эронгул ба муносибати оғози таҳсил беҳтарин пероҳанҳояшро ба ман тақдим кард ва рӯзи аввали таҳсил, вақте бо либосҳои зебову замонавӣ дар саҳни парваришгоҳ зоҳир шудам, ҳамкоронам сар аз панҷараҳо берун оварда, бароям дуо карданд. Наҳору шомро якҷо бо Эронгул мехӯрдам, гоҳо маро ба тамошои беруни шаҳр мебурд, ё ба тамошои хиёбонҳои марказӣ. Боре гуфт: «То паноҳгоҳи занон як қадам роҳ аст, мехоҳӣ Асалро бубинӣ?»

Пешниҳодашро бидуни тардид рад кардам. Он макон бо хотироти дардноки ҷисмониву равониям муртабит буд, намехостам ёди он рӯзҳоро дубора зинда кунам. Акнун ба дарки рафтори Нигор мерасидам, ки рафту дигар аз ман суроғ накард.

Чиҳил рӯз мисли чаҳор рӯз гузашт. Имтиҳонот ҳам пушти сар шуду ман ба кор баргаштам. Ба иллати бо-

ронгариҳои тӯлонии баҳору авоили тобистон ҳавои шаҳр намноку дамгир буд. Гардиши нимсоата дар хиёбон либосҳоро нам ва пӯсти баданро часпак мекард. Тахтҳои бемористон дар ин фасл пур аз маризҳои дарунрав буд ва бӯйи тунди исҳоли кӯдакон аз тамоми утоқҳо ба машом мерасид. Об аз шикамашон шебеҳи борони сел аз новадон сарозер мешуд ва бадани онҳоро беоб мекард. Гулӯҳо хушк, чашмҳо хушк ва лабҳо парсинг баста буд, дамкӯтаҳӣ доштанд ва зери қатрачакон мисли мурғакҳои парканда метапиданд.

Рӯзу шаби Моҳтоб ва Ганҷалӣ дар сари болини кӯдакони мариз сипарӣ мешуд, хобу хӯрок аз ёдашон рафта буд. Гоҳо онҳоро пизишки бознишаста иваз мекард, то чанд соат сар ба болин гузоранд.

Ман то омадан ба парваришгоҳ хеле кам хоб медидам, ё тақрибан намедидам, аммо ҳоло чашм мепӯшидаму ғарқи олами рӯъёҳо мешудам, рӯъёҳои набавӣ, ки ингор дар ҳақиқат иттифоқ меафтоданд.

Дар яке аз ин шабҳои серкорӣ, ки сар рӯйи бозӯ пинак мерафтам Фавзияро хоб дидам, дар тан либосҳои сафед дошт ва дар сар қалпоқи тоторӣ, бо забони худаш суруд мехонд ва ишора мекард, ки бо ӯ ҳамовоз шавам. Вақте ба ӯ наздик шудам, дидам, ки дар даҳонаш дандон надорад. Аз ин рӯъё тааҷҷуб кардам, аммо дар тӯли рӯз аз ёдам рафт.

Бӯҳрон тадриҷан ба поён расид, заҳматҳои шабонарӯзии табибон самар дод ва бачаҳо аз ин маризӣ ҷони саломат бадар бурданд. Ганҷалӣ ҷавонмардӣ нишон доду басти Моҳтобро ҳам бар дӯш гирифт ва иҷоза дод, то ӯ барои як рӯз ба назди бачаҳояш баргардад.

Аммо нимаи рӯз ногаҳон сару садое аз ошёнаи дувум бархост ва то расидан ба табақаи аввал ба «бигиру би-

дор»-и чандсадоӣ табдил шуд. Лаҳзае баъд Гулсум ва мураббии мардсурат бо чеҳраҳои аз тарс рангбохта замбареро дами дар гузоштанд. Фавзияро дидем, ки бо гунаҳои мисли анор сурх, чашмони баста ва лабҳои фишурда беҳушу беёд мехобид, танҳо ашк аз гӯшаи чашмони бастааш ба шақиқаҳояш мерехт. Ҳамон тавр ки фаҳмидем писараш се рӯз боз нопадид будаст, лаҳзае пеш аз пулис дар тамос шуданду гуфтанд, ки ӯ дар садамае ҷон бохтааст.

Духтур Ганҷалӣ фишори хуни Фавзияро поин оварда ба ӯ мусаккин тазриқ кард.

Пиразан соатҳо хобид, аммо вақте чашм боз кард, он чунон навҳаи пурдард кашид ва мушт ба сина зад, ки хун дар рагҳои мо шах шуд. Мегуфт: «Писарам дар сардхона хунӯк мехурад, маро ба онҷо бубаред, то ӯро бағал кунам». Моҳбегим Фавзияро ба хонааш бурд ва масъулияти аз сардхона гирифтани ҷасади писари ӯро ба ронанда ва нигаҳбон супурд. Писари Фавзияро обрӯмандона ба хок супурданд, ҷомеъаи бузурги тоторҳои шаҳр барояш хайру худоии бошукӯҳ ташкил кард.

Ӯ баъди марги писараш дигар он Фавзияи қаблӣ набуд, аз кор рафт, барои идомаи зиндагӣ на ангеза дошт, на тавон, на дору мехӯрд на ғизои кофӣ, амдан об наменӯшид то аз ҷой баланд нашавад. Моҳбегим ӯро раҳо накард, баръакс реҷаи корамро тағйир дод, то шабҳо аз Фавзия муроқибат кунам.

Опортмони дуҳуҷрагии Фавзия дар ҳамсоягии парваришгоҳ қарор дошт, дар ошёнаи дуюми як бинои чаҳортабақа. Як хонаи қадимии барҳаво, бо васоили қадимӣ, ки даҳсолаҳо боз иваз нашуда буд ва инҷо роҳат мешуд филмҳои қарни гузаштаро ба навор бардошт.

Утоқи нишеман ду сандалии дарозпоя дошту як ҷевони қадимӣ, бо зарфҳои дастнохӯрда, қанддонҳои булурӣ

ва делфини сафолӣ бо шаш бачааш. Ин тасвирро махмали рӯйи девор бо акси гавазнҳои лаби ҷӯй комил мекард ва чархи хайётии рангбохта, ки шабеҳи аспи пир дар гӯшае «ғалт» зада буд. Ними утоқро як пионои қадимӣ ишғол мекард, ки калидҳои шикастааш миллаҳои зангзадаи роҳи оҳанро ба ёд меовард.

Девори нишеман пур аз аксҳои қадимӣ буд, мардҳое бо либоси низомӣ ва занҳое бо пӯшокҳои миллӣ ва қалпоқҳои тоторӣ.

Аз чорчӯбаи бузурге аски ҷавонии Фавзия, дар симои як зани бисёр зебо, ки сар ба шонаи марди низомипӯш гузошта буд, ба сӯйи ояндаи ҳузнангези ӯ лабханд мезад. Дар деворҳои дигар тоблуҳое бо ояҳое аз Қуръон ва қолие бо тасвири Каъба дида мешуд. Утоқи писараш тозаву бонизом буд, ҳеҷ намегуфтӣ, ки ин ҷо як марди майзада зиндагӣ мекард. Писари Фавзия муҳандиси ҳирфаӣ буд ва то издивоҷ ҷуръае ба даҳон намегирифт, тамоми бадбахтиҳояш баъди ҷудоӣ аз ҳамсараш оғоз шуданд, худро бой дод ва рӯ ба май овард. Ман дар умрам модареро ба андозаи Фавзия сабур надидам, писарашро ба ҳар шакле қабул дошт, бо ҳама нуқсу гуноҳаш ва дунёеро, ки дар он писараш вуҷуд надошт, намепазируфт.

Ман акнун як пой дар парваришгоҳ доштам ва пойи дигар дар хонаи Фавзия. Рӯзона сари кор будам ва шабона сари болини ӯ. Басахтӣ ғизо мехӯрд, лабҳояшро мефишурд, мегуфт, рисқаш дар ин дунё баста шудааст, ғизо аз гулӯяш поин намеравад. Танҳо ба хотири таҳорат аз ҷой баланд мешуд, соатҳо дар такяи болишт намоз мегузошт, Қуръон мехонд ва барои гуноҳони фарзандаш аз Парвардигор омурзиш илтиҷо мекард. Фишори хунаш ағлаб боло мерафт, дасту пояш варам карда буд ва аз нафастангӣ азият мекашид. Моҳтоб ва Ганҷалӣ бо навбат ӯро до-

руву дармон мекарданд. Ганҷалӣ мегуфт, ки Фавзия бо ин ҳол дер давом намеорад.

Фавзия зиёд ҳарф намезад, ағлаб аз писараш суол мекардам, то дар худ фурӯ наравад. Ин ягона мавзӯе буд, ки ба рӯҳи хастааш мадор мебахшид ва чашмонаш аз хушҳолӣ медурахшиданд. Дар шаш моҳ он қадар қиссаҳои писарашро батакрор шунидам, ки гӯё бо ӯ бузург шудам. Фавзия дигар наметавонист бо пойи худ то ташноб биравад, барояш пӯшак харидам. Ёру рафиқ зиёд дошт, аммо намехост касеро бубинад. Дар ин муддат танҳо як марди ҷавонро дидам, ки ду дафъа ба дидани Фавзия омад, шояд аз бастагонаш буд, зеро ӯро диду бо садои баланд мӯя кашид.

Фавзия шаш моҳ пас аз марги писараш, дар як рӯзи сарди моҳи феврал, дар рӯзи таваллуди худаш аз дунё даргузашт. Шаби маргаш чанд бор исмамро садо зад, бо аҷала ба сари болинаш давидам, мехост чизе бигӯяд, вале забонаш мепечид. Гӯшамро ба лабонаш наздик бурдам, пичиррос зад, ки «Биҳилам кун». Дастонашро бӯсидаму ба чашм молидам. Майл ба сохтакорӣ ва хушбинии козиб надоштам, гуфтам:

– Кори арзишманде накардаам, аммо ба хотири таскини дили шумо мегӯям, биҳилатон кардам» – Ашк дар чашмонаш ҳалқа зад, ишора кард, ки ҷойи хобам баргардам.

Тамоми шаб нахобидам, саҳар маро як лаҳза ғанаб бурд ва дар хоб хирроси баландро шунидам, ингор касеро хафа мекарданд. Оҳиста чашм боз кардам. Ин садо аз гулӯи Фавзия берун меомад, зонувони сар ба сараш такон намехурд, дастонаш беҳолона рӯйи синааш мехобид, бинии кӯтоҳи гӯштиаш мисли қалам рост шуда буд, лабҳояш ранги обӣ мегирифт. Кафке дар гӯшаи лабаш такон

мехӯрду мисли хафи лабҳои соҳил гоҳ дам мекарду гоҳ фурӯ менишаст. Фавзия дар сакарот буд. Медонистам, ки ин марги ногузир рӯзе фаро мерасад, аммо тарсидам, ман ҳеҷ гоҳ ҷон кандани инсонро надида будам, раъша бар танам дамид ва ғайри ихтиёр сар зери патӣ кардаму гӯшҳоямро бастам. Дар миёни хобу таваҳҳум ногаҳон модари Юсуфро дидам, аз дари бастаи хона бемалол ворид шуд, ангушт ба лаб гузошту маро ба хомӯшӣ даъват кард, сипас болои сари Фавзия нишаст ва калимаи шаҳодатро се бор ба забон овард. Вақте аз зери пату берун омадам, Фавзия рӯйи тахт ором мехобид, танаш ҳамвор буд ва сураташ рӯ ба қибла. Оҳиста ба ӯ наздик шудаму кафки гӯшаи лабашро пок кардам, рӯяшро бо чодари сафед пӯшидам ва болои сараш нишастаму нола кардам: ба ҷойи духтари Фавзия, ки орзӯи доштанашро бо худ ба гӯр мебурд; барои армони дидани Қрим, ки дар дилаш монд; барои писараш, ки мурдаи бесоҳибаш се рӯз дар сардхона хобид; барои зиндагии беҳосилаш, ки бе ёду ёдгоре ба поён расид.

Аввалин нафаре, ки бо ӯ дар тамос шудам нигаҳбон буд, бо гиря гуфтам:

– Фавзия мурд. – Ӯ ҳамроҳ бо Моҳтоб омад. Духтур марги Фавзияро расман таъйид карду манаҳашро баст, онҳо ҷасадро бо тахти хоб ба васати утоқ оварданд ва сандалиҳоро барои таъзиягарон омода карданд. Моҳтоб ба Моҳбегим занг зад, то дар тараддуди хоксупорӣ шавад.

Пас аз марги Фавзия муддатҳо натавонистам ба худ биёям, шабҳо хобам намебурд, чашм мебастаму саҳнаи сакароти ӯ дар назарам бурӯз мекард, лабонам аз табхол пур мешуд ва сояҳои зери чашмам сиёҳу хокистарӣ. Афсурдаву дилшикаста будам, шояд ба ин далел, ки марзи борик ва осонгузари байни маргу зиндагиро бо чашми худ

дидам ва нафаси сарди маргро дар пушти гарданам эҳсос кардам. Рафтани Фавзия халои бузургеро дар зиндагиам ба вуҷуд овард, то зинда буд аз ман муроқибат мекард, баъд аз маргаш низ муттакоям шуд. Ман сақфи болои сарамро, ояндаи босуботамро мадюни Фавзия ҳастам.

Аз марги ӯ чиҳил рӯз гузашта буд, ки рӯзе марде ба суроғам омад, ӯро шинохтам, ҳамон марди хушқиёфаро, ки фикр мекардам аз бастагони Фавзия бошад.

Мулоқоти ман бо он марди хушандом, ки дар асл вакили Фавзия будаст дар дафтари мудир сурат гирифт, суоломез ба Моҳбегим нигоҳ кардам, ашк дар чашмонаш чарх мезад ва чонааш аз буғз меларзид. Ӯ Фавзияро бисёр дӯст медошт. Забони суҳбат русӣ буд, он мард аз марги Фавзия изҳори таассуф кард, сипас аз ҷой бархосту сандуқчаеро бо як даста мадорики қадимии варақҳояш зардшуда ба ман дод. Баъд ҳарферо ба забон овард, ки гӯшам ба шуниданаш бовар намекард. Фавзия ҳама дороиҳояш, иборат аз хонае дар маркази шаҳр, як мушт ҷавоҳирот ва як миқдор пули нақдро ба унвони мерос ба ман вогузор карда буд. Ман аз ин саховат, шафқат ва наҷобат лол шудам, шок шудам, гӯшҳоям қуфл заданд, танҳо ҳиқ-ҳиқи гиряи Моҳбегим монанди уфтодани қатароти борон дар таҳхонаи холӣ дар гӯшам танин меандохт. Он мард даст ба шонаам гузошт ва гуфт: «Покойная очень ценила тебя». Ману Моҳбегим якдигарро бағал кардему гиристем, дар гӯшам гуфт, ки дар мавриди мерос ба касе чизе нагӯям, аммо ин хабар ба таври асроромез аз байни дуи мо берун омад ва ману мероси Фавзия барои чанде сужаи ғайбатчиҳо шудем. Мегуфтанд, ки ман худро ба Фавзия наздик кардам то аз ӯ мерос бубарам. Замон бурд то алами мероси Фавзия фаромӯш шуд ва акнун ағлаб мепурсиданд, ки кай ба хонаи ҷадид нақли макон мекунам.

Ба манзили нав пас аз шаш моҳ кӯч бастам, вақте нигаҳбон охирин ҷузъиёти бозсозиро анҷом доду натоиҷи корашро аз остонаи дар бо чашмони нимапӯш тамошо кард. Таъмири хонаро довталабона бар дӯш гирифт, хориҷ аз соатҳои корӣ, масолеҳи сохтмонро ҳамсари Мавҷигул овард. Кор дар он хонаи қадимӣ як тармими сода набуд, бозсозии комил тақозо мекард. Нигаҳбон панҷараҳои қадимиро барканд ва аз чуби босифат бароям панҷараҳои бузург сохт, фарши фарсударо иваз ва деворҳоро мисли ойина ҳамвору якнавохт кард. Хона ба андозаи нашнохтанӣ бузургу дилпазир шуд. Вакте калидро ба ӯ медодам, шарт гузошта буд, ки то анҷоми кор пой бар онҷо нагзорам. Розӣ шудам, аммо Эронгул пофишорӣ кард, мехост хонаи маро бубинад, ӯ бештар аз ман ҳавасманди кӯч бастанам буд. Як шом омаду аз ман хост то ӯро ба он хона бубарам. Бӯйи рангу оҳаку симон аз даромадгоҳи иморат ба машом мерасид, Эронгул биниашро ҷинҷ кард, аммо ин бӯйҳо барои ман паёме буд аз поёни як давраи бадбахтӣ ва оғози як зиндагии ҷадид! Чеҳраам аз хушҳолӣ шукуфт, ин эҳсоси зебо ба Эронгул ҳам мунтақил шуд, ӯ маро бағал карду гуфт:

– Худо воқеъан бузург аст... раҳматаш бар ту муборак!

Аз дари нимабоз садои нигаҳбонро шунидем, ӯ пушт ба мо дар партави нурафкани сайёр деворҳои қадимиро сумбода мезад ва оҳангеро бо садои шунаво замзама мекард. Овози дурагааш гоҳо кашида мешуду гоҳо ба авҷ мерасид ва бо андӯҳи як мусибати бузург дар он фазои холӣ танин меандохт. Ман он оҳангро, ки ҳолати равонии нигаҳбонро ба вузуҳ мунъакис мекард, барои аввалин бор мешунидам, ҳовии дарду ғам буд ва афсурдагӣ илқо мекард. Эронгул ангушт ба лаб бурду ишора кард, ки дам назанам.

Аммо нигаҳбони чун ҳамеша мисли заргӯш боҳуш буд, нигоҳи моро гӯё дар пушташ эҳсос кард ва билофосила сокит шуд, як муддат аз ҳаракат бозмонд ва сипас оҳиста ба тарафи дар чархид. Хиҷолатмандона лабханд заду дугмаҳои пероҳанашро бе аҷала баст.

– Хаста набошед, – гуфт Эронгул ва пеш рафту барои салом даст дароз кард.

– Эронгул ҳастам, дӯсти Санам, хостам манзили ҷадидашро бубинам.

Нигаҳбон исмашро ба забон наовард.

– Узр, дастам касиф аст... – гуфт ва барои исботи дурустии ҳарфаш кафҳои ранголудашро боз кард.

Эронгул дасташро ноаён ақиб кашид, тавре вонамуд кард, ки чизе нашудаст, аммо аз рафтори нигаҳбон хушаш наомад. Бо баҳонаи тамошои хона аз ӯ дур шуд. Хонаи Фавзия бо деворҳои пӯстканда, утоқҳои бидуни панҷара ва фарши берупӯш вайронаеро мемонд.

– Агар маҳорати меъмории шумо ба андозаи овозхониатон хуб бошад, пас ин хона бояд мисли як ҷаъбаи тиллоӣ шавад. Эронгул ҳеҷ қарзеро ба қиёмат намегузошт ва маълум буд, ки барои он саломи бе алейк аз нигаҳбон интиқом меситонд.

Нигаҳбон оштиҷӯёна лабханд зад.

– Инҳо корҳои таҳдобианд, бозсохти хона дар пеш аст... беҳтар аст вақте биёед, ки кор анҷом шавад.

– Шумо аз ҳама дурӣ меҷӯед, ё ин «бахт» танҳо насиби мо шудааст?

Нигаҳбон кордакро дар такяи девор гузошту рӯ ба Эронгул овард.

– Меҳмон атои Худо аст, меҳмонро дӯст медорам, аммо вақте рӯйи кор тамаркуз мекунам, намехоҳам ҳушам парт шавад.

– Ингор доред тасвири Моно Лизоро мекашед!

Ман вориди бахси онҳо нашудам, зеҳнам банди васоили Фавзия буд, нигарон будам, ки эҳтимол нигаҳбон ҳамаро ба партовгоҳ андохтааст.

– Бо ҷиҳози Фавзия чӣ кардед?

– Ҳамаро ба як пиразани муҳтоҷ додем, аз шиносҳои шавҳари Мавҷигул буд, ду набераи ҷомонда аз писари муҳоҷирашро бузург мекардаст, хонааш холӣ буд, бачаҳо рӯйи замини сард мехобиданд. Пиразан аз хушҳолӣ гиря кард ва ба рӯҳи Фавзия дуо фиристод... Бахшиш, ки аз ту нопурсида тасмим гирифтем. Як ҷомадонро нагирифтем, дохилаш либосҳои Фавзия буд, беҳтараш дар дасти ту бошанд.

– Ман хеле гуруснаам... Шумо намехоҳед чизе бихӯред? Дар гӯшаи ин хиёбон як қаҳвахонаи хубе боз шудаст, бо кейкҳои хушмазза. Шуморо ба шом даъват мекунам.

Ман бедаранг аз пешниҳоди Эронгул пуштибонӣ кардам ва рӯ ба нигаҳбон овардам.

– Ман ҳам гуруснаам, шумо ҳам эҳтимол чизе нахӯрдаед, корро фардо идома медиҳед, ҳоло биёед, бо ҳам шом бихӯрем... хоҳиш мекунам…

Нигаҳбон назаре ба либосҳояш адохт.

– Бахшиш, аммо бо ин сару ҳол наметавонам шуморо ҳамроҳӣ кунам, шомро бигузорем ба як вақти дигар.

– Қаҳвахона «дресс код» надорад, дастҳоятонро бишӯед кофӣ аст, мо шуморо дар поён интизор мешавем. – Эронгул инро гуфту бе он ки посухи нигаҳбонро бишнавад ба сӯйи дар қадам бардошт, ман ба думболаш рафтам.

– Ба назарам беҳуда мунтазираш ҳастем, намеояд.

– Нигарон набош, меояд. – Ӯ чунон бо эътимод ҳарф мезад, ки гӯё муддатҳост нигаҳбону одатҳояшро мешинохт.

Ногаҳон чароғ хомӯш шуд. Эронгул ғолибона лабханд зад.

Қаҳвахонаи ҷадид дар як сохтмони саропо шишагӣ ҷойгир буд, дар он тарафи ҷода, дуруст, дар муқобили хонаи ман. Танҳо як нигоҳ ба тасвири финҷони шоколад, ки буғ аз даҳонаш монанди дуд аз чароғи ҷодуӣ берун меомад, кофӣ буд то даҳон пур аз об шавад. Фазояш хеле фараҳбахш буд ва муштариҳояш ҷавону хушлибос.

Пешхизматҳои лоғарандом бо доманҳои кӯтоҳ, гиребонҳои нимабоз ва бо синиҳои пур аз хӯришу шарбату шароб, байни мизҳо мисли қӯ нарму равон шино мекарданд ва ба умеди подоши муштариёни саховатманд ба онҳо лабханд мезаданд.

Баъдҳо он қадар ба ин қаҳвахона зиёд мерафтам, ки барои кормандонаш «одами худӣ» шудам.

Он шом мо дар мизи сенафарӣ нишастем, ман рӯ ба хиёбон ва он ду нафар дар муқобили якдигар. Эронгул бозии мушу гурбаро бо нигаҳбон идома медод, мехост бо шӯхиҳои масхараомез ӯро асабониву кӯчак кунад, аммо зӯраш намерасид. Нигаҳбон марде буд оқилу боназокат ва сабуру донишманд, мисли шатранҷбози моҳир заъфнамоӣ мекард, то ҳарифро ғофилгир ва дар ниҳояти амр мот кунад. Онҳо аз зарфи кӯчаки булурӣ ҷуръа-ҷуръа шароб менӯшиданд, гунаҳояшон қирмиз мешуду чашмҳояшон хуморӣ, ҳарфу ишораҳояшон мармуз. Ҳарду шабеҳи ду бабре буданд дар мавсими ҷуфтгирӣ, ки бо майли рӯ ба афзоиш ба якдигар дандон мезаданд...

Ман он замон аз нигаҳбон комилан дил канда ва ба пешниҳоди бародариву хоҳариро пазируфта будам, аммо аз он саҳна, ки то рафт парда аз рӯяш дур мешуд, хушам наомад ва рӯ ба панҷара овардам.

Тасвири зебое пеши чашмам боз шуд, хиёбони ча-

роғон, таблиғоти видеоӣ, мардуми дар ҳоли сайру гашт, хуллас, як фазои ҷодуӣ... Хушиҳои нашнохтае дар қалбам бедор мешуд ва ин воқеият, ки ман низ акнун ба ин хиёбони ҷодӯӣ тааллуқ дорам, ларзаи марғуберо дар вуҷудам эҷод мекард. Даҳонам аз хушҳолӣ то баногӯш гиз шуд, зерчашмӣ ба ҳамроҳонам нигоҳ кардам, аммо он ду нафар он чунон ғарқи якдигар буданд, ки ҳатто агар рӯйи миз мерақсидам ҳам мутаваҷҷеҳ намешуданд.

То парваришгоҳ якҷо омадем, сипас нигаҳбон рафт, то Эронгулро ба хонааш бубарад. Он шаб аз рӯйи кунҷковӣ чанд бор аз панҷара ба сӯйи ғуфраи нигаҳбон калла кашидам, бори аввал буд, ки чароғи хонаи ӯ сӯсӯ намезад...

Худо шоҳид, ҳасудӣ надоштам, танҳо аз ин нигарон будам, ки мабодо нигаҳбон таваҷҷуҳи Эронгул ва майли пуршӯри ӯро барои наҷоти ҳар бадбахт, ишқ напиндорад.

Навсозии опортмони ман ним сол тӯл кашид, дар тамоми ин муддат фақат се бор аз он макон боздид кардам, ивазаш Эронгул зоҳиран онҷо реша гузошта буд. Инро аз мизи пур аз анвои хӯрданӣ, қаҳваи дӯстдоштаи ӯ, дастмолҳои сафед ва лаълии ширинӣ ҳадс задам. Намедонам ӯ дар нигаҳбон чӣ дид, ки ин қадар зуд мафтунаш шуд. Хеле тағйир карда буд, боварам намешуд, ки ин ҳамон Эронгули мағруру саркаш бошад, пеши нигаҳбон мисли мум мулоим мешуд, ба ӯ тавре нигоҳ мекард, ки ингор бути озарӣ бошад. Вале ман ба тӯлонӣ будани ин робита эътимод надоштам, ин ду нафар аз ҳама хеле мутафовит буданд, ба ҳам намеомаданд, мисли обу рӯған. Нигаҳбон шабеҳи гурги танҳо буд, намехост ба касе вобаста шавад, ӯ танҳо дар ҳамон ҳуҷраи кӯчак эҳсоси оромиш мекард, шабеҳи марвориде пинҳон дар дохили садаф. Эронгул фарде буд оқилу амалгаро, бо барномаҳои баландпарвоз, зеҳнияти солим ва дидгоҳи хушбинона ба имрӯзу фардо.

Ҳақ бо ман буд, алоқамандии онҳо ба якдигар хеле зуд ба итмом расид, бо ҳамон суръате, ки оғоз шуда буд. Боре аз аз Эронгул сабаб пурсидам, гуфт:

– Ӯ монанди мурдае буд, ки барои эҳё карданаш хеле дер шудааст. Бо вуҷуди ин, дӯстӣ ва эҳтиром ба якдигарро ҳифз карданд ва то рафтани Эронгул ба Аврупо, аз меҳмонҳои ҳамешагии хонаи ман буданд. Эронгул дар ҳақи нигаҳбон хизмати бузурге анҷом дод, писарони ӯро пайдо кард ва онҳоро ба дидори якдигар расонд. Нигаҳбон дар оғоз барои ин фузулӣ аз Эронгул ранҷид, дертар, вақте писарони бузург шудаашро дид, тамоми гилаҳояшро аз ёд бурд. Фикр мекардам, ки ӯ ҳаргиз аз танҳоияш ҷудо намешавад, вале писаронаш ӯро бо сад фанду панд бо худ бурданд. Дар аввалин аксе, ки аз он сарзамини дур бароям фиристод, бисёр хушбахт ба назар мерасид.

## Тарси беморгуна аз ишқ

Ман ба нудрат ошиқ мешудам, аз робитаи маҳрамона бо мардҳо дурӣ меҷустам, ё беҳтар аст бигӯям, метарсидам.

Ин ҳама ба вузуҳ реша дар гузаштаам дошт. Шояд як далели ишқи васвасаомезам ба нигаҳбон ҳамин укда буд, зеро бо захмҳое, ки дошт, ман ӯро ҳамзоти худ мепиндоштам, бо ӯ эҳсоси баробарӣ мекардам...

Бо ин ҳол, дар бистсолагӣ дубора ошиқ шудам, ба як ҷавони хушандом, аз ҳамкорони Эронгул. Марди хубе буд, барои як бонкдори дасташ олуда ба пул аз ҳад беш содаву шоиста ва романтик! Дар тӯли ду соли ошноӣ он қадр бароям гул овард, ки исми ҳамаи навъи гулро аз бар кардам. Маро мазҳари зебоиву покӣ медонист ва ба исти-

лоҳ ҳозир буд дар доманам намоз бигзорад. Дар арзи ду сол танҳо бо бӯсаҳои гаҳ-гоҳӣ маҳдуд шуд ва ҳеҷ гоҳ аз ҳадди маҷоз пой фаро нагузошт. Ӯро худам рад кардам, дар остонаи арӯсӣ, ҳалқаи номзадиро ба даст кардаму ногаҳон саҳнаҳои гузаштаи торикам яке пушти дигаре пеши чашмам рӯшан шуд, ваҳшати тавсифнопазире вуҷудамро фаро гирифт. Чеҳраи бонкдорро дар пиндорҳоям дидам, ки чигуна бо шунидани таҷовузу бордориву бачадони набуда, ба ваҳшат меафтад ва сураташ аз танаффуру таҳайюр каҷ мешавад. Ҷудо шудан аз ӯ бароям роҳаттар аз ин шиканҷа буд. Ба ӯ нома задаму гуфтам:

– Ба эҳсосоти худам мутмаин нестам, беҳтар аст ин робита қатъ шавад, – ҳалқаи номзадиро дохили покете гузоштаму ба Эронгул додам. Он рӯз саду паноҷоҳ бор ба ман занг зад, даҳҳо паём фиристод, тавзеҳ хост, маро ба мулоқот даъват кард, баъд якбора хомӯш шуд, ингор аслан вуҷуд надошт.

Ӯ пас аз шаш моҳ издивоҷ кард, шаш моҳи баъдӣ, ман ҳар шаб бо эҳсоси сархӯрдагӣ ва беҳудагӣ аз хоб бедор мешудам, ғами сангине синаамро пахш мекард, ба гузаштаам нафрин мефиристодам, аз ояндаам ноумед будам... Ишқу ошиқӣ ва издивоҷ бароям дигар мисли оби рафта аз ҷӯй менамуд.

Аммо табиати инсон ба ин хостану нахостанҳо кор надорад ва қалби ҷавони ман маншури худро дикта мекард. Бори сеюм ба як марди бисёр ҷаззоб, боэътимод ба нафс, болобаланду хушандом ва хеле донишманд алоқаманд шудам. Ҳавзаи кораш бо адабиёт марбут набуд, аммо он қадар шеър медонист ва он қадр аз «ақраби зулфи каҷ»-и ман ва хами абрӯям ситоиш кард, ки саранҷом мисли қанд дар чойи доғ об шудам. Эҳсоси ман нисбат ба ӯ бо алоқамандиам ба бонкдор қобили қиёс набуд, бинобар ин пас як

солу шаш моҳ, вақте кор ба издивоҷ наздик мешуд, ончи аз сарам гузаштаро ба ӯ гуфтам. Хеле мутаассиф шуд, ҳатто маро бағал карду ашк рехт, аммо пояш аз зиндагиам баякбор канда шуд. Ӯро пас аз се моҳ дар хиёбон дидам, моту мабҳут шуд, намедонист нигоҳи чашмони хиҷолатзадаашро куҷо пинҳон кунад. Ман аввал ба ӯ лабханд задам, баъд лабхандам ба як хандаи баланди асабӣ табдил ёфт, ёдам нест чигуна худро гумугӯр кард, ман аз нигоҳи раҳгузарҳои мутаъаҷҷиб ба худ омадам.

Гоҳо ноумед мешавам, ба худ мегӯям, ки наход ин анги бадномӣ тамоми умр маро домангир бошад ва саранҷом зиндагиам ба танҳоӣ сипарӣ шавад, аммо баъд, суханони Мавҷигулро ба ёд меорам, дар мавриди иноятии Худованд, ки чигуна риштаи сарнавишти инсонҳоро моҳирона метанад, солҳо дар чархаи зиндагӣ мерасад ва дар як ҷое ба ҳам пайванд мекунад...

Бо кӯмаки Эронгулу нигаҳбон ва бо пасандози андаки худ, барои хонаам васоили аввалия харидам, як ҳафта баъд ҳамкорон барои «бӯрёкӯбон» омаданд, ҳар кас бо худ ҳадяе овард, чароғи шаб, чойнику пиёла, уту, кампалу болишт, ҳатто ҳамон чаҳорпояи дами дарро, ки солҳо боз масъулияти нигаҳдории калиду кифамро бар дӯш дорад.

Аммо хеле тӯл кашид то ман ба хонаи ҷадид одат кунам, хона ҳам гӯё бо ман эҳсоси бегонагӣ мекард, кайфи чурт заданҳои рӯйи сандалии бемористонро намедод. Танҳо бо шурӯъи таҳсил ва мураххасии чиҳилрӯза ману хона кам-кам ба ҳамдигар хӯ гирифтем ва билохира дар қалби якдигар ҷо шудем.

Сақфи болои сар як даврони пур аз шавқу шӯр ва босуботро ба зиндагиам ворид кард, он қадар, ки наметавонистам ба пойи солҳои дар шитоб бирасам. Аз донишгоҳ бо муваффақият фориғуттаҳсил шудам, мақомам дар пар-

варишгоҳ боло рафт, ҳуқуқам низ. Ман акнун мураббӣ будам ва шурӯъ кардам ба татбиқи барномаҳое, ки солҳо боз дар зеҳнам мепарваридам. Кулли барномаи омӯзиширо дар гурӯҳи бачаҳои то чаҳорсола тағйир додам, таҷрубаи соатҳо дар тахти хоб ғалт задани кӯдакони дусола мамнӯъ шуд, расмкашӣ буд, бозӣ буд ва сайр дар кӯчаҳои атрофи парваришгоҳ. Бо тоҷирони хайрхоҳ бачаҳоро ба тамошои сирк ва боғи вуҳуш мебурдам, мехостам онҳо бо ҷаҳони беруна ҳамоиш ёбанд, дар инзиво қарор нагиранд. Сайъ мекардам ҳисси зебоипарастиро дар кӯдакон рушд бидиҳам, ба ин хотир ба анбори парваришгоҳ сар задам. Бастаҳои либосу кафшу лентаҳои рангоранг, санҷоқу бозичаҳои дастнохӯрда ҳисоб надошт, кӯҳнаколоҳои тани бачаҳоро бо либосҳои ҷадид иваз кардам. Ҳуҷраи собиқи ман як ойинаи бақад дошт, онро ба ҳуҷраи бачаҳо кӯч додем, онҳо бо ҳайрат ба сурати худ нигоҳ мекарданд, чашмонашон аз хушбахтӣ барқ мезад.

Ҳамкоронам аз дасти ман асабонӣ буданд, ғайрати ман барои онҳо чизе бештар аз як ҷоҳталабӣ набуд, аммо Моҳбегим аз шӯру шавқи ман ҳимоят мекард. Ба ӯ идея додам, ки таблиғи фарзадхониро аз тариқи телевизион ба роҳ монад, таҳияи филмҳои кӯтоҳ ва наворҳои таблиғотиро як студияи хусусӣ ба таври ройгон бар дӯш гирифт. Он сол хонаводаҳои ниёзманд панҷоҳ дар сади кӯдакони аз якмоҳа то чаҳорсоларо фарзанд хонданд.

Ду сол мураббӣ ва ду сол ба унвони ёвари мудир кор кардам, баъд Моҳбегим бознишаста шуд ва ман ба курсии холишудаи ӯ нишастам.

Он рӯз ки дар интизори Эронгул пушти дари мудири парваришгоҳ ному насаби ӯро дар лавҳаи рӯйи дар мехондам, ҳатто фикрашро ҳам намекардам, ки рӯзе рӯйи ин лавҳа номи ман навишта мешавад! То расидан ба он рӯз

аз умрам ҳабдаҳ сол гузашт, солҳои ҳамоиши ман дар як муҳити иҷтимоии ҷадид, рушди шахсияти ман ва таваллуди дубораи ман!

Дар тамоми ин муддат боре ҳам ба остонаи кӯчаи танги даврони бачагиам пой нагузоштам, ҳамеша хиёбони мошингардро давр мезадам, то чашмам ба он тангкӯча наафтад. Ва ҳеҷ гоҳ хоҳише дар ман бурӯз накард, ки аз сарнавишти холаву хонаводааш чизе бидонам. Бо амма Мунис ва аммабачаҳоям дертар робита барқарор кардам, замоне, ки бузургу мустақил шудам ва ба ҷуз ниёз ба хешу табору инсонҳои ҳамхун дигар мушкиле надоштам. Хоҳарам Шабнам бо хонаводааш дар Олмон зиндагӣ мекунад, ду духтари хушгил дорад, соли гузашта ба диданам омад. Амдан аз модарам напурсидам, хоҳарам худаш сари суҳбатро боз кард. Тавре фаҳмидам, модарам аз издивоҷ бо як марди турк дугоникҳои понздаҳсола дорад. Шабнам бо муҳаббат аз модару нопадариаш ва дугоникҳои онҳо ёдоварӣ мекард, аммо ман на нисбат ба модарам эҳсосе доштам, на ба фарзандони ҷадидаш. Дар ин солҳо ҳатто хату холи модарам аз ҳофизаам зудуда шуд. Хостам аз Шабнам бипурсам, ки чаро модарам ин ҳама сол боре аз ман суроғ накард, аммо баъд назарам иваз шуд, бигзор ҳама чиз ҳамон тавр ки ҳаст, бимонад».

Санам аз панҷара ба берун нигоҳ кард, шаҳр дар ҳарири ранги бунафши чароғҳои хиёбонӣ хоби роҳате дошт, мошини обпош хиёбонро нам мекард ва дамои замини доғро фурӯ менишонд. Дар он хиёбони хилват танҳо як марди раҳгузар, ду даст дар ҷайб бехиёл қадам мезад ва оҳанги ноошноеро ҳуштак мекашид, гӯё ин шабу ин шаҳр ҳама моли ӯ буданд.

«Марди танҳои шаб, чӣ романтик!» – гуфт Санам ва бо ҳавас ба думболи ӯ нигоҳ кард. Аммо «марди танҳои шаб»

ногаҳон аз ҷода канор рафт ва дурудароз дар бехи дарахти санавбар пешоб кард, сипас, занҷири шалворашро басту ҳуштаккашон ба роҳаш идома дод. Санам зани бисёр боназокату хушрафтор аст, беодобии атрофиёнро басахтӣ таҳаммул мекунад. Аммо имшаб ба он мард сахтгирӣ накард, гуфт: – «эҳтимол чорае дигаре надошт».

Имшаб – «шаби меъроҷ»-и Санам буд ва ҳеҷ зиштие наметавонист рӯҳи болидаи ӯро халалдор кунад.

Номаро дубора ба даст гирифту сафҳаи аз бозхониҳои мукаррар ғиҷимшударо боз кард. Ҳар ҷумларо ҳиҷо ба ҳиҷо мехонд, гӯё ба ончи то ҳол хонда буд, тардид дошт.

«...Он шабу рӯз моҳи панҷуми бордориамро пушти сар мекардам, аммо ту он қадар ғарқи бадбахтиҳои худ будӣ, ки ҳатто мутаваҷҷеҳ нашудӣ. Ман ҳамзамон аз ду зарбаи маҳкам такон хӯрдам, аввал аз дидани шиками дамидаи ту, дувум аз иттиҳоме, ки ба шавҳари ман пеш гузоштӣ. Намедонам кадоме аз ин заработ бештар таъсиргузор буд, ки ман мисли девонаҳо шудам. Ёд надорам чигуна ба думболат давидам ва туро аз он баландӣ ба зер парт кардам. Танҳо дидам, ки дар замин мехобидӣ ва хун аз баданат берун мешуд.

Бемористон ба сохтмони нав кӯч баста буд, бинои қадимӣ ба унвони анбори таҷҳизоти пизишкӣ истифода мешуд, вале толори зоймон ҳанӯз корбаст буд. Ба парастор дастур додам, ки ҳамон утоқро омода кунад. Садаф аз зердастонам буд, як духтари боҳӯш, ки вазъиятро аз садои ҳамсуҳбат ташхис медод, фузул набуд, суоли нозарур намедод. Аз тамос бо омбуланс худдорӣ кардам, маҷбур аз Ҳомид кӯмак хостам, аз бародари ҳамсарам, аз шахсе, ки ба истилоҳ сояаашро дар девор бо тир мезадам. Марде буд густох, бевиҷдон, бисёр нохушоянд, баднамуд ва бадгуфтор, аммо дигар илоҷ надоштам...

Боварам намеомад, ки дорам роҳат ин ҳама қонунҳои тиббиву инсониро зери по мегузорам, худамро намешинохтам, гӯё ин ман набудам. Корди ҷарроҳиро ба даст гирифтаму дарунам мисли дор ларзид, аз хашм, аз ҳайрат, аз шакку тардид, аз ноумедӣ, аз тӯҳмати ноодилона ба шавҳарам ва аз хиёнати ту... Аз ин ҳама моту мабҳут будам! Охир чи тавр мумкин аст, ки духтари ман, нозпарвари ман, пушти сарам ин ҳам моҷаро доштааст, зери пойи кадом нархаре хобидаст ва мани кӯр бехабар!? Чашмам аз хашм барқ зад ва... корди ҷарроҳӣ кӯр-кӯрона дар шиками ту фурӯ рафт.

Бачаро берун овардам, садо дарнадод, ранги пӯсташ мисли олӯ кабуд ва ноф дар гарданаш печида буд, ҳадс задам, ки ҷон дар бадан надорад. Намехостам ба рӯяш нигоҳ кунам, гӯё на кӯдак, балки маслухеро аз шикамат берун овардам. Бачадони порашуда илоҷи дӯхтан надошт, онро аз шикамат берун овардам, аммо ба сатили ахлот наандохтам, як ҳиссе ба ман мегуфт, ки онро ҳифз кунам. Агар ҳифз намекардам, эҳтимол солҳои умрам дар зиндон сипарӣ мешуд. Инҳоро менависам то бидонӣ, ки он лаҳза чи ҳолеро таҷруба мекардам. Дар бисёр мавориди барои зинда мондани тифл ҳаддиақал як шонс вуҷуд дорад, хушҳол будам, ки ин шонс насиби бачаи ту нашуд. Кӯдакро ба Садаф додаму гуфтам: «ҳоло бояд шиками ин духтаро бахия бизанам ва ба таҳхона интиқол бидиҳам, кӯдакро дертар дар ягон гӯристони наздик ба хок месупорем, барои ин кор одам дорам». Аммо вақте доштам охирин бахияҳоро медӯхтам, ногоҳ бачаат гиря кард... Пилки чашмонат такон хӯрд, таъсири наркоз тадриҷан рафъ мешуд, миқдори доруйи мадҳушкунандаро афзоиш додам, то дуру дароз бихобӣ ва дар торикии шаб аз бемористон ихроҷ шавем. Ҳомидро ба дохил хондам ва ҳарду туро ба

таҳхона интиқол додем...

Аз паллаҳои зерзаминии намнок бо зеҳне, ки меғ бар он доман афканда буд ва бо тане, ки ингор сад тона вазн дошт, баланд мешудам ва зери лаб такрори ба такрор мегуфтам, эй кош бача мурда бошад. Вале бо хости сарнавишт ва бархилофи майли ман он тифл ҷони саломат бадар бурд, Садаф нофашро бурид, сарутан ва даҳону димоғашро пок кард, кӯчак буд, қариб ду кило вазн дошт, аммо худаш нафас мекашид, дасту по мезад. Ногаҳон дилам барояш сӯхт. Ӯро худам ба бахши муроқибатҳои вежа бурдам, хушбахтона «инкубатор»-и навзодҳои норасӣ холӣ буд. Баъд афсонае бофтаму ба мақомот гузориш навиштам, гуфтам, ки модари кӯдак баъди зоймон фирор кард. Интизор шудам, то шаб аз нисф бигзарад. Дар мавриди он хонаи матрука аз Садаф шунида будам, аз ӯ хостам ҳузури туро як муддат таҳаммул кунад. Соати сеи шаб аз ҷой такон хӯрдем, то субҳ ками дигар боқӣ монда буд.

Туро дар он хонаи сарду пур аз мағор, билофосила пас аз як амали бисёр печида, дар бадтарин шароит раҳо кардам. Аз дастат асабонӣ будам, бароям муҳим набуд куҷо мемонӣ ва чӣ балое ба сарат меояд. Дар умқи дилам мехостам барои ҳамеша аз зиндагиам нопадид шавӣ ва дигар касе радди поятро пайдо накунад. Бинобар ин, вақте Садаф гуфт, ки бехабар аз хонааш фирор кардаӣ, нафаси роҳат кашидам.

Бача камтарин мушкили ман буд, бемористон бе ман ҳам метавонист ӯро ба ягон парваришгоҳ бифиристад, ё бо як ду санади тақаллубӣ ба ягон хонаводаи дар ҳасрати фарзанд бисупорад.

Гумон мекардам, ки ҳама чиз ба хубӣ ҳал шуд, аммо аз куҷо! Чашм мепӯшидаму кобус пушти кобус медидам,

туро дар пойи паллаҳо оғӯшта ба хун, худамро дар кунҷи зиндон ва бачаатро овораву саргардон. Шаб то саҳар аз таъқиби пулис ба таҳхонаҳои заҳкашида паноҳ мебурдам, нафасам аз тарс дар сина дармемонд, таболӯд аз тахти хоб берун мечаҳидам.

Ба бегуноҳии ҳамсарам як зарра ҳам шак надоштам, ман ӯро хуб мешинохтам, ӯ қодир ба чунин разолат набуд, туро мисли фарзанди худаш бузург кард, магар падар метавонад ба номуси духтари худ дастдарозӣ кунад? Аз қазо, сафараш тӯл кашиду дили ман аз ғусса ба таркидан наздик мешуд. Ин ҳодиса нанге буд, ки онро намешуд бо дигарон дар миён гузошт, дар сукути комил худхурӣ мекардам. Шавҳарам пас аз як моҳ баргашт, ӯро ба хонаи хоб бурдаму ҳодисаро гуфтам. Шокӣ шуд ва рангаш мисли гачи девор сафед, лабонаш аз ҳаяҷон ларзиданд, бевақфа сар такон медод, вале ҳарфе аз даҳонаш берун намеомад. Ман ин ҳамаро ба фарти тааҷҷуб, ҳайрат ва андӯҳи бузурги ӯ нисбат додам. Як ҳафтаро дар сукути комил ва бо сигорҳои пушти ҳам сипарӣ кард, баъд бо ҳамон ҳол дубора ба сафар баромад.

Кӯдак ҳоло ҳам дар зоишгоҳ буд, ман аз по гузоштан ба бахши навзодҳо худдорӣ мекардам, на ба он далел, ки он рӯзи ғамангезро ба хотирам меовард, балки медонистам, дар он тахти кӯчак як ҳамхуни ман хобидааст, як кӯдаки бесоҳиб, нимсер, бо як ояндаи номушаххас...

Аз қазо он шабу рӯз касе талабгори фарзанд набуд ва кӯдак рӯзҳоро дар бемористон сипарӣ мекард ва бо шири синаи модарони бегона бузург мешуд. Садаф гаҳ-гаҳе ба ӯ сар мезад, аммо ба ман чизе намегуфт.

Баъд, қазияи ту матбуотӣ шуду зиндагии маро зеру рӯ кард. Акнун бо шиками дамида як поям дар зоишгоҳ буду пои дигарам дар додситонӣ. Маро то анҷоми тафтиш аз

вазифаам барканор карданд. Шармандаву русвои пеши шиносу ношинос шудам. Ҳар он чи ту гуфта будӣ, таксиб мекардам, гуфтам, ки ту аз фарти тарсу шармандагӣ худатро аз лаби айвон ба зер парт кардӣ ва ба ин далел ба ҳамсари ман тухмат задӣ, то исми ошиқат ошкор нашавад. Парванда зуд баста шуд, зеро ҳарфи ту танҳо иддао буд, далелу мадраке надоштӣ.

Аммо ҳатто ин анҷоми хуб низ натавонист оромиши маро баргардонад, ҳис мекардам, ки чизе дар вуҷудам ба таври бебозгашт суқут карда буд. Ҳеҷ гоҳ дар тӯли умрам ба андозаи он рӯзҳо мухтоҷи дилбардорӣ набудам, афсурдагии шадид гирифтам. Ҳамсарам ҳамоно дар сафар буд. Ба думболи тасалло пеши Қалам рафтам. Дарро писари бузургаш ба рӯям боз кард, маро диду дар ҷояш ях баст, шигифтзада ба ман нигоҳ мекард, дастпоча шуда буд, саломамро ҳатто алейк нагирифт. Хонаводаи Қалам чизҳоеро медонист, ки рӯҳи ман аз вуҷуди онҳо хабар надошт. Қалам ҳарфҳои туро нуқта ба нуқта таъйид кард. Аввал шок шудам, баъд даст ба зону задаму фиғон кашидам ва аз ҳуш рафтам.

Он шабу рӯз бемуҳобо дар остонаи ҷунун будам, на дар хоб оромиш доштам, на дар бедорӣ. Ҳар шаб ҳамсарамро дар пиндорҳоям мекуштам, бо ҳар шева, гоҳе хафа мекардам, гоҳе синаашро медаридаму қалбашро берун меовардам, гоҳе ба косаи ғизои ӯ захр мепошидам... ва баъд дар гӯшаи ҳавелӣ чоҳе мекандаму мурдаашро зери ҳафт ман хок пинҳон мекардам.

Сафараш ин дафъа тӯл кашид, пас аз ду моҳ баргашт, ӯро дами дар дидаму инону ихтиёрам аз даст рафт, оҳанеро бардоштам ва ба сараш тохтам, зарбаи аввал ба китфаш рост омад, аз ҳуш нарафт, аммо тарсид, ром шуд, бо ишораи сар ӯро ба ҳуҷраи хоб ҳидоят кардам, бо сари хам

пеш гузашт. Ёд надорам дар он хона бо ӯ чӣ кардам, вақте ба худ омадам, бо пероҳани дарида, сару рӯйи пур аз харош моту мабҳут ба кунҷи утоқ хазида буд. Ҳатто сайъ накард ҷурми худро рад кунад, ё аз зери зарбаҳои ман канор биравад, ӯ маро бо сукуташ девона мекард.

Асабонӣ будам, зеро дар он шароити шакку тардиди додгоҳу додситонӣ бар ман, наметавонистам дафъатан аз шавҳарам талоқ бигирам, маҷбур будам ҳузури гаҳ-гоҳии ӯро таҳаммул кунам.

Духтарам Борон авоили зимистон таҳти фишорҳои равонии ман ба дунё омад. Аз зоишгоҳ бо ду парпеч баргаштам, дар яке духтарам мехобид, дар дигаре писари ту, аммо на хонаи худам, дур аз чашми мардум ба деҳа паноҳ бурдам, ба хонаи падариам. Духтарам Найсон дастёрам шуда буд, корҳои мардонаро Ҳомид анҷом медод, албатта на ройгон. Соли тӯлоние буд он сол, ҳеҷ тамом намешуд. На шаб хоб доштам на рӯз, як пистонам дар даҳони Борон буду пистони дигарам дар даҳони бачаи ту. Ба писарат Шаҳбоз ном додам, ҳеҷ кӯдакеро ба андозаи ӯ боҳушу меҳрубон надида будам ва ҳеҷ кӯдакеро ба андозаи ӯ дӯст надоштам, магар туро, ки ҷону ҷигарам будӣ.

Дар тӯли як сол ҳамсарамро ду бор дидам, он дидорҳо бо ҷанҷолҳои бепоён, фарёдҳои девонавори ман ва бо кӯзаву косашиканӣ ҳамроҳ буд. Саранҷом, боре рафту дигар барнагашт, ман нафаси роҳат кашидам.

Соле баъд аз бародараш шунидам, ки дар яке аз кишварҳои Балтик бо зане издивоҷ кардааст.

Ба худ аҳд кардам, ки Шаҳбозро «аз обу гил» берун меорам, туро ба хона бармегардонам ва бо илтиҷои омурзиши гуноҳҳоям писаратро ба ту тақдим мекунам. Бо ин ҳадаф, ду бор ба паноҳгоҳи занҳо рафтам, бори аввал дарбон роҳам надод, бори дувум он хонуми зардина бе-

рун омад, вале посухаш ба дардам нахӯрд. Гуфт, ки ту аз инҷо ду сол пеш рафтӣ ва дигар аз худ дарак надодӣ.

Шояд бигӯӣ: «Одам он қадар кӯчак нест, ки мисли сӯзан дар анбори коҳ нопадид шавад!» Рост мегӯӣ, ҳақ дорӣ. Эҳтимол он ҷустуҷӯҳо фақат барои намоиш буд ва ба хотири лолой хондан дар гӯши виҷдони бедоршудаам. Дар умқи дилам медонистам, ки ҳеҷ гоҳ бачаро ба ту намедиҳам, ӯ ягона ҷалиқаи наҷотам буд, ҳам дар ин дунё ва ҳам дар он дунё.

Ман бо як зиндагии оканда ба розҳои сар ба муҳр, дурӯғҳои хонасӯз ва гуноҳҳои нобахшиданӣ зане бадбахте будам. Замоне садои хандаам дар хонаи ҳамсояҳо шунида мешуд, аммо баъд лабханд заданро ҳам фаромӯш кардам, табдил шудам ба як фарди сокиту абусу хаёлӣ.

Андешаи марг, махсусан вақте мурданам ногузир шуд, маро андӯҳгин мекард, на ба хотири қатъ шудани ин ҳастии риққатбор, на... зиндагӣ бароям арзише надошт. Танҳо чизе, ки маро ба хок яксон мекард, зарбае буд, ки писаракам аз фош шудани рози таваллуди худ мебардошт ва дунёи беолоиши ӯ дар гарду ғубори гуноҳҳои ману падараш ғарқ мешуд. Худои ман, охир ӯ маро мисли бут мепарастид!

Дар баробари Шаҳбоз гуноҳи азимеро муртакиб шудам, на камтар аз гуноҳонам дар баробари ту. Барои он се моҳ, ки мисли ятимакҳо аз ҳошияи тахти кӯчаки зоишгоҳ берун намеомад ва касе ӯро бағал намекард. Барои чилдурӯғҳое, ки ба ӯ мегуфтам... Писаракам қиссаҳои таваллудашро дӯст медошт, ман ҳам барояш достонҳои дурӯғин мебофтам. Аз лаҳзаи ба дунё омаданаш, аз маросими мутантани берун шуданаш аз зоишгоҳ, аз хушҳолии аҳли хонадон... Ҳамаро бо шавқ гӯш мекард, чонааш аз ифтихор баланд мешуд ва ҳар бор гардани ман аз хиҷолат

гӯё ба китфҳоям фурӯ мерафт.

Шаҳбозро ба ту бармегардонам Санам, писаратро бармегардонам, аз ӯ хуб мурокибат кун, ӯ аз танҳоӣ метарсад, нагзор танҳо бихобад, аз навозиш носер аст, дасти шафкат бар сараш бинеҳ, барояш лолоӣ бихон. Шаҳбози ман бояд акнун ба модари воқеъии худ одат кунад. Аз Худо мехоҳам, ки ин раванд барояш осон хатм шавад.

Рӯҳи саргардони ман муҳточи як каф дуо аст, вале талаби раҳмат аз ту беинсофии беш аз ҳад... фақат мехоҳам як бор сари гӯрам биёи ва бо садои паст бигӯӣ: «хола, бахшидамат».

Чашмони Санам об гирифт ва манаҳаш аз рикқат ларзид, ингор румонеро бо поёни ғамангез ба анҷом расонд. Дар ин ҳангом булбуле шаш бор чаҳ-чаҳ зад ва аз наздик шудани бомдод хабар дод. Ӯ бо хушҳолӣ аз ҷой ҷаҳид, телефонро бардошту охирин шумораи сабтшударо пахш кард.

Баъди буқи шашум садои хоболуди Найсонро шунид.

– Салом Найсон, ин манам Санам

– Шинохтам, то нимашаб мунтазири тамосат будам…

– Эй кош медонистам!

– Чӣ кор кунем?

– Намедонам, ҳарчи ту бигӯӣ.

– Хонаи мо ҷойи хубе нест, фикр мекунам аввал бо ту ва баъд бо додару хоҳаронам суҳбат кунам. Ба онҳо мегӯям, ки бачаро барои муоина ба духтур мебарам. Шояд дар ягон қаҳвахона ҳамдигарро бубинем?

– Бачаат барои гардишҳои тӯлонӣ кӯчак нест? Шояд ба хонаи ман биёӣ?

– Бачаро ҳам бо худ бигирам?

– Чаро не?

– Бошад.

– Алъон меоӣ?

– Тақрибан пас аз ду соат.

– Чаро ҳоло не?

– Соат шаши бомдод аст, кадом духтур дар ин соат сари кор меояд? Дурӯғ ҳам бояд заминӣ бошад. Адреси хонаатро бо паёмак бифрист, соати 8:30 мерасам.

– Бароят таксӣ бифристам?

– Зарур нест, худам меоям.

– Бошад.

Санам панҷараҳоро боз кард то ҳавои хона аз бӯйи сигор пок шавад, аз нонвойхонаи воқеъ дар пушти сохтмон бӯйи кулчаи равғанӣ ба димоғ мерасид. Бо аҷала аз хона берун рафт то барои дастархони субҳона нони тоза ва қаймоқ бигирад. Суфраро боз карду дубора рӯ ба панҷара нишаст, мехост аз омадани холадухтар бехабар намонад.

Найсон аз ваъдааш як соат дертар омад. Лоғару афсурда ба назар меомад. Бачаашро рӯйи нимкат гузошту даст ва гардани Санам ҳалқа кард ва инони гиряро сар дод...

## Рисолати ногувори Найсон

Ӯ суҳбатро бо хонаводааш барои як рӯзи дигар ба таъвиқ андохт, на аз рӯйи тарс, балки мехост боз як рӯзи орому беизтиробро ба додару хоҳаронаш тақдим кунад. Медонист, ки фардо дигар имрӯз нахоҳад буд, фардо азизонаш инсонҳое хоҳанд буд мутафовит ва шояд солҳо тӯл бикашад то ба ин воқеъияти талх канор биёянд.

Ӯ бехобтарин шаби зиндагиашро ба сар бурд ва субҳ пас аз ношто хоҳарону ягона додарашро ба «утоқи Санам» даъват кард. Борону Нахлистон ба думболи ӯ вориди утоқ шуданд, ин даъват онҳоро ҳайрон накард, хоҳари бузург

акнун ҷойгузини модар шуда буд ва ҳар тасмими марбут ба ояндаи хонаводаро ӯ мегирифт. Онҳо танҳо аз макони мулоқот тааҷҷуб карданд. Утоқ ба ҳам рехта буд, кӯрпаву болишт, матоҳои дохили сандуқи Моҳистон, китобҳои ҷевон, ҳама рӯйи замин мехобид, ҳуҷра ҷойи погузорӣ надошт. Бесарусомонии ин утоқ танҳо Нахлистонро ғофилгир кард.

– Чаро утоқ ин шаклӣ шудааст?

Борону Найсон пурсиши ӯро нашнида гирифтанд. Шаҳбоз каме дертар расид, чеҳраи соф ва кӯдаконааш аломате аз кунҷковӣ надошт. Ӯ рӯйи тахт дар байни хоҳаронаш нишаст.

Найсон чанд нафаси амиқ кашид ва номаи ғиҷимшудаи Моҳистонро ба замин гузошт.

– Ин паёмест аз модарамон, хитоб ба Шаҳбоз, як ҳафта пас аз марги модарам аз зери рахти хобаш пайдо кардам. Мутмаъин набудам, ки инро ба шумо нишон бидиҳам, ё хайр... Ҳатто мехостам нобудаш кунам.

Даҳони Шаҳбоз аз ҳайрат боз шуд.

– Найсон, нома ба номи ман буд?

– Оре.

– Пас чаро бозаш кардӣ? Бовар намекунам... Ин рафтор аз ту баъид аст.

– Барои ин кор далел доштам... Намехостам ба ту осеб бирасад.

– Номаро бояд ба ман медодӣ, хубу бадаш бо худам мебуд!

– Ҳм.. ҳоло ҳам дер нашудааст, бигиру бихон, фақат мехоҳам эътирофи модарамонро бо шуҷоъати як марди баркамол бипазирӣ, на чун як навраси нозпарвард.

Шаҳбоз номаро бардошту ором аз утоқ берун рафт ва Найсонро ғофилгир кард, ӯ мехост, ки хонаводааш

номаро бо ҳам бихонад, то қурт додани ин бадбахтӣ барояшон осонтар шавад.

– Борон, илтиҷо мекунам, Шаҳбозро танҳо нагузор.

– Чаро моро метарсонӣ? Чӣ аст дар он нома?

– Мегӯям, ҳамаро тавзеҳ медиҳам, фақат Шаҳбозро баргардон. Бирав ба думболаш, нагзор танҳо бимонад!

Борон аз ҷой такон нахӯрд.

– Шаҳбоз мард шудааст, бигзор уфтодану баланд шуданро худаш биомӯзад!

– Найсон, чӣ хабар аст инҷо? – пурсид Нахлистон бо асабоният. – Кушти моро бо ин роздориҳоят! Воқеиятро бигӯ мо ҳам бишнавем!?

– Дар ин нома як рози ваҳшатнок аст, аз гузаштаи хонаводаамон.

– Гузашта ба имрӯз чӣ дахл дорад? Агар ин қадар бад буд, чаро нобуд накардӣ?

– Борҳо хостам, аммо азбас пойи як нафари дигар ҳам дар миён аст, пинҳон доштанаш ҷурм мебуд.

– Ҳошия нарав Найсон, асли гапро бигӯ!

– Асли гап ин аст, ки Шаҳбоз додари мо нест...

Хоҳарон тавре ба Найсон нигоҳ карданд, ки ӯ гӯё дошт ҳарза мегуфт.

– Шаҳбоз додари мо нест? Ту чӣ мегӯӣ? Девона шудаӣ!? – Борон ба сари хоҳари бузургаш тохт.

– Мо дугоникем, аз шиками модар бо ҳам берун омадем, ҳатто нобино ҳам метавонад шабоҳати моро ба якдигар ташхис бидиҳад! Шаҳбоз нусхаи ман аст, нусхаи туст, нусхаи модари мост, ҳатто холи бари рӯяш шабеҳи холи ман аст! Чигуна метавонад додари мо набошад???

– Додари мо ҳаст, аммо аз шиками модари мо нест.

Нахлистон асабонӣ шуд.

– Найсон, маҷбур накун ҳар каломро аз забони ту бо

чангак берун биоварем. Воқеъиятро бигӯ, агар то инҷояш аз тарс намурдем, пас, таҳаммули шунидани идомаашро низ дорем.

– Худо кунад, ки ҳамин тавр бошад.

– Хуб?

– Шаҳбоз писари Санам аст…

– Чигуна мумкин аст? Шаҳбозу Борон ҳарду рӯйи дастони мо бузург шуданд!

– Оре Нахлистон, бо ин вуҷуд, Шаҳбоз писари Санам аст, як фарзанди нохоста, ҳосили як таҷовузи ҷинсӣ...

Сукути маргборе утоқро фаро гирифт.

– Шумо то ҳол фикр кардаед, ки чаро умри модари мо дар танҳоӣ гузашт, падари мо куҷост ва чаро хотираи ӯ табдил ба табӯ шуд?

Нахлистон ишораҳои хоҳарашро билофосила фаҳмид, дастонаш беихтиёр ба сӯйи гиребони тавба дароз шуданд.

– Худои ман, ин чӣ рӯз аст... бечора Шаҳбоз!

– Кӣ ин корро бо Санам кард? – пурсид Борон бо хунсардӣ.

– Санам солҳо пеш рӯйи ҳамин тахт таҷовуз шуд... понздаҳсол дошт... ин ҷиноятро падари мо содир кард.

Борон мисли барқзадаҳо аз тахт ҷаҳиду бо аҷала аз дар берун рафт. Нахлистон бо таассуф ба хоҳари бузургаш нигоҳ кард.

– Бояд ин номаро нобуд мекардӣ...

– Ончи ту шунидӣ хоҳар, танҳо як бахши достон буд, идомааш аз ин ҳам ваҳшатноктар аст.

– Ваҳшатноктар аз ончи шунидем? Чӣ чизе матевонад бадтар аз ин бошад???

– Бигзор Борон биёяд, ман тавони бозгӯии дубораи ин қиссаи талхро надорам.

Борон ҳаял кард, аммо вақте баргашт аз он Борони чолишгар асаре намонда буд, ранг дар рӯй надошт ва аз ҳаяҷон ҳаш-ҳаш нафас мекашид.

– Ҳама ҷоро гаштам, утоқҳоро, болохонаро, ҳатто анборро, аммо пайдояш накардам. Либосҳояш рӯйи замин мехобид... Мабодо худкушӣ кунад, ё дигар барнагардад? Худои ман, дорам девона мешавам!

– Бишин.

Найсон мароҳили фишору изтироб ва азоби рӯҳии марбут ба он иттифоқотро гузашта буд ва дилаш ба хоҳаронаш месӯхт, ки онҳо низ акнун маззаи талхи иштибоҳоти Моҳистонро мечашиданд.

Гуфторро бо садои мулоим оғоз кард, то таъсири ин фоҷеаро ба равони хоҳаронаш нармтар кунад.

– Гоҳи авқот беҳтар аст гузаштаро надонӣ, гузашта шабеҳи домест дар як ҷангали беодам, вақте пой дар он гир кард, ҳар қадар фарёд бизанӣ, садоятро ба ҷуз худат касе намешунавад. Ман то як моҳи пеш аз холадухтар чизе намедонистам, то ки рӯзе модарам номаеро ба дастам дод ва гуфт: – «Инро баъди мурданам ба Санам бидеҳ...».

## Чолишҳои сарнавишт

Аввалин аксуламали Шаҳбоз ба номаи модар бурӯзи як ҳолати карахтӣ буд, мисле ки замин аз зери пояш лағжид ва ӯ ба чоҳи бетаге фурӯ рафт. Дар замири ноҳудогоҳаш эҳсос мекард, ки як иттифоқи ваҳшатнок ва ҷубронногазир рух додааст, аммо наметавонист воқеиятро дуруст ташхис бидиҳад. Ҷумалоти нома монанди гулӯлае ба девори шахшудаи зеҳнаш бармехӯрду бозпас мегашт, на рӯҳаш тавони қабули ин эътирофро дошт, на зеҳнаш. Хеле тӯл кашид то он карахтӣ ибтидо ба инкор

ва сипас ба изтиробу хашм табдил шуд. Он замон аз ҷой бархосту кифи сафариро бо асабоният аз рӯйи ҷевон поин овард ва ҳар либоси ба чашмаш афтодаро ба он фурӯ кард. Дастонаш меларзиданд, ғадуди ашк гӯё аз чашм ба даҳонаш кӯч баста буд, ки луобе беист аз зери забонаш берун меомад. Занҷири кифро он қадар ин сӯю он сӯ кашид, ки саранҷом зулфайнашро шикаст. Муддате моту мабҳут ба даҳони бози киф хира шуд, сипас онро бо асабоният ба гӯшае парт карду бо ҳар либосе дар тан дошт, аз хона берун рафт. Ақрабаки соат нуҳи саҳарро нишон медод.

Шаҳбоз дар байни се хоҳар бузург шуда буд, шояд ба ин далел нарму меҳрубон боқӣ монд ва орӣ аз густохиву ифрот. Моҳистон ӯро мисли гул бо ишқ парварид, аммо салобату шуҷоат ва муқовимат бо зарбаҳои эҳтимолии сарнавиштро ба ӯ ёд надод. Дар кӯчактарин даъвои Шаҳбоз бо ҳамсабақҳояш, ё хароше дар сураташ ҳозир буд муҷримонро ба дор бикашад ва бо одитарин зуком васвосӣ мешуду ӯро аз як дуктур ба дуктури дигар мебурд. Намегузошт об дар шикамаш такон бихурад. Ин аст, ки Шаҳбоз бо аввалин чолиши сарнавишт башиддат нороҳату сархӯрда шуд.

Соатҳо дар ҷодаҳои шиносу ношинос беҳадаф қадам мезад, ҳеҷ гоҳ ба ин ҳад эҳсоси тарсу ноамнӣ ва дармондагӣ накарда буд. Гоҳо ба нимктҳои канори ҷодаҳо менишаст ва монанди фарде, ки ҳама дору надорашро дар як лаҳза аз даст додааст, бо шакку тардид сар такон медод. Баъд бо ғазаб аз ҷой баланд мешуд ва дар ҷодае, ки намедонист ӯро куҷо мебарад, қадам мебардошт.

Соатҳо роҳ рафт, то саранҷом ба маркази шаҳр расид.

Гармои ваҳшатноке дар шаҳр ҳукмрон буд, аммо ӯ раъшае дар вуҷуд дошт, ки аз сар то ба нояш мавҷ мезад ва мӯйро дар танаш сих мекард.

Раҳгузарони хиёбони марказӣ ба ин ҷавони қоматбаланд ва дар худ фурӯрафта, ки мӯйҳои ҷулида доштуу чеҳраи озурда, бо тааҷҷуб нигоҳ мекарданд. аммо ӯ одамони атрофро намедид, шонаҳояш дар он хиёбони пурҷамъият ба раҳгузарҳо бармехӯрду бархеро асабонӣ мекард ва бархе бо тараҳҳум ба думболаш хира мешуданд.

Бо як гурӯҳи мардум ба самти боло мерафт ва бо гурӯҳи дигар дубора ба хиёбони марказӣ бармегашт, рӯз дошт рӯ ба поин меоварду офтоб рӯ ба ғурӯб. Шаҳбоз камкам аз ҳолати сардаргумӣ берун меомад. Гурусна набуд, аммо забонаш аз хушкӣ дар комаш мечаспид. Нигоҳаш ба фавворaҳои он сӯйи ҷода афтод, об аз он шаршараҳо мисли шири рӯйи оташ кафк мекарду медамид ва дубора ба ҳавзи пуроб сарозер мешуд. Ӯ роҳро убур карду ба сӯйи фавворaҳо шитофт. Рӯйи нимкатҳои давру бари обшор ҷуфтҳое бо якдигар «гӯшакӣ» мекарданд, дар нимкати дигар як зани ҷавон пушт ба ҷуфтҳои ошиқ ба кӯдакаш шир медод. Ӯ бо як даст бачаро бағал карда буду бо дасти дигар синаашро мепӯшонд ва гаҳ-гаҳ зерчашмӣ ҳаракатҳои Шаҳбозро тамошо мекард. Шаҳбоз канори ҳавз ба зону зада, мисли барзагови аз ҷуфт баргашта, лаб аз даҳони кафколуди ҳавз барнамедошт. Вақте сар боло кард, ҳамон модари ҷавонро дид, ки бо як даст бачаашро бағал карда буд ва бо дасти дигар бутрии обро ба ӯ медод.

– Оби ҳавз касиф аст, инро бигир.

Шишаи обро гирифту лабханди ғамолӯде зад. Зан дилсӯзона ба ин ҷавони хушқиёфа нигоҳ мекард.

– Дар каласка нон дорам, мехоҳӣ биёрам?

Шаҳбоз малул шуд, дилаш ба ҳоли худаш сӯхт, мехост бигӯяд, «ман гадо нестам», аммо сукут кард, даст рӯйи сина гузошту ба нишони инкор сар такон дод.

Ӯ аз даромадгоҳи наздиктарин вориди боғ шуд, ма-

коне буд, орому сокит, сабзу хуррам, бо чамани гулҳои рангоранг ва дарахтони шоҳбулут, ки бо хушагулҳои сафед ба ин макон шаҳомати вежа мебахшид. Аз баландгӯи рӯйи сутуни баланд садои мусиқии нарму хобовар ба гӯш мерасид. Пойҳои Шаҳбоз аз саргардониҳои тӯлонӣ ва шонаҳояш аз бори фишори равонӣ хам мешуданд, эҳсос кард, ки дигар тавони ҳаракат надорад. Дар ҷустуҷӯи ҷойи нишаст назаре ба атроф афканд. Фаввораe кӯчакеро дид, ки об аз лӯлаҳояш бо чир-чири ҳаловатбахш ба ҳавзи шабеҳи як карсони бузург сарозер мешуд. Шаршараи об дар иҳотаи чанд нимкат қарор дошт. Дар яке аз нимкатҳо пирамарде бо даҳони боз пинак мерафт, чашмони дар ҳадақа фурӯрафта дошт ва гунаҳои устухонӣ, гоҳи авқот дасти лоғарашро такон медод ва магасеро, ки дар бехи гӯшаш виз-виз мекард, дур меандохт. Дар ин гармо дар тан шиму кастум дошт ва кӯлоҳе аз намад, ки рӯйи зонувонаш мехобид, пойҳояш аз кафш берун буданд, пинакаш дар ҳавои серуни канори фаввора ва шир-шири об зоҳиран ба хоби амиқ табдил мешуд.

Шаҳбоз дар нимкати паҳлӯи пирамард нишаст, шиппаки резинӣ пӯсти байни ангушти аввалу дуюмашро сойидаву хуншор карда буд, аммо на дарди пой ва на иттифоқоти имрӯз монеъи чурт заданаш намешуд. Пилк ба ҳам гузошту хобаш бурд.

Дар хоби маст буд, ки ногаҳон дасте шонаашро бо эҳтиёт такон дод ва ҳамзамон нафаси гармеро дар чеҳраaш эҳсос кард.

– Бедор шав писар!

Шаҳбоз чашм боз карду дар партави фонӯсҳои боғ пирамарди кулоҳпӯшро дид.

– Баланд шав, инҷо хобидан мумнӯъ аст, пулис дар атроф мегардад, ба дасташ биафтӣ ба осонӣ раҳо наме-

шавӣ». – Пирамард ҳарф мезад ва дандонҳои маснуъияш ба ҳам бармехӯрду «чок- чок» садо дармедод.

Шаҳбоз рӯйи нимкат нишаст, ибтидо ба пирамард хира шуд ва сипас ба атроф, саргаранг буд, ёдаш намеомад, ки чигуна инҷо афтодааст. Ногаҳон барқе зеҳнашро рӯшан кард ва тамоми ҳодисоти он рӯз босуръат аз пеши назараш гузашт. Андӯҳи амиқ дубора вуҷудашро фаро гирифт.

Пирамард камарашро дар такяи дастонаш рост кард ва дар гӯшаи дигари нимкат нишаст.

– Хонаат куҷост?

....

– Аз зоҳират бачаи шаҳрӣ менамоӣ.

Шаҳбоз пузханд зад.

– То субҳи имрӯз медонистам бачаи куҷоям, хонаам куҷост, волидонам кистанд, аммо ҳоло ҳатто ба вуҷуди худам шак дорам.

Пирамард муддате сукут кард ва сипас пурсид:

– Ҷое барои хобидан дорӣ?

– Ҳаминҷо мемонам.

– Ҳарфамро нашнидӣ писар, гуфтам инҷо хобидан мамнӯъ аст, пулис иҷозат намедиҳад.

– Шаҳр бузург аст, дар ягон гӯшаи дигар мехобам.

– Баланд шав, бо ман биё, бо ҳам шом мехӯрем…

Манзили пирамард дар ҳамсоягии ҳамон боғ, дар миёни сохтмонҳои ҷадид қарор дошт, кофӣ буд танҳо роҳи мошингардро убур кунӣ. Як хонаи начандон бузург, тозаву тамиз, бо айвони шишаӣ ва чамане аз гулҳои рангоранг. Соҳибхона чароғро рӯшан кард ва печи лӯлаи обро тоб дод, риштаҳои борики об аз сӯрохи лӯла ба рӯйи гулҳои аз гармо беҳол сарозер мешуд ва ба тани пажмурдаи онҳо ҷони тоза медамонд. Пирамард

чусту чолок ба назар меомад, сабук роҳ мерафт ва дар паллаҳо роҳат болову поин мешуд. Аз мизи канори гулистон, ки фақат як сандалӣ дошт, мешуд ҳадс зад, ки ӯ танҳо зиндагӣ мекунад. Шаҳбозро ба ҳамон сандалӣ нишонду дастмоли сафедро аз рӯйи суфра бардошт, дастархон чанд пора нон дошту як коса шакар ва ду чалпаки равғанин. Истаконро дар шланги канори чаман шусту бо дастмол пок кард ва аз як қумқумаи калон барои Шаҳбоз чой рехт.

– Чизе бихӯр писар, хиҷолат накаш.

Сипас чолокона аз зинаҳои айвон боло шуд ва пас аз муддате дар тан пероҳану шалвори рахдор ва дар даст ду коса макаронпалав баргашт, якеро назди Шаҳбоз гузошт ва дигареро дар гӯшаи муқобил. Аз анбори кӯчаки паҳлӯи айвон барои худ сандалӣ овард.

Шаҳбоз иштиҳо надошт, ӯ танҳо ба эҳтироми пирамард як қошук макаронро ба даҳон гузошту дуру дароз ҷавид ва басахтӣ фурӯ бурд. Пирамард косаи ғизоро хеле зуд холӣ кард, сипас дандонҳояшро дар оби шланг шусту дубора ба даҳон андохт ва рӯйи сандалӣ нишаст.

– Хуб писар, бигӯ чӣ шудаст, чаро мисли саги кӯтаккхӯрда дар худ фурӯ рафтаӣ?

Шаҳбоз ибтидо хост бо баҳонае аз посух ба ин суол канор биравад, аммо ғамаш бузург буд, ба як ҳамсуҳбат ниёз дошт. Номаи ғиҷимшудаи Моҳистонро аз ҷайб берун овард.

Пирамард айнакҳояшро пӯшиду номаро ба даст гирифт.

Шаҳбоз аз ӯ чашм намебардошт, синни пирамард ба вузуҳ аз ҳаштод ба боло буд, сурати аспмонанд дошту гунаҳои устухонӣ, кисаҳои зери чашмаш мисли ҷиғилдони буқалум паҷмурдаву овезон буданд, аммо аз ҳамсолони

фарсудааш фарқ мекард, мисли камарбанди чармӣ сифту чандир ба назар меомад. Абрӯвони хокистарии дуруштро, ки пашмҳояш то мижаҳояш мерасид, аз рӯйи пилкҳо боло бурд, то дастхати резиМоҳистонро роҳат бихонад.

Ба вараҷи дуюми номаи сесаҳифагӣ расиду аз ҷой баланд шуд ва аз танаи шабеҳи камонғӯлак душохаи ангӯр қутии сигор ва гӯгирдро берун овард, сигорро мисли ашрофҳо дар шикофи лулаи борике фурӯ кард ва як қулоби амиқ кашид.

Баъд он қадр дар он нома фурӯ рафт, ки ҳузури меҳмонро аз ёд бурд. Вақте хонданро анҷом дод, номаро чаҳорқат карду дар гӯшаи миз гузошт, бе ҳеҷ калом аз ҷой бархосту дар паси панҷараҳои айвон нопадид шуд. Вақте баргашт бо худ як хилъат доштy як дастмоли сафед, бо ангушт ба сохтмони кӯчаке дар гӯшаи ҳавлӣ ишора кард:

– Писари хуб, баланд шав, ҳаммом онҷост, як душ бигир.

Ҳаммом пешутоқ дошту ванна ва деворҳои барроқи кошинкорӣ. Васоили мардонаи дохили ҳаммом ба сад забон мегуфтанд, ки муддатҳост зане дар инҷо сар нашустааст.

Шаҳбоз бо ҳавсала душ гирифт, пероҳану шорташро шусту дар торбанди канори ҳаммом овехт, худро ба хилъати васеи пирмард печид ва ба сари суфра баргашт.

Мӯйсафед як пора лимӯро бо асал дар пиёлаи чойи доғ ҳам заду пеши Шаҳбоз гузошт.

– Чойро бинӯш, баъд аз ҳаммом доруйи хубест.

Сипас мунтазир монд то меҳмон охирин ҷуръаи чойро нӯшид ва пиёларо канори миз гузошт.

– Чӣ чизе дар ин нома ба ту бештар осеб расонд?

Шаҳбоз каме сукут кард, ингор худаш низ ба бардоштҳояш мутмаин набуд, бо тардид гуфт:

– Ҳар ончи дар нома навишта шудааст...

– Дақиқтар?

– Намедонам... чи бигӯям, гиҷ шудаам... зане, ки то ҳол фикр мекардам модари ман аст, ӯро мепарастидам, ба ӯ имон доштам, маълум шуд, ки ин ҳама сол маро гул мезадаст... Фарз кардем, дурӯғашро пазируфтам, аммо чигуна бо воқеияти таваллудам канор биёям?

Гӯшаи лабони Шаҳбоз аз фарти буғз поин омад, ашк дар ҳавзи чашмонаш такон хӯрду бо як мижа задан ба сураташ сарозер шуд. Пирамард вонамуд кард, ки ашкҳои ӯро намебинад, ӯ чуткаи борикеро аз ҷаъбаи сигор берун оварда ва бо сари хам «мундштук»-ро тамиз мекард.

– Агар аз ман шунидан хоҳӣ дар ин қисса на зане, ки туро бузург кард муқассир аст ва на оне ки туро ба дунё овард.

– Пас гунаҳкор манам?

– Ҳмм... номаро то охир нахондаӣ.

– Ҳар он чиро ки лозим буд бидонам, медонам...

– Аз модарат наранҷ, маҳкум карданаш беинсофӣ аст. Тасаввур мекунӣ, чӣ мешуд, агар туро ба ятимхона месупурд, ҳоло куҷо мебудӣ?

– Ҳарҷое будам, дар вазъияти беҳтар аз ин мебудам.

– Иштибоҳ мекунӣ ҷавон, ту аз воқеиятҳои зиндагӣ чизе намедонӣ, чун мисли як парвона дар дохили абрешим бузург шудӣ. Ман панҷоҳ сол пизишки атфол будам, аз ин панҷоҳ сол, сӣ сол дар ятимхонаҳо кор кардам. Бадбахтиву хории ятимиро ман медонам, ту ҳатто наметавонӣ тасаввур кунӣ! Ятим кӯдакест нодаркор, ноумед, осебпазир, беэътимод ба одамони атроф, бе оянда. Дар ҳасрати навозиш, дар орзуи як ҳарфи хуб... сарашро касе навозиш намекунад, дар беморӣ касе сари болинаш наменишинад, барояш лолоӣ намехонад, ҳарфи дилашро намешунавад,

ӯ ба ҷуз худаш такягоҳе надорад ва ҳар рӯзаш бо ин умед мегузарад, ки шояд хонаводае ӯро ба фарзандӣ бипазирад.

– Бояд ҳақиқатро ба ман мегуфт...

– Агар нагуфтаст танҳо ба ин далел, ки намехост ба ту осебе бирасад. Гоҳи авқот беҳтар аст ҳақиқатро надонӣ, зиндагӣ осонтар мегузарад.

Дар тӯли рӯз аввалин бор чеҳраи Моҳистон пеши назари Шаҳбоз омад, овози нарми ӯ дар гӯшаш садо дод, меҳрубониҳояшро ба ёд овард, фидокориҳояшро, «Шоҳ» садо карданҳояшро. Дар маризиҳояш бо ӯ мариз мешуд, дар шодиҳояш барояш мерақсид, аз синфи аввал то хатми мадраса ингор бо ӯ дубора мактабро «хатм» кард... Ӯро аз ҳама боло мегузошт, ҳатто аз худаш. Дилаш каме нарм шуд.

– Раҳгум задам амак, намедонам чӣ кор кунам…

– Зиндагӣ ҳамин аст писар, гоҳи авқот чархишҳои тарснок дорад ва ҳастии моро дар як лаҳза зеру рӯ мекунад, аммо бояд ин зарбаҳоро сабурона таҳаммул кард, ба хубиҳо арҷ гузошт ва бахшиши бадиҳоро ба Ҳазрати Ҳақ супурд.

Шаҳбоз пурсишомез ба пирамард нигоҳ кард.

– Агар ҷойи ту мебудам, сараввал модари биологиамро пайдо мекардам, чун ин достон, агар як қурбонии воқеӣ дорад, ҳамон зан аст... Ва ҳамроҳи ӯ мерафтам ба сари гӯри модари дигарам ва гуноҳонашро афв мекардам».

– Аз куҷо маълум аст, ки он зан маро мепазирад? Вуҷудам ҳатто аз эҳтимоли рӯ ба рӯ шудан бо ӯ ба ларза меояд.

– Нигарон набош писар, модар силаи раҳм аст, фарзандашро пас аз сад сол ҳам мешиносаду мепазирад. Хоҳаронатро низ беш аз ин дилвопас накун, онҳо низ мисли ту

шокӣ шудаанд.

Муддате дар сукут гузашт, сипас пирамард суфраро дубора бо ҳамон дастмоли сафед пӯшонд, лӯлаи обро басту қуттии сигорашро ба ҷойи аввалааш баргардонд.

Ӯ Шаҳбозро ба утоқе раҳбаладӣ кард, ки маълум набуд хонаи хоб аст ё нишеман, як миз дошту ду сандалӣ, тахти хоби якнафарӣ, ҷевоне пур аз китоб ва деворе пур аз аксҳои хонаводагӣ.

– Узр амак, шуморо саргардон кардам, заҳмат накашед, ман метавонам дар ҳавелӣ бихобам.

– Чӣ заҳмат, барои пирамарди танҳо ёфтани як ҳамсуҳбат ҳадяи илоҳӣ аст.

Шаҳбоз ноаён ба аксҳои рӯйи девор нигоҳ кард.

– Ҳамагӣ як писар дорам, бо хонаводааш дар Австралия зиндагӣ мекунад, соле як бор ба диданам меояд, маро ба хонаи худ мехонад, аммо аз ин манзил дил канда наметавонам. Дар ин манзил чил сол бо ҳамсарам зиндагӣ кардам, инсони хубе буд, хаёлам агар аз инҷо биравам, рӯҳаш нороҳат мешавад.

– Аз танҳоӣ наметарсед?

– Чаро, метарсам. Метарсам, ки як субҳ аз хоб баланд нашавам...

Пирамард дар сандалии канори миз нишасту албоми қадимиеро боз кард. Акси ҳамсарашро дар саҳифаи аввал ҷой дода буд, як зани бисёр зебо, бо чашмони бузурги сиёҳ ва абрӯвони мисли камон. Тамоми саҳафоти зиндагии пирамард ба таври замонӣ дар он албом мунъакис мешуд, аз донишҷӯӣ то издивоҷ, таваллуди фарзанд, набераҳо.

Ногаҳон нигоҳи Шаҳбоз дар як акси дастаҷамъии занону анбӯҳи кӯдакон гир кард, занҳо хилъати сафед пӯшида буданд ва кӯдакон либосҳои якранг, мисли аксе аз

кӯдакистон. Ончи дар он тасвир таваҷҷуҳи ӯро ҷалб кард, акси духтаре буд, комилан шабеҳи Найсон, бо чашмони бодомӣ ва холи бари рӯхсор. Гӯё худи Найсон буд.

– Ин акси кадом сол аст?

Пирамард аксро аз албом берун оварду ба таърихи рӯзаш нигоҳ кард ва солҳоро дар зеҳнаш шумурд.

– Ҳабдаҳ сол пеш

– Чаро мепурсӣ?

– Ин духтарак кист?

– Як духтараки бекасу кӯй буд, дар парваришгоҳи ятимон зиндагӣ мекард. Ин акси ҳамон солҳост. Достони зиндагиашро намедонам, аммо як фарди ҳассосу ба ятимон мушфиқ буд ва барои ман беҳтарин намоди худофаринӣ. Таҳсил кард, таҷриба омӯхт ва дар он парваришгоҳ, ки замоне фаршҳояшро мешуст, раҳбар шуд. Ҳоло ҳам гоҳо ба онҷо сар мезанам, рӯзҳое, ки ҳавсалаам аз бекорӣ сар меравад, кӯдакҳоро муоина мекунам, ба пизишкҳои ҷавон машварат медиҳам.

– Шумо телефони ҳамроҳ надоред?

– Дорам, мехоҳӣ ба ҷойе занг бизанӣ?

– Мехоҳам ба хоҳарам паёмак бифиристам, то хавотир нашавад.

– Кори оқилона мекунӣ.

Пирамард телефонро рӯйи миз гузошту патуро аз рӯйи тахти хоб бардошт ва аз утоқ берун рафт.

Шаҳбоз мехост танҳо як ҷумла бинависад, аммо навиштани он ҷумла барояш душвор буд, борҳо навишту пок кард. Нишонии Санамро мехост, аммо намедонист ӯро чигуна садо кунад. Душвор буд занеро, ки намедонаду намешиносад якбора модар ном бубарад. Ба «Санам» гуфтан низ забонаш намечархид. Ниҳоят навишт: «Одреси холадухтарро бифирист». Муддате сабр кард, аммо

аз Найсон хабаре нашуд. Соати телефон 12:10-ро нишон медод. Найсон эҳтимол хоб буд, рӯзи ҷадиде дошт шурӯъ мешуд...

Шаҳбоз саҳар аз навозиши насими форам ва садои ҷик-ҷики паррандагон, ки аз панҷараи боз ба утоқ ворид мешуд, чашм боз кард. Агарчи офтоб ҳанӯз тулӯъ накарда буд, аммо атроф мисли рӯз равшан менамуд. Рӯйи миз шалвору пероҳани утушудаи худро дид ва телефони мобили пирамардро, аз меҳрубонии пирамард хиҷолат кашид. Найсон барояш паём фиристода буд.

«Азизам, додари ба ҷон баробарам, мехоҳам бидонӣ, ту барои ман ҳамон Шаҳбозе ҳастӣ, ки дар домани кӯчакам бузург шудӣ, ҳамон додараки азизам, ҳамоне, ки ҳамеша будӣ, ҳеҷ чизе байни ману ту дигар намешавад, чун ҷойи ту дар қалби ман, дар дидагони ман аст. Зудтар баргард, нагзор дилвопасат шавам. Дӯстат медорам, аз ҷонам бештар!»

Найсон дар он паймак суроға, шумораи телефон ва нишонаҳои хонаи Санамро навишта буд.

Шаҳбоз либосҳояшро пӯшиду ба ҳавелӣ баромад, пирамард дар атрофи миз ҷумбуҷул мекард ва аз он суфра бӯйи хуше ба атроф паҳн мешуд. Ӯ акнун эҳсоси гуруснагӣ кард, дасту рӯяшро дар лӯлаи оби канори чаман шуст. Пирамард як суфраи шоҳона омода карда буд, бо тухми бирён, маскаву мураббо ва қаҳваи хушмазза.

– Биё бишин писар, чӣ ҳол дорӣ, дар ҷои ношинос хобат бурд?

– Олӣ буд, намедонам бо чи забоне сипосгузорӣ кунам, Шумо инсони фавқулоддае ҳастед, як фарди ношиносро аз хиёбон бардоштеду бо худ ба хона овардед, сарпаноҳ додед. Шояд ин коратон бехатар набошад.

Пирамард лабханд зад.

– Эҳ писар, ман дар ин дунё он қадар одам дидаам, ки чашмонам мисли рентген шуданд, хубро аз бад дар як нигоҳ фарқ мекунам, ту сурати худро дар ойина дидаӣ? Ба одамони мисли ту мегӯянд: «даруну берунаш» якест, модарат туро шоиста ва хушахлоқ тарбия кардааст.

Тавсифи пирамард малҳаме буд ба ғурури шикастаи Шаҳбоз. Агарчи ӯ дар ҳодисоти солҳо пеш тақсире надошт, аммо эҳсоси гуноҳ мекард ва аз вуҷуди худ хиҷолат мекашид.

Пирамард аз ӯ тавре муроқибат мекард, ки гӯё фарзанди худаш бошад, маскаро дар нони гарм мемолиду пеши ӯ мегузошт, тухмро барояш пӯст меканд ва маҷбур мекард, ки чойро бо асалу лиму нӯши ҷон кунад. Шаҳбоз то дирӯз аз вуҷуди ин пирамард хабар надошт, аммо ин субҳ вақте барои худоҳофизӣ ба сӯяш оғӯш боз кард, эҳсосе дошт, ки ӯро солҳо боз мешиносад. Пирамард шонаҳои Шаҳбозро навозиш кард ва бо лабханд гуфт:

– Дари ин хона ҳамеша ба рӯйи ту боз аст писар, ҳар вақт хостӣ биё, хушҳол мешавам, вагарна аз танҳоӣ ғаризаи ҳарфзаданро фаромӯш мекунам.

Шаҳбоз аз хонаи пирамард берун шуду чашмаш ба лавҳаи рӯйи дар афтод, хиёбони Рӯдакӣ 10А, аз рӯйи паёмаки Найсон хонаи Санам низ дар ҳамин хиёбон, панҷоҳ хона болотар ҷойгир аст. Рӯ ба самти афзоиши ададҳо рафт. Ҳаво салқин буду хиёбон камодам, танҳо як тӯда занҳои роҳрӯб рӯйи сабза суфра боз карда буданд ва бо иштиҳо чою нон мехӯрданд. Шаҳбоз иморати заруриро хеле зуд пайдо кард, хонаи чаҳорошёнаи хиштӣ, дар канори ҷодаи пиёдагард, ки ду панҷараи мобайниаш ба самти хиёбон боз мешуд. Сардие дар сутуни фақароташ мавҷ зад. То инҷо расид, аммо намедонист баъдаш чи кор кунад. Муддате даври хона чархид, бо худ гуфт: «Пушти

дараш ҳозир шаваму чӣ бигӯям? Салом, ман Шаҳбозам, писарат... Не, намешавад! Эҳтимол дубора ба ёди он таҷовуз меафтад ва бо танаффур аз ман рӯй метобад!»

Ӯ чанд қадам дуртар аз хонаи Санам дар ҳошияи ҷода қарор гирифт ва ба панҷараи бози ошёнаи дувум хира шуд. Насим бо пардаи шаффофи панҷара бозӣ мекард, онро гоҳо ба берун тела медод гоҳ ба дохил мекашид, чизи хосе набуд, аммо изтироби Шаҳбозро тадриҷан коҳиш медод ва дар ӯ як ҳисси хушоянд эҷод мекард, аз он хона як ҳолаи дилпазиру оромибахш берун меомад.

Ногаҳон мутаваҷҷеҳ шуд, ки ӯ дар инҷо танҳо нест. Ду қадам дуртар пирамарди болобаландеро дид, ки дар такяи асои шабеҳи чӯбдасти қаландарон сар ба сукут рафта буд. Дар тан либоси тозаву тамиз дошт, дар сар тоқии оҳараш нашкаста ва дар пой кафшҳои мураттаб.

Шаҳбоз муддатеро дар он макон сипарӣ кард, то ки офтоби тобистон як қад баланд шуду нурҳояшро ба қалби замин фурӯ кард. Инҷо истоданаш беҳуда буд, тасмим гирифт ба ҳамон боғи дирӯза баргардад, дар сояи дарахтон бар вазъияти худ дурустар биандешад ва хоҳишҳояшро бо тавоноиҳояш ҳамоҳанг кунад.

Дар ин андеша буд, ки панҷараи ошёнаи дувум баста шуд, лаҳзае баъд як зани болобаланди хушлибос аз дари бино берун омад, дар даст як халтаи селлофанӣ дошт, ӯ бо лабханди зебое мустақим ба назди пирамард меомад. Аз рӯйи қаду баст нусхаи Моҳистон буд, нусхаи Найсон! Қалби Шаҳбоз аз изтироб такон хӯрд, ӯ сареъ пушт ба он зан кард ва танҳо замоне ба ақиб баргашт, ки садои пошнаҳои ӯ акнун аз дур шунида мешуд. Ҳарисона ба думболаш нигоҳ кард ва сипас рӯ ба он пирамард овард.

– Мебахшед амак, зане, ки ҳамин ҳоло ба шумо салом дод кист?

Пирамард машкук ба ӯ нигоҳ кард.

– Фикри бад накунед, ӯ шабеҳи як дӯсти ман аст, монанди ду нахуд дар як ғилоф...Исмашро намедонед?

Пирамард ба нишони бехабарӣ сар такон дод. Ӯ воқеан ҳам исми Санамро намедонист.

Шаҳбоз нахост беш аз мавриди шубҳа қарор бигирад ва он маконро ба қасди боғи канори хиёбон тарк кард. Дар он боғ худро аз пайроҳаҳои пурҷамъият канор кашид ва ба гӯшаи бунбастии пур аз анбӯҳи дарахтони соядор паноҳ бурд. Субҳи дирӯз номаро таҳти фишор хонда буд, то саҳифае, ки Моҳистон воқеъияти таваллуди ӯро ошкор мекард. Номаро аз ҷайб берун оварду саҳифаи аввалро ҳазф кард ва мустақим ба саҳифаи дуюм гузашт.

«Шаҳбоз, писари хушбовари ман, аз ин ки туро дар ростои чолишҳои отифӣ қарор медиҳам ва эътимодатро ба азизонат аз байн мебарам, бисёр андӯҳгинам, аммо намехостам бори ин гуноҳро бо худ ба гӯр бубарам. Намедонам, баъди ин эътирофи ваҳшатнок метавонӣ маро бубахшӣ ё на, агар ҳам не, даркат мекунам. Ман ҳаждаҳ сол ба ту дурӯғ гуфтам, он қадр, ки табдил шудам ба як дурӯғгӯи гузаро ва худам низ ба афсонаҳоям бовар кардам! Дигар намехоҳам чизеро аз ту пинҳон кунам. Таваллуди ту аз оғоз бо ғаму андӯҳ олуда буд, ду моҳро мисли ятимакҳо дар бемористон гузаронди ва аз синаи модарҳои бегона шир хӯрди, мехостам туро зудтар ба ятимхона бифиристанд, то ҳузурат маро беш аз ин озор надиҳад.

Писари азизам, ин танҳо гуноҳи сағираи ман аст. Гуноҳи кабираро ман дар баробари модари ту муртакиб шудам... Санами ноболиғ зери сақфи ман таҷовуз шуд, таҷовузгар падари ту буд, нафаре ки хоҳарзодаи маро аз дусолагӣ монанди фарзанди худ бузург кард. Духтаракам ба ман воқеъиятро гуфт, бовараш накардам, мисли дево-

наҳо ӯро кутак задам ва саранҷом, аз шиддати қаҳру ғазаб, ӯро аз баландии айвон ба поён тела додам... Ва бо ин, духтаркамро барои ҳамеша аз лаззати модар будан маҳрум кардам...».

Шаҳбоз номаро чорқат карду дубора ба ҷайб гузошт, зоҳиран монанди дирӯз шокӣ набуд, гӯё дар ин дунё дигар чизе ӯро ба тааҷҷуб намеовард. Фақат сарашро ду бор дар ҳавзи фаввораи кӯчаке фурӯ карду об нӯшид ва баъд ҳама он чиро, ки дар хонаи пирамард тановул карда буд, берун овард. Сарашро поин андохту ба қатароти об, ки аз торҳои мӯйи марғӯлааш ба замин мечакид, хира шуд. Ду ваҷаб дуртар корвони мӯрҳоро дид, ки аз чаҳор тараф ба барги як буттаи начандон бузург мехазиданд. Корвон ба думболи наҷоти мӯрчае мегашт, ки дар торҳои хонаи анкабӯт дармонда буд. Мӯрҳои кӯчактар дар риштаҳои часпаки анкабӯт мепечиданду мемурданд, бузургтарҳо ҳамоно ба сӯйи мӯри дармонда мехазиданд. Шаҳбоз хасеро бардошту мӯрчаро аз дом берун овард ва беозор ба замин гузошт. Корвон билофосила роҳашро дигар кард, онҳо рафиқи бемадори худро дастҷамъона бардоштанду дар тали гунбадшакли бехи дарахти бед нопадид шуданд...

Дили Шаҳбоз ба ҳоли Санам сӯхт, ҳатто бештар аз ҳоли худаш, аммо нисбат ба ӯ эҳсоси фарзандӣ надошт. Ҳанӯз ҳам Моҳистонро модар медонист, агарчи партгоҳе байни ӯ ва Моҳистон эҷод шуда буд, партгоҳе ҷарфтар аз умқи гӯр.

Ӯ дақиқан соати шаш аз ҷой бархост, хиёбони пурҷамъиятро, ки ба қавли маъруф ҷое барои сӯзан задан надошт, убур карду бо қадамҳои реза ба хонаи Санам наздик шуд.

Майдони назди иморат мисли субҳи имрӯз сокиту беодам буд, хомӯширо танҳо як крани баланд халалдор

мекард, ки дар фарози хонаҳои қадимӣ мисли салиб қад кашида буд ва мечархиду садои гӯшхарош дармедод. Шаҳбоз ба дарахти рӯ ба хонаи Санам такя зад, панҷараҳои баста дар партави офтоби рӯ ба ғуруб тира ба назар мерасиданд. Ӯ гоҳо ба сӯйи хиёбон нигоҳ мекард, то аз баргаштани Санам бехабар намонад.

Аммо соате баъд, вақте садои боз шудани панҷараҳоро шунид, аз шиддати ҳаяҷон дар ҷояш ях зад. Санам бо чашмони нимпӯш ба охирин нурҳои хуршеди рӯ ба ғурӯб нигоҳ мекард, нигоҳаш ором-ором поин омад ва ба дарахти рӯ ба панҷара хира шуд. Ҳамон дарахт, ки на зоташ маълум буд, на номаш ва на боғбонаш. Шаҳбозро дарҳол шинохт, аз қомати боло, гардани баланду мӯйҳои жулида, ҳамон тавр ки ӯро рӯзи дафни Моҳистон дида буд.

Аз рӯзе, ки ӯ номаи Моҳистонро хонд, саҳнаи мулоқот бо Шаҳбозро дар зеҳнаш ба ҳар шева тасвир мекард, саҳнаҳои ношӣ аз ишқу ашку оғӯш... тавзеҳу илтиҷои пӯзиш. Аммо ончи ҳоло эҳсос мекард, рабте ба он саҳнаҳо надошт; баданаш аз тарс меларзид, забонаш аз хушкӣ дар комаш мечаспид, нафасаш дар сина дармемонд. Ӯ худро башиддат аз панҷара канор кашид.

Ин саҳна он қадар ошкору возеҳ иттифоқ афтод, ки Шаҳбоз гиҷу шигифтзада шуд. Бо худ гуфт: «Ӯ ба ман эҳтиёҷ надорад». Эҳсоси худбохтагӣ, ки аз дирӯз дар вуҷудаш буруз мекард, ӯро комилан дар худ фурӯ мебурд. Эҳсоси бесоҳибӣ, нодаркорӣ ва беҳудагӣ мекард, гӯё ӯро барои дувумин бор дар зоишгоҳ раҳо карда буданд.

Ноумед шуд ва акнун мехост он маконро тарк кунад, ки ногоҳ исмашро садо заданд.

– Шаҳбоз!

Ӯ бо аҷала ба ақиб чархид. Санамро дар остонаи дари вурудӣ дид, ранг дар рӯй надошт, сайъ мекард лабханд би-

занад, аммо сураташ аз бозтоби дардноке дарҳам мерафт.

Саранҷом оҳиставу бо тардид аз ҷояш канда шуд ва беҷуръатона ба сӯйи писараш қадам бардошт, бо ҳарос мисли дорбози пир, ки бозӣ бо танобро аз ёд бурдааст. Дар фосилаи ду қадам аз Шаҳбоз бозистод.

Ҳарду дар сукути комил ба якдигар хира шуданд. Шаҳбоз номаро аз ҷайбаш берун оварду ба тарафи Санам дароз кард:

– Ман ин номаро хонадам...Шумо ҳам бояд онро бихонед...

Санам номаро нагирифт.

– Писарам…

Ӯ дастонашро боло бурду ба сӯйи Шаҳбоз оғӯш боз кард, бозувонаш монанди боли қӯ даври шонаҳои писараш ҳалқа шуданд.

Он шаб чароғи хонаи Санам то дили шаб сӯ-сӯ мезад. Шаби аҷибе буд, ҳовии сархушии фаровон, хиҷолат, тараҳҳум, шодиву умедворӣ... Модару писар ором-ором ба якдигар хӯ мегирафтанд, гӯшҳояшон ба шунидани садои якдигар одат мекард, мисли ду ҷонвари маҷрӯҳ буданд, ки захмҳои якдигарро мелесиданд ва ба ҷони ҳам малҳам мешуданд. Санам бевақфа ҳарф мезад, гоҳ аз боғ, гоҳ аз роғ, танҳо ба хотири ҷилавгирӣ аз сукут. Сукут тарснок буд, ӯро ба гузашта мебурд, ҳеҷ намехост ин шаби хуҷаста бо афкори ғамангез тира шавад, аммо аз як ҷое суҳбат огоҳона, ё ноогоҳона, ба ҳамон тараф чархид.

Шаҳбоз дуру дароз ба чеҳраи Санам чашм дӯхт, ангушташ қавси абрӯвони ӯро навозиш кард ва рӯйи холи гунааш манъ шуд.

– Ту шабеҳи модари манӣ.

Тӯфоне аз умқи вуҷуди Санам баланд шуд, танҳо худаш медонист ба чӣ сахтие лабхандро дар сураташ нигаҳ

медошт.

– Ҷойи тааҷҷуб надорад азизам, модари ту холаи ман буд...

Ҷавон муддате сукут кард, сипас, бо тавалло пурсид:

– Метавонӣ ӯро бубахшӣ?

Санам аз ин суол шигифтзада шуд. Ӯ ҳаргиз ба ин фикр накарда буд, ки рӯзе битавонад холаашро бубахшад. Моҳистон барои ӯ ҳамон зани худхоҳ ва беинсофе буд, ки ба хотири манофеъи худ аз рӯи ҷасади дигарон қадам мебардошт. Аммо ҳамзамон як воқеъиятро дарк мекард, ки ин писар ҳанӯз ҳам писари Моҳистон аст ва ӯ мехоҳад ё не, хола аз ин ба баъд як бахши зиндагиаш хоҳад буд ва исмаш дар ин хона ағлаб садо хоҳад дод. Агарчи намехост робитааш бо Шаҳбоз бар пояи дурӯғ бунёд шавад, аммо ниқоби хушҳолиро дубора ба рӯ кашид ва ба тарафи писараш лабханд зад.

– Оре писарам, чаро не...

Шаҳбоз дастони ӯро бӯсиду ба чашмонаш молид ва ингор рисолати сангинеро иҷро карда буд, ки нафаси роҳат кашид.

Сар рӯйи зонуи Санам гузошт, пилкҳои хастааш ба ҳам омаданд. Санам ба ин ҷавон, ки дар як шаб масири ҳаждаҳсолаи зиндагиашро дубора паймуда ва табдил ба як фарди хирадманд шуда буд, бо тараҳҳум нигоҳ мекард.

Медонист, ки барои одат кардан ба вазъяити ҷадид Шаҳбозро роҳи тӯлоние дар пеш аст ва ин ҷода эҳтимол ҳамвору осонгузар нахоҳад буд. Ӯ мӯйҳои ҷингилаи писарашро бо ангуштонаш шона мезад, ҳар тиккаи сурати ӯро бо ҳирс меомӯхт ва дар зеҳнаш ҳаккокӣ мекард. Шабеҳи ҳунарманде буд дар муқобили тоблуи сафед, ки мехост бебаҳотарин наққоширо рӯйи парда биёварад...

## Мундариҷа

Паёме аз ҷаҳони мурдагон ....................................................33
Номае андар нома ..................................................................44
Вақте роз дигар роз нест... ....................................................99
Наҷво дар гӯши бод...............................................................107
Рӯ ба рӯ бо марг... .................................................................131
«Парии дарёӣ» ......................................................................142
Сарвиноз – гуле дар миёни алафҳои ҳарз ........................148
Номаи ифшогари Моҳистон.................................................166
Бедории дарднок..................................................................171
Эронгул ................................................................................187
Бараҳна дар маърази тамошои мардум ...........................200
«Фурсати пардохти товонҳо ..............................................204
Лаклак ..................................................................................214
«Зиндагӣ дар канори ранҷҳо»............................................218
Достони Юсуф .....................................................................237
Бозгашт ба таҳсил.................................................................242
Тарси беморгуна аз ишқ......................................................282
Рисолати ногувори Найсон..................................................295
Чолишҳои сарнавишт...........................................................299

ISBN 978-99985-30-06-5
9 789998 530065

**Соҷидаи Мирзо**

# НАҶВО ДАР ГӮШИ БОД

Муҳаррир: **Ҳуриннисо Ализода**
Муҳаррири техникӣ: **Юлдош Юлдошев**

Ба чопаш 24.06.25 имзо шуд. Андоза 60х84/16.
Ҷузъи чопӣ 20,0. Теъдод 1000 адад. Супориши № 134.

**Дар ҶДММ «Хуросон» чоп шудааст.**
**Шаҳри Хуҷанд, хиёбони Рифъат Ҳоҷиев, 18**
**телефон: +992 (92)775-00-76**
**www.huroson.tj**

# ШИРКАТИ ПОЛИГРАФИИ "ХУРОСОН"

## ОМОДА ВА ЧОПИ:

– Асарҳои илмӣ, оммавӣ;
– Китобҳои дарсӣ;
– Адабиёти бадеӣ;
– Китобҳои бачагона;
– Брошюраҳо ва плакатҳо;
– Рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо;
– Тамғақоғаз (этикетка);
– Дипломҳо, ифтихорномаҳо, сертификатҳо.

Истифодаи ашё ва маҳсулоти баландсифат, технологияи замонавӣ, таҷрибаи корӣ дар ҷабҳаҳои полиграфия, анъанаҳои ҷомеаи меҳнатӣ – ҳамаи ин кафолати бо сифати баланд иҷро намудани фармоиши Шумост.

***Мо барои ҳамкории самимӣ ва самаранок омодаем.***

Суроғаи мо:
*Шаҳри Хуҷанд, хиёбони Рифъат Ҳоҷиев, 18*
*телефон: +992(92) 775-00-76, 775-57-23*
***www.huroson.tj***



Соҷидаи Мирзо аз рӯзноманигорони маъруфи Тоҷикистон аст, ки бо матолиби таҳқиқотӣ ва пӯшиши мавзӯҳои доғи рӯз ба майдони матбуоти тоҷик ворид шуд. Дар Рӯзномаҳои «Паёми Душанбе», ҳафтвори «Адабиёт ва Санъат» ва нашрияи хусусии «Чароғи Рӯз» фаъолият кардааст. Аввалин ҳикояҳои Соҷидаи Мирзо дар ҳафтавори «Адабиёт ва Санъат» нашр шуда, ӯро ба ҳайси як адиби рангинхаёл муаррифӣ карда буд.

Аммо ӯ баъдан пурра ба фаъолияти журналистӣ пардохт. Бахши умдаи фаъолияти кориаш дар Радиои Озодӣ сипарӣ шуд. Ӯ дар ин идора аз хабарнигори маъмулӣ то ба мақоми раҳбари бахши Узбекӣ ва Тоҷикии Радиои Озодӣ расид.

Соли 2022 бо романи «Фаришта дар дӯзах» дубора ба арсаи адабиёт баргашт. Ин достон аз ҷониби хонандаҳо ва таҳлилгарони адабӣ баҳои баланд гирифт. Соли 2023 романи дигари ӯ бо номи «Шабе ки моҳ арғувонӣ буд» дар Тоҷикистон нашр шуд ва ӯро дар радифи нависандагони шинохта қарор дод.

«Наҷво дар гӯши бод» китоби сеюми Соҷидаи Мирзо аст, ки ба дасти хонанда мерасад.